Барои ошкор намудани мавқеи алоқамандии байнифаннӣ дар омӯзиши касбии фанни “Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ” ба мақсади ташаккули салоҳияти фаннӣ, алоқамандии дохилифаннӣ - алоқамандии байни мавзӯъҳо, байни фаслҳо бо истифода аз принсипи пай дар пайи омӯзиш аҳамияти хоса дорад, ки ин дар навбати худ имкониятҳои фанни «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ»-ро бо истифода аз алоқамандии байнифаннӣ васеъ мегардонад.

Дар кафедраи “Химияи фарматсевтӣ ва захршиносӣ”- и МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” адабиётҳо барои машғулиятҳои амалӣ тартиб дода шудаанд, ки барои алоқамандгардонии байнифаннӣ истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст[3-7].

Дар факултаи фарматсевтии МДТ ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ» қонуниятҳои илми бунёдиро омӯхта пеш аз ҳама алоқамандии хосияти моддаҳои содда ва пайвастагиҳои онҳоро вобаста ба мавқеи онҳо дар ҷадвали даврӣ бо хосиятҳои физико-химиявиашон алоқаманд мегардонанд, қобилияти реаксионии элементҳо ва пайвасагихои онҳоро байниҳам муқоиса намуда хосиятҳои мухталифи онҳоро пешгуйӣ менамоянд ва минбаъда дар омӯзиши мавзуъҳои дигар - тартиб додани формулаҳои электронии атомҳо ва ионҳо, истифодаи қоидаҳои номгузориҳо ба моддаҳои химиявии ба синфҳои гуногуни пайвастагиҳои химиявӣ тааллуқдошта, муайян намудани намуди бандҳои химиявӣ, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани таъсири фармакологӣ ва заҳрнокии пайвастагиҳои химиявӣ, майлкунонии мувозинат дар маҳлулҳои электролитҳо, муайян намудани консентратсияи мувозинатии моддаҳои сарфшаванда ва маҳсулоти реаксияҳо, эффекти гармии реаксияҳои химиявӣ, тайёр намудани маҳлулҳо, мураттаб намудани лавозимотҳо ва асбобҳои оддитарин барои гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ, истифода мебаранд. Бо усулҳои физикавӣ, химиявӣ ва физико-химиявии таҳлил, усулҳои муосири шинохтан, тағйир додани косентратсияи махлулҳо,чудо намудани моддаҳо, таҳлили миқдории моддаҳои омехтаи табиаташон гуногун ҳангоми омӯзиши фанҳои «Химияи физикӣ ва коллоидӣ» ва «Химияи аналитикӣ» шинос мегарданд. Ба мақсади мукаммал гардонидани салоҳияти фаннӣ бо риояи шарти пай дар пайии омӯзиш дар асоси қонуни даврии Д.И. Менделеев, қонунҳои кинетикаи химиявӣ ва термодинамикаи химиявӣ алоқамандкунии сохти моддаҳо, хосиятҳои физикохимиявӣ ва тавсифи аналитикии моддаҳоро омузонида қобилияти аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани ин алоқамандӣ ташаккул дода мешавад. Барои назорати татбиқи алоқамандии байнифаннӣ барои омӯзиши касбии мо таҳлили кори илмӣ-назариявии донишҷӯён - навиштани реферат, халли супоришҳои тестӣ ва масъалаҳои ситуатсиониро пешниҳод менамоем. Бо истифода аз супоришҳои тестӣ ва мисолу масъалаҳои стандартиву ситуатсионӣ асосҳои назариявӣ ва амалии алоқамандии дохилифанниву байнифанниро таъмин намудан имкопазир мегардад, тафаккуроти илмии донишҷӯ васеъ гардида алоқамандии байни фанҳо, махсусан фанҳои тахассусӣ, ошкор мегардад. Барои таҳлили амиқи алоқамандии фанҳои доираи химия бо дигар фанҳои тахассусӣ корҳои олимони соҳа ба монанди В.С.Кукушкин, Агафонова И.П. ва дигарон бахшида шудааст [12-18].

## АДАБИЁТ

1. Стандарти давлатии таълимии ихтисос, «Талабот ба натиҷаҳои азхудкунии барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз руи ихтисоси «Фарматсия». - Душанбе, 2018. - 131с.

2. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ) Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. – Душанбе: “Ирфон”, 2018. –72 с.

3. Газиева, М.Т. ва диг. Дастури методӣ барои машғулиятҳои амалӣ аз кимиёи таҳлилӣ барои донишҷӯёни курси 2, факултаи фарматсевтӣ. Таҳлили миқдорӣ. Қисмати 1. - Душанбе, 2000. - 156 с.

4. Газиева, М.Т. ва диг. Дастури методӣ барои машғулиятҳои амалӣ аз кимёи таҳлилӣ барои донишҷӯёни курси 2, факултаи фарматсевтӣ. Таҳлили миқдорӣ. Қисмати 2. – Душанбе, 2000. - 58 с.

5. Газиева, М.Т. ва диг. Дастури методӣ барои машғулиятҳои амалӣ аз кимёи таҳлилӣ барои донишҷӯёни курси 2, факултаи фарматсевтӣ. Таҳлили инструменталӣ. Қисмати 3. - Душанбе, 2000. - 26 с.

6. Раҷабов, Умаралӣ. Корҳои амалӣ аз кимиёи физикӣ ва коллоидӣ (барои донишҷӯёни факултаи фарматсевтӣ) /Китоби дарсӣ.- Душанбе, 2015. - 311 с.

7. Раҷабов, У.Р., Назарова, Х.Д. ва диг. Химияи ғайриорганикӣ (машғулиятҳои озмоишӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). Китоби дарсӣ. - Душанбе: Ирфон, 2019.-204 с.

8. Литвинова, Т.Н. Методологические основы химической подготовки будущих врачей в системе «школа-вуз». Литвинова, Т.Н., Соловьева, М.В., Юдина, Т.Г. //Вестник ЧГПУ//, Краснодар, 2009. -№ 7. – С.105- 117.

9. Литвинова, Т.Н. Теория и практика интегративно-модульного обучения общей химии студентов медицинского вуза. – Краснодар: Изд-во КГМА, 2001. – 264 с.

10. Тулькибаева, Н. Н., Зубов, А. В. Задачи межпредметного содержания и методы их решения: Учеб. пособие / МО РФ, Челябинский фил. ИПО. – Челябинск, 1993.- С.67-74.

11. Агафонова, И.П. Значение химических дисциплин в формировании профессиональной компетенции студентов Медико-фармацевтического колледжа / И. П. Агафонова // Образование, наука, инновации: материалы межрегион. науч.-практ. конф., посвящ. 85-летию «Омского медицинского колледжа» Минздравсоцразвития России.– Омск, 2010. – С. 218-222.

12. Агафонова, И. П. Реализация преемственности и практико-ориентированности в системе развития химических компетенций студентов фармацевтического колледжа / И. П. Агафонова, Н. П. Безрукова // Вестник Красноярского государственного педагогического университета им. В. П. Астафьева. – 2012. – № 3. – С. 11-16.

13. Гаркунов, В. П. Межпредметные связи при проблемном изучении химии / В. П. Гаркунов, Е. Б. Николаева // Химия в школе. – 1982. – № 3.– С. 28-30.

14. Гераскина, Г. В. К методике реализации междисциплинарных связей при изучении в школе комплекса естественнонаучных дисциплин химии / Г. В. Гераскина, Е. Ю. Раткевич // Естественнонаучное образование: методология, теория и методика: материалы V межд. методологического семинара – СПб, 2005. – С. 80-82.

15. Емельяненко, Л. М. Формирование у студентов-медиков мотивационной готовности к профессиональной деятельности /Л. М. Емельяненко // Среднее профессиональное образование. – 2011. – № 2.– С. 35-38.

16. Зверева, Н. М. Как активизировать обучение в вузе? : учеб.-метод. пособие / Н. М. Зверева. – Горький : ГГПИ, 1989. – 71 с.

Максимова, В. Н. Межпредметные связи в процессе обучения / В. Н. Максимова. – М.: Педагогика, 1988. – 192 с.

17. Максимова, В. Н. Межпредметные связи и совершенствование процесса обучения / В. Н. Максимова. – М.: Просвещение, 1984. – 143 с.

18. Межпредметная интеграция курса общей химии в медицинском вузе / Т. Н. Литвинова, Н. К. Выскубова, С. А. Овчинникова , Кириллова Е. Г., Слинькова Т. А. [и др.] // Фундаментальные исследования. – 2004. – № 3. - С. 73-75.

# СИТУАЦИЯ ПО МНОГОЯЗЫЧИЮ И ПОЛИКУЛЬТУРНОМУ ОБРАЗОВАНИЮ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***КАРИМОВА Ирина Холовна -*** *доктор педагогических наук, профессор, вице президент Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айнӣ,126, E-mail: gumanizm@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 907 72 55 94*

***НЕГМАТОВ Садуллоджон Эргашевич -*** *доктор педагогических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17,* ***E-mail:*** *snegmasi@rambler.ru,* ***тел.:*** *(+992)918 50 63 18*

В статье рассматривается решение языковой проблемы национальных меньшинств, в том числе, в аспекте изучения государственного языка. В республике данной проблеме уделяется серьезное внимание, ибо она является одним их приоритетных направлений в политике нашего государства. Национальные отношения являются одним из важных социальных вопросов в современном мире, где ценятся авторитет и достоинство человека, считаются прочной опорой стабильности и правопорядка в обществе.

Национальная стратегия развития образования до 2030 года даст новый импульс в развитии образовательной интеграции, определить задачи дальнейшего сотрудничества, будут приняты планы совместных действий, создание качественных учебников и подготовки высококвалифицированных кадров в этом направлении.

***Ключевые слова:*** *программа, образование, поликультурность, многоязычие, интеграция, кадры, родной язык, государственный язык, обучение, национальные меньшинства, учитель, школьник, изучение, преподавание, национальная стратегия.*

# ВАЗЪИ БИСЁРЗАБОНӢ ВА ТАЪЛИМИ БИСЁРФАРҲАНГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***КАРИМОВА Ирина Холовна -*** *узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126, E-mail: gumanizm@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 907 72 55 94.*

***НЕГМАТОВ Садуллоҷон Эргашевич -*** *доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,* ***E-mail:*** *snegmasi@rambler.ru,* ***тел.:*** *(+992)918 50 63 18.*

Дар мақола ҳалли масъалаҳои марбут ба ақаллиятҳои миллӣ, минҷумла дар самти омӯзиши забони давлатӣ, мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Ба ин масъала дар ҷумҳурӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад, зеро он яке аз самтҳои афзалноки сиёсати давлат дар бобати забономӯзӣ махсуб меёбад. Муносибатҳои миллӣ аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ буда, обрӯю нуфуз ва эҳтироми шахсият дар сатҳи олии арзёбӣ қарор дорад. Он, бешубҳа, ба ваҳдати миллӣ, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилаи намояндагони халқу миллатҳои маскуни Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030 ба ҳамгироии таҳсилот роҳи васеъ мекушояд, вазифаҳои гуногуни ҳамкорӣ ва фаъолияти муштаракро ба миён мегузорад, дар омода намудани кадрҳои болаёқати педагогӣ ва чопи китобҳои дарсии хушсифат мусоидат менамояд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *барнома, таҳсилот, чандфарҳангӣ, бисёрзабонӣ, ҳамгироӣ, кадрҳо, забони модарӣ, забони давлатӣ, таълим, ақаллиятҳои миллӣ, муаллим, мактабхон, таҳсил, таълим, стратегияи миллӣ.*

# THE SITUATION OF MULTILINGUALISM AND MULTICULTURAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***KARIMOVA Irina Holovna*** *– Academician of the Academy of Education of Tajikistan, doctor of Pedagogical sciences, professor, Dushanbe, Ayni Str. 126, E-mail: gumanizm@mail.ru,* ***mod.:*** *(+992) 907 72 55 94*

***NEGMATOV Sadullojon Ergashevich*** *– Doctor of pedagogical sciences, professor of the Departament of General Linguistics and Comparative Typology, Tajik National University, Dushanbe, Rudaki avenue,17,* ***E-mail:*** *snegmasi @ rambler.ru,* ***mob.:*** *+(992) 918 50 63 18*

The article discusses the solution to the language problem of national minorities, including in the aspect of studying the state language. Serious attention is paid to this problem in the republic, because it is one of the priority directions in the policy of our country. National relations are one of the important social issues in the modern world, where the authority and dignity of a person are valued, are considered a solid pillar of stability and law and order in society.

The national strategy for the development of education until 2030 will give a new impetus to the development of educational integration, determine the tasks of further cooperation, plans for joint action will be adopted, the creation of high-quality textbooks and the training of highly qualified personnel in this direction.

***Key words:*** *program, education, multiculturalism, multilingualism, integration, personnel, native language, state language, training, national minorities, teacher, schoolchild, study, teaching, national strategy.*

В современном мире, когда идёт процесс глобализации, во всех странах возникают проблемы национальных меньшинств, и наша страна не является исключением. В Таджикистане исторически проживали много народов и народностей. В настоящее время в республике проживают представители более ста двадцати национальностей, которые полностью поддерживают все инициативы государства в сфере этнической и конфессиональной политики.

Кроме этого, в настоящее время очень много приезжих из соседних стран, таких как Афганистан, Иран, Китай. С учетом экономической стабильности идет тенденция увеличения количества приезжих специалистов, представителей дипломатического корпуса, студентов, аспирантов и многие приезжают со своими семьями, с детьми школьного и дошкольного возраста.

Решению проблемы национальных меньшинств в республике придаётся большое внимание, и эта проблема является одним их приоритетных направлений в политике нашего государства, так как национальные отношения являются одним из важных социальных вопросов в современном мире, где ценятся авторитет и достоинство человека, и считаются прочной опорой стабильности и правопорядка в обществе.

В Таджикистане, исторически коренное население в отношении с другими национальностями никогда не имели ненавистническое или равнодушное отношение. Во все времена, десятилетия и столетия представители различных стран бок о бок проживают и трудятся в нашем государстве, разделяя друг с другом радость и печаль и в обстановке дружбы и толерантности.

Хотелось бы остановиться на достижении и проблемах, касающихся вопроса национальных меньшинств в области образования в нашей стране.

За годы достижение независимости Республики Таджикистан в области образования, в том числе по линии национальных меньшинств были достигнуты ряд успехов.

В настоящее время в стране национальные отношения приобрели устойчивую форму и в системе общественных отношений играют важную роль и способствуют стабильному развитию общества и государства.

Один из факторов влияющих на решение проблем национальных меньшинств являются разработки нормативно-правовых актов, программ и учебников. Все граждане Таджикистана независимо от этнической, расовой, религиозной, социальной принадлежности имеют равный доступ к образованию, в том числе, на родном языке.

За последние годы Правительством Республики Таджикистан разработаны и принятии ряд нормативно-правовых документов – это Закон РТ «Об образовании», Положение о средних общеобразовательных школ в РТ, Государственный стандарт общего среднего образования, Государственный стандарт дошкольного образования в РТ, Положение о дошкольных учреждений в РТ, Положение о дошкольном образование, Национальная концепция инклюзивного образования для детей с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан на 2011-2015 годы, Национальная стратегия развития образования РТ до 2020 года и Национальная стратегия развития образования до 2030 года, в которых отражены вопросы образования национальных меньшинств в республике..

Правовой статус этнических меньшинств в Республике Таджикистан определён в Конституции государства и в других действующих законах, а также в международных актах и законах, принятых Таджикистаном.

Конституция РТ запрещает дискриминацию по признакам расы, национальности и этнического происхождения (статьи 1, 2, 5, 14, 24, 36, 41). Все нации и народности, проживающие на территории РТ, вправе свободно пользоваться своим родным языком.

Республика Таджикистан ратифицировала ряд международных актов, касающихся национальных меньшинств, такие как **Международная Конвенция о ликвидации всех форм расовой дискриминации, Конвенция по правам лиц, относящихся к национальным меньшинствам.** Согласно требованиям Конституции они считаются составной частью законодательной системы Таджикистана и в случаях несоответствия положений законов республики с нормами этих документов они принимаются за основу.

Образование на родном языке является основой сохранения культуры и национальной идентичности народа.

Дошкольные учреждения, учреждения общего, начального и среднего профессионального, высшего профессионального, послевузовского профессионального образования могут осуществлять деятельность на других языках.

Для всех наций и народностей Таджикистана создаются условия для свободного выбора языка обучения в соответствии с законодательством.

Закон Республики Таджикистан о языке не препятствует образованию, а также занятиям в области культуры и искусства на родном языке.

Согласно статистическим данным Министерства образования и науки Республики Таджикистан в общеобразовательных учреждениях (489) существуют классы (5749) с русским, узбекским, кыргызским, туркменским и английскими языками обучения с общим количеством в 117945 учащихся. В том числе, в 185 общеобразовательных учреждениях республики (общим количеством в 85785 учащихся) обучение ведётся на русском языке. В ряде школ обучение ведется на таджикско-русском, в одной школе на русско-узбекском, в одной школе на кыргызско-русском, а также на таджикско–русско–узбекском, а в трех школахы на таджикско-русско-кыргызском, в одной школе на таджикско-русско-английском и в одной школе на английском языках.

Одной из основных проблем для учебных заведений нашей страны - это нехватка учебников на родном языке для учащихся не таджикских классов, хотя в настоящее время идет интенсивная работа в этом направлении.

В последние годы для обеспечения общеобразовательных учреждений необходимыми учебниками проделано много работы. Печатаются учебники на узбекском, киргизском и русском языках, переводятся учебники на языки национальных меньшинств (русский и узбекский языки).

В настоящее время для учебных заведений общего образования республики на узбекском языке было издано ряд учебников, например, «Общая история» для 9 класса общим тиражом 30000 экз., «Литература для 10 класса, тиражом 25000 экз., готовятся к изданию «Учебная программа по литературе» для 5-11 классов, «Узбекский язык» для 7 и 11 классов и многие другие.

На узбекском языке, также изданы учебники, такие как «Искусство и труд» для 1 и 3 классов, «Национальная гордость» для 4 класса, «Природоведение» для 4 класса, «История таджикского народа» для 7 и 9 классов, «Физическая география» для 6 класса, «История религии» для 7 класса, «Общая история» для 9 и 10 классов, «География» для 10 и 11 классов и многие другие.

Для учащихся с русским языком обучения были изданы учебные пособия «Права человека» для 10, 11, «Физическая культура» для 1-4, «Здоровый образ жизни» для 7, «Всеобщая история для 10 классов и др.

На киргизском языке обучения были изданы «Математика» для 1, 2, «География» для 8, «История таджикского народа» для 6 классов и др.

На туркменском языке был издан «Букварь».

Существует другая проблема, заключающаяся в подготовке учителей для школ национальных меньшинств. В настоящее время преддипломная подготовка возможна только для учителей таджикского, русского и узбекского языков. К сожалению, до сих пор ни в одном вузе республики не функционирует факультет или отделение по специальности «Учитель государственного языка» в нетаджикском классе. Возможности не позволяют обучение учителей в других странах (например, в Туркменистане). Как позитивный опыт можно привести профессиональное развитие учителей кыргызского языка, которые проходят подготовку в Кыргызстане, на основании межправительственного соглашения.

Не менее актуальной проблемой для представителей национальных меньшинств является проблема получения профессионального образования на базе родного языка. В вузах страны функционируют академические группы с русским языком обучения, с узбекским языком обучения.

Возможности получения профессионального образования появились с открытием Российско-таджикского славянского университета, филиала Московского государственного университета имени В.Ломоносова, филиала Московского института стали и сплава и др., но в этих учебных заведениях обучения ведутся только на русском языке.

В высших профессиональных учебных заведениях Республики Таджикистана функционируют факультеты или отделения русского языка и литературы. В том числе, в Таджикском национальном университете, Таджикском государственном педагогическом университете имени С.Айни, Кулябском государственном университете имени Абуабдулло Рудаки, Государственном университете языков имени С.Улугзода, Худжандском государственном университете им. акад. Б.Гафурова и т.п.

При филологических факультетах Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава, Пенджикентского педагогического института, филиале аграрного университета имени Ш.Шотемура, в Раштском педагогическом институте функционируют отделения русского языка и литературы.

Во всех высших профессиональных учебных заведениях страны действуют академические группы на русском языке, где обучаются студенты. Также функционируют отделения узбекского языка и литературы при Государственном педагогическом университете имени С.Айни, Худжандском государственном университете имени академика Б.Гафурова, Бохтарском государственном университете имени Носири Хусрав.

Один из факторов, влияющих на решение проблемы обеспечения педагогическими кадрами, это курсы повышения квалификации и переквалификации учителей, работающих в классах и школах, где учатся дети представителей национальных меньшинств.

В настоящее время Министерство образования и науки РТ успешно реализует Национальную стратегию развития образования РТ до 2020 года. В разделах по среднему образованию данного документа заложены задачи и меры по решению следующих задач:

- проведение регулярного мониторинга и оценки ситуации с изданием учебников для классов с нетаджикским языком обучения. Минобразования и науки, изучение потребностей школ в учебниках для этнических меньшинств;
- совместное обсуждение с национальными общинами необходимости создания базовых школ с не таджикским языком обучения;
- обсуждение и принятие мер по включению в учебные планы дополнительных часов на изучение истории, географии и литературы стран этнического происхождения;
- обсуждение и принятие плана действий по подготовке учителей предметников для национальных школ;
-проведение ситуационного анализа проблемы повышения квалификации учителей с нетаджикским языком обучения.

Нужно отметить, что в 2019 году Министерство образования и науки РТ подписало с Региональным отделением Управления Верховного комиссара ООН по правам человека для Центральной Азии Меморандум о совместной работе по продвижению вопросов поликультурного образования в РТ.

В 2020 году будет продолжаться работа по изучению нужд и потребностей учащихся образовательных учреждений с нетаджикским языкам обучения. По результатам исследования планируется разработать рекомендации по улучшению ситуации с обеспечением прав и по предоставлению интеграционных возможностей для представителей национальных меньшинств в сфере образования. Для обсуждения предварительных результатов исследования и предложных рекомендаций будет организован круглый стол, на которой планируется пригласить представителей государственных структур и гражданского общества.

Проведение данного исследования представляется важным в русле реализации Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан до 2030 года, Программы развития государственного языка Республики Таджикистан на 2012-2016 годы и выполнения рекомендаций Комитета ООН по ликвидации расовой дискриминации касательно образования представителей национальных меньшинств.

Несмотря на достигнутые результаты, есть ряд вопросов в этом направление это:

-нехватка учителей в школах национальных меньшинств. Исходя из этого - подготовка кадров в странах-участников Диалога;

-совместная работа по повышению квалификации учителей родного языка и литературы для совершенствования методологии преподавания в школах с преподаванием на языках национальных меньшинств;

-издание методической литературы для учителей школ с обучением на языках национальных меньшинств.

Национальная стратегия развития образования до 2030 года даст новый импульс в развитии образовательной интеграции, определить задачи дальнейшего сотрудничества, будет принят план совместных действий и подготовки высококвалифицированных кадров во благо общество.

Мы надеемся, что путем Межгосударственного диалога мы сможем совместно преодолеть проблемы и находить решения в поставленной перед нами задаче.

НСРО до 2030 года будет направлена на реализацию совместных инициатив по продвижению многоязычного и поликультурного образования и дальнейшее развитие диалога по социальной интеграции и образованию национальных меньшинств в нашей стране и др. государств для нахождения новых путей социального согласия и мирного процветания наших стран.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Барномаи таълимии забони давлатӣ дар синфҳои 2-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2017. – 118 с.

2. Забони давлатӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10 ва 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон ба забони русӣ (солҳои 2017-2018)..

3. Аминов С. Забон ва забондонӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2019 - №3 (32). - С. 9-14.

4. Каримова И.Х., Шарифзода Ф., Негматов С.Э. Актуальные проблемы поликультурного и полилингвального образования в Республике Таджикистан.- Душанбе: «Нигор», 2018, - 176 с.

5. Негматов С.Э. Горизонты лингводидактики. – Душанбе, 2020. – 162 с.

МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ПЕДАГОГИКА
ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПЕДАГОГИКИ
GENERAL THEORETICAL PROBLEMS OF PEDAGOGY

# МАВҚЕИ МАВЗӮИ «УСЛУБШИНОСӢ» ДАР БАРНОМАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФҲОИ V- IX

***АМИНОВ Саидамир Ашурович** – узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126, **тел.:** +(992) 904 46 46 78*

***БОБОЕВ Бахтовар Сулаймонхолович** - унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16, **E-mail:** info@Tgu. tj, **тел.:** +(992) 918 10 95 15*

Муаллифон сию ду барномаи забони тоҷикиро, ки аз соли 1941 то соли 2018 нашр шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода, мавқеи мавзӯи услубиро муқаррар сохтаанд. Муҳаққиқон ошкор сохтаанд, ки муносибат бо услубшиносӣ ва таълими он осон набуда, мавзӯъҳои он пешниҳод ва гоҳо ихтисор мешудаанд.

Дар синфҳои 5-9 аслан масъалаҳои услуб дар таркиби фасли «Нутқи мураттаб» пешниҳод шудаанд. Муҳаққиқон дар натиҷаи таҳлили муҳтавои барномаҳои таълим дақиқ ба хулосае омдаанд, ки олимон асосан таълими услубро зимни тадриси мавзӯъҳои грамматикӣ пешниҳод кардаанд ва он баъд аз солҳои 1980 дар барнома (фасли «Нутқи мураттаб») мавқеи доимӣ пайдо кард. Нуқтае, ки зимни пажӯҳиш ошкор шудааст, аз тарафи муҳаққиқон омехта кардани маданияти нутқ бо услубҳои забон аст, ки ин нуқсон то имрӯз идома дорад. Услубшиносии функсионалӣ ба маданияти нутқ робитаи қавӣ дорад, вале аз он ба куллӣ фарқ мекунад. Муаллифони мақола бар ин ақида аст, ки ба хонандагони синфҳои 5-9 оид ба навъҳои услуб маълумоти умумӣ ва дар доираи мактабӣ додан шарт аст.

***Вожаҳои асосӣ:** услуб, услубшиносӣ, услубҳои функсионалӣ, услуби бадеӣ, услуби публитсистӣ, услуби расмӣ-коргузорӣ, услуби илмӣ, барномаи таълим, инкишофи нутқ, ҳусни баён, маданияти нутқ.*

# ПОЛОЖЕНИЕ ТЕМЫ «УСЛУБШИНОСӢ» В ТАДЖИКСКИХ ЯЗЫКОВЫХ ПРОГРАММАХ ДЛЯ V-IX КЛАССОВ

***АМИНОВ Саидамир Ашурович** - член-корреспондент Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126, **тел.:** +(992) 904 46 46 78*

***БОБОЕВ Бахтовар Сулаймонхолович** - соискатель Кулябского государственного университета имени А. Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16, **E-mail:** info@Tgu. tj, **тел.:** +(992) 918 10 95 15*

Авторы рассматривают 32 программы таджикского языка, изданные с 1941 по 2018 год, и устанавливают позицию стилистической темы. Исследователи обнаружили, что подход к методологии и ее преподаванию непрост, а ее темы представлены, а иногда и сокращены.

В 5-9 классах, в основном вопросы стиля излагаются в разделе «Нутқи мураттаб». В результате анализа содержания учебной программы исследователи пришли к выводу, что ученые предложили преподавание стиля в основном в преподавании грамматических тем, и они нашли постоянное место в учебной программе (раздел «Нутқи мураттаб») после 1980-х годов. В ходе исследования было отмечено, что исследователи смешивают речевую культуру с языковыми стилями, и этот недостаток сохраняется и по сей день. Функциональная методология тесно связана с культурой речи, но кардинально отличается от нее. Авторы статьи придерживаются мнения, что учащимся 5-9 классов следует давать общую информацию о типах стиля и внутри школы.

***Ключевые слова:** стиль, стилистика, функциональные методы, художественный стиль, публицистический стиль, офисный стиль, научный стиль, учебная программа, развитие речи, риторика, культура речи.*

# POSITION OF THE THEME "USLUBSHINOSI" (STYLISTICS) IN OF PROGRAMS TAJIK LANGUAGE FOR V-IX CLASSES

***AMINOV Saidamir Ashurovich** - Corresponding Member of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, S. Ayni, st., 126, **mob.:** +(992) 904 46 46 78*

***BOBOEV Bakhtovar Sulaimonkholovich** - applicant for the Kulyab State University named after A. Rudaki, Kulyab, S. Safarov, st., 16, **E-mail:** info@Tgu. tj, **mob.:** +(992)918 10 95 15*

The authors review 32 Tajik language programs published from 1941 to 2018 and establish the position of the stylistic theme. The researchers found that the approach to methodology and its teaching is difficult, and its topics are presented and sometimes removed.

In grades 5-9, style issues are mainly discussed in the section "Nutқi murattab". As a result of the analysis of the content of the curriculum, the researchers concluded that scholars proposed teaching style mainly in the teaching of grammatical topics, and they found a permanent place in the curriculum (section "Nut Ki murattab") after the 1980s. In the course of the study, it was noted that researchers mix speech culture with language styles, and this deficiency persists to this day.

The functional stylistics is closely related to the culture of speech, but is fundamentally different from it. The authors of the article are of the opinion that pupils in grades 5-9 should be given general information about the types of style and within the school.

***Keywords:*** *style, stylistics, functional styles, artistic style, journalistic style, office style, scientific style, curriculum, speech development, rhetoric, speech culture.*

Зимни омӯзишу таҳқиқи таълими мавзӯи «Услубшиносӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ дар баробари омӯзиши адабиёти назариявӣ ва методии таълифкардаи олимони тоҷик моро лозим омад, ки барномаҳои нашрҳои гуногуни «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои V-IX – ро пайдо намоем ва дақиқ созем, ки мавзӯи мазкур кай барои таълим пешниҳод шудааст. Ҳангоми мутолиаи адабиёти ба таълими услубшиносӣ бахшидашуда нуктаҳое ба назар расиданд, ки шубҳаовару нодуруст менамуданд. Ин нукта моро водор сохт, ки барои равшан андохтан барномаҳои забони тоҷикии нашрҳои гуногунро мавриди баррасӣ қарор диҳем ва мушаххас намоем, ки дар барномаи кадом солҳо барои таълим нуктаи мазкур пешниҳод шудааст. Маълум шуд, ки ин мавзӯъ борҳо дохил ва боз аз барнома ихтисор ҳам гаштааст. Ин нукта ба назари баъзеҳо ҷузъӣ намояд ҳам, барои илм, таърихи методикаи забони тоҷикӣ дар мактабҳо ва муҳаққиқони методикаи таълими забони тоҷикӣ ва ҳатто барои барномасозони оянда басо муҳим аст, зеро ин далелҳо бар асоси асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ барномаҳои нашршуда, ки зери даст дорем, баён шудаанд.

Ҳамзамон, масъалаи дигареро, ки ба таълими мавзӯи «Услубшиносӣ» сахт марбут аст, ошкор сохтан лозим меояд. Бояд аниқ сохт, ки фасли «Инкишофи нутқи мураттаб» кай ва чӣ тавр ба барномаҳои забони тоҷикии мактабҳо (муассисаҳои таҳсилоти умумӣ) ворид гардид. Шиносоӣ бо муҳтавои ин фасл нишон дод, ки аксаран нуктаҳои омӯхташавандаи марбути «Услубшиносӣ» дар ҳамин фасл зикр гаштаанд. Мусаллам аст, ки мо он барномаҳои забони тоҷикиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки дарёфт намудем. Қ. Рустамов дар «Таърихи методикаи забони тоҷикӣ дар мактаб» (китоби 2, 2003) менависад: «… соли 1939 аввалин программаи фанни забони модарӣ аз тарафи Б. Ниёзмуҳаммадов ва С. Нестеренко тартиб дода мешавад» (саҳ. 100) Бояд таъкид кард, ки барномаи мазкур дастрас карда нашуд. Вале мо, чунон ки дар боло зикр намудем, барномаҳои зери дастбударо як-як шарҳ медиҳем.

Программаи забони тоҷикӣ (барои мактабҳои миёнаи нопурра, синфҳои V-VII, НДТ, Сталинобод, 1941 оид ба услубшиносӣ мавзӯъ ё нуктаи мушаххасе пешниҳод накардааст, вале дар мактуби эзоҳӣ ҷиҳати маданияти нутқ, нутқи даҳонакӣ ва хаттӣ ишораҳо мавҷуданд. Ҷиҳати муҳимми дигари ин барнома он аст, ки дар ҳар синф фасли “Инкишофи нутқ” соатҳои алоҳида пешниҳод шудаанд. Дар фасли мазкур асосан ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ зикр гаштаанд.

1. Программаи мактабҳои ҳафтсола-забони модарӣ ва хониши адабӣ, барои синфҳои 5-7-уми солҳои 1950-1951 бо ҳамин ном нашр шудаанд.

Программаҳои мактаби миёнаи нопурра ва миёна. Забони тоҷикӣ КХМ РСС Тоҷикистон, управлениями мактабҳои миёна, Сталинобод 1939 (бо алифбои лотинӣ).

Дар ин барномаҳо тағйирот он аст, ки фасли “Нутқи мураттаб” ихтисор шудааст. Солҳои 1953, 1954, 1955, 1956 таҳти унвони “Программаи мактабҳои миёна (забони тоҷикӣ, хониши адабӣ барои синфҳои V-VII)” бе тағйироти муҳтаво нашр ва пешниҳод гаштаанд, ки оид ба услубшиносӣ дар онҳо ишорае нест. Таъкид кардан лозим аст, ки соли 1954 Программаи мактаби миёна (забони тоҷикӣ синфҳои 8-10) дар ҳаҷми 5 саҳифа бо ҷудо кардани 33-соатӣ ба ҳар як синф чоп шудааст. Соли 1957 таҳти унвони “Программаи забони модарӣ ва адабиёт барои мактабҳои миёна, синфҳои VII-X нашр гардид, ки дар синфҳои VIII, IX ва X яксоатӣ дарси забон муқаррар шудааст.

Программаи мактаби миёна (забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ, синфҳои V-VII, ки солҳои 1958, 1959 нашр шудаанд, аз нашри соли 1957 фарқе надоранд.

Барномаҳои нашри солҳои 1960, 1961, 1962, 1963 ва 1964 ҳам, ки зери унвони “Барномаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои V-VIII” нашр шудаанд, аз лиҳози муҳтаво аз барномаҳои солҳои пешин чандон фарқ надоранд. Танҳо фарқ дар ин аст, ки, аввалан, дар барномаи забони ҳар синф, яъне баъди такрори умумӣ (солона) фасли “Инкишофи малакаҳои нутқи алоқаманд ва хониши бурро” бо зикри миқдори соатҳо ва бе овардани мавзӯъҳо ворид карда шудааст, сониян, дар охири барнома як фасл бо номи

“Машғулиятҳо аз забони модарӣ ва адабиёт доир ба омӯхтани забони асарҳои адабӣ ва инкишофи малакаи нутқи алоқаманд ва хониши бурро” илова шудааст ва миқдори соатҳои дарси забон ва адабиёт ҳар кадом мушаххас зикр гардидааст. Таъкид кардан лозим меояд, ки асосан иҷрои ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ номбар шудаанду роҷеъ ба услубшиносӣ ва таълими он чизе нест.

Солим 1967 барномаи забон ва адабиёт ҳар кадом ҷудо-ҷудо чоп шудааст. Барномаи адабиёт зери унвони “Программаи забон ва адабиёти тоҷик (барои синфҳои V-X) нашр шудааст. Мутаассифона, барномаи забон дастрас нагашт. Соли 1969 Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои I-X нашр ва пешкаши омӯзгорон гардонида шуд. Барномаи мазкур аз барномаҳои пешин ҳам аз нигоҳи муҳтаво ва ҳам бофарогирии масъалаҳои услубшиносӣ фарқ дорад. Аввалан, дар «Мактуби эзоҳӣ» масъалаи тарзи баёну ифода (услуб саҳ. 51) ва кадом вазифаҳо зимни машғулиятҳои боби «Маданияти нутқ ва тарзи баён» бояд ҳал карда шаванд, таъкид шудаанд. Сониян, дар синфи IX фасли «Маданияти нутқ ва тарзи баён» дар ҳаҷми 10 соати дарсӣ ворид карда шудааст, ки нуктаҳои зеринро фаро гирифтааст: «Маълумот дар бораи услуб. Услуб ва услубшиносӣ ҳамчун як соҳаи фанни забоншиносӣ.

Намудҳои услуб дар забони адабии тоҷик: услуби расмӣ, услуби коғазҳои корӣ, услуби илмӣ, услуби публитсистӣ ва услуби забони асарҳои бадеӣ. Ба воситаи намунаҳо нишон додани забони асарҳои бадеӣ. Ба воситаи намунаҳо нишон додани тафовути байниякдигарии намудҳои услуби забони адабии ҳозираи тоҷик. Воситаҳои тасвир, обуранг ва ифоданокии забони адабии тоҷик (тавсиф, маҷоз, истиора, киноя, муболиға, муқоиса, антитеза ва ғайра).

Талабҳои асосӣ нисбат ба нутқи хаттӣ ва даҳанакӣ, дар нутқи хаттӣ бамаврид истеъмол намудани иборахои рехта ва ғайрирехта.

Дар иборасозию калимасозӣ ба нормаҳои забон риоя намуда.

Сарчашма ва воситаҳои бойшавии ибораҳои синонимӣ. Синонимҳои лексикӣ ва фразеологӣ ва дар нутқи хаттӣ кор фармуда тавонистани онҳо» (саҳ. 73)

Аз чунин масъалагузорӣ маълум аст, ки услубшиносӣ бо маданияти нутқ, меъёрҳои забон ва ғайра омехта карда шудааст, ки ин ғалатгӯию ғалатнависӣ то имрӯз идома дорад. Ҳамзамон, дар номбар кардани навъҳои услуб ва ҷойгузинии онҳо низ ғалат роҳ ёфтааст. Ва ниҳоят, робитаи маълумоти зина ба зина мегирифтаи хонандагон ба инобат гирифта нашудааст. Дар ин барнома ба масъалаи «Инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳанакӣ» соати махсус бо зикри мавзӯъҳо ҷой дода шудааст. Соли 1970 Программаҳои забон ва адабиёти тоҷик (барои синфҳои V-VIII нашр шудааст. Дар ин барнома инкишофи нутқ дар шакли “Инкишофи малакаҳои нутқи алоқаманд” бо нишон додани миқдори соат ва бе зикри мавзӯъҳои он пешниҳод гаштааст. Чун барномаҳои пешин дар охири барнома боз фасли “Инкишофи малакаи нутқи алоқаманд” бо корҳои хаттӣ аз хониш бо зикр зикри соатҳо ворид карда шудааст.

Дар “Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV-X), ки соли 1974 нашр шудааст, тағйироти сифатӣ ба назар мерасад. Аввалан, дар он фасл ё мавзӯи нутқи алоқаманд «Инкишофи нутқи мураттаб» ном гирифтааст ва барои ҳар синф соат ва мавзӯъҳо пешниҳод шудаанд. Сониян, фасли алоҳидаи дар охири барнома буда, ки миқдори соатҳои инкишофи нутқи мураттаб ва теъдоди корҳои хаттӣ аз хонишро фаро мегирифт, ихтисор шудааст. Севум, дар синфҳои IX ва X дар ҳаҷми 35-соатӣ дарси забон ба роҳ монда шуд, ки барномаи синфи IX фасли «Забони адабӣ ва маданияти нутқ»-фаро мегирад, ки аз бандҳои зерин таркиб ёфтааст.

1. Мафҳуми забони адабии ҳозираи тоҷик. Давраҳои асосии инкишофи забони адабӣ. Меъёр ва хусусиятҳои забони адабӣ. Манбаъҳои такомули забони адабии ҳозираи тоҷик. Маълумоти умумӣ дар бораи забони адабии китобӣ ва гуфтугӯӣ (3 соат).

2. Мухтасар дар бораи шева ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ. Аҳамияти шева ва лаҳҷаҳо дар инкишофи забони адабӣ (3 соат).

3. Мафҳуми маданияти нутқ. Муносибати забони адабӣ ва маданияти нутқ. Аҳамият ва зарурати мавзунию савт дар маданияти нутқ (3 соат).

4. Маълумот дар бораи услуб. Услуб ва услубшиносӣ чун як соҳаи забоншиносӣ. Намунаҳои услуби забони адабии ҳозираи тоҷик: илмӣ, бадеӣ, расмӣ ва забони матбуот. Хусусият ва тафовути услуб. Хизмати ходимони давлатӣ, нависандагон, мунаққидон, олимон ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар инкишофи услубҳои забони адабӣ (6 соат)

5. Муҳимтарин хусусиятҳои услубии исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссача ва нидо. Аҳамияти услубии мавқеи калима ва ибораҳо дар ҷумла. Алоқаи калимаҳо ва воситаҳои грамматикии онҳо. Хусусиятҳои услубии ибораю ҷумла дар ифодаи моҳияти фикр. Роҳ ва воситаҳои гуногуни ифодаи фикр: хусусияти ҳаммаъноии ибораҳои сифати феълию масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрав ва ғайра. Услубҳои забони адабии тоҷик ва мавқеи истифодаи хелҳои ҷумлаҳои содаву мураккаб дар онҳо. Воситаҳои синтаксисии ҷумлаҳои мураккаб. Вазифаҳои услубии нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда (8 соат).

6. Маврид ва мавқеи истифодаи ибораҳои озод ва лутфу таъбирҳо дар ҷумла, Мухтасар доир ба таъбирҳои забони тоҷикӣ, хел ва сохти онҳо. Синонимҳои лексикӣ. Синонимикаи ибора ва таъбирҳо (6 соат).

7. Воситаҳои бадеии сухан: тавсиф, маҷоз, истиора, киноя, муболиға, таъкид, муқоиса, такрор, ташбеҳ ва ғайра (6 соат) (саҳ. 22-23).

«Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV-X», ки соли 1975 нашр шудааст, ба нашри соли 1974 айнан монанд мебошад. Дар барномаҳои нашри солҳои 1974 ва 1975 мавзӯи «Инкишофи нутқи мураттаб» бо соат ва мавзӯъҳояш нигоҳ дошта шудааст.

Дар «Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV-X», ки соли 1978 нашр шудааст, тағйирот ворид нашуда, балки дар синфҳои IX ва X таълими забони тоҷикӣ қатъ шудааст, яъне оид ба услубшиносӣ чизе намондааст. Боби «Инкишофи нутқи мураттаб» чун барномаҳои нашри солҳои 1974-1975 боқӣ мондааст, ки масъалаҳои нақл, иншо ва баъзе асноди расмиро фаро мегирад.

Дар «Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV-XI", ки соли 1980 нашр шудааст, тағйироти сифатӣ ба назар мерасад. Азбаски, аввалан масъалаи услубшиносӣ баҳсҳои зиёдеро ба бор оварда буд, сониян, роҷеъ ба таълими он чанд ақида вуҷуд дошт. Гурӯҳе дар алоҳидагӣ таълим додани онро талқин мекарданд, гурӯҳи дигар зимни тадриси мавзӯъҳои грамматикӣ ба ҳисоб гирифтани масъалаи услубҳоро пешниҳод карданд, севум, байни навъҳои услуб, маданияти нутқ, меъёрҳои забон фарқ намедиданд. Ин мушкилот на танҳо пешорӯи олимон-методистони тоҷик, балки пешорӯи олимони кишварҳои дигар, ба хусус, олимон-методистони рус низ қарор гирифта буд ва то ҳол чунин вазъ идома дорад. Аз ин лиҳоз, мураттибони барномаи забони тоҷикӣ омӯзиши матн ва услубшиносӣ ва навъҳои онро зимни тадриси мавзӯъҳои грамматикӣ пешниҳод кардаанд. Ҳамзамон омӯзиши матну услуб дар фасли "Инкишофи нутқи мураттаб" низ зикр шудаанд. Ин чандандешии олимону методистон ва мураттибони барнома боиси мушкилоти муаллифони китобҳои дарсӣ ва омӯзгорон гашт. Ҳанӯз ҳам таъсири гуногунфаҳмӣ аз миён нарафтааст ва онро дар аксари китобҳои дарсии забон баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Дар Программаи нашри соли 1980 фасли "Инкишофи нутқи мураттаб" муфассалтар гаштааст ва дар он масъалаҳои таълими матн, сохтор ва воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои матн, услуб, навъҳои он ҷой дода шудаанд. Яъне таълими матну услубшиносӣ дар таркиби фасли "Инкишофи нутқи мураттаб" дар доираи соатҳои муқарраршуда пешбинӣ гаштаанд. Масалан, дар фасли "Инкишофи нутқи мураттаби синфҳои IV" нуктаҳои зерин: мафҳум дар бораи матн ва сохти он, воситаҳои алоқаи ҷумла дар матн, мафҳум дар бораи услуби нутқ, маълумоти мухтасар дар бораи услубҳои гуфтугӯӣ, илмӣ ва адабӣ барои таълим манзур гаштаанд (саҳ. 6) Дар синфи V такрори дониши талабагон доир ба матн ва қисмҳои он, услубҳои нутқ, мавзӯъ ва фикри асосии матн, намудҳои нутқ (маълумот дар бораи услуби расмии корӣ (саҳ. 11) дар синфи VI (саҳ. 11) такрори матн ва услубҳои нутқ. Услуби публитсистӣ (саҳ. 14), дар синфи VII такрори маълумот дар бораи матн ва услубҳои нутқ, нақли мухтасари маълумот дар бораи матн ва услубҳои нутқ. Нақли мухтасари мазмуни матнҳои публитсистӣ ва илмӣ (саҳ. 18); дар синфи VIII такрори маълумот дар бораи матн ва услубҳои нутқ (саҳ. 20). пешниҳод гаштаанд.

"Программаи мактабҳои миёна забон ва адабиёти тоҷик", нашри соли 1981, 1983, 1986 ба программаи нашри соли 1980 айнан монанд мебошад.

Дар Программаи мактабҳои миёна, забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI-и нашри соли 1987 бо вуҷуди он ки дар фасли "Нутқи мураттаб" оид ба фарогирии услубҳои нутқ ва такрори онҳо дар синфҳои V-IX зикр шуда бошанд ҳам, дар синфҳои X ва XI дар ҳаҷми 35-соатӣ дар ҳар ду синф услубшиносӣ ба тариқи зайл пешниҳод шудаанд (Мо ба хотири ҳаҷман васеъ нагаштани мақола танҳо номи фаслҳоро бо зикр соатҳо меорем):

**Дар синфи X (35 соат)**

1. Маълумот дар бораи забон (5 соат) 2. Нормаи (меъёри С.А. , Б.Б. ) забони адабӣ (2 соат) 3. Хат ва имло (6 соат). Услубшиносӣ: а) маълумот дар бораи услуб ва услубшиносӣ (1 соат); б) шохаҳои асосии услуби забони тоҷикӣ (2 соат). в) хелҳои услуби китобӣ (4 соат); г)услубиёти фонетикӣ (2 соат), ғ) услуби луғавӣ (8 соат): д)услубияти воҳидҳои фразеологӣ (3 соат); е) услубиёти калимасозӣ (2 соат) дар синфи XI (35 соат)

1. Услубиёти морфологӣ (1 соат). 2. Имконияти услубии исм (1 соат). 3. Имконияти услубии сифат (1 соат). 4. Имконияти услубии ҷонишин (1 соат), 5. Хусусиятҳои услубии феъл (2 соат). 6. Услубиёти синтаксисӣ (6 соат). 7. Имконияти услубии ибора (3 соат). 8. Имконияти услубии ҷумлаҳои сода (9 соат). 9. Имконияти услубии ҷумлаҳои мураккаб (6 соат). 10. Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ (5 соат).

Аз мавзӯъҳои пешниҳодкардаи мураттибони барнома ошкор мегардад, ки байни услубҳои функсионалии забон ва ҳусни баёну меъёрҳои забони адабӣ фарқе надидаанд. Дар чунин шакл таълим додан донишу маҳорат ва малакаи хонандагон зиёд намешавад. Ва дар асоси барномаи мазкур китоби "Услубшиносӣ" барои синфҳои 10-11 таҳия ва зери таҳрири профессор Р. Ғаффоров соли 1995 нашр ва дастраси хонандагон гардид. Азбаски барнома тағйир ёфт, китоби мазкур дигар чоп нашуд.

Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои мактабҳои миёна (синфҳои V-XI) нашри соли 1989 ба нашри соли 1987 айнан монанд аст ва дар он ягон тағйироте ворид нагардидааст.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон кормандони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифро (ПИП)-ро лозим омад, ки барномаи забони тоҷикии синфҳои V-IX ва X-XI-ро бо назардошти таҷрибаҳои чор-панҷсолаи дар мактаби №67-уми ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ ноҳияи Ленин) гузаронидашуда таҷдиди назар намоянд. Дар қадами аввал стандарти давлатии фаннии забони тоҷикӣ аз тарафи С. Аминов таҳия шуда дар маҷмӯа нашр гардид. Сипас, барномаи забони тоҷикии синфи V дар шакли нусханокӣ (нусхаи 1 мураттиб: С. Аминов, нусхаи 2 мураттиб: М. Қурбонов) таҳия ва дар маҷмӯаи "Раҳнамои муаллим" (2) соли 1992 нашр ва пешкаши омӯзгорон гардонида шуд, ки онҳо аз ҳамдигар дар масъалагузорӣ ва ҷой додани баъзе мавзӯъҳо, ба хусус масъалаи услуб фарқ мекунанд. Масалан, дар нусхаи дуюм, ки мураттиб М. Қурбонов мебошад, дар синфи 5 якбора ба услуби расмӣ-коргузорӣ фасли алоҳидаи тахсис дода ба таълими он ду соат ҷудо кардааст.

Соли 1993 Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-IX ва X-XI чун лоиҳа нашр ва пешкаши омӯзгорон гардонида шуд. Омӯзгорон вариант нусхаи 1-ро дастгирӣ карданд. Вале бо дархосту пофишории М. Қурбонов иловатан омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеъро дар ДМТИ ҷамъ оварда, ду рӯз барномаҳоро бидуни ширкати С. Аминов бо роҳбарии марҳум Ҳ. Искандаров, ки корманди ДҶТИБКСМ буд, муҳокима карданд ва хулосаи омӯзгоронро дар шакли хаттӣ гирифтанд. М. Қурбонов шахсан дар ин муҳокима иштирок дошт (бе дахолат кардан ба андешаҳои омӯзгорон). Хулоса чунин шуда, ки нусхаи якуми барнома дар таҳияи С. Аминов аз тарафи омӯзгорон пазируфта мешавад. Чун варианти М. Қурбонов аз тарафи омӯзгорон маъқул дониста нашуд, аз бори севум даъво кардан худдорӣ кард. Баъд аз ин ҳодиса М. Қурбонов ба назди директори Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ даромада воқеаро баён месозад ва хоҳиш мекунад, ки дар барнома ақаллан дар доираи 6 соат мавзӯи «Услубшиносӣ» дар шакли ҷудогона ҷой дода шавад. Сипас маъмурияти Пажӯҳишгоҳ мураттиби варианти писандидаи омӯзгоронро даъват карда масъаларо ба миён мегузоранд, яъне М. Қурбонов таълими услубшиносиро ба сифати рисолаи докторӣ таҳқиқ карда, ба қавли худаш анҷом дода будааст. Аз ин сабаб боби «Маълумот дар бораи услубҳои нутқ» дар барномаи забони тоҷикии синфи 9 дар ҳаҷми 6 соат ворид карда шуд, ки он соли 1994 нашр гардид.

Бар асоси дархости омӯзгорон Вазорати маориф супориш дод, ки «Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои X-XI таҳрир ва барои чоп пешниҳод карда шавад.

Барномаи забони тоҷикӣ бо фарогирии мавзӯъҳои барномаи забони тоҷикии синфҳои X ва XI соли 2001 нашр гардид, ки дар он таълими услубшиносӣ дар таркиби фасли «Нутқи мураттаб» пешниҳод шудааст. Бо дархости омӯзгорон барномаи мазкур соли 2002 низ нашр шуд. Бори аввал дар ҷойгиркунии мавзӯъҳои грамматикӣ тағйирот ворид карда шуд. Барномаи синфҳои X-XI комилан дигар карда шуда буд ва бар асоси он мураттиб китоби "Забони тоҷикӣ" барои синфи 10 (IX)-ро таълиф кард ва он аз ҳисоби маблағҳои ҳукуматӣ соли 1993 ба табъ расид. Китоби мазкур ғолиби озмуни ба номи Ҷалолиддини Балхӣ дониста шуда, муаллифи он сазовори мукофоти нақдӣ гашт. Ва китоби синфи XI низ дар асоси ҳамин барнома таҳия ва аз ҳисоби маблағҳои Маркази идораи лоиҳаи ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистон соли 2009 бо теъдоди 3500 нусха нашр ва як сол зери озмоиши 5 ноҳияи таҷрибавӣ ва се шаҳр қарор гирифт. Омӯзгорон басо хуб пазируфтанд, ки инро хулосаҳои ҷамъовардаи экспертҳои мустақили лоиҳа тасдиқ намуданд. Азбаски гурӯҳи нави таҳиягарон барнома танҳо барои манфиати худ барномаи синфи XI-ро тағйир доданду Б. Камолиддинов китоби айни ҳол амалкунандаро таҳия ва чоп кард, танҳо ба хотири эҳтиром аз пешниҳоди китоби аз озмоишгузаштаи синфи XI худдорӣ карда шуд. Ин барнома, яъне барномаи синфи XI ва китоби он тақлидан ба китоби «Русский язык»: Грамматика, Текст. Стили речи для 10-11 классов» (М. 1996, 1998. муаллифон; А.И. Власенков, Л.М. Рыбченкова) таҳия шудаанд. Азбаски муаллиф муҳтавои фанро дар доираи мактаби миёна балад набуд, китоб чандон хуб набаромад. Ин нуктаро узвҳои гурӯҳи ҳайати кори ҳамонвақта бояд шарҳ диҳанд.

Соли 2018 бар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ лозим омад, ки Стандарти фанни забони тоҷикӣ ва барномаи таълим барои синфҳои V-XI ба нашр расид. Ба ин кор гурӯҳи аввал таъсисдода ҷиддӣ корро оғоз карда буд. Вале баъди муддате чанд бо дахолати бевоситаи муовини вазири маориф ва илм Л. Назирӣ ҳайат дигар карда шуд. Ҳайати нав чанд сол дар лоиҳа ба сифати корманд фаъолият карданд, то ки маводи Стандарти фанни забони тоҷикӣ ва барномаи таълимро тибқи талабот ва муносибати босалоҳият дар таълим таҷдиди назар намоянд. Азбаски ҳайати интихобшуда бо мактабу дидактика сари кор нагирифта буданд, дар ин кор комёб нашуданд. Бараъкс, дар Стандарти фаннӣ ва барномаи таълим ғалатҳои илмию дидактикии зиёде роҳ ёфтанд, ҳатто масъалаҳои назариявию амалии матн ва услубшиносӣ дар синфҳои V-IX қариб берун аз маводи асосии таълим мондаанд. Стандарту барномаи таълим таҷдиди назар мехоҳад, то ки

харҷи зудтар аз шарҳдиҳиҳои носаҳеҳ омӯзгорону хонандагон раҳоӣ ёбанд. Дар таҳияи ин гуна аснод дар соҳа бояд таҷрибадорон ҷалб гарданд, на ашхоси тасодуфӣ. Зеро як шарҳдиҳии носаҳеҳи нуктаҳои назариявию амалии забон ва масоили дидактикӣ миллионҳо хонандаю ҳазорон омӯзгорро ба роҳи нодуруст ҳидоят мекунад, ки бисёр кори бад аст. Стандарти барономаи таълим рисолаи номзадию докторӣ нест, ки аз асарҳои нашркардаи олимон онро бикӯчонӣ.

Ҳадафи нашрҳои гуногуни Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-VIII ва V-XI-ро баррасӣ кардан он аст:

- аниқ карда шавад, ки масъалаҳои марбути матн, махсусиятҳои матн, воситаҳои алоқа байни ҷумлаҳои он, услубшиносӣ дар барномаҳои таълим кай ворид карда шуданд;
- кадом нуктаҳои услубшиносӣ барои таълим ва чӣ тавр пешниҳод гаштаннд;
- магар дар пешниҳоди масъалаҳои услубшиносӣ синну соли хонандагон ва мазмуни таҳсилоти мактабӣ мадди назар дошта шудаанд ё не?
- истилоҳоти фаннӣ ба хонандагон дастрас ҳаст?
- пеши роҳи навиштаҳои ғалат ё, ба ифодаи дигар, ғалатнависию ғалатгӯӣ дар мавриди ба барномаи таълим воридшавии услубшиносӣ гирифта шавад;
- сабаби матн ва махсусиятҳои он, навъҳои матнро пеш аз услубшиносӣ дар барномаҳои таълим пешниҳод гаштан ошкор карда шавад;
- сабабҳои гоҳ ба барнома чун фасли алоҳида ва гоҳ дар дохили боби «Нутқи мураттаб» зикр шудани услубҳои нутқ аниқ гардад.

Услубшиносӣ на аз соли 1988 (чунон ки дар муқаддимаи рисолаи «Асосҳои лингвистӣ ва методии таълимии услубшиносии тоҷик дар мактаби миёна» (Душанбе, Маориф, 1988), балки пештар дар барномаҳои таълим ворид карда шудаанд.

Ин ҳама бенизомӣ дар ворид кардани услубшиносӣ ба барномаҳои таълим чунин нуктаҳоанд:

- услубшиносӣ дар забоншиносии рус аз солҳои 50-ум мавриди баҳс қарор гирифта буд;
- солҳои 70-80 – ум таҳқиқоти назариявӣ дар забони русӣ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, ҳанӯз дар бисёр масъалаи марбути услубшиносӣ фикри воҳид вуҷуд надорад;
- дар забоншиносии тоҷик перомуни услубшиносии функсионалӣ таҳқиқоти бунёдӣ ҳанӯз анҷом нашуда, бисёр масъалаҳои он ошкор нагардидааст;
- барномаи забони тоҷикӣ бо такя ба барномаҳои забони русӣ таҳия мешуданд. Ҳамин ки дар барномаҳои забони русӣ тағйир меёфтанд, ҳамоно он тағйирот дар барномаҳои забони тоҷикӣ ворид мегардид.

Муаллифони китобҳои дарсӣ ба моҳияти ин масъала сарфаҳм намерафтанд. Ин аст, ки ҳоло ҳам инъикоси масъалаҳои услубшиносӣ, матн ва воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои он ва ғайраҳо дар аксар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ инъикоси худро ба таври зарурӣ наёфтаанд. Дар мавриди таълими услубшиносӣ дар мактаб ба ҷуз дастурҳои М. Қурбонов, ки аксар андешаҳои дар онҳо баёнкардаи муаллиф шарҳталабанд, дигар чизе вуҷуд надорад. Ин масъалаҳо ба таҳқиқи ҷиддии назариявӣ ва методӣ ниёзи мубрам доранд. Дар стандарту барномаи таълим масъалаҳои марбути матн, навъҳои матн воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои таркиби матн ва услубшиносӣ дар доираи мактаб бояд мавқеъ пайдо намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Программаи забони тоҷикӣ (барои мактабҳои миёнаи нопурра, синфҳои 5-7). - Сталинобод: НДТ, 1941. - 8 с.
2. Программаи мактабҳои ҳафтсола. Забони модарӣ ва хониши адабӣ, синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1950. - 46 с.
3. Программаи мактабҳои ҳафтсола. Забони модарӣ ва хониши адабӣ, синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1951. - 43 с.
4. Программаи Забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ, синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1953. - 72 с.
5. Программаи мактабҳои миёна. Забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1954. - 70 с.
6. Программаи мактабҳои миёна. Забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1955. - 67 с.
7. Программаи мактабҳои миёна. Забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1956. - 64 с.
8. Программаи мактабҳои миёна. Забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1957. - 60 с.
9. Программаи мактабҳои миёна. Забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1958. - 60 с.
10. Программаи мактабҳои миёна. Забони тоҷикӣ ва хониши адабӣ синфҳои 5-7. - Сталинобод: НДТ, 1959. - 60 с.
11. Программаи Забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-8. - Сталинобод: НДТ, 1960. - 80 с.

12. Программаи Забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-8. - Сталинобод: НДТ, 1961. - 82 с.
13. Программаи Забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-8. - Душанбе: НДТ, 1962. - 83 с.
14. Программаи Забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-8. - Душанбе: НДТ, 1963. - 83 с.
15. Программаи Забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-8. - Душанбе: «Ирфон», 1964. - 83 с.
16. Программаи забон ва адабиёти тоҷик (барои с.5-10). - Душанбе: Ирфон, 1967. - 87 с.
17. Программаи забон ва адабиёти тоҷик (барои с. 1-10) - Душанбе: Ирфон, 1969. - 63 с.
18. Программаи забон ва адабиёти тоҷик (барои с.5-8). - Душанбе: Ирфон, 1970. - 60 с.
19. Программаи забон ва адабиёти тоҷик (барои с.4-10). - Душанбе: Ирфон, 1974. - 73 с.
20. Программаи забон ва адабиёти тоҷик (барои с.4-10). - Душанбе: Ирфон, 1975. - 76 с.
21. Программаи забон ва адабиёти тоҷик (барои с.4-10). - Душанбе: Маориф,1978.-54 с.
22. Программаи забон ва адабиёти тоҷик (барои с.4-10). - Душанбе: Маориф,1980,- 82 с.
23. Программаи мактабҳои миёна забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 4-10. - Душанбе: Маориф, 1981. - 83 с.
24. Программаи мактабҳои миёна забон ва адабиёти тоҷик барои синфи 4-10. - Душанбе: Маориф, 1983. - 81 с.
25. Программаи мактабҳои миёна забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 4-10. - Душанбе: Маориф, 1986. - 82 с.
26. Программаи мактабҳои миёна, забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1987. - 39 с.
27. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои мактабҳои миёна (синфҳои 5-9). - Душанбе: Маориф, 1989. - 96 с.
28. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-9. - Душанбе: Маориф, 1994. - 28 с.
29. Барномаи забони модарӣ барои синфи V. – Душанбе: Матбуот, 2002. - 42 с.
30. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфи V. - Душанбе, 2006. - 37 с.
31. Лоиҳаи Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-IX ва X-XI, - Душанбе, 1993. - 69 с.
32. Лоиҳаи Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-9 ва 10-11, - Душанбе, 1993. - 69 с.
33. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11. – Душанбе: Матбуот, 2001. - 52 с.
34. Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11. - Душанбе: Принт, 2018. - 252 с.

## МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАСОЗИИ ДУХТАРОН БА ҲУНАРҲОИ АНЪАНАВИИ ЗАНОНАИ ТОҶИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

**_ГУЛМАДОВ Файз_** - *доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ – 126,* ***тел.:*** *(+992) 919 63 67 34*

**_ФАРИЗАИ Давлатмурод_** - *омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарии Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ш. Кӯлоб, хиёбони Борбад,* ***тел.:*** *+(992)985344678*

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ амалии омодасозии духтарон ба ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳлил карда шуда, мазмун ва вазифаҳои амалӣ намудани нерӯи тарбиявии ҳунарҳои мардумӣ муайян карда шудааст. Дар асоси таҳлилу омӯзиш муайян карда шудааст, ки имрӯз имконияти педагогии ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона оид ба касбу ҳунар омода намудани духтарон ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Муаллиф бо роҳи гузаронидани озмоиш ва таҳлили назариявии адабиёти мавҷудаи илмӣ бартарии хунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро ҳамчун падидаи таърихию фарҳангӣ ва педагогӣ ошкор намудааст.

Нишон дода шудааст, ки омӯзиши ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ба ташаккули сифатҳои шахсият, ба монанди эҳтиёткорӣ, сабр, худдорӣ ва дақиқкорӣ, инкишофи ҳофиза, қобилиятҳои иродавӣ, хаёлот, тафаккури хаёлӣ ва эҷодкорона, ташаккули завқи бадеӣ ва зебоишиносӣ, мустақилият ва ихтироъкорӣ, изҳори андешаҳои худ тавассути дастҳо, масъулият, меҳнатдӯстӣ ва коршоямӣ, қобилияти қадр кардани кори шахси дигар, эҳтиром ба меҳнат ва одамони меҳнат мусоидат хоҳад кард.

***Вожаҳои асосӣ:*** *ҳунарҳои занонаи тоҷикӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ташаккули сифатҳои шахсият, анъана ва арзишҳои санъати халқи тоҷик.*

## ВОПРОСЫ ПОДГОТОВКИ ДЕВОЧЕК К ТРАДИЦИОННЫМ ТАДЖИКСКИМ ЖЕНСКИМ РЕМЕСЕЛОМ В СРЕДНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

**_ГУЛМАДОВ Файз_** – *доктор педагогических наук, заведующий отделом теории и истории педагогики Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни – 126,* ***тел.:*** *(+992) 919 63 67 34*

***ФАРИЗАИ Давлатмурод*** *– преподаватель кафедры права и гуманитарных дисциплин Технологического института и инновационного менеджмента в городе Куляб, г.Куляб, пр.Борбад,* ***тел.:*** *+(992)985344678*

В статье анализируются теоретические и практические вопросы обучения девочек таджикским народным женским ремеслам в средних образовательных учреждениях и определяется содержание и задачи осуществления воспитательных потенциалов народных ремесел.

В результате анализа и изучения определяется, что ныне педагогические возможности таджикских женских ремесел для подготовки девушек к профессиям недостаточно изучены.

Автор статьи путём проведения опытов и теоретического анализа научной литературы показывает приемущество таджикских женских ремесел как историко-культурный и педагогический феномен. Показано, что изучение таджикских женских ремесел содействует в формировании таких личных качеств, таких как, бережливость, терпение, воздержанность и точность, развитие памяти, волевых усилий, воображение, воображаемое мышление и творчество. Также изучение таджикских женских ремесел содействует формированию художественного вкуса и чувства красоты, самостоятельности и изобретательства, предподнести свои мысли посредством руки, ответственности, трудолюбия и желания работать, навыков оценивать работу других людей, уважению к труду и труду других.

***Ключевые слова:*** *таджикские женские ремесла, среднее образовательное учреждение, формирование личных качеств,традиции и ценности таджикского народного исскуства.*

## ISSUES OF PREPARING GIRLS FOR TRADITIONAL TAJIK FEMALE CRAFT IN GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS

***GULMADOV Faiz*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Theory and History of Pedagogy of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, ul. S. Aini. 126,* ***mob.:*** *(+992) 919 63 67 34*

***FARIZAI Davlatmurod*** *- Lecturer at the Department of Law and Humanitarian disciplines at the Technological Institute and Innovation Management of the city of Kulob, Kulob city, Borbad Avenue,* ***Phone:*** *+(992) 985344678*

The article analyzes the theoretical and practical issues of teaching girls Tajik folk female crafts in secondary educational institutions and determines the content and tasks of implementing the educational potential of folk crafts. As a result of analysis and study, it is determined that currently the pedagogical possibilities of Tajik women's crafts for preparing girls for professions have not been sufficiently studied.

The author of the article, through experiments and theoretical analysis of scientific literature, shows the superiority of Tajik women's crafts as a historical, cultural and pedagogical phenomenon.

It is shown that the study of Tajik women's crafts contributes to the formation of such personal qualities as thrift, patience, restraint and accuracy, the development of memory, volitional efforts, imagination, imaginary thinking and creativity. Also, the study of Tajik women's crafts contributes to the formation of artistic taste and a sense of beauty, independence and invention, to present your thoughts through hand, responsibility, hard work and desire to work, skills to evaluate the work of other people, respect for the work and work of others.

***Key words:*** *Tajik women's crafts, secondary educational institution, the formation of personal qualities, traditions and values of tajik folk art.*

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мо муайян кардани муносибати духтарон ба ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ махсуб меёбад.

Омӯзгори технологияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун ҳомил ва интиқолдиҳандаи фарҳанги мардуме, ки дар муҳити он фаъолияти педагогии худро анҷом медиҳад, бояд ба ташаккули назари яклухт ба намунаҳои фарҳангии халқ дар хонандагон дар асоси омезиши донишҳои маҳз технологияи воқеии истеҳсолот ва таърихи ин маҳсулот равона карда шавад. Маҳз ҳамин тавр раванди истеҳсолот шакли фарҳангэҷодкуниро мегирад.

Фарҳанги моддӣ ва маънавии халқро таҳқиқ намуда, олимон, ба монанди Н.И. Ашмарин [2], В.Ф. Каховский [8, 9], Лутфуллозода [10], И.А. Арабов, Б.И. Мирзоева [10] ва ғайра, Н.В. Николский [11] дар бораи он навиштаанд, ки халқ соҳиби фарҳанги ғании анъанавии тарбия мебошанд, ки дар санъати халқӣ асос ёфтааст. Маҳз санъати халқӣ чуноне ки академик Г.Н. Волков қайд мекард, яке аз унсурҳои низоми тарбияи халқӣ - этнопедагогика, мебошад. Дар таҳқиқоти А.Г. Григорев [5], Г.И. Иванов-Орков [6], Г.А. Никитина [12], А.А. Трофимов [14] ва дгарон мавқеъ вава нақши санъати халқии тоҷик дар раванди тарбия муайян карда шудаанд.

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низ ин нуктаҳои олимон дар бораи нақши санъати халқӣ зикр ёфтааст. Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи милӣ дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим даровард шуда, нақш ва мақоми он дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян карда шудааст. [10, с.1]. Иҷрои бомуваффақияти ин вазифаҳо аз омӯзгоре, ки ҳомили фарҳанги миллӣ мебошад, кӯшиши зиёдро тақозо менамояд.

Дар асоси таҳлили таҳқиқот оид ба истифодаи ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ бояд қайд кард, ки то имрӯз масъалаҳое, ки имкониятҳои педагогии ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро ҳамчун воситаи омодасозии духтарон ба ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ ошкор мекунанд, ба қадри кофӣ таҳия карда нашудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аҳамият ва нақши ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар омодасозии духтарон ба ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ таҳқиқоти махсус анҷом нарасидааст. Дар матбуоти соҳавӣ мақолаҳои алоҳида ба нашр расидаанд. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба омодасозии духтарон ба ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ аз ҷониби мо пурсишнома таҳия карда шуд. Дар пурсишнома 420 нафар духтарон иштирок карданд.

Ба саволи: «Ба фикри шумо, оё намудҳои бостоншиносии ҳунармандиро омӯхтан кардан зарур аст?» (бофандагӣ, дастдӯзии резамухрагӣ, гулдӯзии миллӣ, ва ғайра) – 82,7% духтароне, ки дар пурсиш ширкат варзиданд, «Ҳа» ҷавоб доданд,12,6% посухдиҳандагон «Эҳтимол ҳа», 3,8% – ҷавобҳои эътимодбахш дода натавониста, «Намедонам» ҷавоб доданд, 0,9% посухдиҳандагон ҷавоби манфӣ доданд.

Ба саволи: «Оё дар оилаи шумо бо ҳунармандӣ машғул ҳастанд?» 73,1%-и хонандагони посухдиҳанда «ҳа» ва 26,9% ҷавоб доданд, ки «не».

Ба саволи навбатӣ: «Оё шумо пештар ягон намуди ҳунарҳои занона машғул будед?» – 84,6% посухдиҳандагон намудҳои ҳунарҳои дастиро, ба монанди гулдӯзиӣ дар рӯйи мактоъ, хомадӯзӣ, ҷӯробофӣ бо дарафш ва сихакҳо, дастдӯзии резамухрагиро номбар карданд, ва 15,4% посухдиҳандагон ҷавоб доданд, ки ягон ҳунари занонаро соҳиб нестанд.

Ба саволи: «Оё Шумо мехоҳед дар оянда омӯзиши ҳунарҳои анъанавии занонаро идома диҳед?» 79,8% посухдиҳандагон «Ҳа», 18,3% - «Намедонам» ва 1,9% – «Не» ҷавоб доданд.

Ба саволи: «Ба фикри шумо, оё омӯзиши ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ба ташаккули сифатҳои шахсии шахс мусоидат мекунад? Агар ҳа, пас кадомҳо, номбар кунед. 93,3% посухдиҳандагон ҷавоби мусбат додаанд, 5,8% посухдиҳандагон – «Намедонам» ва 0,9% посухдиҳандагон ҷавоби манфӣ доданд.

Аксарияти духтарон (85,3%) боварӣ доранд, ки омӯзиши ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ба ташаккули сифатҳои шахсият, ба монанди эҳтиёткорӣ, сабр, худдорӣ, бепарвоӣ ва дақиққорӣ; инкишофи ҳаракати хурди дастҳо ва ангуштҳо, суръат ва чолокии дастҳо; инкишофи ҳофиза, ирода, хаёлот, тафаккури хаёлӣ ва эҷодкорона; ташаккули завқи бадеӣ ва зебоишиносӣ, мустақилият ва ихтироъкорӣ, изҳори андешаҳои худ тавассути дастҳо; масъулият, меҳнатдӯстӣ ва коршоямӣ, қобилияти қадр кардани кори шахси дигар, эҳтиром ба меҳнат ва одамони меҳнат мусоидат хоҳад кард.

Ба саволи: «Ба фикри шумо, оё зарурати ҳамгироии ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона (гулдӯзии тоҷикӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ бо резамухраҳо ва тангаҳо) дар раванди таҳсилот зарур аст?» 79,8% посухдиҳандагон «Ҳа», 18,3% – «Ҳамедонам» ва 1,9% ҷавобҳои манфӣ доданд. Духтарон (79,8%) боварӣ доранд, ки ҷорӣ намудани ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ба раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар омодасозии онҳо ба ҳаёт ва фарҳанги аҷдодони худ наздиктар мусоидат менамоянд. раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ҷолибтар мегардад.

Ҷавобҳо ба пурсишномаҳо нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯъ духтарон (84,6%) дар бораи он, ки маҳсулот дар асоси ҳунарҳои занонаи анъанавии тоҷикон чӣ гуна тайёр карда мешаванд, медонанд, амалиётҳо, ва усулҳои алоҳидаро дидаанд ва дар бораи онҳо тасаввурот доранд, ҷавоб доданд, вале онҳо малакаю маҳорати зарурии омодасозии чунин маҳсулотро надоранд. Ҳамзамон, бо қаноатмандӣ қайд менамоем, ки 79,8% духтарон омодагии худро оид ба азхудкунии донишҳои назариявӣ дар бораи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона, рушди малакаю маҳорати амалии коркарди маҳсулот изҳор карданд.

Дар марҳилаи дигари таҳқиқот пурсиши омӯзгорони технологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муайян кардани сатҳи омӯзиши ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона гузаронида шуд. Дар пурсиш 65 омӯзгор ширкат варзиданд, 30 нафари онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрӣ ва 25 нафар дар деҳотӣ кор мекунанд.

Ба саволи: «Ба фикри шумо, оё эҳё кардани намудҳои қадимаи ҳунарҳо: бофандагӣ, дастдӯзии резамухрагӣ, гулдӯзии миллӣ, химчабофӣ, намадсозӣ ва ғайра зарур аст?», Посухдиҳандагон чунин ҷавоб доданд: «Ҳа» – 88,9% ва «Эҳтимола ҳа» –11.1%.

Ҷолиб он аст, ки ба саволи «Оё дониши ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар таълими духтарон кӯмак мекунад?», ҳамаи омӯзгорон (100%) ҷавоби мусбат доданд.

Ба саволи: «Кадом намудҳои ҳунарҳоро Шумо мехостед аз худ кунед?» посухдиҳандагон чунин ҷавоб доданд: 27,8% мехостанд гулдӯзии тоҷикӣ; 18,5% - ҷӯроббофӣ

бо муки; 16,7% – химчабофӣ; 14,8% –бофандагӣ ва дӯзандагии резамуҳрагӣ; 9,3% – тӯрбофиро дар сатҳи касбӣ азхуд кунанд, 9,3% ҷавоби аниқ дода натавонистанд.

Баъд ба омӯзгорон савол дода шуд: «Оё омӯзиши ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ лозим аст?» 64,8% посухдиҳандагон чунин мешуморанд, ки ин зарур аст, аммо омӯзиши ҳамаҷониба намекунанд, зеро худи онҳо технологияро намедонанд; 35,2% зарурияти омӯзиши ин ҳунарҳоро намебинанд, зеро онҳо намудҳои алтернативии дастдӯзӣ, камтар меҳнатғунҷоишро истифода мебаранд. Пурсиши гузаронидашуда манзараи зеринро ошкор кард: омӯзгорон худашон дар бораи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона кам тасаввурот доранд ва дар корҳои беруназсинфӣ аҳёнан истифода мебаранд, зеро онҳо дар бора ба мушкилот рӯбарӯ мешаванд. Маҳз ба рафъи ҳамин мушкилот кори озмоишии мо нигаронида шудааст.

Мафҳуми «мушкилот» дар адабиёти илмӣ ҳамчун ифодаи ихтилофи байни зарурати иҷрои як фаъолияти муайян ва нокифоягии донишу малакаҳое муайян карда мешавад, ки муваффақиятнокии ин иҷроишро таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, масъалаи мушкилот дар фаъолияти инсон, таҳияи роҳҳои пешгирӣ ва бартараф кардани онҳо яке аз масъалаҳои муҳим дар назария ва амалияи ташкили оқилонаи меҳнат маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти минбаъда мушкилиҳои зеринро ошкор намуданд, ки ба омӯзгорони технология имкон намедиҳанд, ки ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро дар фаъолияти касбии худ истифода баранд. Дар бораи мушкилот маълумот дар ҷадвали 1 оварда мешавад

Ҷадвали 1. Мушкилоте, ки омӯзгорони технология дар истифодаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар фаъолияти касбӣ таҷриба мекунанд.

| Намудҳои мушкилот | Хусусияти мушкилот | Миқдор (%) |
|---|---|---|
| Технологӣ | Дониши нокифояи технологияи омодасозии ягон хел маҳсулот аз ҷумлаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона, мавҷуд набудани таҷҳизот ва асбобҳои дахлдор | 35 (35) |
| Методӣ | Дониши нокифояи методикаи таълими хонандагон аз ҷониби педагогҳо ба ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона | 10 (10) |
| Ташкилӣ-педагогӣ | Мушкилот дар интихоби шаклҳо ва методҳои муносиби истифодаи онҳо дар кор бо кӯдакон | 55 (55) |

Мушкилоти зикршуда, ки омӯзгорон дар фаъолияти касбии худ аз сар мегузаронанд, ба он марбутанд, ки онҳо зарурати истифодаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро ҳангоми кор бо духтарон намебинанд. Аз ҷавоб ба саволи: «Шумо ба хонандагон дар дарсҳои технология ё маҳфилҳо кадом ҳунарҳоро таълим медиҳед?», мо манзараи зеринро мушоҳида кардем: 9,3% посухдиҳандагон гулдӯзии тоҷикиро таълим медиҳанд; 3,7% ба бофандагӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, 35,2% ба резамуҳрагузаронӣ ва танҳо 3,7% ба гулдӯзӣ ва дастдӯзии резамуҳрагии тоҷикӣ диққат медиҳанд. Аксарияти омӯзгорон ҷавоб доданд, ки аз сабаби он, ки ба бахши «Ҳунари дастӣ» аз рӯйи барнома вақти хеле кам ҷудо карда шудааст, онҳо намуди сабуктарин ва меҳнати кам талабкунандаро интихоб мекунанд, аз қабили: гулдӯзии дар матлоъ, хомадӯзӣ, ҷӯробдӯзи бо дарафшу сихакҳо ва ғайра.

Дар ҷавоб ба саволи: «Шумо дар хона аз калонсолон кадом намуди ҳунарҳоро аз худ кардаед?» - 33,3% посухдиҳандагон гулдӯзиро номбар карданд, аз ҷумла гулдӯзии тоҷикӣ (7,4%); 31,5% чунин намудҳои ҳунарҳои дастӣ, аз қабили ҷӯроббофӣ бо дарафш ва сихак, гузаронидани резамухра, бофандагӣ, 35,2% посухдиҳандагон ҷавоби манфӣ доданд, яъне дар хона ягон намуди ҳунарро наомӯхтаанд.

Аз шумораи омӯзгорони технологияҳои амалкунанда, ки мавриди пурсиш қарор гирифтанд, чунин бармеояд, ки онҳо ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалан наомӯхтаанд ва ҳатто дар курсҳои такмили ихтисос низ наомӯхтаанд ва на ҳама метавонанд мустақилона намудҳои ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро омӯзанд.

Сусттарин мавқеъҳои омӯзгорон дар интихоби шакл ва методҳои таълими духтарон ба ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар Тоҷикистон маҳсуб меёфтанд. Ба саволи: «Шумо дар таълими ҳунарҳои мардумӣ ба духтарон кадом шакл ва методҳоро истифода мебаред?» омӯзгорони технология номбар карданд: экскурсияҳо, вохӯриҳо бо ҳунармандони халқӣ, корҳои маҳфилӣ, татбиқи лоиҳаҳои эҷодӣ, иштирок дар таҳқиқоти гуногуни илмӣ-эҷодӣ (ҷадвали 4).

Ҷадвали 2. Шакл ва методҳое, ки омӯзгорон ҳангоми таълими ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона истифода мебаранд.

| Шаклҳо ва методҳо | Миқдор (%) |
|---|---|
| Экскурсияҳо | 15 (20,8) |
| Вохӯриҳо бо ҳунармандони халқӣ | 15 (20,8) |
| Маҳфилҳо («Технологияҳои қадима», «Маҳорати олии модаркалон» ва ғайра) | 12 (16,6) |
| Ороиши стендҳои намоишгоҳӣ | 16 (22,2) |
| Иҷрои лоиҳаҳои эҷодӣ («Аз сандуқи модаркалон», «Бофтани тасма», «Дӯзандагии қадима бо резамухра ва тангаҳо бо тарзҳои нав», «Гулдӯзии тоҷикӣ дар ороиши дохилӣ» ва ғайра) | 7 (9,7) |

| | |
|---|---|
| Иштирок дар таҳқиқоти гуногуни илмӣ-эҷодӣ, олимпиадаҳои шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ доир ба технология | 7 (9,7) |
| Ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар дарсҳо (омӯзиши ҳамаҷониба) | 0 (0) |

Ба назари омӯзгорон чунин мерасад, ки барои таълими ҳунарҳои тоҷикии занона бурдани духтарон ба экскурсия ё вохӯрӣ бо ҳунармандони мардумӣ кифоя аст ва маҳорати сохтани маҳсулоти дастӣ дар заминаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ҳатмӣ нест. Баъзе омӯзгорон иштибоҳан чунин меҳисобанд, ки барои азхуд кардани намудҳои ҳунарҳои занонаи тоҷикӣ ба хонанда анҷом додани корҳои мутолиаи адабиёти мухталифи мардумшиносӣ, ташриф ба бойгонӣ ва музейҳо кифоя мебошанд, аммо онҳо инро фаромӯш мекунанд, ки анъанаҳои ҳунарҳои занонаи тоҷикӣ на танҳо аз дониши таърихии мавод иборатанд, балки инчунин маҳоратҳои гулдӯзӣ, бофандагӣ, донистани сурудҳо, бозиҳо ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Духтарон вақте ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро меомӯзанд, ки ҳамаи ин методҳо ва шаклҳо ба таври ҳамаҷониба омехта карда мешаванд. Масалан, омӯзгори технологӣ оид ба гулдӯзии тоҷикӣ машғулиятҳоеро мегузаронад, ки ба онҳо устодони халқии ҳунари мазкурро даъват менамояд, бо духтарон ба намоишгоҳҳо рафта, экскурсияҳоро ба осорхонаҳои кишваршиносӣ ва бадеӣ ташкил карда, маҳфилҳоро мегузаронад ва ғайра. Дар асоси ин донишҳо хонандагон лоиҳаҳои эҷодиро амалӣ намуда, онҳоро дар машғулиятҳо бо истифода аз муаррифии мултимедия ҳимоя карда, бо маҳсулот ва лоиҳаҳои худ дар намоишҳои ҳунарҳ ои мардумӣ иштирок мекунанд.

Минбаъд, мо тасмим гирифтем то маълум созем, ки омӯзгорони технология сатҳи омодагии худро барои истифодаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар фаъолияти касбии худ чӣ гуна арзёбӣ мекунанд (ниг.: ҷадвали 5). Бояд қайд кард, ки аз ҷумлаи посухдиҳандагон ягон омӯзгори технология ба таври маҷмӯӣ тамоми технологияҳои ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро аз худ накардааст.

Ҷадвали 5. Арзёбии технологияҳои сатҳи омодагии омӯзгорони технология барои истифодаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар фаъолияти касбӣ.

| **Сатҳи омодагӣ** | **Шумораи омӯзгорон (%)** |
|---|---|
| Баланд | 0 |
| Миёна | 24 (13) |
| Паст | 30 (87) |

Ҳамин тавр, ба саволи навбатии «Ба назари Шумо, оё ҳангоми омодасозии омӯзгорони технология ҷорикунии ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ба раванди тахлими муассисаи таҳсилоти умумӣ зарур аст?» ҷавобҳои зерин гирифта шуданд: «Ҳа» - 87%; «Қисман ҳа» - 1,8%; «Намедонам» 5,6% ва «Не» - 5,6%. Аксари омӯзгорони посухдиҳанда чунин мешуморанд, ки дониши дар муассисаи таҳсилоти олӣ гирифташуда барои фаъолияти минбаъдаи касбӣ кофӣ нест.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки омӯзгорон ба такмили ихтисоси худ ниёзи ҷиддиро эҳсос мекунанд: 55,5% омӯзгорони посухдиҳанда чунин мешуморанд, ки дониш ва малакаҳои дар муассисаи таҳсилоти олӣ бадастомада барои фаъолияти минбаъдаи касбӣ дар шароити муосир нокофӣ мебошанд. Дар охири пурсиш аз ҷониби омӯзгорони технология хоҳишоти зерин иброз гардиданд:

– бояд бештар машғулиятҳои амалӣ доир ба намудҳои анъанавии ҳунарҳои тоҷикӣ, аз рӯйи методика ва таҳияи дарсҳо гузаронида шаванд;

– ба раванди таълим усулҳои муосири коркарди мавод ворид карда шаванд;

– экскурсияҳо барои шиносоӣ бо асарҳои устодони халқӣ ташкил карда шуда, мастер-классҳо бо иштироки онҳо гузаронида шаванд;

– намоишгоҳҳои корҳои лоиҳавии хонандагон гузаронида шуда, дар озмунҳои сатҳҳои гуногун (ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ) ширкат варзида шавад;

– ба хонандагон на танҳо худи ҳунар, балки инчунин маҳорати истифода бурдани он дар фаъолияти педагогии худ ҳангоми кор бо духтарон омӯзнида шавад;

– барномаҳои нави таълимӣ тартиб дод шуда, барномаҳои мавҷуда мавриди таҷдиди назар ва иловакунӣ қарор дода шаванд;

– ба қадри имкон ҳарчӣ бештар намудҳои ҳунарҳои халқӣ барои тавсеаи майдони фаъолият омӯхта шуда, дар бораи онҳо на танҳо тасаввурот, балки инчунин малакаҳои касбии кор доштан лозим аст;

– омӯзгори технология бояд ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро дониста, усулҳо ва технологияи асосии истеҳсоли маҳсулотро дар заминаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дониста, инчунин методикаи таълими ин ҳунарҳоро ба насли ҷавон аз худ кунад.

Тадқиқоти аз ҷониби мо гузаронидашуда имкон дод, ки хулосаи зерин бароварда шавад: сатҳи умумии омодагии омӯзгорони технология ба истифодаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар фаъолияти касбӣ паст боқӣ монда, фаъолияти омӯзгорон бо шаклу методҳо маҳдуд буда, аз ҷиҳати мазмун ғайрисамаранок буда, дар бораи методикаи истифода ва технологияи истеҳсоли маҳсулот дар заминаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона маълумоти кофӣ надоранд.

Бояд зикр намуд, ки вазъи амалияи воқеии педагогӣ имрӯз бо рушди фаъоли равандҳои инноватсионӣ тавсиф мешавад, ки яке аз натиҷаҳои он талаботҳои нав ба фаъолият ва шахсияти мутахассис мебошад. Ҷомеаи муосир ба мутахассисони тшаббускор ва мустақиле ниёз дорад, ки қобиланд маҳорати касбӣ ва сатҳи маънавии шахсиятии худро доимо такмил диҳанд.

Мавҷуд набудани омӯзиши низомноки ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ҳамчун ҷузъи зарурӣ дар омодасозии омӯзгори технология тибқи тавсифи тахассусӣ ва стандарти давлатии таҳсилот қайд карда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои корӣ, инчунин натиҷаҳои пурсиши донишҷӯёни ихтисоси технология ва омӯзгорони технологияе, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кор мекунанд, имкон доданд, оид ба он хулоса барорем, ки ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ҷузъи муҳимми мазмуни раванди таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд, ки ба омодасозии омӯзгорони технология дар шароити муҳити гуногунэтникӣ, ҳам этнофарҳангӣ нигаронида шудааст, ки дар он фаъолияти касбии онҳо сурат мегирад.

Чунин муносибат имкон медиҳад:

– насли наврас дар рӯҳияи анъана ва арзишҳои санъати халқи тоҷик тарбия карда шавад;

– ба ташаккули донишҳои технологӣ дар бораи таърих ва фарҳанги ватани худ, дар мавриди мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар омӯзгорони ояндаи технология мусоидат хоҳад кард;

– барои татбиқи муносибати кишваршиносӣ дар соҳаи маориф шароит фароҳам меорад, ки омӯхтани дониш ва маҳоратҳои касбии заруриро дар мавод ва таҷрибаи маҳаллӣ, ки воситаи муҳимтарини таълим мебошанд, пешбинӣ менамояд;

– ҳалли масъалаҳои ҳифз ва рушди ҳунарҳои мардумии халқиро дар заминаи омӯзиш, барқарорсозӣ ва тафсири эҷодӣ, ки бо омезиши беҳтарини донишҳо, маҳоратҳои зарурӣ, ба шумули маҳоратҳои коркарди эҷодӣ, дар намудҳои гуногуни ҳунарҳои бадеии халқӣ, аз ҷумла ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона таъмин менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Арабов, И.А. Воспитание семянина в традициях восточной культуры [Текст] / И. Арабов.– М.: «Илекса». 2008. – 351с.

2. Ашмарин. II.И. Болгары и чуваши / Н.И. Ашмарин. – Казань: Тппо- литогр. Императ. vн-та. 1902. – 76 е.

3. Богуславская. И.Я. Проблемы традиций в искусстве современных народных художественных промыслов / И.Я. Богуславская // Творческие проблемы современных народных художественных промыслов: сб. статей. - СПб.: Художник РСФСР, 1981. – С. 16 – 43.

4. Волков. Г.Н. Трудовые традиции чувашского народ: этнопедагогический очерк / Г.Н. Волков. Чебоксары: Чуваш. кн. изд-во. 1970. – 96 с.

5. Волков, Г.Н. Чувашская народная педагогика / Г.Н. Волков. Чебоксары: Чуваш, кн. изд-во. 1958. – 178 с.

6. Григорьев. А.Г. У истоков профессионального изобразительного искусства Чувашии / А.Г. Григорьев. – Чебоксары: Чуваш. кп. изд-во. 1978. - 95 с.

7. Иванов. Г.Н. К вопросу об уровне изученности чувашского народного костюма / Г. Ы. Иванов // Вопросы истории и теории искусств: сб. статей. – Чебоксары. 1992. – С. 159–182.

8. Каховский. В.Ф. Памятники истории и культуры Чувашской АССР / В.Ф. Каховский. – Чебоксары: Чуваш. кн. идя.-во. 1969. – 120 с.

9. Каховский. В.Ф. Происхождение чувашского народа / В.Ф. Каховский. – Чебоксары: Чуваш, кн. изд-во, 1965. – 484 с.

10. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. 2006. – 18 с.

11. Лутфуллозода, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. [Текст] / М. Лутфуллозода. – Душанбе, 2015. – 704 с.

12. Мирзоева. Б. Омода намудани омӯзгорони ояндаи фанни технология ва соҳибкорӣ тавассути ҳунарҳои анъанавии занонаи тоҷикӣ дар замони муосир. [Текст]: автореф. дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм. пед. - Душанбе. 2019. – 26 с.

13. Никольский. Н. В. Собрание сочинений. Труды по этнографии и фольклору чувашского народа / Н.В. Никольский. – Чебоксары: Чуваш, кн. изд-во, 2004. – Т. I. – 527 с.

14. Никитина, Г.А. Чувашское народное декоративно-прикладное искусство в формировании эстетической культуры подростков: 13.00.01 / Г. А. Никитин. – Чебоксары, 1997. – 216 с.

15. Орифи, М., Орифи, М. (Арипов). Из истории педагогической мысли таджикского народа [Текст] / М. Орифи. – Душанбе: Ирфон. 1962. – 112 с.

16. Трофимов. А. А. Искусство: избранные труды: / А.А, Трофимов. – Чебоксары: ЧГИГН, 2005. – 604 с.

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИДОРАКУНИИ ДИРЕКТОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

***ВОСИДОВА Шаҳноза Миралиевна*** – *директори муассисаи таҳсилоти умумии № 80, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 234, н. И. Сомонӣ,* ***E-mail:*** *mtmu80@jmail.com,* ***тел:.*** *+(992) 917 53 66 11*

***АБДУРАҲМОНОВ Наврӯз Нурмаҳмадович*** – *муовини директор оид ба таълими муассисаи таҳсилоти умумии №80, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 234, н. И. Сомонӣ,* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***тел:.*** *+(992) 919 36 60 18*

Мақола ба масъалаи умдаи таҳсилоти муосир – масъалаи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва роҳбарии директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида шудаст. Зимни таҳлили адабиёти марбутаи психологӣ ва педагогӣ салоҳияти идоранамоии директори мактаб ҳамчун сифати маҷмӯии касбӣ-шахсӣ ӯ арзёбӣ мегардад, ки дар қобилияти ҳалли муаммоҳои ва вазифаҳои рӯзмарраи касбии дар вазъиятҳои воқеии фаъолияти касбӣ ва идоранамоӣ ба вуҷудомада арзёбӣ мегардад. Дараҷаҳои функсионалӣ, ибтикорӣ ва арзишии ташаккули салоҳияти идоранамоии директории мактаб ҷудо карда мешаванд. Принсипҳо ва шароитҳои ташаккули салоҳияти идоранамоии директории мактаб пешниҳод мегарданд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *салоҳият, салоҳияти идоранамоии директории мактаб, дараҷаҳои ташаккули салоҳияти идораномоӣ, принсипҳо ва шароитҳои ташаккули салоҳияти идоранамоии директори мактаб.*

## ФОРМИРОВАНИЕ УПРАВЛЕНЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ ДИРЕКТОРА СРЕДНЕГО ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ

***ВОСИДОВА Шахноза Миралиевна*** – *директор общеобразовательного учреждения № 80, г. Душанбе, ул. Р. Набиева, 234,* ***E-mail:*** *mtmu80@jmail.com,* ***тел:.*** *+(992) 917 53 66 11*

***АБДУРАХМОНОВ Навруз Нурмахмадович*** – *заместитель директора по учебной части общеобразовательного учреждения № 80, г. Душанбе, ул. Р. Набиева, 234,* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***тел:.*** *+(992) 919 36 60 18*

Статья посвящена актуальной для современного образования проблеме – формирование управленческой компетентности директоров общеобразовательных учреждений. На основе анализа соответствующей психологической и педагогической литературы управленческая компетенция директора среднего общеобразовательного учреждения представляется как интегративное профессионально-личностное качество личности, которая в реальных ситуациях профессиональной и управленческой деятельности. Выделяются функциональный, инновационный и ценностный уровни формирования управленческой компетентности директора среднего общеобразовательного учреждения. Предлагаются принципы и условия формирования управленческой компетентности директора среднего общеобразовательного учреждения.

***Ключевые слова:*** *компетентность, управленческая компетентность директора школы, уровни формирования управленческой компетентности, принципы и условия формирования управленческой компетентности.*

## FORMATION OF THE MANAGEMENT COMPETENCE OF THE SCHOOL DIRECTOR

***VOSIDOVA Shakhnoza Miralievna*** - *director of general educational institution No. 80, Dushanbe, R. Nabiev street,234,* ***E-mail:*** *mtmu80@jmail.com,* ***mob.:*** *+(992) 917 53 66 11*

***ABDURAKHMONOV Navruz Nurmakhmadovich*** - *Deputy Director for Academic Affairs of General Education Institution No. 80, Dushanbe, R. Nabiev Street, 234,* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***mob.:*** *+(992) 919 36 60 18*

The article is devoted to an urgent problem for modern education - the formation of managerial competence of directors of educational institutions. Based on the analysis of the relevant psychological and pedagogical literature, the managerial competence of a school director is presented as an integrative professional and personal quality of a person, which in real situations of professional and managerial activity. The functional, innovative and value levels of the formation of the managerial competence of the school director are highlighted. The principles and conditions for the formation of the managerial competence of the school director are proposed.

***Key words:*** *competence, managerial competence of a school director, levels of formation of managerial competence, principles and conditions for the formation of managerial competence.*

Рушди минбаъдаи тамаддуни инсонӣ на танҳо аз пешрафти иқтисодиёт, балки инчунин аз рушди шахсият вобастагӣ дорад. Ин аст, ки имрӯзҳо зарурияти гузариш аз

мафҳуми «захираҳои инсонӣ» ба мафҳуми «салоҳиятҳои инсон» пеш омадааст. Консепсияи мазкур ҳамаҷониба ба эътибор гирифтани манфиатҳои инсонро пешбинӣ менамояд. Ин бошад, соҳиб будан ба салоҳияти касбӣ, донишу маҳорат ва малакаҳои барои рушди маданият, ҳифзи муҳити атроф ва рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат муҳимро тақозо мекунад.

Салоҳият маънои қобилияти устуворро ба фаъолиятро дошта, хусусиятҳои зеринро фаро мегирад:

- дарки амиқи моҳияти вазифаҳо ва масъалаҳои ҳалшаванда;
- донистани таҷрибаи дар соҳаи додашуда мавҷуда ва фаъолона аз худ намудани он;
- маҳорати интихоби восита ва усулҳои ба вазъиятҳои мушаххас мувофиқ;
- эҳсоси масъулият аз натиҷаҳои бадастомада.

Зимни таҳлили адабиёти марбута хулоса намудан мумкин аст, ки салоҳияти касбӣ – ин маҷмӯм салоҳиятҳои калидӣ, заминавӣ ва хусусӣ мебошад [6][8][9].

Салоҳиятҳои калидӣ – салоҳиятҳое мебошанд, ки барои дилхоҳ фаъолияти касбӣ муҳим буда, ба муваффақияти шахс дар олами тағйирпазир марбутанд. Онҳо дар қобилияти ҳалли масъалаҳои касбӣ зимни истифодаи итиллоот, иртибот, аз ҷумла бо забони хориҷӣ, асосҳои иҷтмоӣ-ҳуқуқии рафтори шахс дар ҷомеаи шаҳрвандӣ зоҳир мегарданд.

Салоҳиятҳои заминавӣ махсусияти фаъолияти муайяни касбиро (педагогӣ, тиббӣ, муҳандисӣ ва амсоли ин) инъикос мекунанд. Барои фаъолияти касбии идоранамоӣ салоҳиятҳои заминавӣ салоҳиятҳое маҳсуб меёбанд, ки барои ташкили фаъолияти касбӣ зимни доираи мавҷудаи талабот ба роҳбар муҳимманд.

Салоҳиятҳои хусусӣ махсусияти фаъолияти касбии мушаххасро инъикос мекунанд. Ба сифати салоҳиятҳои хусусии роҳбари мактаб татбиқи салоҳиятҳои калидӣ ва заминавиро дар идоранамоии муассисаи таълимӣ баромад мекунанд.

Салоҳиятҳои калидӣ, заминавӣ ва хусусӣ дар робитаи зичи байниҳамӣ қарор дошта, дар раванди ҳалли масъалаҳои мухталифи касбӣ зоҳир мегарданд.

Сифати ташаккул ва инкишофи шахсияти роҳбарони мактаб аз бисёр ҷиҳат мазмуни такмили таҳсилотро дар мактаб муайян месозад ва чун омили муҳими пешрафти он баромад мекунад. Аз ин лиҳоз, коркарди назария ва амалияи ташаккули салоҳияти касбии роҳбарони мактаб аҳамияти хосаро касб мекунад. Масъалаи мазкур дар корҳои таҳқиқотии Ю.В. Васильев, Ю.А. Конаржевский, В.Ю. Кричевский, В.Г. Куценко, О.Е. Лебедев, В.Н. Максимова, С.В. Орлова, Р.Х. Шакурова ва дигарон маврид омӯзиш қарор гирифтаанд. Ин таҳқиқотҳо имконият доданд душвориҳо ва муаммоҳои маъмул дар фаъолияти роҳбарони мактаб ошкор гардида, табиати онҳо, нақши онҳо дар рушди низоми маориф муайян гарданд.

Зимни таҳлили адабиёти мазкур хулоса намудан мумкин аст, ки салоҳияти касбии директори мактаб – ин сифати маҷмӯии касбӣ-шахсии ӯ буда, дар қобилияти ҳалли муаммо ва вазифаҳои рӯзмарраи касбӣ, ки дар вазъиятҳои воқеии фаъолияти касбӣ ва идоранамоӣ ба вуҷуд омада, ҷалби донишҳо, таҷрибаи касбию ҳаётӣ, арзишҳо ва қобилиятҳоро талаб мекунанд, ифода меёбад. Салоҳият ҳамеша дар фаъолият зоҳир мегардад. Салоҳияти касбии директор ҳангоми ҳалли вазифаҳои касбии идоранамоӣ зоҳир мегардад. Табиати салоҳият дар он аст, ки он танҳо дар сурати шавқмандии амиқи шахсӣ ба фаъолияти додашуда ташаккул ва инкишоф меёбад. Салоҳияти касбии директории мактаб сохтори мураккаб дошта, аз маҷмӯи маромҳо, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои роҳбарӣ мувофиқанд, донишу маҳорат ва малакаҳои ҳалли амалии вазифаҳои идоравӣ, қобилияти пешбинӣ намудан ва арзёбӣ карда тавонистани фаъолияти худ, вобаста аз имкониятҳои худ ва вазъияти додашуда, иборат аст. Ташаккули салоҳияти касбии директории мактаб танҳо дар сурати қобил будани ӯ ба худташкилнамоӣ ва худтатбиқнамоии зарфиёти инсонияш (захираҳои маънавӣ-ахлоқӣ, психофизиологӣ, иҷтимоӣ-маданӣ ва амсоли ин) имконпазир мегардад.

Зери мафҳуми ташаккул мо аз ҷониби субъект ҳадафмандона аз худ гаштани шаклҳои комили амалро дар назар дорем. Аз ҷониби роҳбари мактаб аз худ намудани шаклҳои комили амал на танҳо фаъолияти ӯ, балки худи ӯро низ дигаргун месозад. Ташаккули салоҳияти касбии роҳбари мактаб аз се ҷузъ таркиб ёфтааст: фаъолияти заминавии (роҳбарикунанда) субъект, ибтикорот ва қобилияти интихоби масъулонаи ибтикорот. Ҳамин тариқ, ташаккули салоҳияти роҳбарӣ дар се дараҷаи рафтори роҳбари мактаб ифода меёбад.

Дараҷаи аввалро – дараҷаи амалкард номидан мумкин аст. Дар ин дараҷаи ташаккули салоҳияти касбӣ роҳбар фаъолияти рӯзмарраи заминави (роҳбарикунанда)-ро иҷро мекунад, ки зимни дастурҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим мегарданд. Дар дараҷаи мазкур роҳбар барои иҷрои босифати технологияи раванди идоракунӣ бо дарназардошти меъёрҳои муайян мекӯшад.

Дараҷаи дуюм – дараҷаи ибтикорот (инноватсия) мебошад. Азхуд намудани ибтикороти берунӣ ё худ коркарди ибтикороти хусусӣ мавҷудияти маромеро дар назар дорад, ки роҳбарро ба эҷодиёт водор сохта, дар қобилияти муайян намудани ҳадафҳои рушди худ зоҳир мегардад. Қабули қарор аз ҷониби роҳбар ҷиҳати инкишофи фаъолияти заминавии роҳбарикунандаи худ зимни барномаи ташаккулдиҳанда, ҷанбаи муҳимми рафтори роҳбар дар дараҷаи мазкур маҳсуб меёбад.

Дараҷаи сеюм – дараҷаи арзишҳост. Ин дараҷа самти арзишии ташаккули салоҳияти касбии роҳбарро ифода мекунад. Ба андешаи мо, танҳо таркиби ин се дараҷа дар фаъолияти касбии роҳбари мактаб ташаккули салоҳияти касбии ӯро таъмин месозанд.

Барои ташаккули самараноки салоҳияти касбии директории мактаб, ба андешаи мо, шароитҳои зерин мусоидат мекунанд:

- мавҷудияти стратегияи умумии ташаккули салоҳияти касбии роҳбарони мактаб дар низоми таҳсилоти баъдидипломӣ;
- мазмуни инсонмеҳварӣ доштани амсилаи фаъолияти идоранамоӣ;
- шаклпазир будани (вариативнокии) барномаи ташаккули салоҳияти касбии роҳбарони мактаб дар низоми таҳсилоти баъдидипломӣ;
- ба эътибор гирифтани вазъиятҳои хос ва имкониятҳои идоранамоии категорияҳои гуногуни роҳбарони мактабҳо дар раванди ташаккули салоҳияти касбии онҳо;
- барои ҳар як категорияи роҳбарони мактаб мазмун ва шаклҳои мувофиқи ташкили барномаи ташаккулдиҳандаро ба роҳ мондан;
- роҳбарои мактабро ҷиҳати дигаргун намудани маромҳои арзишноки идоранамоӣ, аз худ гаштани донишу маҳорат ва малакаҳои идоранамоии самаранок, ташаккул додани талабот ба худтаҳлилнамоӣ, ва хусусиятҳои мувофиқи шахсияшон ба фаъолияти фаъолонаи маърифатӣ ва амалӣ ворид намудан;
- ташкил намудани ҳамкории шабакавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки раванди ҳамроҳии фардии роҳбарони мактабро таъмин менамоянд;
- мониторинги самаранокии фаъолияти роҳбарони мактабро роҳандозӣ намудан.

Барои ташкили шароитҳои дар боло зикргардида риояи принсипҳои зерини ташкили раванди инкишофи салоҳияти касбии роҳбарон дар рафти такмили ихтисос мувофиқи мақсад хоҳад буд:

1. Принсипи мутобиқшавандагии раванди таълим, ки ба эътибор гирифтани хусусияти мушкилоти роҳбарони мактабро дар раванди фаъолияти касбияшон дар назар дорад.
2. Пинсипи афзалияти фаъолияти худтаълимгирии роҳбарон дар самти инкишофи салоҳияти касбӣ.
3. Принсипи бонизомии таълим, ки мувофиқати ҳадафҳо, мазмун, шакл, методҳо ва воситаҳои таълим ва арзёбии натиҷаҳоро дар назар дорад.
4. Принсипи ягонагии худтаълимгирӣ ва таълими муташаккили роҳбарон.
5. Принсипи такя намудан ба таҷрибаи касбии роҳбарон, таҳлили душвориҳо ва муаммоҳо дар кори муассисаи таълимӣ.
6. Принсипи фардигардонӣ – интихоби хатсайри беҳтраини (оптималии) таълимии роҳбар дар мувофиқа бо дараҷаи салоҳияти касбӣ ва омодагӣ ба фаъолияти худтаълимгирӣ дар ӯ.

Дар умумият, ба андешаи мо, мафҳуми «салоҳияти касбӣ» тағйирпазир, рушдёбанда буда, марбути вазъияти мушаххаси таърихиест, ки дар дар он фаъолияти касбӣ сурат мегирад.

Раҳёфтҳои гуногунро ба мазмуни мафҳуми «салоҳияти касбии мутахассис» ҷамъбаст намуда, хулоса намудан мумкин аст, ки салоҳияти касбии роҳбари мактаб – ин қобилияти оҷилан ҳал намудани проблемаҳо ва масъалаҳо дар асоси донишу таҷрибаи дар раванди таҳсилот андӯхташуда мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Васильев, Ю.В. Педагогическое управление в школе: методология, теория, практика.- М.: Педагогика, 1990. - 141с.
2. Конаржевский, Ю.А. Педагогический анализ учебно-воспитательного процесса и управление школой. - М.: Педагогика, 1986. - 143с.
3. Кричевский, В.Ю. Директор-демократ //Управление деятельность профессиональная: Сб. статей /Под ред. В.Ю. Кричевского. - СПб.: ГУПМ. - 2001.- С. 28-49.
4. Куценко, В.Г. Речевое мастерство педагога - руководителя //Управление - деятельность профессиональная: Сб. статей /Под ред. В.Ю. Кричевского. - СПб.: ГУПМ, 2001. - С. 5-18.
5. Лебедев, О.Е., Неупокоева Н.И. Цели и результаты школьного образования: Методические рекомендации. - СПб.: СПГУПМ, 2001. - 52с.
6. Лутфуллозода, М., Бобизода, Ғ.М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. - Душанбе - 2017. - 88с.
7. Максимова, В.И. Повышать квалификацию руководящих кадров //Сов. Педагогика, 1988. - №4.- С. 70-73.
8. Мелинцева, И. П. Компетентностный подход в образовании [Текст] // Педагогическое мастерство: материалы II Междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012. — URL https://moluch.ru/conf/ped/archive/65/3148/ (дата обращения: 20.01.2020).
9. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ). Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. – Душанбе: «Ирфон», 2018. – 72 с.

10. Орлова, С.В. Авторитет руководителя школы как фактор повышения эффективности его управленческой деятельности. Автореф. к.п.н. - СПб., 1999. – 19 с.
11. Шакуров, Р.Х. Социально-психологические проблемы руководства педагогическим коллективом. - М.: Педагогика, 1982. - 208с.

## ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

***ГУЛМАДОВ Файз*** *- доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126,* ***тел.:*** *(+992) 919 63 67 34*

***МАДАТЗОДА Манзура*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсети кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121,* ***тел.:*** *(+992) 987 92 22 00*

Дар мақола масъалаҳои мубрами баланд бардоштани сифати таҳсилот дар заминаи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба талаботи замони муосир таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, дар мақола натиҷаҳои таҳлили назариявӣ, самарабахшии маҷмӯи шароитҳои педагогии омилҳои баланд бардоштани сифати таълим дар заминаи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф муайян карда шудааст.

Таъкид карда мешавад, ки масъалаи амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим моҳиятан, бо тағйироти ҳамаҷониба дар ҳаёти ҷомеа алоқаманд аст, ки афзалиятнок гардида, ба мадди аввал мебарояд. Маҳз бо ҳамин мубрамияти масъалаи татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим ва тарбияи муассисаи таҳсилоти умумӣ асоснок карда мешавад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *муносибати босалоҳият ба таълим, муассисаи таҳсилоти умумӣ, сифати таълим, дониш, маҳорат, малака, хонанда, омӯзгор.*

## ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ КОМПЛЕКСНОГО ПОДХОДА К ОБУЧЕНИЮ КАК ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ

***ГУЛМАДОВ Файз*** *– доктор педагогических наук, заведующий отделом теории и истории педагогики Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,* ***тел.:*** *(+992) 919 63 67 34*

***МАДАТЗОДА Манзура*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, г. Душанбе, проспект Рӯдаки,121,* ***тел.:*** *(+992) 987 92 22 00*

В статье, исходя из современных требований, анализируются актуальные вопросы повышения качества образования в средних общеобразовательных учреждениях на основе осуществления комплексного подхода к обучению.

Приведены результаты теоретического анализа, комплекс эффективных педагогических условий осуществления компетентностного подхода в обучении в средних общеобразовательных учреждениях в условиях реформы образования.

Указывается, что проблема осуществления компетентностного подхода в обучении по существу связано с всесторонними изменениями происходящими в общественной жизни, что приобретает приоритетность проблемы и поднимается на первое место. Именно, этим и обосновывается актуальность реализации компетентностного подхода в обучении в процессе обучения в средних общеобразовательных учреждениях.

***Ключевые слова:*** *компотентный подход к обучению, общеобразовательное учреждение, качество образования, знание, умение, ученик, учитель.*

## IMPLEMENTATION OF AN INTEGRATED APPROACH TO TRAINING AS A FACTOR OF INCREASING THE QUALITY OF EDUCATION

***GULMADOV Faiz*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Theory and History of Pedagogy of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, S. Ayni. St. 126,* ***mob.:*** *(+992) 919 63 67 34*

***MADATZODA Manzura*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Dushanbe city, Radaki avenue, 121,* ***mob.:*** *(+992) 987 92 22 00*

Based on modern requirements, the article analyzes the topical issues of improving the quality of education in secondary educational institutions based on the implementation of an integrated approach to teaching.

The results of theoretical analysis, a complex of effective pedagogical conditions for the implementation of the competence-based approach in teaching in secondary educational institutions in the context of the education reform are presented.

It is pointed out that the problem of the implementation of the competence-based approach in teaching is essentially associated with all-round changes taking place in public life, which acquires the priority of the problem and rises to the first place.

Namely, this justifies the relevance of the implementation of the competence-based approach in teaching in the learning process in secondary educational institutions.

***Key words:*** *compotent approach to teaching, educational institution, quality of education, knowledge, skill, pupil, teacher.*

Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи инкишоф, нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани неруи ақлонӣ ва маънавии ҷомеа аҳамияти махсус касб менамояд. Чунки ҷаҳони имрӯза ҳамеша дар тағйир ва таҳаввулу инкишофёбанда буда, ба он хусусияти махсуси ноустуворӣ, зуд ивазшавии ахбор хос мебошад. Вобаста ба ин, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа низ дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд. Соҳаи маориф низ аз ин таҳаввулот истисно нест. Вобаста ба ин, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти соҳаи маориф бо маром идома дорад. Дар ин самт иқдомоти тоза рӯйи кор омада истодаанд. Яке аз ин иқдом дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим мебошад. Қобили зикр аст, ки бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим корҳои зиёде ба сомон расонида шуда истодааст. Аз ҷумла, стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълим, модулҳои таълимӣ, роҳнамоҳои таълим барои омӯзгорон таҳия ва чоп карда шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки низоми таълим дар робита бо замона марому мазмунашро тағйир медиҳад. Албатта, низоми таълим ба куллӣ дигар карда намешавад. Танҳо вобаста ба талаби замон ба мазмуни таълим, алалхусус сифати таҳсилот дигаргуниҳо ворид карда мешавад. Беш аз ин, замона, нисбат ба беҳтаршавии сифати таҳсилот дархости худро ба миён мегузорад. Мо вазифадорем, ки пеш аз ҳама таҳаввули ҷомеаи муосир ва баъд талаботу дархостҳои онро дарк намуда, хонандагонро ба таълиму тадрис фаро гирем.

Бояд зикр намуд, ки ҳарчанд имрӯз технологияҳои нави таълим, роҳу усулҳои он дигар шуда бошанд ҳам, аммо муаллим дар мактаб ҳамчун шахси асосӣ боқӣ мемонад. Ҷой ва мавқеи муаллимро ягон чиз иваз карда наметавонад. Ҳамзамон, имрӯз талабот нисбат ба салоҳиятнокии муаллим низ меафзояд.

Дар муассисаҳои таълимӣ ҳангоми паст будани сифати дониши хонандагон омӯзгорон, роҳбарияти мактаб масъулиятро ба зиммаи якдигар ҳавола мекунанд. Масалан, дар мактаб дониши хонандагонро санҷида, эълон мекунанд, ки бештари хонандагон баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд. Дар ин ҷо, ба ақидаи мо, аввал бояд омилҳои паст будани дониши хонандагон аниқ карда шавад. Дар муассисаҳои таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад, ки ҳангоми аз кори санҷишӣ баҳои «2» гирифтани хонандагон омӯзгорону маъмурияти мактаб сабаби дониши паст доштани хонандагонро ҷуста бошанд.

Дар ҷамъомадҳо омӯзгорро сарзаниш мекунанд, танбеҳ медиҳанд ва ғайраву ҳоказо. Аммо маъмурияти мактаб масъулиятро аз зиммаи худ дур мекунад. Ё худ хонанда аз мактаб хаста, бо димоғи сӯхта ба хона меояд. Сабаб дар чист? Ба ақидаи мо, сабаб дар он аст, ки мактаб ҳанӯз ба ҷойи дӯстдоштаи ӯ табдил наёфтааст. Мактаб ҳанӯз майлу рағбат ва ҳавасмандии ӯро ба илмомӯзи бедор накардааст. Ё ин ки омӯзгор барои пешбурди дарс дорои салоҳияти касбӣ нест. Инро бояд маъмурияти мактаб омӯзад ва хулоса барорад. Ба таври дигар гӯем, дар ҷараёни дарс ба хонанда монеаҳои зиёд пеш омадааст ва ӯ қодир нест, ки ин мушкилиҳоро мустақилона паси сар намояд. Ӯ мудом дар ҳолати изтироб қарор дорад, ки ин ба ҳолати рӯҳии вай таъсири манфӣ мерасонад. Маълум аст, ки дар ин лаҳза мушкилкушои ӯ омӯзгор ба шумор меравад. Магар муаллим ин ҳолати хонандаро ҳис карда метавонад? Дар бисёр маврид не.

Вақте ки муаллим ба гузаронидани машғулият тайёрӣ мебинад, ӯ бояд ба ҳисоб гирад, ки дарс барои хонанда хастакунанда, номуназаму аз ҳар куҷо порча-порча гирдовардашудаю хусусияи ахборӣ дошта набошад. Муаллим ҳангоми дарс бояд пеш аз ҳама дар фикри он бошад, ки муносибат бо хонанда чӣ гуна сурат мегирад, яъне ба хонанда имконият фароҳам оварад, ки ӯ фикрашро озодона баён намояд, масъалагузорӣ кунад ва ғайра. Ё худ муаллим шогирдонашро чунин метарсонад. Баъди як ҳафта ба мактабамон комиссия меояд, агар касе, ки дарсҳоро хуб тайёр накунад, аз худаш хафа шавад ва монанди инҳо.

Бисёр ташвишовар аст, ки баъзе муаллимон ҳар рӯз як қисми хонандагонро таъриф мекунанду гурӯҳи дигарро сарзаниш. Оқибати чунин рафтор ба он оварда

мерасонад, ки дар хонандагони хубу аълохон бепарвоӣ, бахилӣ пайдо шуда, хонандагони сустхон боз ҳам бепарвотар мегарданд. Хулоса, дар маркази диққати муаллим бояд тарбияи инсони комил қарор гирад.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳанд, ки вақти беҳудаи муаллимон барои тарбияи ояндаи инсони бомаърифат не, балки ба корҳои дуюмдараҷаву сеюмдараҷа сарф мешавад. Ин ҷо ҳуҷҷатгузориҳои зиёд, ки омӯзгор омода месозаду вақти пурқимматашро сарф менамояд, дар назар дошта мешавад. Инчунин санҷишҳои паёпайи нодаркор, дахолати бемақсади баъзе сохторҳои ба мактаб таалуқ надошта ба сифати таҳсилот халал ворид месозанд. Муаллим, ки мудом аз пайи «қоғазбозӣ» бошад, пас ӯ чӣ гуна дарси шавқовар гузаронида метавонад.

Бояд зикр намуд, ки баланд бардоштани сифати таҳсилот доманадор буда, дар муносибати байни сардори мактабу муаллимон ва падару модарон низ зуҳур меёбад. Бинобар ин, сифати таҳсилотро дар мактаб кӯркӯрона, ба таври сунъӣ боло бардоштан нашояд. Имрӯз муаллим аз рӯи ин ё он метод бо муваффаққият кор мекунад, аммо пагоҳ ва пасфардо кафолат дода метавонем, ки ӯ аз рӯи ин усул бомуваффақият кор карда метавонад? Муҳим он аст, ки дар фаъолияти педагогии муаллим сохтакорӣ вуҷуд надошта бошад.

Вақте ки мо баланд бардоштани сифати таҳсил мегӯем, он чизро ба инобат гирифтан даркор, ки ҳар як хонанда боварӣ ҳосил карда тавонад, ки ӯ дар назди омӯзгор шахсият аст, нисбат ба ӯ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, барои ӯ заҳмат мекашанд, чизи хубтару беҳтареро мехоҳанд ва ғайра. Ҳамин тавр, омӯзгор ҳам ҳис мекунад, ки ӯ барои хонанда кӣ ҳаст. Аз ин рӯ, муносибати муаллиму хонанда бояд дар асоси ҳурмату эҳтироми самимии тарафайн сурат гирад.

Хулоса, имрӯз масъалаи баландбардории сифати таҳсилот дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ба масъалаи аз ҳама муҳим табдил ёфта, зери таваҷҷуҳи олимону коршиносон ва омӯзгорон қарор дорад. Баландбардории сифати таҳсилот аз ҷониби дигар имконият медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шавад.

Имрӯз татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маҳсуб мешавад. Қобили зикри махсус аст, ки татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ба ташаккули донишу малакаҳо мусоидат намуда, шароит фароҳам меорад, ки неруи ақлонии хонанда рушд ёбад. Аз ҷониби дигар, татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим яке аз ҳадафҳое мебошад, ки дар «Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012 – 2020» зикр ёфтааст. Дар ҳуҷҷати мазкур ба роҳ мондани таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим ва татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, пеш аз ҳама фароҳам овардани шароити муайян ба таълим пешбинӣ шудааст.

Аз соли таҳсили 2015-2016 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таълим бар асоси муноситбати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шуд. Айни замон ҳамаи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз курсҳои такмили ихтисоси таълими босалоҳият гузаронида шуданд. Дарсҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим мегузаранд.

Хусусияти махсуси муносибати босалоҳихат ба таълим аз он иборат аст, ки на «донишҳои тайёр»-и аз ҷониби касе барои омӯхтан пешниҳодшуда, балки шароити ба вуҷуд омадани дониши муайян таҳқиқ ва мушоҳида карда мешаванд [2, с. 38].

Барои гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим қабл аз ҳама муайян ва мушаххас сохтани салоҳиятҳои калидӣ зарур аст (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, маҳорати омӯхтан, коммуникативӣ, ҳамкорӣ). Истилоҳи «салоҳиятҳои асосӣ» ба он ишора менамояд, ки онҳо барои салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун роҳнамо, «калид» ва асос ба ҳисоб мераванд.

Бартарии муносибати босалоҳият ба таълим дар он аст, ки натиҷаҳои он на танҳо ба натиҷаҳои таҳсилот, балки дар ҳамин замина инкишофи шахсияти таълимгирандагон дар асоси аз худ намудани амалиётҳои умумитаълимӣ, ки асоси натиҷаҳои таҳсилотро ташкил медиҳанд, ба амал бароварда мешавад.

Мувофиқи ақидаи олимон В.А. Болотов и В.В. Сериков муносибати босалоҳият ба таълим дар навбати аввал иттилоотонии хонандагонро не, балки маҳорати ҳалли масъалаҳои гуногунро дар ин ё он ҳолату вазъияти муайян мегузорад [1, с. 11].

Муносибати босалоҳият асоси омодашавӣ ва қобилияти амал кардан дар соҳаи илм ё истеҳсолоти мушаххас мебошад. Ин муҳиммияти ташаккули салоҳиятнокӣ ва донишҳои касбиро шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Ҳар як салоҳиятнокӣ дар раванди таълим ва фаъолияти маърифатии омӯзгорони оянда ташаккул меёбад. Амали таълими маърифатнокӣ, асосан, ба инъикос хусусиятҳо, моҳият ва методҳои истифодаи маводи таълим ва ғайра нигаронида шудааст.

Ғайр аз ин, салоҳиятнокӣ нишонаҳои фарққунандаи омӯзгориояндаро тавсиф медиҳад. Ин – вусъати донишҳо, амиқии таҳлил ва ҷамъбасткунӣ, танқидӣ будани тафаккур ва ғайра мебошанд. Сифатҳои мазкур маҳз ба мутахассиси босалоҳият хос буда, асосҳои неру ва қобилияти педагогро дар зуд ёфтани ҳалли дурусти масъала,

самтгирии моҳирона дар вазъиятҳои ғайричашмдошт ва шароити фаъолияти касбӣ ташкил медиҳанд.

Салоҳиятнокӣ ин қобилияти истифода бурдани дониш, маҳорат малака ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мешавад. Салоҳият вобаста ба муҳимият ба салоҳиятҳои асосӣ-умумитаҳсилотӣ, умумифаннӣ ва фаннӣ ҷудо мешавад. Салоҳият дар раванди таълим ташаккул меёбад. Ба мавқеи пешбар масъалаҳои арзёбӣ ва ташхиси натиҷаҳои таҳсилот, бе маҳдудшавӣ танҳо бо сифати дониш ва маҳорати субъектҳои таҳсилот бардошта мешаванд. Дар ин ҷо худи моҳияти салоҳиятнокӣ – натиҷаҳои воқеии корҳои муфид, дарки самаранок ва муассири маҳорати ҳамкорӣ намудан бо гурӯҳ ва атрофиён зоҳир мешавад.

Ҳамаи ин дар бораи он гувоҳӣ медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ҷорикунӣ ва татбиқи бомуваффақияти муносибати босалоҳият ба таълим бо ҳаллу фасли вазифаҳои таъхирнопазир доир ба ташаккули низоми донишҳо, маҳоратҳо ва малакҳои хонандагон оид ба фанҳои таълимӣ ва дар навбати аввал, тарбияи салоҳиятнокии шахсияти омӯзгори оянда алоқаманд мебошанд. Мо чунин мешуморем, ки гузориши дурусти масъала дар бораи татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими муассисаи таҳсилоти умумӣ ба омодасозии хонандагон ба доираи васеи донишҳо мусоидат намуда, имкон медиҳад стандартҳои давлатии ба таври мувофиқ ба воқеиятҳои давраи муосир ва талаботҳои ҷомеа наздик кунонидашуда моҳирона ва саривақтӣ мавриди истифода қарор гиранд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф зарур аст:

– дар амал истифода бурodан аз шаклу методҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ, ки имконият медиҳанд таҷрибаи шахсии донишазхудкунии хонандагон инкишоф ва такмил ёбад;

– ба вуҷуд овардан шароити созгор ва истифода бурдан аз методҳои ҳавасмандгардонии барои ҳар як нафар хонанда ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ;

– ба он ноил шудан даркор, ки хонандагон бе тарсу ҳарос ба саволҳо ҷавоб гардонда, супоришҳоро уҳдабароёна иҷро намоянд ва;

– баҳо додан ба фаъолияти хонанда аз рӯи ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоӣ;

– қадрдонӣ намудани ҳар як кӯшиши хонанда;

– муҳайё сохтани лаҳзаҳои муфиди муомила дар дарс, ки ба ҳар як хонанда имконият медиҳад ташаббус, мустақилиятнокӣ зоҳир намояд;

– муҳайё намудани муҳити созгор барои худфаъолиятии ҳар як хонанда.

Ҳамзамон, «муносибати босалоҳият ба таълим ҳосил кардани таҷрибаро дар раванди амалҳои маърифатӣ (таълимӣ) ташакул додани муносибати иҷтимоӣ ва тар амал татбиқ кардани донишҳои асосро дар назар дорад» [8, с. 24]. Муносибати босалоҳият ба таълим тақозо мекунад, ки аз донишҳои ҳамчун намуна аз худ кардашуда, тадриҷан барои ноил шудан ба мақсади асосӣ, яъне ноил шудан ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнии ҳар як хонанда рӯ оварда шавад. Ба ин ҷараёни ҳамгироии таҳсили асосӣ ва иловагӣ дар рафти дарс ва корҳои беруназсинфӣ, методҳои ҳозиразамони фаъоли таълим (бозиҳои фаъолгардонӣ, фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқикотии таълимгирандагон, маҳорати дар ҳалли масъалаҳои пайдошуда фаъолона ширкар варзидан) имконият фароҳам оварда метавонанд. Дар натиҷа муносибати босалоҳият ба таълим имконият медиҳад, ки ба савлҳои зерин ҷавоб ёбем: Барои чӣ меомӯзем?, Чиро меомӯзонем?, Чӣ тавр аз худ кунем?

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим бояд масъалаҳои умдаи зерин ба ҳисоб гирифта шавад:

1. Аз ҷониби хонанда тавонистани гирифтани дониш дар асоси таҷрибаи ҳосилшуда, ташкил намудани усулҳои худтакмилдҳӣ, худрушддиҳӣ, худмубрамсозӣ ва мустақилона аз уҳдаи ҳалли супоришҳо баромада тавонистан.

2. Аз ҷониби хонанда маълумоти гуногунро захира карда тавонистану ҳангоми иҷрои супоришҳои таълимӣ аз онҳо истифода бурда тавонистанд, аз омӯзрон ва падару модар маслиҳат пурсидан.

3. Тарбияи иродаи аз мушкилотҳои бавуҷудомада ва нобоварихо наҳаросидан, дар баҳсҳо мавқеи худро муайян карда тавонистан, фикри худро мустақилона баён намудан, нуктаи назари дигаронро эҳтиром карда тавонистан.

4. Омода будан барои ҳамкорӣ карда тавонистан бо гурӯҳ ва коллектив, ба қароре омада тавонистан, якдигарнофаҳмӣ ва муноқишаро бартараф карда тавонистан.

5. Ба иҷрои супоришҳо ҳамроҳ шудан, масъулиятро ҳис кардан, саҳми худро гузоштан дар иҷрои супоришҳо, кору фаъолияти худро ташкил карда тавонистан.

6. Аз ҷониби омӯзгор истифода бурдани технологияи нави информатсионӣ-коммуникативӣ, ба тағйиротҳои руйдода нозукбинона муносибат намудан, дар назди мушкилиҳо истодагарӣ карда тавонистан, ба қарору хулосаҳои нав омада тавонистан.

Дар робита ба ин, мехоҳем дар бораи салоҳиятҳои калидӣ равшанӣ андозем, ки онҳо ҳангоми ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим на танҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот зарур мебошанд. Салоҳиятҳои калидӣ зеринҳо мебошанд: эҷодкорӣ, тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ, маҳорати омӯхтан

Салоҳиятҳои калидӣ ба инсон имконият медиҳанд, ки ба натиҷаҳои дилхоҳ дар ҳолату вазъиятҳои ғайричашмдошти проблемавӣ ноил гардад. Онҳо имконият медиҳанд, ки мустақилона ва дар ҳамкорӣ бо дигарон масъалаҳои гуногун ҳал карда шавад, яъне аз вазъиятҳое баромада мешавад, ки барои ҳалли онҳо маҷмӯи пурраи воситаҳои коркаршуда мавҷуд нест.

Салоҳиятҳои калидӣ имконият медиҳанд, ки дар хонандагон чунин маҳорат ва малакаҳо ташаккул дода шаванд:

– мақсад гузошта тавонистан ва фаҳмонида тавонистани мақсади гузоштаи худ;

– ташкили банақшагирӣ, таҳлил, худбаҳодиҳии фаъолияти таълимӣ-маърифатии худ;

– ба масъалаҳои мушоҳидашаванда савол гузошта тавонистан, сабабаби ҳодисаҳоро ҷустуҷӯ карда тавонистан, муайян карда тавонистани фаҳмиши худ ё муайян карда натавонистани фаҳмиши худ ё ин ки дарк карда натавонистани нофаҳмии худ нисбат ба масъалаи омӯхташаванда;

– вазифаҳои маърифатдӯстиро гузошта тавонистан ва фарзияҳоро ба миён гузоштан;

– натиҷаҳоро ҷамъбаст намудан ва ба шакл даровардан;

– ба тавri хаттӣ ва шифоҳӣ ибрози ақида карда тавонистан бо истифода аз технологияи муосир;

– доштани таҷрибаи олами иҳотакардашударо дарк карда тавонистан.

Дар ин ҷо бояд мавқеи муаллим муайян карда шавад. Бояд зикр намуд, ки дар ин ҳолат мавқеи муаллим низ тағйир меёбад. Ӯ дигар акнун танҳо ба воситаи китоб танҳо барои хонандагон «дониш» намеомӯзонад. Вазифаи асосии ӯ минбаъд ҳавасманд намудани хонандагон оид ба нишон додани ташаббус ва мустақилияти хонандагон барои донишазхудкунӣ мебошад. Ӯ бояд кори мустақилонаи хонандагонро ташкил намояд, ки дар он ҳар як хонанда тавонад қобилият ва шавқи худро дар амал татбиқ намояд. Амалан омӯзгор муҳити инкишофёбандаро ба вуҷуд меорад, ки он метавонад дар инкишофи қобилиятҳои ақлонӣ ва қобилиятҳои устувор вобаста салоҳиятҳои зарурӣ инкишоф дода шавад. Дар ин ҷо бояд зикр намуд, ки мо бояд инкишофи хонандаро фаромуш накунем.

Вақте ки ҷараёни таълим тибқи муносибати босалоҳият ба роҳ монда мешавад, мафҳуми «инкишоф» тағйир меёбад. Инкишофи фардии ҳар як инсон дар навбати аввал ба маҳоратҳои ба даст овардашуда вобастагии зич дорад, ки дар вай алакай маҳоратҳо мавҷуд аст, на ин ки иттилооти ба даст овардашудаи муқаррарӣ, ки барои ӯ дар ҳаёти воқеии ӯ ҳеҷ гоҳ зарур нестанд.

Метавон он лаҳзаҳоеро ҷудо намуд, ки бояд дилхоҳ муаллим бо мақсади ба вуҷуд овардани «муҳити инкишофдиҳанда» дар синф ташкил намояд, ки муҳимтарни онҳо зеринҳо мебошанд:

1. Аз ҷониби хонандагон мустақилона интихоб намудани мавзӯъҳо ва оид ба дараҷаи мураккабии худ ҷудо намудани супоришҳо.
2. Иҷрои кори мустақилонаи таълимӣ.
3. Дарк намудани мақсади кор ва масъулият барои иҷрои супориш.
4. Дар амал татбиқ намудани шавқу рағбати фардии хонандагон.
5. Корҳои гуруҳӣ (тақсими вазифаҳо, банақшагирӣ).
6. Ташаккули мафҳумҳо ва ташкили амалиёти худ дар асоси он.
7.Истифодаи низоми баҳодиҳӣ, мувофиқ ба талаботи натиҷаҳои таҳсилот.
8. Аз ҷониби муаллим намоиш додани рафтори босалоҳияти худ.

## АДАБИЁТ


1. Болотов, В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
2. Громыко, Ю.В. Понятие и проект в теории развивающего образования В.В.Давыдова // Известия РАО. 2000. № 2.
3. Зиёӣ. Х. Муносибати босалохият ба таълим: масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи он. Душанбе, Нигор, 2018. – 112 с.
4. Зимняя, И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004. – 42 с.
5. Иванов, Д.А. Компетентности и компетентностный подход в современном образовании. – М.: Чистые пруды, 2007. – 195 с.
6. Лебедев, О.Е. Компетентностный подход в образовании. // Школьные технологии. – № 5. – 2005. С.3– 13
7. Маскин, В.В., Меркулова Т.К., Петренко А.А. Алгоритм перехода образовательного учрежденияк компетентностномуподходу: Практическое пособие / под ред. В. В. Маскина. – М.: АРКТИ, 2010 – 64 с.
8. Муносибати босалохият ба таълим (дастури методӣ). Мураттибон Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. –Душанбе: Ирфон, 2018. –72 с.

9. Сергеев, И.С., Блинов В.И. Как реализовать компетентностный подход на уроке и во внеурочной деятельности: практическое пособие. – М.: АРКТИ, 2007. –132 с.
10. Татбики муносибати босалохият ба таълим дар муассисахои таълимӣ//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ. Душанбе. 29 июни соли 2018. – 125 с.
11. Туронов, С. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ. Душанбе, Нигор, 2018. – 128 с.
12. Эльконин, Б.Д. Понятие компетентности с позиций развивающего обучения//Современные подходы к компетентностно ориентированному образованию. Красноярск, 2002. – 215 с.

## ОМИЛҲОИ БЕҲБУДИБАХШАНДА ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

***ЗУЛФОНОВ Баҳрон** – ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126,* ***тел.:*** *+(992) 93 6017525*

Дар мақола масъалаи беҳтар намудани тарбияи наврасон ва роҳҳои пешгирии онҳо баррасӣ мегардад. Дар таълиму тарбияи насли наврас фаъолияти муташаккили мактаб ва оила шарти муҳим буда, усулу воситаҳои инкишофи фаъолгардонии наврасонро нишон медиҳад.
Мавқеи оила дар тарбияи ахлоқии наврасон бисёр муҳим буда, муносибати дӯстонаи падару модар, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории онҳо ба тарбияи онҳо таъсир мерасонад. Муносибати ғамхоронаву меҳрубононаи онҳо инкишофи фарзанд ва дунёи маънавии онро рушд медиҳад. Аз ҳамин сабаб муносибати аъзои оила аз рӯи муҳаббат, ҳурмат ва ёрии ҳамдигарӣ бояд асос ёфта бошад, то ки фарзандон ба ҳамин гуна муносибати нек одат карда, онро дар ҳаёти хеш такмил диҳанд.
Ҳар як оила ба тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ дода, ба муассисаҳои таълимӣ равона созанд ва кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар баробари инкишофи психологӣ, ҷисмонӣ, физиологӣ ва шахсияти наврасон барои дуруст ба камол расидани фарзандон заҳмату қувваи худро сарф намоянд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *таълим, тарбия, оила, мактаб, ҷомеа, фарзанд, падару модар, насли наврас, ташаккул, ахлоқ, усул, роҳ.*

## ФАКТОРЫ УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В ВОСПИТАНИИ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

***ЗУЛФОНОВ Бахрон** – ведущий научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни, 126,* ***тел.:*** *+(992) 93 6017525*

В статье рассматриваются вопросы улучшения воспитания подростков и способы их предотвращения. В воспитании подрастающего поколения организованная деятельность школы и семьи является важным условием и отражает методы и средства активного развития подростков. Роль семьи в нравственном воспитании подростков очень важна, а доброжелательное отношение родителей, взаимопонимание и сотрудничество влияют на их воспитание. Их заботливое и любящее отношение способствует развитию ребенка и его духовного мира. По этой причине отношения между членами семьи должны быть основаны на любви, уважении и взаимопомощи, чтобы дети привыкли к таким хорошим отношениям и улучшили их в своей жизни. Каждая семья должна уделять пристальное внимание воспитанию подрастающего поколения, уделять особое внимание образовательным учреждениям и прилагать все усилия для обеспечения правильного развития детей, а также психологического, физического, физиологического и личностного развития подростков.

***Ключевые слова:*** *образование, воспитание, семья, школа, общество, ребенок, родитель, подросток, формирование, этика, метод, способ.*

## FACTORS FOR IMPROVING THE UPBRINGING OF THE YOUNGER GENERATION

***ZULFONOV Bakhron** - leading researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 126,* ***mob.:*** *+(992) 93 6017525*

The article discusses the issues of improving the education of adolescents and ways to prevent them. In the upbringing of the younger generation, the organized activity of the

school and family is an important condition and reflects the methods and means of active development of adolescents. The role of the family in the moral education of adolescents is very important, and the benevolent attitude of parents, mutual understanding and cooperation affect their upbringing. Their caring and loving attitude contributes to the development of the child and his spiritual world. For this reason, the relationship between family members should be based on love, respect and mutual help so that children get used to such good relationships and improve them in their lives. Each family should pay close attention to the upbringing of the younger generation, pay special attention to educational institutions and make every effort to ensure the correct development of children, as well as the psychological, physical, physiological and personal development of adolescents.

***Keywords:*** *education, upbringing, family, school, society, child, parent, teenager, formation, ethics, method, method.*

Дар ҷомеаи имрӯза, тарбияи насли наврас нақши муҳим мебозад. Тарбияи насли наврас аз оила оғоз ёфта, муҳит ва муассисаҳои таълимию касбии олӣ таъсир мерасонад. Чӣ хеле, ки бузургони мо гуфтаанд: «Аз гавҳора то гӯр дониш биҷӯ». Тарбияи оилавӣ оғози тарбияест, ки онро машъали тарбия гӯянд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «Тарбияи насли наврас кори басо муҳиму заҳматталаб аст, зеро ояндаи миллату Ватан ба насли ҷавон вобастагӣ дорад. (Паём, 26 декабри 2019) Моро лозим аст, ки дар ин кори хайр ягон чизро дареғ надошта, оқилу дурбин бошем». Дар ин бобат Шайх Саъдӣ мефармояд.

***Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,***<br>***Писарро хирадмандӣ омӯз рой.***

Зимнан бояд таъкид кард, ки чун фарқияти психикаи кӯдакон вобаста ба шароити тарбия рӯх медиҳад, барои ташаккули такомули минбаъдаи онҳо беасар намемонад.

Кӯдак ҳамеша бо калонсолон, падару модар, бо ҳамсолон пайравӣ ё тақлид менамояд. Пас, ба ӯ рафтори бад ё сухани бад нишон додан лозим нашояд.

Маорифпарвари барҷастаи фаронсавӣ Ж. Ж. Руссо (1712-1778) тавсия медиҳад, ки тарбия бояд озод бошад, то ки бачагон бо таври табиӣ инкишоф ёбанд. Инчунин ишора менамояд, ки барои тарбияи кӯдак, донистани олами рӯҳии онҳо муҳим аст. (саҳ 195-197)

Тарбияи оилавӣ оғози тарбияест, ки онро машъали тарбия гӯянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» вазифаҳои волидонро равшан муайян кардааст. Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад [2-4]

Педагог ва психологи бузурги рус К. Д. Ушинский (1824-1871) таъкид менамояд, ки «коркарди масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва мактабӣ дар алоқамандии назарияҳои педагогӣ бо амалӣ ва дар асоси санъати тарбия, ки хусусиятҳои таърихи миллиро доранд, бояд ба роҳ монда шавад» (саҳ. 216-218).

Олим таълиму тарбияро аз ҳам ҷудо накарда, таълимро муҳимтарин воситаи тарбия меҳисобид. Дар таълиму тарбияи бача фаъолияти муташаккилро шарти муҳим диниста, усулу воситаҳои инкишофи фаъолиятмонии бачаро нишон медиҳад.

Аксарияти педагогони маъруфи Аврупо ақидаи вобаста ба қонуниятҳои табиат, таълиму тарбия додани бачаро пеш бурдаанд. Ба ин гурӯҳ Я. А. Каменский ҳамчун асосгузори илми педагогика, дар асари безаволи худ «Дидактикаи бузург» барои тарбияи кӯдакон андешаҳои хешро иброз доштааст. Дар асари «Мактаби модар» ва китобҳои таълимии «Дарҳои кушоди забонҳо», «Физика», «Астрономия» оид ба нозукиҳои таълиму тарбияи насли наврас маълумоти анику муфидро пешниҳод менамояд.

Тарбияи наврасон дар сатҳҳои мухталиф амалӣ карда мешавад. Сараввал, тарбия дар оила оғоз мегардад, сатҳи дигар бошад, ин муассисаҳои таълимии то донишгоҳӣ ва донишгоҳӣ мебошад. Кӯдак аз калонсол бо шаклҳои аз сар гузаронидани ҳиссиёт, тарзи ифодаи фикр, фаҳму фаросат ва шаклҳои муошират фарқ мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки тарзҳои рафтори имрӯзаи бача аз фардои ӯ фарқ мекунад. Кӯдак дар ҳар як зиннаи синну солӣ ба таври номутаносиб инкишоф меёбад ва дар ниҳоди ӯ тағйироти куллии анатомию физилогӣ, ҷисмонӣ ва психологӣ ба вуҷуд меояд.

Ин ҷо ба арзишҳои ахлоқӣ, ба мақсади маънӣ бардоштан аз таълимоти бузургон дар боби вазифаҳои падару модар бар фарзанд, рӯ меорем, ки фармудаанд: «Ҳаққи фарзанд ба падар ин аст, ки ӯро бо беҳтарин ваҷҳ адаб омӯхта, беҳтарин илмҳоро таълимаш бидиҳад». [1-7]

Нақши омӯзгор дар ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо падару модар оид ба тарбияи наврасон ни хоят бузург аст. Омӯзгор аст, ки баъд аз оила марҳилаи дуюми ташаккули тарбияро дар мактаб амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки омӯзгор нисбат ба бачаҳо меҳрубону хайрхоҳ, бо диққату самимият будани худро ифода кунад ва дар дилу

дидаи бачаҳо роҳ ёбад, ҳаргиз бачаҳоро аз душвориҳои таълимӣ натарсонад ва ба онҳо муомилаи дурушт накунад. Омӯзгор бачаҳоро бовар кунонад, ки дар ҳолате аз ӯҳдаи иҷрои тамоми фаъолиятҳои таълимӣ мебароянд, ки агар дар ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми якдигар фаъолият намоянд.

Оид ба қисматҳои алоҳидаи тарбияи фарзанд ва масъалаҳои баҳс талаби он дар гузашта, мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумлаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Носири Хисрав, Унсурмаолии Кайковус, Насриддини Тусӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Фаридуни Аттор, Саъдии Шерозӣ ва дигарон асарҳои гаронбаҳоеро эҷод намудаанд, ки дар онҳо мавзӯъҳои таълиму тарбия, одобу ахлоқ омӯхтани илму маърифат ва монанди инҳо таҷассум ёфтаанд. Эҷодиёти онҳо то ба ҳол оид ба таълиму тарбия, рушди камоли инсонӣ, давраҳои синну солӣ, аҳамияти таҷрибаҳои ҳаётӣ, ақлу хирад ва монанди инҳо арзиши илмию тарбиявии худро нигоҳ дошаанд. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Тавре ки дар боло қайд кардем, оид ба масъалаи ташаккули шахсияти наврасон мутаффакирон, бузургон ва гузаштагони мо ибрози ақида намудаанд, ки яке аз онҳо Мир Саид Алии Ҳамадонӣ мебошад. Мутафаккир дар қисми сеюми «Захирот-ул-мулук» ном асараш навиштааст: «Дар ҳолати таваллудшавии фарзанд дар ниҳоди ӯ ҳеҷ гуна хислатҳои некию бадӣ вуҷуд надорад ва оламӣ ботинии ӯ чун оина поқ аст. Падару модар ва атрофиён бачаро чи хеле, ки тарбия кунанд, ӯ ҳамон тавр меъёрҳои ахлоқӣ, тарзи рафтор ва муоширатро аз онҳо меомӯзад». [3-6]

Яке аз роҳҳои муътадил ташаккул додани шахсияти наврасон дар ҷараёни тарбия, ташкил намудани муошироти солим мебошад. Муошироти хубу солим дар оила имконият медиҳад, ки ҳодисаҳои гуногуни психологии ба вуҷудомада фаҳмида мешавад ва тарзи дуруст бартараф намудани онҳо низ амалӣ карда шавад. Ба воситаи муошират ҳисиёти манфӣ бароварда мешавад, ки дар натиҷа шахсияти наврас мутаъдил ташаккул ёфтан мегирад, инчунин ба воситаи муошироти солим он нофаҳмиҳое (низоъ) ки байни аъзоёни оила пайдо мешавад, онҳоро бартараф намудан боиси пешравӣ дар ташаккули ӯ мегардад. Агар калонсолон тарзи дуруст муносибат карданро донанд, пас дар наврас имкониятҳои васеъ барои нишон додани хусусияти шахсияти худ пайдо мешавад. Дар ин мавридҳо ӯ кӯшиш мекунад, ки муносибати худро бо ашёву ҳодисаҳо ва одамон барқарор дуруст намояд, муаммоҳое, ки дар муҳити иҳотакарда аст дониста гирад. Барои иҷро намудани ин амалу хоҳишҳо калонсолон ба ӯ ёрӣ мерасонанд. Тарзи муошироти калонсолон ба насли наврас на танҳо ба тарзи рафтор, балки ба саломатии рӯҳӣ ва камолоти зеҳнии вай таъсир мерасонад.

Роҳи дигаре, ки боиси ташаккули шахсияти наврасон мегардад ин барои онҳо таъмин намудани имконияти мустақилона иҷро кардани корҳо мебошад, яъне наврас то дараҷаи муайян озод ва мустақил бошад. Дар баъзе оилаҳо ин озодиро ба дараҷаи баландаш истифода мебаранд. Насли наврас дар ин намуди оилаҳо то он дараҷае озоданд, ки ҳар хоҳише дошта бошанд онро худашон иҷро мекунанд, аз назорати падару модар дур мондаанд, ки оқибати ин амал хуб нест. Масалаи дигаре ҳаст, ки падару модар барои иҷрои коре фарзандашонро маҷбуран сафарбар менамоянд ва барои онҳо чорчӯбаи рафтору амалҳоро номбар мекунанд ва таъкид менамоянд, ки аз ин гуфтаҳои онҳо берун набароянд. Натиҷаи рафтори чунин волидон ба он анҷом меёбад, ки наврас мустақилиятро аз даст диҳад ва мибаъд худро вобаста ё мутеъи дигарон ҳис мекунад, ба қувваю имкониятҳо ва эҷодкории худ боварирo гум мекунад, доимо муҳтоҷи мададу дастгирии атрофиён мегардад. [5]

Қайд кардан зарур аст, ки барои ташаккул ёфтани насли наврас пеш аз ҳама оила, муҳит ва муассисаҳои таълимӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, насли наврасро дар фазои озод ва ба табиат шинос намудану тарбия кардан басо муҳим аст. Ҳар як оила ба тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ дода, ба муассисаҳои таълимӣ равона созанд ва кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар баробари инкишофи психологӣ, ҷисмонӣ, физиологӣ ва шахсияти наврасон барои дуруст ба камол расидани фарзандон заҳмату қувваи худро сарф намоянд.

## АДАБИЁТ:

1. Выготский, Л.С. Педагогическая психология. - М., 1991. – 142с.
2. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03. 2006. - №94.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 02.08.2011. - №762.
4. Лутфуллоев, М. Осор. Ҷилди 5. - Душанбе, 2013. -91с.
5. Зоҳидов, А.В. Тарбияи маънавӣ. - Душанбе, 1989. – 142 с.
6. Макаренко, А.С. Лекции о воспитании детей./А.С. Макаренко. – М., 1990. - 194с.
7. Макаренко, А.С. Методы воспитания /А.С. Макаренко. -М., Изд.Прогресс, 1990. - 42с.

8.Кочетков, А.И. Понятие о воспитания /А.И. Кочетков. - Минск. 1990. –С. 15-18с.

## ТАЪЛИМ ДАР АСОСИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

***ЗУЛФОНОВ Бахтиёр Баҳронович*** *– ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилити Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ,126,* ***тел.:*** *+(992) 904-15-00-62*

Дар мақола роҷеъ ба ташаккули муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои ҷомеашиносӣ сухан меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки татбиқу ташаккули муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои ҷомаешиносӣ имкон фароҳам меоварад, ки сифати таҳсилот баланд бардошта шавад. Ташаккули салоҳияти маърифатӣ-таҳлилии хонандагон дар таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ин аз истифодаи дониш, таҷриба ва ақидаҳо дар вазъияти нави таълимӣ, таҳлили алоқа, муносибати мутақобилиаи ақидаҳо, таҷрибаҳо ё маводи табиӣ дарки таркибёбии кулҳо ва ҷузъҳо, таҳлили шароити мушаххаси таъсири ҷузъҳо ба бунёди чизи том, бо назардошти ибрози нуқтаи назар, ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун иборат мебошад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *таълим, дарс, салоҳият, муносибати босалоҳият, хонандагон, ҷомеашинос, таҷриба, малака.*

## ОБУЧЕНИЕ НА ОСНОВЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ

***ЗУЛФОНОВ Бахтиёр Бахронович*** *– старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,* ***тел.:*** *+(992) 904-15-00-62*

В статье рассматривается формирование грамотного подхода к преподаванию общественных наук. Автор отмечает, что внедрение и развитие грамотного подхода к преподаванию общественных наук позволит повысить качество образования. Развитие когнитивно-аналитической компетентности студентов при преподавании социальных наук основано на использовании знаний, опыта и идей в новой образовательной ситуации, анализе взаимосвязей, взаимодействии идей, экспериментов или природных материалов, понимании состава озер и компоненты, учитывающие выражение взглядов, теоретических идей и различного понимания.

***Ключевые слова:*** *обучение, занятие, компетентность, ученики, социология, опыт, навык.*

## TRAINING BASED ON COMPETENCE

***ZULFONOV Bakhtiyor Bakhronovish*** *- leading researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 126,* ***mob.:*** *(+992) 904-15-00-62*

The article discusses the formation of a competent approach to teaching social sciences. The author notes that the introduction and development of a competent approach to teaching social sciences will improve the quality of education. The development of students' cognitive-analytical competence in teaching social sciences is based on the use of knowledge, experience and ideas in a new educational situation, analysis of relationships, interaction of ideas, experiments or natural materials, understanding the composition of lakes. and components allowing for the expression of views, theoretical ideas and different understandings.

***Keywords:*** *training, lesson, competence, pups, sociology, experience, skill.*

Ташаккули муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои ҷомеашиносӣ талаб мекунад, ки пеш аз ҳама салоҳиятҳои умумифаннӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии хонандаро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида мешаванд ва новобаста ба фан ташаккул дода мешаванд. Яъне, ин салоҳиятҳо ҳамчун натиҷаи таълими фанҳои гуногун, аз ҷумла, фанҳои ҷомеашиносӣ шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.

Ҳамзамон, барои ҳар як фан маҷмӯи талабот дар шакли салоҳият дар стандарт ва раҳнамои фаннӣ нишон дода шудаанд. Ҳар як салоҳият дар шакли таҷриба, ки дониш, малака ва маҳорати муайянро талаб мекунад, пешниҳод гардидааст. Асоси салоҳиятро таҷриба ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, муносибати босалоҳият ба таълим ҳосил кардани таҷрибаро дар раванди амалҳои маърифатӣ (таълимӣ), ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоӣ ва дар амал татбиқ кардани донишҳои асосӣ, ба хусус фанҳои ҷомеашиносиро дар назар

дорад. Ташаккули салоҳият ҳамчун натиҷаи таълиму тарбия, ки дар шакли таҷриба (иҷрои амал дар сатҳи маҳорат) зоҳир мегардад, фаҳмида мешавад.

Тавре ки маълум аст, вазифаи ҳар як фанни таълимӣ ба хусус, фанҳои ҷомеашиносӣ дар баробари инкишоф ва рушди дониш, малака ва маҳорати фаннӣ инчунин ташаккули малакаву маҳоратҳои умумифаннӣ, фарофаннӣ (берун аз фан) низ мебошад. Масалан, ҳангоми таълими мавзӯи мушаххас аз фанҳои ҷомеашиносӣ мо дар хонандагон малакаҳоеро инкишоф медиҳем, ки ба масъалаҳои одоби муошират, муносибат, инсондӯстӣ ё тарзи рафтор дар лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёт ва фаъолият равона шудаанд. Пас, дар ташаккули салоҳиятнокии маърифатии таҳлилии хонандагон, муносибати босалоҳият дар таълим дар мақоми аввал меистад.

Ташаккули салоҳияти маърифатӣ-таҳлилии хонандагон дар таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ин аз истифодаи дониш, таҷриба ва ақидаҳо дар вазъияти нави таълимӣ, таҳлили алоқа, муносибати мутақобилиаи ақидаҳо, таҷрибаҳо ё маводи табиӣ дарки таркибёбии кулҳо ва ҷузъҳо, таҳлили шароити мушаххаси таъсири ҷузъҳо ба бунёди чизи том бо назардошти ибрози нуқтаи назар, ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун иборат мебошад. (1-2)

Зоҳир намудани ҳавасмандӣ, шавқу завқ ба падидаҳои ҷаҳонӣ, таҷриба, маводи нав ва ҳодисаву воқеъаҳои ғайримуқаррарӣ ва мураккаб, озмоиши назарҳо, фарзия ва пешниҳодоти нав, таҳқиқи масъалаҳои мураккаб тавассути муносибатҳои гуногун (тарҳсозӣ, таҳқиқ, таркиб), сохтан ё бозсозии ашё, таркиб, муносибат ва идеяҳо тавассути тағйир додан, ҳамгиро кардан ва ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо аз бартариҳои муносибати босалоҳият дар таълим ба шумор мераванд.

Дар маҷмӯъ татбиқу ташаккули салоҳияти омӯзиши фанҳои ҷомаешиносӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки он ба талаботи илмию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсии замона мутобиқ мегардад. Дар навбати худ ташаккули салоҳияти омӯзишӣ-маърифатӣ ва таҳлилии хонандагон зимни таълими фанҳои ҷомеашиносӣ маърифатӣ-таҳлилӣ, маърифатӣ-эҷодӣ, маърифатӣ-таҳқиқӣ, арзишӣ-маънавӣ, умуми- фарҳангӣ, иттилоотӣ, иртиботӣ, иҷтимоӣ-меҳнатӣ, худшиносӣ ва мустақилият, худтакмидиҳии шахсӣ, фаъолияти мантиқӣ, методологӣ ва умумитаълимӣ ва дигар салоҳиятҳо роҳандозӣ шуда, талаботи маънавию амалии ҳар як хонанда ва омӯзгорро низ дар бар мегирад.

Салоҳияти маърифатӣ-таҳлилӣ ҷузҳои таркибии зеринро дар бар мегирад:

-қобилияти таҳлилу таркиб намудани мафҳум, истилоҳот, муқарраротва сохтори низоми дониш;

-маҳорати дарк намудани мушкилот ва интихоби иттилооти марбут ба он;

-маҳорати истифода бурдани адабиёти иловагӣ ва ёфтани донишҳои нав барои ҳалли мушкилот.

Аз ин рӯ, мо кормандони соҳаи маориф дар ташаккулу тақвият ва татбиқи салоҳияти маърифатӣ-таҳлилии хонандагон дар такя ба гуфтаҳои боло дар таълими фанҳои ҷомеашиносӣ бояд саҳмгузор бошанд.

Бо ин мақсад ҷиҳати расонидани ёрии амалӣ намунаи нақшаи яксоатаи дарсро аз фанни «Ҳуқуқи инсон»-манзури омӯзгорон менамоем. (3-4)

**1. Омодагӣ ба дарс** марҳилаи муҳимми ташкили раванди таълим.

2. **Мавзӯи дарс:** Арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқи инсон. Саҳ 63-67.

**Муносибати босалоҳият:**

1.Таълими салоҳияти маърифатӣ-таҳлилии хонандагон зимни таълими мавзӯи мазкур услуби ба ёди худ овардан, ба хотири оварданро ташаккул медиҳад;

2. Сохтори дарс тағйир меёбад ва ба раванди ташаккули салоҳиятҳо мувофиқат гардонида мешавад;

3. Нақши омӯзгор дар муносибати босалоҳият ба таълим интиқол ё додани дониш набуда, балки дастгирии раванди ташкил ва татбиқу амалӣ сохтани фаъолияти таълим дар чорчӯбае мебошад, ки дар он рушди салоҳиятҳо сурат мегирад.

4. Дар дарс омӯзгор кӯшиш менамояд, ки раҳнамоӣ кунад, ҳавасманд мегардонад, фаъолияти таълимии хонандагонро дар шаклҳои гуногун (инфиродӣ, дар ҷуфтҳо, дар гурӯҳҳо ва ғайра)-ро ба танзим дарорад.

5. Дар дарс омӯзгору хонанда имкони баробар дошта, ташаббускору ёддиҳандаанд, муносибати хайрихоҳона ва фардӣ менамоянд, ҷустуҷӯйи таҳқиқотӣ мебаранд, фаъолияти ду нафарию гуруҳӣ ва кӯшишҳои дастаҷамъиро анҷом медиҳанд;

6. Хонандамеҳвар бошад, худи хонанда дар маркази диққат аст. Қобилият ва таҷрибаи маърифатии хонандагон ҳамчун замина барои таълими фанни ҳуқуқи инсон ва мазмуни он аст. Идроку азхудкунии хонандагон дар таълими фанни мазкур вазифаи асосии омӯзгор буда, хонандагон роҳҳои гуногунӣ меомӯзанд;

7.Рушди ин салоҳиятҳо хонандаро ба дарки арзишҳо, қобилияти дидан ва ҳис намудани муҳити атроф, муайян намудани мавқеъ ва нақши фард дар ҷомеа, маҳорати интихоби мақсаду мазмуни амал, рафтори худ ва қарор қабул намудан омода месозад.

Салоҳиятҳои мазкур механизми худмуайянкунии хонандаро дар ҷараёни таълими ҷомеашиносӣ ва дигар фаъолиятҳо таъмин месозанд. (6-7)

**3. Мақсади дарс: -** салоҳияти маърифатӣ-таҳлилии хонандагон зимни донистани мафҳумҳои меъёрҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқӯқӣ, қонун, арзишҳо ва фарқияти онҳоро ба ёди худ овардан, ба хотир оварданро ташаккул додан;

- босалоҳиятии арзишҳои ахлоқӣ, асоси ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд, алоқамандии озодӣ, мустақилият,уҳдадориҳо дар назди ҷомеа ва муттаҳидсозии онҳо ҳамчун арзиши умумиинсонӣ дар таҳким бахшидани рушди давлат ва давлатдорӣ.

**Маводи таълим**: китоби дарсӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, схемаҳои шакли давлат, сиёсат, ахлоқ, ҳуқуқи инсон ва схемаи ҳуқуқ дар мафҳумҳои сиёсат, режими сиёсӣ, тоталитаризм, авторитаризм ва демократия, карточкаҳои тартибдодашуда.

**Воситаҳои техникӣ**: телевизор, двд-ӣ ва фита оид ба схемаҳои шакли давлат, сиёсат, ахлоқ, ҳуқуқи инсон ва схемаи ҳуқуқ дар мафҳумҳои сиёсат, режими сиёсӣ, тоталитаризм, авторитаризм ва демократия.

**4. Равиши дарс**

**Ташкилии дарс:** (2 дақиқа) а) ба ҷо овардани одоби мулоқот;
б) ҷо ба ҷо гузории маводҳои таълимӣ-техникӣ
дар дарс истифодашаванда аз тарафи
омӯзгор ва хонандагон;
в) қайди журнали синфӣ ва ҳозиру ғоиб;

**1,1 Кор бо мавзӯи гузашта:** (15-дақиқа) Афзалияти ҳуқуқҳои инсон нисбат ба сиёсат.

ва инсон, салоҳиятнокии амалишавии онҳоро шарҳ додан.

2. **Хонандагон: Комилов Р ва Раъуфов М…** сиёсат чист? (***Сиёсат дар забони юнонӣ-давлат. Санъати идоракунии давлат, низоми муносибатҳои байни одамон бобати ташкил намудан ва истифода кардани ҳокимият аст.***)

3. **Хонандагон: Сайидо ва Саъдӣ…** Салоҳиятнокии сиёсати дохилӣ ва берунӣ ва мақсадҳои онҳоро шарҳ медиҳанд. (дохилӣ: ҳалли вазифаҳои ҷамъиятӣ, сохтмону идоракунии давлатӣ, болоравии некуаҳволӣ, амният берунӣ: фаъолияти давлат дар арсаи байналмиллалӣ, муносибати байни давлатҳо, иҷтимоӣ-сиёсӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ мақсадҳои умумӣ: таъмини ҳамаҷонибаи инсон ва фароҳам овардани шароитҳо барои эҳтиром ва амалисозии ҳуқуқу оздиҳои инсон… )

4. **Хонандагон: Ниёзова Наргис** Сиёсат, ахлоқ ва ҳуқуқи инсон…

5. **Хонандагон: Рустам ва Манижа** Режими сиёсӣ ва ҳуқуқҳои инсон

Муаллим натиҷаи ҷавобҳои хонандагонро хулосабарорӣ менамояд.

**1,2. Кор бо мавзӯи нав:** (15-дақиқа) **Арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқҳои инсон.** Саҳифаи 63-67.

**а) суҳбати муқаддимавӣ:** кори 5-нафара (гуруҳӣ) Муаллим калимаҳои **«арзиш», «ҳуқуқ», «ахлоқ», «меъёр»** ва **«қонун»-** ро дар лифофа ба ҳар як гуруҳ навишта тайёр менамоянд. 1 нафар аъзои гуруҳ 1-тогӣ лифофаро мегирад дар гуруҳ кор менамоянд. Шогирдон маъно ва синонимии калимаҳои мазкурро менависанд шарҳу эзоҳ медиҳанд.

**арзиш =**қимат, баҳо, нарх, қадр, шоистагӣ, сазовор будан
**ҳуқуқ =**ҳақ, рафтор ва муносибати ҷамъиятии одамон, ки аз тарафи
давлат муайян гардидааст. Ҳуқуқи зан, ҳуқуқи шаҳрванд,
ҳуқуқи интихобот, ҳуқуқи зану мард…
**меъёр =** андоза, ченак, паймона, наҳв, милок, мизон, тарозуи зерсанг
**ахлоқ =**хулқ, одоб, рафтор, атвор, хислат
**қонун =**низом, тартиб, қоида, дастур

Муаллим дар 5 лифофаҳо:
а) меъёрҳои ахлоқ;
б) меъёрҳои ҳуқуқ;
в)ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши умуминсонӣ;
г) қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ғ) арзиҳои ахлоқӣ болои миз гузошта, сардори гурӯҳҳо даъват мешаванд ва ҳар кадом 1 лифофаро мегиранд. Аз рӯйи мавзӯи дарс, мавзӯчаҳо тибқи мавзӯи лифофабуда аз китоб, муаллим ба гуруҳҳо супориш медиҳад.

Гурӯҳи 1. Меъёрҳои ахлоқ;
Гурӯҳи 2. Меъёрҳои ҳуқуқ;
Гурӯҳи 3. Ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши умуминсонӣ;
Гурӯҳи 4. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Гурӯҳи 5. Арзиҳои ахлоқӣ

Баъдан намояндаи гурӯҳ ҷавоби ёфтаашонро дар лавҳаи синфӣ маънидод менамоянд. Баъди натиҷагирӣ ва босалоҳиятии пурра шудани кори гурӯҳҳо чун пештара ба ҷойҳои худ мегузаранд.

**1,3. Мустаҳкам кунии дарс:** (7 дақиқа) Муаллим дар алоқамандии босалоҳиятии дарси гузашта бо дарси нав саволу ҷавоб менамояд. Мустаҳкамкунӣ ва арзёбии дониш. Чӣ омӯхтед? Чӣ ба шумо маъқул шуд? Саволҳо бошанд марҳамат.

**1,4. Супориши вазифаи хонагӣ:** (2-дақиқа) Дарсро ба падару модар нақл намоед. Хонед, нависед, муҳимият ва босалоҳиятии донистани мафҳумҳои меъёрҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқӯқӣ, қонун, арзишҳо ва фарқияти онҳоро ба ёди худ овардан, ба хотир оварданро ташаккул додан аст.

**1.5. Арзёбӣ ва баҳогузорӣ** (гузошта мешавад).

**АДАБИЁТ**

1. Таҳсилоти босалоҳият: таърихи мухтасари пайдоиш ва рушд. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2018. - №1. – С. 67-71.

2. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ). - Душанбе: «Ирфон» - 2018. – 151 с.

3. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо. – Душанбе, 2016. – С. 46-53.

4. Модулҳои таълимӣ нисбати муносибати босалоҳият (дастурҳо барои омӯзгор 1,2,3,4,5 ва 6) 2016-2017.

5. Бершадский, М.Е. Применение технологий "Concept Maps" и "Mind Maps" для повышения уровня информационной компетентности обучаемых / М. Е. Бершадский // Педагогические технологии. - 2009. - № 2. - С. 20-53.

6. Беседина, Л.А. Формирование ключевых компетенций как актуальная проблема биологического образования / Л. А. Беседина // Биология в школе. - 2013. - № 2. - С. 9-13.

7. Беспалова, Г.М. Диагностика компетентностей учащихся / Г. М. Беспалова // Справочник классного руководителя. - 2009. - № 1. - С. 44-54.

8. Бобринев, Ю.В. Выдержки из образовательной программы "Универсальное многопрофильное вариативное образование компетентной личности, организация самообразования, самовоспитания, саморазвития и самоконтроля личности гимназиста" на 2007-2012 гг. и до 2017 г. / Ю. В. Бобринев, Т. Н. Баталина, А. В. Белова // Завуч. - 2008. - № 4. - С. 3-27.

## БАҲОДИҲИИ СИФАТИ ОМОДАГИИ КАСБИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

***МАҲКАМОВ Дастам*** *- мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126,* ***тел.****: +(992) 93 502 15 64*

***ДАВЛАТОВ Алиаҳмад*** *- унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126,* ***тел.****: +(992) 918 22 11 20*

Инкишофи ояндаи иқтисодиёти Тоҷикистони муосир бо сиёсат сахт алоқаманд буда, дар Стратегияи рушди инноватсионӣ то солҳои 2020 ифодаи хешро ёфтааст. Бе ворид намудани тағйироти ҷиддӣ ба низоми таҳсилоти касбӣ, ягон навсозиро интизор будан мумкин нест. Аз ин рӯ имрӯз тайёр намудани мутахассисони босалоҳият яке аз мақсадҳои афзалиятноки мо гардидааст, ки ин пеш дар иқтисод дарк карда намешуд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *босалоҳият, муносибати босалоҳият, стандарти касбӣ, шахсияти касбӣ, мониторинги омодагии касбии хатмкунанда.*

## ОЦЕНИВАНИЕ КАЧЕСТВА ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ ВЫПУСКНИКОВ СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

***МАҲКАМОВ Дастам*** *- заведующий отдела начального и среднего профессионального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,* ***тел.****: +(992) 918 22 11 20*

***ДАВЛАТОВ Алиаҳмад*** *- соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,* ***тел.****: +(992) 918 22 11 20*

Перспективы развития современной экономики Таджикиста на связаны с политикой, обозначенной в Стратегии инновационного развития Таджикистан в период 2011- 2020 гг. Всем известно, что без внесение радикального изменения в

системы профессионального образования никакая модернизация у нас не получится. Поэтому сегодня подготовка компетентного специалиста становится одной из приоритетных целей и, как никогда ранее, востребована обществом и экономикой Республики Таджикистана.

***Ключевые слова:*** *компетентность, компетентностный подход, профессиональный стандарт, профессиональная идентичность, мониторинг подготовки выпускника.*

## EVALUATION OF THE PROFESSIONAL QUALITY OF TRAINING GRADUATES OF SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION

***MAKHKAMOV Dastam*** **-** *head of the department of primary and secondary vocational education of the Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni str. 126,* ***mob.:*** *+(992) 918 22 11 20*

***DAVLATOV Aliakhmad*** **-** *Applicant of the IDE named after A. Jami, Dushanbe, 126 Ayni Str.,* ***mob.:*** *+(992) 918 22 11 20*

Prospects for the development of the modern economy of Tajikistan are related to the policy outlined in the Strategy for Innovative Development of Tajikistan in the period 2011-2020. As noted by the leader of the nation? The founder of peace and harmony, the President of the Republic of Tajikistan: without a radical change in the vocational education system, we will not be able to modernize. Therefore, today the training of a competent specialist is becoming one of the priority goals and, as never before, is in demand by the society and economy of the Republic of Tajikistan.

***Key words:*** *competence, competence approach, professional standard, professional identity, monitoring the professional trainin of graduates.*

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 омадааст: «*Мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳама зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро беҳтар гардонем*».[1.25]

Рушди иқтисодиёти Тоҷикистони муосир ифодакунандаи Стратегияи рушди инноватсионии Тоҷикистон мебошад. Қабул намудани «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020» бесабаб нест. Ба ҳамагон маълум аст, ки бе тағйироти қатъии низоми таҳсилоти касбӣ ба ягон навсозии соҳа ноил гардидан мумкин нест. Имрӯз омода намудани мутахассисони босалоҳият ба яке аз ҳадафҳои асосии ҷамъият ва иқтисодиёти кишвар табдил ёфтааст.

Дар солҳои охир дар низоми таҳсилоти касбӣ тағйироти ҷиддие рӯй дод, ки ба насли сеюми стандарти таҳсилот оид ба омода намудани салоҳиятҳои хатмкунандагон мансуб мебошад. Ин тағйиротҳо дар варид гардидани таҳсилоти касбии мамлакат ба ҷараёни Болония бараъло мушоҳида карда мешавад. Лекин дар робита бо вориднамоии дараҷабандии таҳсилот, ташаккули комплексҳои донишгоҳӣ, ки дар ҳайати хеш муассисаҳои таҳсилоти миёна, олӣ ва таҳсилоти иловагӣ доранд, муносибати босалоҳият ҳамчун одати нав дар омодагии касбии донишҷӯён коркарди мавқеи умумиро ба соҳаҳои татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилот талаб менамояд. [2.72]

Таҳқиқоти аз рӯи ин проблема гузаронидашуда асосан ба таҳсилоти олии касбӣ мансубият дорад, ки чун анъана гузаштан ба майлкунӣ- салоҳиятӣ насли нави стандартӣ мушкилоташ камтар мебошад.

Аз мавқеи пайдарҳамии муносибат дар тамоили роҳандозии ҷараёни таълим мавқеи асосиро натиҷаи ҷараёни таълим, ки дар хатмкунандагон салоҳиятнокӣ мебахшад ишғол менамояд. Дар фаҳмиши нав, сифати таҳсилоти касбӣ, чун анъана аз рӯи дониш, маҳорат ва малакаи ташаккулёфтаи хатмкунандагон баҳогузорӣ карда мешавад. Дар таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ як қатор мухолифмаъноӣ мавҷуд аст:

- байни низоми барқароргардидаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва зарурияти сифатнок омода намудани мутахассисон дар соҳаи ташаккули салоҳияти касбӣ;
- зарурияти назорати доимии ташаккули салоҳиятнокӣ дар ҷараёни таълим ва нокифоягии аз ҷиҳати илмӣ асоснок таъмин намудани омӯзгорон бо дастурҳои методӣ;

- талабот ба истифода бурдан аз технологияи инноватсионии муайянсозандаи дараҷаи омодагии донишҷӯён ва имкониятҳои маҳдуди методҳои анъанавии назорат дар таҳсилоти касбӣ.[4.16-21]

Тағйиротҳои ҷиддӣ дар иқтисодиёти даврони муосир ба вуҷуд омада, ба мавқеи афзояндаи дониш, маҳорат, малака, технологияи иттилоотӣ- коммуникатсионӣ, мубрамияти бозори меҳнат, талаботи навро дар назди хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мегузорад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир мутахассисонеро омода менамоянд, ки дар иқтисоди инноватсионӣ хешро озод ҳис карда тавонанд. Аз ҷониби дигар, қайд накардан номумкин аст, ки сифати таҳсилоти миёнаи касбӣ, мазмун, шакл, усулҳои таълим, ҳолати базаи моддӣ - таълимии онҳо пурра ҷавобгӯи дараҷаи муосири таълим нест.

Тағйироти динамикии бозори меҳнат талаботи хешро нисбат ба омода намудани кадрҳои соҳибкасб такмил медиҳад, аммо «олами меҳнат» худ аз худ қудрат надорад, ки онро барои низоми таълим аниқ муайян намояд. Яке аз роҳҳои муҳимми ҳал намудани ин мухолифати ба миён омада, гузаштан ба насли нави стандартҳои таълимӣ мебошад, ки асоси онро салоҳиятнокӣ ташкил медиҳад. Ин мутобиқат ифодаи хешро дар коркард ва татбиқи стандартҳои таълимӣ ва инчунин низоми баҳодиҳӣ ба дараҷаи омодагии касбии хатмкунандагон пайдо менамояд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки баҳои омодагии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ он вақт воқеӣ мегардад, ки ба стандарти касбӣ такя намояд. Мутобиқи мафҳуми умумиқабулгардида стандарти касбӣ ин қайди умумии вазифаҳои коргарӣ мебошад, ки дар доираи фаъолияти касбии мушаххас бо нишондоди сифатӣ босалоҳият иҷро карда мешавад.

Стандарти касбӣ дар маҳорати касбӣ- майлдорӣ қарор гирифта, хусусияти маҷмӯъӣ, мақсаднокӣ дошта, аз соҳаҳои гуногун ба фаъолияти касбӣ гузаронида мешавад. Аз ин рӯ самти калидии гуфтугӯи байни таҳсилот ва тиҷорат муносибати босалоҳият мегардад, ки дар натиҷаи он имконияти воқеии ташаккул ёфтани тасаввуротҳои умумии гузоштани вазифаҳои омода намудан ва баҳодиҳии сифати мутахассисон- хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба миён меояд.

Мафҳуми «салоҳият» барои ифода намудани тавсифи тафриқавии омода намудани хатмкунандагон, ҳамчун категорияи натиҷаи таълим хизмат менамояд. Тавре, ки В. И. Байденко қайд менамояд: «салоҳият ҳамчун шакли нави мақсадгузорӣ баромад намуда аз рӯйи моҳият, пешравиро ифода намуда, меъёри баҳои академиро аз баҳои берунии касбӣ ба омодагии иҷтимоии хатмкунандагон ифода менамояд». [2.72]

Рӯ овардан ба баҳодиҳии сифати таълим тавассути салоҳиятнокӣ маънои онро дорад, ки таълим хоҳу нохоҳ ба фаъолияти меҳнатии насли наврас рӯ орад. Ниҳоят муҳим мебошад, ки салоҳияту салоҳиятнокиро бо тахассуси мушаххас пайваст нанамоем, то хатмкунандагон тавонанд дар як қатор касбҳо салоҳиятнок гарданд ва босалоҳиятона фаъолият намоянд.

Мақсади таҳсилоти касбӣ аз он иборат мебошад, ки дар донишҷӯён аз ташаккул додани танҳо донишҳои академӣ ва энсиклопедӣ даст кашида, ба арзишҳои вазифавии инсон рӯ биёрад, ки мазмуни ҳам шахсӣ ва ҳам ҳаётӣ дорад.

Муносибати босалоҳият диққатро бештар ба натиҷаи таълим равона менамояд, ки ба сифати он на маҷмӯи аз бар намудаи ахбор, балки тавоноии инсон дар лаҳзаҳои гуногуни проблемавӣ дар фаъолият намуда тавонистан зоҳир мегардад. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки инсон дар рӯзгору ҳаёти мустақилонааш озодона ва бобарор фаъолият карда тавонад. Дар ин муносибат ман математикам гуфта маҳдуд нагардем ва дар ҳолатҳои зарурӣ хешро пайдо карда, ҳаётро осудаҳолона ва боваринок гузаронида тавонад, Дар шароити муосир танҳо чунин мутахассисонро салоҳиятнок гуфтан мумкин аст. Дар ин ҳолат, муҳим он мебошад, ки натиҷаи таълим моҳиятнок дониста шуда, аз доираи низоми хеш берун бароянд ва ба инсон пару боли фаъолият бахшад.

Қайд кардан зарур аст, ки низоми таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон ҳамеша салоҳиятнок буд ва хоҷагии халқи кишвар ҳамеша ба мутахассисони омоданамудаи он дар фаъолияти меҳнатӣ таъмин буд.

Дар шароити муосир технология зуд иваз мегардад, истеҳсолот ниҳоят характери нозук ва ивазшавандаро ба худ касб менамояд, бинобар ин омода намудани мутахассисон низ торафт ҳасос ва мураккаб мегардад.

Мубрамияти муносибати босалоҳият дар он мебошад, ки дар баробари донишу малакаи мушаххас чунин категорияҳо, ба монанди иқтидори ҳал намудани вазифаҳои касбиро дар худ фаро мегирад. Омодагии касбӣ дар шароити муосир дар касе нобовариро боқӣ намегузорад, зеро муносибати номбурда ба таври фаврӣ на танҳо

ташаккул додани мазмуни таҳсилот, инчунин низоми муоинаи ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯро талаб менамояд. [4.25]

Ба проблемаи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ диққати бештарро олимони Россия, ба монанди В. А. Болотов, В. В. Сериков, А. Г. Шмелев, олимони тоҷик ба монанди Лутфуллозода М, Бобизода Ғ. М, Зиёӣ Х.М ва ходимони илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, зоҳир менамоянд.

Асосҳои назариявии ташаккул додани салоҳияти донишҷӯён пурра коркард нагардидааст, аммо масъалаи баҳодиҳии омодагии касбии онҳо чандон хуб омӯхта нашудааст ва омӯзишро талаб мекунад. Дар сарчашмаҳои педагогикаи хориҷӣ мафҳуми салоҳият ҳамчун «тавоноӣ ва омодагӣ ба иҷрои фаъолияти муайян» дониста мешавад. Мутобиқи андешаи олимон Г. Влуменштейн, У. Клемент категорияи «омодагӣ» ва «тавоноӣ»-ро дар таҷрибаи кори омӯзгор баҳо додан ниҳоят душвор мебошад. [5. 144]

Мафҳуми «салоҳият», ки дар кори як зумра таҳқиқотчиён, педагог ва психологҳо пешниҳод гардидааст, на ҳама вақт метавонад ҳамчун нуктаи боварибахш дар баҳодиҳии технологии омоданамоии мутахассисон хизмат намояд. Вай дар назар дорад аз ҷониби инсон қабул намудани андеша, боварӣ, баҳо, меъёри рафтор, ки дар аъзоёни гурӯҳи ҷудогонаи касбӣ қабул гардидаанд. Мутобиқати касбӣ метавонад аз рӯи як қатор нишондодҳо, қаноатмандӣ аз меҳнат, касб, меъёрҳои қаноатбахш будан аз хеш баҳогузорӣ карда шавад.

Ба назар мерасад, ки татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити муосир, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба стандартҳои нави таълимӣ мегузаранд, мониторинги ***салоҳиятнокӣ- тамоилгирӣ*** имконият медиҳад, ки мутобиқати касбии хатмкунандагон баланд бардошта шавад.

Дар давраи муайян намудани моҳияти мониторинги ***салоҳиятнокӣ- тамоилгирӣ*** ҷараёни омода намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, мо аз мавқеи назариявии омода намудани касбияти хатмкунандагон баромад менамоем, ки олимон С. А. Дружилов, Н. Б. Крылов, В. А. Цвыка, Л. С. Выготско муайян намудаанд. [6. 35-42]

Дар ин ҷо маданият, ба сифати ҷузъи алоқамандкунанда ва пайвасткунандаи шахсият ва фаъолияти амалии ӯ баромад намуда, бояд дар дарки моҳияти салоҳият мавқеи калидиро иҷро намояд. Омӯзиш ва таҳлили асарҳои олимон В. И. Байденко, И. А. Зимняя, А. В. Хуторской имконият медиҳад, ки салоҳиятро ҳамчун ҳаҷми дониш, маҳорат ва малакаи дар ҷараёни таҳсил бадастомада қабул намоем. Ба он инчунин сифатҳои махсуси касбӣ ва муносибат ба фаъолият, ки дар ҷараёни фаъолияти амалӣ ҳосил мегардад дохил мегардад.

Мониторинги ***салоҳиятнокӣ- тамоилӣ***, воситаи асосии татбиқи стандарти давлатии таҳсилотии насли сеюм мебошад, ки аз худ низоми ғункунӣ, нигоҳдорӣ, бонизом гардонидани ахборро дар бораи ташаккули салоҳият бо мақсади пешгӯӣ ва танзими саривақтии ҷараёни таълим, ки таҳсилоти касбиро сифатнок мегардонад фаҳмида мешавад.

Тавсифи умумии мониторинги омода намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд чунин ифода ёбад:

- ноил будан ба фаҳмиш дар бораи мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мутахассис, дар бораи он вазифаҳое, ки ба иҷрои онҳо бояд омода бошад;
- дар бораи салоҳияти мутахассис ва сифатҳои фардии ӯ, ки бояд ҳамчун ташаккули фаъолияти касбӣ гарданд;
- дар бораи шароитҳои меъёрие, ки ин фаъолият ҷорист;
- қарорҳои нави қабулнамуда, ба фаъолияти касбӣ робитаманд буда, бо ахбор муносибат карда тавонад, ки бобарории фаъолиятро таъмин намояд;
- доштани тасаввурот дар бораи мазмуни шахсии фаъолият.[2.70-72]

Татбиқи мониторинги ***салоҳиятӣ- майлкунӣ*** муҳайё сохтани чунин шароитҳои педагогиро талаб менамояд:

- дар миёни онҳо - мутобиқати асосҳои натиҷагирӣ - ҳадафмандии тамоми давраҳои ҷараёни таълим;
- ҳамкории тамоми омӯзгорон бо мақсади ба даст овардани натиҷаи воқеъӣ;
- татбиқ намудани ҳамоҳангии самти донишҷӯён дар ҷараёни таълим баҳри салоҳиятнок гардидан;
- истифода бурдан аз методҳои анъанавии назорат ва гузаронидани пурсишномаҳои дараҷавӣ- майлкунӣ барои баҳо додан ба натиҷаи фаъолияти таълимӣ ва дастовардҳои касбии донишҷӯён;

- дуруст ва бехато истифода бурда тавонистан аз технологияи ахборӣ.

Аз ҷониби шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон амсилаи мониторинги ташаккулёбии салоҳияти донишҷӯён коркард гардид, ки дар худ се қисми масъалаҳоро фаро мегирад: мазмуннокӣ, технологӣ, шахсӣ- равонӣ.

Қисми мазмуннокӣ талаботҳои муайянро пешниҳод менамояд:

- омодагии сифатии мутахассис (талаботҳои Стандартҳои Давлатии Таҳсилот ва корфармоён);

-талабот ба мазмуни дониш, маҳорат ва малака барои босалоҳият иҷро намудани фаъолияти касбӣ;

- интихоб ва ба танзим даровардани маводҳои назоратӣ- ченкунӣ барои гузаронидани озмоиш ва ғайраҳо.

Қисми технологӣ барои амалӣ намудани баҳогузории ташаккули салоҳияти касбӣ дар ҷараёни назорати навбатӣ ва ҷамъбастии фаъолияти таълимии донишҷӯён ва инчунин барои гузаронидани пурсишнома вабаста ба салоҳиятнокӣ гузаронида мешавад. Қисми технологӣ майл мегирад ба татбиқи баҳодиҳӣ ба ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён дар ҷараёни назорати даврӣ ва ниҳоии фаъолияти таълимии донишҷӯён. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, инчунин саволномагузаронии дараҷавӣ- майлкунӣ дар мувофиқа бо талаботҳои салоҳиятнокӣ гузаронида мешавад.

Хулосаи калом, аз мавқеи таҳқиқотии амсилаи пешниҳодгардидаи ***салоҳиятнокӣ-тамоилгирӣ*** баромад намуда, гуфтанием, ки ин амсила барои баҳо додан ба сифати омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омили беҳтарин хоҳад буд. Дар фарқият аз бақайдгирии анъанавии давомот, муоинаи психологӣ ва иҷтимоию педагогӣ ба таври нақшавӣ ва пайдарҳам гузаронида мешавад. Натиҷаи муоинаи мониторгии сифати омода намудани мутахассисон барои такмил додани ҷараёни таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ на танҳо қайд карда мешавад, балки истифодаи доимиро талаб менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,- Душанбе, 26.12.2020.

2. Байденко, В. И. Выявление состава компетенций выпускников вузов как необходимый этап проектирования ГОС ВПО нового поколения: метод. пособие / В. И. Байденко. — М. : Исслед. центр проблем качества подготовки специалистов, 2006. — 72 с.

3. Болонский процесс. Национальный доклад: 2005—2007 [Электронный ресурс]. — Режим доступа: http://portal.ntf.rU/portal/pls/portal/docs/1/ 37175.DOC.

4. Болотов, В. А. Развитие инструментальных технологий контроля качества образования: стандарты профессионализма и парадоксы роста/ В. А. Болотов, А. Г. Шмелев // Высш. образование сегодня. — 2005. — № 4. — С. 16—21.

5. Выготский, Л. С. Лекции по психологии / Л. С. Выготский. — СПб. : СОЮЗ, 1997. — 144 с.

6. Дружилов, С. А. Психология профессионализма человека: интегративный подход /С. А. Дружилов // Жури. прикладной психологии. — 2003. — № 4/5. — С. 35—42.

7. Зимняя, И. А. Ключевые компетенции: новая парадигма результата образования / И. А. Зимняя // Высш. образование сегодня. — 2003. — № 5. — С. 34—42.

## ФОРМИРОВАНИЕ МЕЖКУЛЬТУРНО-ОБРАЗОВАННОЙ ЛИЧНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ БИЛИНГВАЛЬНОЙ И ПОЛИКУЛЬТУРНОЙ СРЕДЫ

***ХАКИМОВА Шахло** - соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126, **тел.:** +(992) 907 97 68 69*

В настоящей статье рассмотрены основы межкультурно-коммуникативного обучения русскому языку студентов неязыкового вуза экономического профиля, которая обусловлена возрастанием потребности студенческой молодежи в овладении русским языком и русской культурой как показателя формирования лингвокультурной личности, свободно участвующей в межкультурно-коммуникативной деятельности.

По мнению автора обучение студентов таджикоязычной аудитории в неязыковом (экономическом) вузе должна обеспечить создание лингвокультурных условий для формирования профессиональных компетенций средствами русского языка, позволяющими будущим специалистам активно работать в среде многоязычного и поликультурного пространства.

***Ключевые слова:*** *русский язык, студент, преподаватель, обучение, коммуникация, межкультурный подход, текст, речевая деятельность, чтение, речь, говорение, письмо, аудитория, неродной язык, знание, умение, навык.*

## ТАШАККУЛИ БАЙНИФАРҲАНГӢ ВА БОМАЪРИФАТИИ ФАРД ДАР МУҲИТИ ДУЗАБОНӢ ВА БИСЁРФАРҲАНГӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***ҲАКИМОВА Шаҳло -*** *унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126,* ***тел.:*** *+(992) 907 97 68 69*

Дар мақола асосҳои таълими забони русӣ дар макотиби олӣ (ихтисоси иқтисодӣ) бо дарназардошти ташаккули малакаҳои робитаи байнифарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Чунин тадбир аз он бармеояд, ки ҷавонони имрӯз майли тамом ба омӯзиши забони русӣ ва фарҳанги миллии кишвари Руссия доранд. Таълими забони русӣ дар партави ташаккули маҳорату малакаи гуфтор ба ин забон имкон медиҳад, ки муҳассилин барои расидан ба ҳадафҳои шахсияти забондон ноил гарданд. Ба ин хотир муаллиф бобати фароҳам овардани шароити омӯзиши забони русӣ дар робита бо шиносоӣ бо анъанаҳо, урфу одат ва унсурҳои хоси миллии халқи рус суҳбат мекунад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *забони русӣ, донишҷӯ, муаллим, омӯзиш, муоширaт, равиши фарҳангӣ, матн, фаъолияти нутқ, хониш, сухан, навиштан, шунавандагон, забони хориҷӣ, дониш, маҳорат.*

## FORMATION OF AN INTERCULTURALLY EDUCATED PERSONALITY IN MODERN CONDITIONS OF A BILINGUAL AND POLYCULTURAL ENVIRONMENT

***KHAKIMOVA Shakhlo*** *– Applicant of and IOE named after A. Jami, Dushanbe, 126 Ayni Str.,* ***mob.:*** *(+992) 907 97 68 69*

This article discusses the basics of intercultural-communicative teaching of the Russian language to students of a non-linguistic university of economic profile, which is due to the growing need of students to master the Russian language and Russian culture as an indicator of the formation of a linguocultural personality, freely participating in intercultural and communicative activities.

According to the author, teaching students of a Tajik-speaking audience in a non-linguistic (economic) university should ensure the creation of linguocultural conditions for the formation of professional competencies by means of the Russian language, allowing future specialists to work actively in a multilingual and multicultural space.

***Keywords:*** *russian language, student, teacher, learning, communication, intercultural approach, text, speech activity, reading, speech, speaking, writing, audience, foreign language, knowledge, skill.*

Современное образовательное пространство Республики Таджикистан характеризуется динамичным ростом и внедрением новых педагогических технологий, возможностями разработки и апробации инновационных моделей обучения русскому языку в неязыковом вузе, в частности, формирования межкультурно-коммуникативных умений студентов таджикоязычной аудитории экономического профиля в условиях билингвальной и поликультурной среды.

Теоретическое и методологическое изучение и осмысление исследуемой проблематики в совокупности с данными передового методического опыта откроет широкие горизонты в исследовании одной из приоритетных направлений современной методики обучения русскому языку с позиции носителей таджикского языка - проблемы формирования межкультурно-коммуникативных умений и навыков студентов неязыкового вуза в условиях полилингвального и поликультурного образования в Республике Таджикистан.

В последние 20-30 лет в методике преподавания русского языка как неродного появилось множество исследований, посвященных развитию коммуникативных умений обучаемых. Однако решение проблемы межкультурно-коммуникативного обучения как нового лингводидактического явления требует применение иного подхода и иных технологий обучения в связи с усилением прагматической направленности усвоения русского языка с включением компонентов лингвокультурологического обучения русскому языку студентов неязыкового вуза в условиях дву и многоязычия.

Решение избранной проблемы основывается на важнейшие положения, сформулированные в Законе Республики Таджикистан «Об образовании» (2014г год); «Концепции национального развития образования на 2013-2020 гг.»; Государственной программе «О мерах совершенствования преподавания и изучения русского и английского

языков в образовательных учреждениях Республики Таджикистан в период 2015-2020 гг.». В перечисленных документах реализация межкультурной коммуникации при обучении русскому языку в образовательных учреждениях занимает особое место.

Настоящая статья является одной из составляющих частей научного исследования, посвященного разработке основ межкультурно-коммуникативного обучения русскому языку студентов неязыкового вуза экономического профиля. Она обусловлена возрастанием потребности студенческой молодежи в овладении русским языком и русской культурой как показателя формирования лингвокультурной личности, свободно участвующей в межкультурно-коммуникативной деятельности.

Исследование, проводимое нами, подтверждает, что методическое обоснование и разработка основ межкультурно-коммуникативного обучения русскому языку в неязыковом вузе преследует главную цель – формирование личностно-ориентированной межкультурной личности, владеющей умением вести вербальную, паравербальную и невербальную коммуникацию в зависимости от конкретной ситуации профессионального общения средствами изучаемого языка.

Изучение и анализ научной литературы по теме исследования показал, что к основным принципам межкультурно-коммуникативного обучения русскому языку в неязыковом вузе в условиях дву и многоязычия относятся диалог представителей различных культур средствами русского языка,  знание родного языка и родной культуры, культуры страны изучаемого (русского) языка.

Выяснилось, что в этом комплексе вопросов существенное место занимает осознание равноценности и значимости русского языка и русской культуры в контексте формирования умений и навыков речетворчества в объеме программных требований. Важным этапом работы для реализации поставленных целей и задач является развитие русской речи студентов экономической специальности в неязыковом вузе. Это, прежде всего, восприятие русской речи в тесной связи с изучаемыми лексико-грамматическими средствами русского языка и ее воспроизведение (говорение) наряду с сознательным усвоение норм правильного произношения, написания и чтения.

В этом ряде также можно отметить умения сочетать слова друг с другом в словосочетании и предложении, правильно интонировать предложение, иметь стилистические навыки продуцирования речи с использованием усвоенного словарно-фразеологического и терминологического запаса. Все эти меры направлены на обеспечение продуктивных речевых действий обучаемого и направлены на обучение речевой деятельности на русском языке.

Однако, новым элементом в этой общей постановке вопроса над развитием коммуникативных компетенций студентов неязыкового вуза является их приобщение к знаниям в области российской действительности. Иначе говоря, это одновременное изучение языка и культуры русского народа: его традиции, обычаи, менталитет, страниц из жизни замечательных людей, истории, географические названия, реалии, слова с национально-культурным компонентом в семантике и т.п.

Известно, что изучение русского языка в таджикоязычной аудитории неязыкового вуза имеет свои целевые назначения. Давно бытует мнение и стало аксиомой изречение о том, что язык – это система материальных единиц, служащих для обеспечения общения людей. Язык отражается «в сознании коллектива в отношении от конкретных мыслей, чувств и желаний» (Головин Б.Н. Введение в языкознание. М., 1973, с. 26). Не было бы языка – не была бы и речи.

Изучая языковые явления, на занятиях по русскому языку в неязыковом вузе происходит научение речи, овладение особенностями порождения механизмов речи и речетворчества, в системе которой все важные компоненты языкового уровня – грамматика, лексика, фонетика получают непосредственное функционирование в тесной взаимосвязи. По сути, мы имеем в виду обучение не изолированным языковым явлениям, а их интегрированной и неразрывной связи в потоке речи.

Исследования последних лет свидетельствуют о том, что изучение любого неродного языка (в нашем случае – русского языка в неязыковом вузе)требует формирование межкультурной компетенции студентов в контексте усвоения лингвокультурной и лингвострановедческой информации. Это означает фиксациюв сознании различных культурныхценностей средствами изучаемого языка[6].

Последнее позволяет современной студенческой молодежи реализовать свои потенциальные возможности в рамках межкультурной связи и коммуникации, в которых происходит его становление как лингвокультурной личности. В связи с этим обучение студентов таджикоязычной аудитории в неязыковом (экономическом) вузе должна обеспечить создание лингвокультурных условий для формирования профессиональных компетенций средствами русского языка, позволяющими будущим специалистам активно работать в среде многоязычного и поликультурного пространства.

Как видно, русский язык призван выполнять роль так называемого культурного транслятора, чтобы позитивно и качественно влиятьне только на языковую деятельность личности, но и на масштабы ее культурной осведомленности. Это подразумевает собой

активное привлечение студентов таджикоязычной аудитории неязыкового вуза в активную межкультурную коммуникацию посредством разработанной системы заданий, диалога, ролевых игр, культурных мероприятий и т.п.

Особая роль в этой иерархии формирования языковой и культурной личности студентов отводится работе с текстами, прецедентными именами и выражениями, мифологическими персонажами из художественной литературы, устного народного творчества, газет и журналов, СМИ и пр.Безусловно, все это сложный психолингвистический процесс, в котором действуют и функционируют различные логические связи между всеми анализаторами: слуховым, речеслуховым, речедвигательным, зрительным. Отсюда в процессе формирования межкультурно-коммуникативных умений и навыков обучаемых по русскому языку огромное значение имеют зрительные, звуковые и моторные ассоциации.

Каковы же методические приёмы и механизмы, при которых в ходе обучения русскому языку студентов экономической специальности возможны формирование межкультурно-коммуникативныхнавыков и умений студентов? В принципе, здесь можно говорить о практическом овладении русским языком студентами - носителями таджикского языка как средством общения на межкультурно-диалоговом аспекте. Это новая формулировка методического аппарата и научного понятия, означающего умение пользоваться лингвокультурологическими знаниями для выражения своих мыслей в контексте «диалога языков – диалога культур».

На наш взгляд, свободное овладение русским языком как средством межкультурной коммуникации возможно лишь в результате сознательной аккультурации – перехода от особенностей родной культуры к иноязычной культуре. Известно, что обучения русскому языку в национальной аудитории проходит с динамичным привитием уважения к традициям русской культуры дляпробуждения гуманистических чувств и убеждений обучаемых, выработки общечеловеческих ценностей и взглядов.

Иначе говоря, посредством изучения русского языка студенческая молодежь знакомится с культурными и духовными ценностями, «усваивают лучшие образцы культуры речевого поведения, принятые в мировом сообществе. Это способствует решению важной задачи современного поликультурного образования, нацеленного на освоение, сохранение и дальнейшее развитие культурного наследия человечества, укрепление межкультурного взаимодействия и сотрудничества» [7: с.2].

Работа преподавателя русского языка в неязыковом вузе в направлении межкультурно-коммуникативного формирования языковой личности является одним из наиболее действенных средств создания языковой и речекультурной среды. Это повышение языковой, речевой и межкультурной-коммуникативной компетенции обучаемых, совершенствование их мировоззрения в совокупности с вербальными и невербальными компонентами языкового строения речи. По выражению Л.А.Худенко, «язык отражает, хранит и передает от поколения к поколению культуру народа, его историю, образ жизни, систему ценностей» [8: с.2].

С учетом того, что русский язык в Республике Таджикистан имеет статус языка межнационального общения и это положение зафиксировано в Основном Законе Республики Таджикистан (Конституция РТ), обучение русскому языку в образовательных учреждениях страны, в том числе в вузах, имеет огромное значение в контексте интернационализации и гуманизации образования, выхода на межкультурную интеграцию, на диалог языков и культур, расширение возможностей языкового и культурного сотрудничества с использованием возможностей передовой технологии, информатизации, инновации на различных этапах изучения русского языка в национальной аудитории.

Совершенно прав исследователь Рузиева Л.Т., которая отмечает, что «совершенствование механизмов и технологий языкового образования, разработка рациональной методики обучения русскому языку в вузах Республики Таджикистан предполагают усиления его ценностно-ориентированной направленности на базе прецедентно-значимых текстов, предполагающих усвоение обучаемыми полиязыковой культуры, совмещенной с языковым значением и представленной в единицах языковой парадигмы» [7: с. 4].

Формирование межкультурно-коммуникативного потенциала студентов таджикоязычной аудитории неязыкового вуза на занятиях по русскому языку подразумевает собой проведения разнообразных методов работы. Одной из эффективных форм и методов работы является изучение прецедентных имен и выражений. Обычно в языках, в том числе русском, имена в пословицах носят символический характер. Это не говорит о том, что человек, носящий то или иное символическое имя, должен обладать описанными качествами, хотя совпадений бывает часто.

К примеру, возьмем имя *Кузьма*. Обычно в русских пословицах это имя носит отрицательную оценку, ибо это злой, мстительный человек: *наш Кузьма все бьет со зла; не грози, Кузьма, не дрожит корчма; Кузеньку подкузьмить.*

Другое имя - *Макар* в пословицах отражает человека бедного, неудачливого, забитого: *на бедного Макара все шишки валятся; писал Макарка своим огарком, у Макара*

*лишь возгрей пара.* И вот этому бедному Макару негде пасти своих телят, он вынужден пасти их далеко, на заброшенных выпасах. А то место, о котором говорится во фразеологизме, еще дальше – куда даже *Макар своих телят не гонял.*

*Еще одно символическое имя – Емеля.* Он человек – болтун, пустомеля, хвастун, лгун и лентяй. Пословица *мели Емеля, твоя неделя* имеет грубую оценку. Этим выражением хотят констатировать: не болтай попусту, говори, сколько хочешь, никто не принимает твои речи всерьез.

Таких примеров много, и они отражают специфические признаки народной мудрости. Их использование на занятиях по русскому языку в неязыковом вузе дает возможность студентам погружаться в национально-культурные особенности русской действительности, войти в русскую языковую картину посредством прецедентно значимого текста-феномена.

Несомненно, в процессе формирования межкультурно-коммуникативной компетенции студентов таджикоязычной аудитории неязыкового вуза особую роль играют учебные тексты. Работа с текстом подразумевает собой процесс его чтения – важного компонента речевой деятельности, подразумевающей собой способность субъекта образования к воспроизведению и выражения своей мысли на основе прочитанного. В тексте находим главное его ядро – полезную информацию, новые эмоции, свежие впечатления.

В процессе чтения происходит раскрытие смысловых компонентов речевого произведения на уровне понимания. Более того, чтение способствует развитию всех видов речевой деятельности: аудированию, говорению, письменной речи. Чтение постепенно становится самостоятельным источником русской речи и прививает навыки самостоятельной работы с книгой.

Межкультурно-коммуникативный подход к изучению русского языка на основе выработки навыков и умений восприятия смысла и содержания учебного текста является позитивным переходом к другому важному этапу – воспроизведению. Это прямой путь к репродуктивной речевой деятельности, пониманию, позволяющему получить лингвокультурную информацию.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Балыхина. Т.М. Методика преподавания русского языка как неродного (нового): Учеб. пос. для преподавателей и студ. / Т.М. Балыхина. - М.: Изд-во РУДН, 2007. - 185с.
2. Бирюкова, Т.Г. О культурно-речевой подготовке старшеклассников (фоновые знания) / Т.Г. Бирюкова // Русский язык в школе. – 2001. - № 3. - С. 16-22.
3. Гагаев, А.А. Художественный текст как культурно-исторический феномен. Теория и практика прочтения: Учеб. пособие / А.А. Гагаев, П.А. Гагаев. – М., 2002. – 212 с.
4. Иконникова, Н.К. Механизмы межкультурного восприятия / Н.К. Иконникова // Социологические исследования. -1995. - № 8. – С.34-41.
5. Лингвистические и методические аспекты преподавания русского языка как неродного. Межвузовский сб. - СПб, 1992. – 166 с.
6. Негматов, С.Э. Горизонты лингводидактики: Монография. - Душанбе: Сино, 2020. – 178 с.
7. Рузиева, Л.Т. Прецедентно-значимые тексты как когнитивный компонент культуры народа в системе обучения русскому языку в неязыковом вузе в лингвокультурологическом аспекте. Дисс. на соиск. уч. степ. д-ра пед. наук. - Душанбе, 2019. - 383 с.
8. Худенко, Л.А. Методическая система средств лингвокультурологического развития учащихся 5-11 классов в процессе обучения русскому языку. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора педагогических наук. – Минск, 2012. – 43 с.

**УДК 37.014.5:37.015.31**

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ИНКИШОФИ ЗЕҲНӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ХОНАНДАГОН

***НОСИРОВ Саъдулло Шукрулоевич*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ, сардори шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14,* ***E-mail:*** *nosirov1965@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)93-531-17-71*

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба мафҳумҳои «зеҳн» ва «донишҳои зеҳнӣ» ҳамчунин, «қобилият», «лаёқат» ва «истеъдод» нуктаи назари илмии олимони гузашта ва имрӯзаро ба инобат гирифта, аҳамияти онҳоро дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон ишора менамояд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ ва мушоҳидаҳои худ оид ба фаъолияти педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд намуда, проблемаҳои ҷойдоштаро

дар самти роҳҳои инкишоф додани зеҳн ва қобилияту маҳорати хонандагон ошкор менамояд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки қобилияти таҳлил намудан, фикр кардан, муқоиса намудани воқеаю ҳодисаҳои дар ҳаёт рӯхдода ва хулосаҳои зарурӣ баровардан ин ҳама ба қобилияти зеҳнии хонанда вобастагии қавӣ дорад.

Муаллиф дар бораи таълими мақсадноки касбӣ, ки маҳз ба синфҳои X-XI рост меояд, андеша ронда, дар дидактика принсипи нав - принсипи таълими мақсадноки касбӣ пешниҳод намудааст. Вазифаҳои ин принсипи таълим асосан аз омӯзиши амиқи фанҳои таълимии ба интихоби касб нигаронидашуда иборат буда, ба субъектони асосии раванди таълим – омӯзгору хонандагон тавсияҳои муфид медиҳад.

Таъкид шудааст, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар воқеъ, макони маърифат ва касбинтихобкунӣ маҳсуб меёбад, дар ҳалли муаммоҳои зерин: омӯзиши шавқу ҳавас ва рағбати хонандагон; пешгӯии асосноки зеҳнияте, ки аз ҷониби омӯзгор дар тӯли тамоми таълим ба амал меояд; интихоби мақсадноки касб ва иҷрои он, ки аз шароити кор, вазифа ва мазмуни омодагии таълим ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ғайра вобастагӣ дорад, масъул аст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *зеҳн, зеҳният, инкишофи зеҳнӣ, қобилияти зеҳнӣ, фаъолияти зеҳнӣ, зеҳни эҷодӣ, донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон, фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ, фаъолияти фаъоли эҷодӣ, таълими рушддиҳанда, таълими мақсадноки касбӣ.*

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИНТЕЛЛЕКТУЛЬНОГО РАЗВИТИЯ И ИХ РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ ЗНАНИЙ, УМЕНИЙ И НАВЫКОВ ОБУЧАЮЩИХСЯ

***НОСИРОВ Саъдулло Шукрулоевич -*** *кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных наук, заведующий отделом издательства и печати Таджикского государственного финансово-экономического университета, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14,* ***E-mail:*** *nosirov1965@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)93-531-17-71*

В статье автор с учётом различных научных воззрений на природу интеллекта, трактовку таких понятий, как «ителлект», «интеллектуальные знания», «способности», «талант» и «одарённость» рассматривает их влияние значения в формировании интеллектуальных знаний, умений и навыков учащихся.

Говоря о результатах своих наблюдений и педагогических исследований по педагогической деятельности учителей средних общеобразовательных школ, автор выявляет существующие проблемы в области изучения путей развития интеллекта, способностей и умений учащихся.

Отмечается, что способность самостоятельно мыслить, анализировать, сопоставлять и оценивать факты, события, происходящие в жизни, делать нужные выводы - всё это непосредственно связано с интеллектуальными способностями.

Автор предлагает новый дидактический принцип – осуществление профессиональной направленности обучения в X-XI классах. Задачи этого принципа заключаются в глубоком изучении учебных дисциплин, нацеленном на осмысленный выбор учащимися будущей профессии, в связи с чем предлагается ряд рекомендаций основным субъектам процесса обучения – учителю и учащимися.

При этом средняя общеобразовательная школа рассматривается как основное место профориентации, и именно она является ответственной в решении вопросов, связанных с изучением основных интересов и природных способностей учащихся, обоснованным прогнозом уровня их интеллектуальности, осуществляемым учителями в течение всего периода обучения, выбором и осуществлением профессиональной направленности, что зависит от условий работы, задач и содержания подготовки обучения в вузах и т.д.

***Ключевые слова:*** *интеллект, интеллектуальность, интеллектуальное развитие, умственная способность, умственная деятельность, творческий интеллект, интеллектуальные знания, умения и навыки учащихся, познавательная и практическая деятельность, активная творческая деятельность, развивающее обучение, профессиональная направленность обучения.*

## SOME ASPECTS OF INTELLECTUAL DEVELOPMENTAND THEIR ROLE IN THE FORMATION OF INTELLECTUALKNOWLEDGE, SKILLS AND ABILITIES OF STUDENTS

***NOSIROV Sadullo Shukruloevich -*** *Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities, Head of the Department of Publishing and Printing of the Tajik state University of Finance and Economics, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14,* ***E-mail:*** *nosirov1965@mail.ru,* ***Phone.:*** *+(992)93-531-17-71*

In the article, the author, addresses the concepts of "intelligence" end "intellectical knowledge", as well as "ability", "competence" and "talent", taking info account the scientific views of past and present scientists and their importance in the formation of intellectual knowledge skills and abilities of students.

Speaking about the results of his observations and pedagogical research on the pedagogical activity of teachers of secondary schools, the author identifies the existing problems in the study of ways of developing the intellect, abilities and skills of students. It should be noted that the ability of thinking and analysing independently, compare and evaluate facts, events occurring in life, draw the necessary conclusions - all this is directly related to intellectual abilities.

The author proposes a new didactic principle - the implementation of the professional orientation of education in the grades X-XI. The objectives of this principle are in deep study of academic disciplines, aimed at a meaningful choice by students of the future profession, in connection with which a number of recommendations are proposed to the main subjects of the learning process - the teacher and students.

At the same time, the secondary general education school has considered as the main place of vocational guidance, and it is a person who is responsible in solving issues related to the study of the basic interests and natural abilities of students, a reasonable forecast of the level of their intelligence, carried out by teachers during the entire period of study, the choice and implementation of a professional orientation, that depends on the working conditions, tasks and content of training in universities, etc.

***Key words:*** *intelligence, intellectuality, intellectual development, mental ability, mental activity, creative intelligence, intellectual knowledge, skills and abilities of students, cognitive and practical activities, active creative activity, progressive learning, professional orientation of training.*

Инкишофи ҳаёти ҷомеаи муосир ва шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ тақозо менамояд, ки таълим таҷдид ва ба тарзи нав ба роҳ монда шуда, барои инкишофи шахсияти комил, серғайрат ва созандаи мутобиқ ба талаботи замони нав равона карда шавад. Аз ин рӯ, дар соҳаи таҳсилот ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон, ки салоҳиятнокии онҳоро муайян менамояд, яке аз проблемаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Инро ба назар гирифта, дар рафти таҳқиқот мо кӯшиш ба харҷ додем, ки мафҳумҳои «зеҳн» ва «донишҳои зеҳнӣ», «қобилият», «лаёқат» ва «истеъдод»-ро аниқтару возеҳтар кушода диҳем. Зеро қобилиятҳои зеҳнии ҳар як хонандаро донистани омӯзгор дар амалияи таълим ба ҳаракат ва пешрафти фаъолияти таълимии ӯ ва шогирдонаш сабукӣ меорад.

Имрӯз насли наврас ҳамчун неруи зеҳнӣ ва пешбарандаи илм ва истеҳсолот барои инкишофи қобилиятҳо ва имкониятҳои эҷодӣ таваҷҷӯҳи махсусро хоста, ба ташкили шароити беҳтару созгори таҳсил ниёз дорад. Ҷустуҷӯи шакл, мазмун ва роҳҳои омодасозии онҳо вазифаи муҳимтарини соҳаи таҳсилот буда, муҳаққиқони соҳаро низ бетараф намегузорад.

Вобаста ба ин, сараввал зарур донистем, ки ба зеҳн, қобилият, лаёқат ва инкишофи онҳо ва умуман, ҳарчи ки ба инкишофи ҳамаҷонибаи хонанда рабт дорад, ба адабиёту сарчашмаҳо, азҷумла, ба назария ва таҷрибаи олимони соҳа рӯ биёрем. Мақсад аз рӯ овардан он аст, ки дар такя ба назару пешниҳодҳои донишмандон ва таҳқиқоту мушоҳидаҳои имрӯзаи мо дарёфти роҳҳои ташаккул додани донишҳои зеҳнӣ, маҳорат, малака ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон мебошад. Ин василаест, барои роҳандозӣ намудани таълими салоҳиятнок, дарси муосир ва умуман, таълими босифат, ки имрӯз ҷомеа дар назди таълим чунин дархосту талаботро гузоштааст.

Ба ақидаи Л.С. Виготский, «Масъалаи марказии тамоми инкишофи зеҳнии мактаббача ин масъалаи инкишофи дарку фаҳмидан ва озодона амал намудан аст» [3, с.318]. Л.В. Занков бошад, ақида дорад, ки «Инкишофи умумӣ инкишофи ҳаматарафаест, ки аз инкишофи зеҳнӣ бо ҳамин маънӣ фарқ мекунад ва он натанҳо ҷараёнҳои маърифатиро, ҳатто, ҳамчунин ирода ва эҳсосро фаро мегирад.

Таҳқиқотҳое, ки проблемаи зеҳн ва қобилиятҳоро муоина мекунад, намудҳои гуногуни инкишофи зеҳниро ҷудо менамояд. Дар онҳо байни инкишофи умумӣ ва инкишофи махсус фарқият нишон дода шудааст. Ба ин корҳои Б.М. Теплов «Психологияи қобилиятҳои мусиқӣ» [10, с.32] ва В.А. Крутетский «Таҷрибаи таҳлили психологии қобилиятҳои математики мактаббачагон» [5, с.49] мисол шуда метавонанд.

Зимнан инкишофи умумӣ ва махсус аз ҳам ҷудо нестанд ва, баръакс, тавре Л.В. Занков ишора менамояд «инкишофи умумӣ барои асоси мустаҳкамии инкишофи махсус хидмат менамояд ва дар он зоҳир мешавад ва инкишофи махсус бошад, ба инкишофи умумӣ мусоидат мекунад» [4, с.27].

Л.С. Виготский ба проблемаи таълим ва инкишофи зеҳнӣ чунин нуқтаи назарро пешниҳод кардааст: «Таълим пешопеши инкишоф меравад. Талаба таълим гирифта, бо инкишофи зеҳниаш хеле пеш меравад», яъне «таълим на танҳо ба доираи пурраи инкишоф асос меёбад, балки, пеш аз ҳама, ба он вазифаҳои психологие, ки ҳанӯз номукаммаланд, роҳандозӣ мегардад ва барои ташаккули онҳо ба пеш ҳаракат мекунад» [3, с.248]. Дарвоқеъ,

омӯзиш пешопеши инкишоф равона аст, инкишоф бошад, имкониятҳоро фароҳам меорад ва аз ин хотир, омӯзгор бояд тавассути қобилият, маҳорат ва санъати касбиаш бо истифода аз методҳои фаъоли таълим фаъолияти маърифатчӯии шогирдонро дар дарс дар сатҳи зарурӣ таъмин намуда, дар фаъолияти педагогӣ ба муваффақият дастёб гардад.

Н.С. Лейтес қайд менамояд, ки «қобилиятҳоро хусусиятҳои алоҳидаи психикӣ меноманд, зеҳнро бошад, якҷояшавии хусусиятҳои хоси қобилиятҳои одам, ки онҳо ягонагиро ташкил медиҳанд, меноманд» [6, с.28].

Вожаи «зеҳн» ҳамчунин дараҷаи баланди қобилиятҳоро ифода мекунад. Дар робита ба ин мафҳум вобаста ба тағйироти ҷамъиятию таърихӣ ва дар ин баробар, баҳо додани муваффақияту пешравиҳои ҳамаи намудҳои фаъолиятро дар ин дигаргуниҳонабояд фаромӯш кард.

Маънои ибораи «донишҳои зеҳнӣ» дар зеҳн ҷой додани мафҳумҳо – мафҳумҳои асосӣ, мафҳумҳои мушаххас (алоҳида), мафҳумҳои илмӣ, қонунҳои илмӣ, қоидаҳо, ғояҳо, назарияҳо, принсипҳо, муҳокимаҳо, фарзияҳо ва умуман, маҷмӯи маълумотҳои воқеиятро ифода мекунад, ки хонанда бояд ҳангоми омӯзиш аз ин ё он фанни тадрисшаванда онҳоро аз бар намояд, моҳияти онҳоро идрок ва хуб фаҳмад.

Дар ин баробар қобилияти шарҳ додани сабабу натиҷаҳои воқеаю рӯйдодҳо, таҳлил, мулоҳизаю муҳокимарониҳои мантиқӣ, тавассути муқоисаи ашё, ҳодиса ва қонун аломатҳои муҳим ва дуюмдараҷаи онҳоро муқаррар намудан, мураттабсозии санаду далелҳои омӯхташуда ва билохира, ҷамъбаст ва хулосабарорӣниз ба дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ рабт дода мешавад.

«Қобилият гуфта, чунин хусусиятҳои фардӣ-психологии одамро меноманд, ки онҳо талаботҳои фаъолияти муайянро қаноат мекунонанд ва шарти бомуваффақият иҷро намудани он мебошанд. Қобилият аз имкониятҳо иборат аст ва онҳо дониш, маҳорат ва малака мебошанд. Қобилият на дар донишу маҳорат ва малака, балки дар ҷараёни ба даст овардани онҳо ошкор мегардад. Яъне, аз ҷониби шахс то чӣ андоза дар шароитҳои якхела зуд, амиқ, ба осонӣ ва мустаҳкам донишу маҳорат ва малака аз худ карда мешавад» [7, с.328]. Ин таъриф ба омӯзгор ёрӣ медиҳад, ки хусусиятҳои фардӣ-психологии шогирдонашро дурусттар фаҳмад ва мувофиқ ба он донишҳои зеҳнӣ, маҳорат, малака ва қобилиятҳои эҷодии хонандагонро дар раванди таълим ташаккул диҳад. Омӯзгорро ҳамчунин зарур аст, ки зимни иҷрои ин ё он вазифаю супоришҳои таълимӣ ба лаёқат доштани ҳар кадом шогирд низ эътибор диҳад. Лаёқат ин дар одам мавҷуд будани аломату нишонаҳои равшан ифодаёфтаи тараққиёти қобилиятҳо мебошад, ки барои бомуваффақият аз худ намудан ва аз уҳдаи иҷро кардани фаъолиятҳои бо қобилияти мувофиқ алоқамандбуда имконият медиҳад [8, с.245].

Ба қавли Буйдоқов Х. «Аломатҳои асосии зеҳн зоҳиршавии қобилиятҳо, суръати баланди азхудкунии дониш, дар ягон намуди фаъолият нишон додани маҳорат ва малакаҳо, майлу рағбат ва шавқ доштан ба он мебошад» [2, с.132].

Бояд гуфт, ки қобилиятҳо дар раванди таълиму тарбия инкишоф меёбанд ва дар ин сурат метавон истеъдодро пайдо кард. Истеъдод дараҷаи баланди тараққиёти қобилият аст, ки дар намудҳои фаъолиятҳои эҷодӣ зоҳир мешавад. Зеҳн ин низоми қобилиятҳои одам буда, барои дар як ва ё якчанд намуди фаъолият ба комёбӣ ва муваффақиятҳои калон ноил шудани ӯ имконият медиҳад.

Мафҳуми «қобилият», аз нуқтаи назари мо, ин неруи зеҳнии ботинии хонанда, омодагии ӯ барои шурӯъ намудан ба фаъолият ва инкишофест, ки комилан аз омилҳои ботинӣ: шавқу завқ, рағбат, ҳавас, талабот ва ғайра вобаста аст.

Қобилият метавонад афзояд ва ба зеҳният мубадал гардад. Дар ин ҳолат хонанда ҳаҷми зиёди донишу маҳорат ва малакаҳоро илова ба барномаҳои таълимӣ доро мебошад. Ӯ бо тафаккури баланди эҷодӣ: фарохӣ, амиқӣ, мустаҳкамии донишҳо, дар дигар шароитҳо (таълимӣ, меҳнатӣ ва ҳаёти ҳаррӯза) маҳорати эҷодкорона истифода бурдани онҳо, ҳамчунин бо тасаввуроти равшану возеҳ, интиқодӣ ва устувории ақл, мақсаднокӣ ва босабрӣ, завқи баланд ба таълим, худдорӣ, худтанзимнамоӣ, меҳнатдӯстӣ, қобилияти баланди коршоямӣ, фаъолӣ, ташаббускорӣ дар таълим, ҳисси баланд ба таъсиррасонии психологию педагогӣ ва нисбатан бо осонӣ бартараф намудани ҳар як душвории таълим фарқ мекунад.

Ҳамин тариқ, қобилиятҳои фитрӣ, нишонаҳои қобилият ва рағбатнокӣ дар раванди таълим маҷмӯан ба дараҷаи қобилиятҳо табдил ёфта, баъдан ба зеҳният, ки истеъдоду маҳоратро ташаккул медиҳад, мегузарад.

Зеҳният, ки нишондиҳандаи дараҷаи баланди инкишофи ягон қобилияти одам мебошад, гуногун мешавад. Чунончи, яке аз онҳо – зеҳни иҷтимоӣ, ки онро метавон пешсаф номид. Хонандае, ки чунин сифатҳоро доро мебошад, ҳам дар оила ва ҳам дар мактаб орому ботамкин аст.

Зеҳни академӣ дар қобилиятҳои таълимии ғайримуқаррарӣ зоҳир мешавад, ки дар оянда барои беҳтарин мутахассис шудан мусоидат мекунад.

Қобилияти зеҳнӣ ин қобилияти таҳлил намудан, фикр кардан, муқоиса намудани воқеаю ҳодисаҳои дар ҳаёт рӯхдода ва хулосаҳои зарурӣ баровардан мебошад. Чун қоида, хонандагоне, ки ин гуна қобилият доранд, аълочӣ мебошанд. Дигар шароит низ эҳтимол

дорад, масалан, хонанда танҳо аз як ё ду фанни таълимӣ бо баҳои «аъло» мехонад, вале аз дигар фанҳо бошад, дараҷаи азхудкуниаш хуб нест.

Зеҳни эҷодӣ дар хонандагон дар шакли ғайримаъмулӣ, бо тафаккури ғайриқолибӣ зоҳир мешавад. Аммо бештари вақт ба мақсадҳои муайяни таълимӣ нарасида, чунин хонандагон дар ин ҷода «ноком» мемонанд. Хонандагони зеҳни эҷодидошта аз овони кӯдакӣ диққати ҳамаро – чӣ дар оила ва чӣ дар муассисаи таълимӣ ҷалб мекунанд. Ин қабил талабагонро сари вақт пай бурдани омӯзгорону дигар масъулини таълиму тарбия ва ба онҳо ҷиҳати инкишоф додани қобилиятҳои эҷодӣ ёрӣ додан басо муҳим аст.

Маврид ба эътироф аст, ки мутафаккирони мо кайҳо боз ба хусусиятҳои фардӣ-психологии одам, алалхусус таълимгирандагон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳатто интихоби хоси усулҳои таълимро ба онҳо дар осори гаронарзишашон ишораҳо кардаанд. Барои мисол, бигирем Абӯалӣ ибни Синоро, ки ӯ перомуни омӯзиш ва вобаста ба зеҳну истеъдод ва завқ касбу ҳунар ихтиёр карданро таъкид намуда, чунин иброз медорад: «Бояд ба ҳар кас муносиби завқу истеъдодаш касб омӯхт, вагарна таълиму тарбият натиҷаи матлуб намедиҳад». Дар ҷои дигар мефармояд: «Устод пеш аз шурӯъ ба таълим бояд табъу қариҳаи шогирдашро бисанҷад ва ҳушаш (зеҳн)-ро биозмояд. Сипас, муносиби завқу истеъдодаш барои вай усулҳои омӯзишро интихоб намояд. Аз андозаи майлу рағбати шогирдаш иттилоъ ҳосил кунад ва созгор ба ӯ дониш бидиҳад»[1, с.25-26.]. Дар иртибот ба ин андеша, бояд гуфт, ки ин олими ҳамадон яқинан тарафдори таълими тафриқа буда, ҳам барои толибилмон ва ҳам барои муаллимон беҳтарин усулҳои омӯзишро арза доштааст. Маъно он аст, ки машғулиятҳо (дарс) бояд дар шакли инфиродӣ ва гурӯҳӣ гузаронида шаванд.

Вале боиси таассуф аст, ки мо зимни таҳқиқот бо кам омӯзгороне, дучор омадем, ки мувофиқ ба зеҳн, қобилият ва лаёқату истеъдоди шогирдон дарс гузаранд. Ҳол он ки хонандагони зеҳнан болаёқат ва қобилиятнок дар азбарнамоии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо, мафҳумҳои илмӣ ва қонунҳои илмӣ, шарҳи сабабу натиҷаҳои воқеаю рӯйдодҳо, ки ин ҳама яке аз шартҳои асосии ташаккули донишҳои зеҳнӣ, малака ва маҳорат маҳсуб меёбад, назар ба хонандагони миёна ва сустхон дар дарс зиёдтар фаъолмандӣ нишон медиҳанд. Бо истифода аз фаъолмандӣ нишон додани онҳо омӯзгори босалоҳият ва бомаҳорат дарсро тарзе ташкил менамояд, ки миёнахону сустхонҳо низ тадриҷан ба сатҳи фаъолнокӣ расанд.

Мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ки аз рӯйи қобилият интихоб ва ҷудо намудани хонандагон ба ин ё он силсилаи фанҳо барои омодагии пурзӯри касбии онҳоимконият фароҳам меорад. Дар ин баробар муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ҳамҷониба шароит муҳайё созанд, то ба ҳаракат ва пешрафти онҳо монеае эҷод нашавад. Пеш аз ҳама муассисаи таълимӣ бояд бо мутахассисони касбии педагогӣ, пойгоҳи моддӣ-техникӣ, алалхусус таҷҳизоти техникии таълимии замонавӣ ва дигар ҷиҳатҳои талаботи дарси муосир таъмин бошад.

Мавриди зикри хос аст, ки дар синфҳои болоӣ, бахусус синфҳои X-XI таълими мақсадноки касбӣ ба миён меояд, ки вазифаҳои он асосан аз омӯзиши амиқи фанҳои таълимии ба интихоби касб нигаронидашуда иборат мебошад. Ин ҷо таъкид намудан дуруст меояд, ки яке аз вазифаҳои асосии илми педагогика иҷтимоикунонӣ ҳам ҳаст. Яъне, педагогика ва умуман, фанҳои таълимӣ баробари дигар вазифаҳо, омӯзонидани маълумоти иҷтимоиро ба дӯш дорад, аз ҷумла вазифаи иҷтимоикунонӣ ба зиммааш буда, хонандаро бояд ба ҳаёт омода созад. Маҳз ба ин ё он касбу ҳунар дил бастан ва ҳаётиояндаи худро муайян намудан аз давраи таҳсил, алалхусус аз синфҳои болоӣ ибтидо мегирад ва дар ин самт омӯзиши кадом фанҳои тадрисшаванда муҳимтар аст, ба ӯ бояд моҳиятан фаҳмонида шавад.

Дар ин баробар хонандагони хатмкунанда маводи таълимиро бо назари нав, бо мақсади дар оянда коромад шуданашон аз бар мекунанд ва ба ин васила донишҳои зеҳнӣ ва маҳорату малакаи онҳо ташаккул меёбад. Мақсади таълим возеҳтар мегардад ва таълими ба мақсад мувофиқ муҳассилинро ба тафаккури назариявӣ, муҳокимарониҳои мантиқӣ водор месозад ва онҳо маводи омӯхташавандаро амиқтар сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд.

Маълумоти гирифтаи мо аз муассисаҳои таълимие, ки он ҷо пажӯҳиш бурда шуд, шаҳодат медиҳанд, ки хонандагони синфҳои озмоишӣ бо ёрии омӯзгорон бошууронаю мақсаднок касбиояндаашонро интихоб намуданд, дар синфҳои назоратӣ бошад, асосан бо маслиҳати волидон аксарият нобоварона касбиояндаашонро интихобкарданд. Ҳамин тавр, теъдоди нафароне, ки дар интихоби касбиояндаашон шуурона муносибат намудаанд, аз шумори умумии хатмкардагони синфҳои озмоишӣ 97,1% ва аз синфҳои назоратӣ бошад, ҳамагӣ 30,5 %-ро ташкил кард.

Бояд гуфт, ки дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ интихоби мақсадноки касб аҳамияти бузург дорад. Баъзан хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, алалхусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба қобилияту рағбат ва имкониятҳояшон нигоҳ накарда, касбиояндаашонро бе тайёрии махсус тасодуфӣ интихоб менамоянд. Чунин тарзи муносибат ва интихоби бемақсад, аз як тараф, дар самти омодасозии мутахассисон ва аз корравии онҳо муаммо эҷод менамояд, аз тарафи дигар бошад, дар ҷавонон – писарону духтарон ҳисси норизоӣ ва дилхунукиро нисбат ба кор ваояндаашон дар пай меорад.

Хуллас, бароиичрои вазифаҳои таълими мақсадноки касбӣ дар синфҳои болоӣомилҳо басо зиёданд. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар воқеъ, макони маърифат ва касбинтихобкунӣ маҳсуб меёбад, дар ҳалли чунин муаммоҳо масъул аст:

- омӯзиши шавқу ҳавас ва рағбати хонандагон;
- пешгӯии асосноки зеҳнияте, ки аз ҷониби омӯзгор дар тӯли тамоми таълим ба амал меояд;
- интихоби мақсадноки касб ва иҷрои он, ки аз шароити кор, вазифа ва мазмуни омодагии таълим азмуассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

Таълими мақсадноки касбирометавон дар ҳар як муассисаи таълимӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монд. Дар он сурат фанҳои таълимии ба интихоб касб нигаронидашуда, ё худ фанҳои махсуси соҳавӣ бояд вазифаҳои худро дуруст иҷро намоянд.Ҳамчунин, зарур аст, ки омӯзгори фанни таълимӣ дар ҳалли вазифаҳои касбии худ салоҳиятнок фаъолият намояд.

Дар нақшаҳои таълимӣ баъзан ба чашм мерасад, ки барои фанҳои махсуси соҳавӣ миқдори соатҳои дарсӣ кам ҷудо шудааст.Ин гуна муносибат ба болоравии сифат не, балки ба миқдор оварда мерасонад ва ин собит шудаасту ҷойи баҳс надорад.

Аз таъриф бармеояд, ки таълими мақсадноки касбӣ ин маҷмӯи донишҳо, маҳорат ва малакаҳои амалӣ мебошад, ки дар омоданамоии хонандагон ҷиҳати соҳиб шудан ба касбҳои муайян ҳамчун корманди соҳибтахассус, мутахассиси баландмаърифат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, илму техника ва фарҳанг имконият медиҳад.

Тавре гуфта шуд, дар давраи таҳқиқот бо таваҷҷӯҳ ба касбинтихобкунии хатмкунандагон, ки мақсади идомаи таҳсилашон дар синфҳои X-XI моҳияти иҷтимоиро касб менамояд, таълим низ шеваи дигарро мегирад. Азбаски ҳадафи омӯзиш, асосан барои гирифтани касбҳои зарурии замонавӣ равона мешавад, мо ба таълим, боз як принсипи нави дидактикӣ – таълими мақсадноки касбиро пешниҳод намудем. Яъне, вобаста ба майлу хоҳиш, ба ин ё он соҳаи ҳаёти ҷомеа рағбат доштан ва дар ин замина бештар аҳамият додани хонандагон ба омӯзиши амиқи фанҳое, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба ихтисоси майлдоштаашон равона гардидааст, принсипи дидиктикии таълими мақсадноки касбӣ рӯйи кор омад.

Таълими мақсадноки касбӣ талаботи пурсамари фаъолияти эҷодии хонандагон буда, қонуниятҳои умумии аз ҳама бештари раванди таълимро инъикос менамояд. Тадқиқотҳои солҳои охир нишон доданд, ки азхудкунию пешрафти хонандагон асосан аз омилҳое, мисли қобилияти фитрӣ ва дараҷаи инкишофи ваҷҳҳои таълимӣ вобастаанд, ки байнашон низоми мураккаби робитаи мутақобила вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, ҳар яки он бо тарзҳои муайян ба дараҷаи азхудкунии хонандагон таъсир мерасонад.

Ниҳоят, ишора менамоем, ки дар баробари дигар принсипҳои маъмули таълим принсипи дидактикии таълими мақсадноки касбӣ низ аҳамиятнок буда, субъектони асосии ҷараёни таълимро зарур аст, ки дар такя ба моҳият ва талаботи он омӯзишро ҳадафнок ба роҳ монанд.

Ногуфта намонад, ки вазифаи асосии мактаб дар баробари ташаккул ва рушди шахсият, тайёр намудани хонандагон ба азбарнамоии донишҳои пурмазмун ва мутобиқсозии онҳо дар шароитҳои омодагӣ ба интихоби касбу ихтисос низ мебошад. Зери таълими мақсадноки касбӣ фаъолияти педагогҳо доир ба ошкор намудани қобилияти хонандагон ба илмҳои муайян, масалан, физикӣ-риёзӣ, химиявӣ-биологӣ, сикли фанҳо гуманитарӣ ва омӯзиши амиқи онҳо барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаҳмида мешавад.

Аксари принсипҳои дидактикии педагогикаи анъанавӣ вазифаи худро – нисбатан ба ҳама ҳамаи чизро таълим додан дар ҳаҷми баробар бо меъёр ва талаботи ягона иҷро намуд. Аммо дар бораи инкишофи зеҳн бошад, таъкид зарур аст, ки онро аз нигоҳи таълим ба он нигаронидашуда бояд муоина кард. Дар ин ҳолат кор бо хонандагон на танҳо хислати маърифатиро, ҳамчунин ҳавасмандгардониро низ касб мекунад. Мунтазам якрангу якнавохт баргузории дарсҳои фанҳои таълимӣ, ки асосҳои илм маҳсуб меёбанд, пешравии воқеиро таъмин месозад, вале гуногунрангии таълим, яъне истифодаи шакл, принсип ва методҳои нави таълим бошад, яке аз механизмҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатҷӯии шогирдон мебошад. Дар ин баробар иттилооти гирифтаи хонанда, дар навбати аввал, барои равнақи зеҳни ӯ, ки ҷиҳати возеҳу пурра қабул ва дарки иттилооти навтару мураккабтар имкон медиҳад, аҳамиятнок аст.

Яке аз қонуниятҳои дидактикӣ таълими дорои хислати рушддиҳанда мебошад. Алоқамандӣ ва вобастагӣ инкишофи психикии шахсият аз таълим кайҳо боз муқаррар карда шудааст. К.Д. Ушинский, яке аз ҷонибдорони асосии таълими рушддиҳанда,аз мазмуни таълим вобастагии қавӣ доштани инкишофи зеҳнии хонандаротаъкид кардааст.

Психология ва дидактикаи муосир алоқаи мустаҳками таълим ва инкишофро низ эътироф намуда, нақши таълимро дар қобилият ва инкишофи шахсият асосӣ ва муҳим медонад.

Умуман, принсипи таълими рушддиҳанда на танҳо бо мақсади инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият, ташаккули донишу малакаҳо, ҳамчунин, ба ташаккули сифатҳои муайяни ахлоқию эстетикие, ки асоси интихоби идеалҳо ва рафтори иҷтимоӣ мебошанд, нигаронида шудааст [9, с.179]. Иллат ҳам дар ҳамин аст, ки кам омӯзгорон моҳият ва тарзу

воситаҳои коргирӣ аз ин принсипи таълимро медонанду дар такя ба он дарсро ташкил менамоянд. Ёдовар бояд шуд, ки дарс ба ҷуз вазифаҳои маърифатдиҳанда ва тарбиятдиҳанда, вазифаи рушддиҳандаро низ ба дӯш дорад. Раванди дарсро тарзе бояд ташкил кард, ки инкишофи зеҳнии хонанда таъмин гардад, яъне аз ин дарс то ба дарси дигар хонанда инкишоф ёбад, пеш равад.

Дуруст аст, ки истифодаи дурусти шукл ва методҳои таълим метавонад дар инкишофи қобилиятҳои зеҳнии талабагон нақши бориз дошта бошанд. Мо ба таъкиди олими номвари муосир П.И. Пидкасистий мувофиқем: «Инкишофи қобилиятҳо ва малакаҳои зеҳнии хонандагон аз истифодаи методҳои ҷустуҷӯӣ, таълими проблемавӣ ва дигар фаъолияти фаъолкунандаи зеҳнии тарзу воситаҳо вобаста аст» [9, с.177].

Ба қонуниятҳои объективии хусусиятҳои рушддиҳанда ва тарбиятдиҳандаи таълим, ки онро дидактика омӯхтааст, такя намуда, омӯзгор метавонад имкониятҳои бисёрҷонибаи раванди таълимро ба вуҷуд биёрад.

Таълими рушддиҳанда ҳамон вақт пурзӯр мегардад, ки агар хонанда низоми мафҳумҳоро аз бар намояд, агар дар вай низоми муайяни амалҳо ва амалиётҳо ташаккул ёбад, агар зимни таълим методҳои фаъол истифода шаванд.Таълиме, ки танҳо барои азбарнамоии ҳодисаю воқеаҳои камаҳмияту дуюмдараҷа ва барои истифодаи амалҳои ғайрифаъоли хонандагон бо маводи таълимӣ, ки танҳо хотирро пурмекунад (мисол, дархотирнигоҳдории нақли шифоҳии омӯзгор ва азнавҳосилкунии аз даҳанмондаи он), ташкилкарда мешавад, метавонад сабаби инкишоф наёфтани мактаббача гардад. Дар ин хусус ақидаи зерро хуш пазируфтан мумкин аст: «Ташаккули мафҳумҳо дар шуури таълимгирандагон дар он ҳолат метавонад ба вуқӯъ ояд, ки агар оид ба ҷудокунии аломатҳои муҳим, ҳодисаҳо, мақсадҳо (объектҳо), амалиётҳо оид ба муқоиса ва тафриқаи мафҳумҳо, оид ба муқаррарнамоии мазмун, ҳаҷми онҳо ва ҳоказо фаъолияти маърифатии махсус ташкил карда шавад» [9, с.177]. Яке аз шартҳои асосии ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон низ дар ҳамин ифода меёбад ва ин, албатта, аз кордонӣ ва касбияти баланди омӯзгор вобастагӣ дорад. Ӯ барои ташкили чунин дарси муҳим бояд мақсад гузорад, барнома таҳия намуда, ба нақша гирад, пайи иҷрои он сайъ намояд, барои рафъи монеаҳо кӯшад, камбудию муаммоҳои ҷойдоштаро дар робита бо муаллимони дигари фанҳои таълимӣ, ё худ тавассути бароҳмонии интегратсияи фанҳо (истифодаи донишҳои як фан дар таълими фанни дигар ва ё баръакс)рафъ созад ва ғайра. Албатта ин кор на дар як ё ду соати дарсӣ натиҷа медиҳад, заҳмати зиёдро талаб менамояд ва самараи хуб низ ба бор меорад.

Дар Тоҷикистон бо назардошти таҷдиди барномаҳои таълимӣ ва риояи талаботи Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳо аз ҷониби мо дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринав, Рӯдакӣ, Варзоб ва муассисаҳои типи нав, аз ҷумла «Мактаби Президентӣ дар шаҳри Ҳисор» мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар рафти таҳқиқот ошкор гардид, ки таълим танҳо ба азбарнамоии дониш ва малакаҳо нигаронида шудааст, ки ин наметавонад дар инкишофи мактаббачагон натиҷаҳои баландро таъмин созад.

Ба таври озмоишӣ муқаррар карда шуд, ки танҳо таълиме, ки дар сатҳи баланд бо ҷидду ҷаҳд бобати рафъ намудани мушкилиҳо (ҳалли масъалаҳои мураккаб ва душвор, таъмини нақши пешбари донишҳои назариявӣ ва аз ҷониби хонандагон амиқ фаҳмидани мақсаду мазмуни маводи таълимӣ) ва ба кор кардани омӯзгор аз болои инкишофи ҳамаи аҳли синф ташкил карда шудааст, ба пешрафти инкишофи хонандагон оварда мерасонад.

Дар натиҷаи азбарнамоии дурусту мустаҳкам ва фаҳмидану дарки амиқи асосҳои илм донишҳо ба эътиқоди шахсӣ мубадал мегарданд, ки асоси зеҳни хонандагонро ташкил медиҳанд. Зеҳният системаи пурраи назару ақида ва эътиқодҳоро ифода мекунад.

Махсусан эътиқодҳо аҳамияти муҳим доранд, ки асоси ғоявии зеҳни хонандагон, ақидаҳои мутаҳкам ва эътимоди қатъии онҳоро ташкил медиҳанд. Эътиқодҳоро аз омӯзгор ба хонанда ба таври механикӣ дода намешавад ва ҳамчунин, онҳоро аз китобу воситаҳои таълимӣҳам омӯхта намешавад; онҳо бояд аз ҷониби худи хонанда дар натиҷаи фаъолияти фаъоли эҷодӣ ба вуҷуд оянд. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таълимӣ ба тарбияи маънавии хонандагон, ба ташаккули маънавиёт ва шуурнокии онҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ба ташаккули зеҳни хонандагон муносибати дар ташкили раванди таълим ба роҳ мондашуда, корҳои таълимии берунаэсинфӣ ва дигар ҳолату муҳите, ки мактаббачагонро иҳота мекунанд, таъсир мерасонанд. Қарз ва вазифаи аввалдараҷаи омӯзгор ин аст, ки дар ин ҷаҳони мураккаб ва пуртаззод омӯзишро тарзе бояд ба роҳ монад, ки он ба эҷоди эътиқоди дурусти хонандагон мусоидат намояд, дар пешгирӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ ва ислоҳкунии ақидаҳои нодурусту бардурӯғ, дар ҳосилнамоии маҳорати дар ақидаҳои худ истодан ва барои амалисозии онҳо мубориза бурдан ва ғайра нақши аз ҳама асосӣ ва муайянкунандаро дошта бошад. Аз омӯзгор дар сатҳи зарурӣ донистанифанни таълимӣ, донистани хусусияту қобилиятҳои ҳар як шогирд, муносибати таҳаммулпазирӣ ба мулоҳизаҳои интиқодӣ, омода будан барои посух ба саволҳои ҳайратомез, дар пеши хонандагон гузоштани проблемаҳои ҷиддию шадид, ба онҳо ёд додани муҳокимаронӣ ва баровардани қарорҳои коллективона талаб карда мешавад.

Мувофиқи талаботи муносибати салоҳиятнок, ки дар доираи ислоҳоти нави соҳаи маорифи Тоҷикистон таълими салоҳиятнок ҳамчун таълими замонавӣ пешрав маҳсуб меёбад, ҳамкорӣ дар дарс дар самтҳои «омӯзгор - хонанда», «хонанда - омӯзгор», «хонанда - хонанда» иҷро карда мешавад. Дар ин сурат ташкили чунин вазъиятҳои таълимӣ, ки хонанда мустақилона донишҳоро ба даст меорад, мувофиқи мақсад аст. Омӯзгор бошад, тарзе бояд нақш бозад, ки он вазифаашро танҳо дар ташкили вазъиятҳои таълимие, ки фаъолияти фаъоли ҷустуҷӯи ташаккулдиҳандаи зеҳни талабаро дар заминаи салоҳиятҳои мавҷудбуда ба вуҷуд меорад, ба сомон расонад.

Мусаллам аст, ки ташкили дурусту мақсадноки раванди таълим масъулияти баланд, кордонию таҷриба ва донишҳои педагогию психологиро дар ин самт тақозо менамояд. Силсилавию зинадор будани раванди таълим дар муассисаи таълимӣ тарзе ташкил шудааст, ки маводи таълимӣ ба нисбатан қисмҳои хурд ҷудо гардида, ҳаматарафа дуруст омӯзонида ва зимни азхудкунии он назорати азбарнамоӣ бурда мешавад.

Вақте ки омӯзгор маълум кард, ки маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагон асосан аз бар шудаасту ба пеш ҳаракат кардан мумкин аст, ӯ ба қисми дуюм мегузарад, азбарнамоии ин қисматро низ ташкил ва натиҷаашро назоратменамояд ва пасон ба қисмҳои минбаъда мегузарад ва ғайра. Ҳамин тариқ, чунин мешавад, ки омӯзгор хонандаро аз рӯйи дараҷаи дониш аз як зина ба зинаи дигар мебарад ва дар ҳар зина онҳо силсилаи муайяни амалҳои маърифатиро ба сомон мерасонанд.

Ҳар як омӯзгори ботаҷриба, ки методҳои дидактикӣ ва истифодаи бамавриди онҳоро нағз медонад, шогирдонро ба таври зина ба зинаи пешрафт муҳокимаронии мантиқиро ёд дода, тавассути серталабӣ зеҳнияти онҳоро инкишоф медиҳад.

Чунинанд хусусиятҳои инкишофи зеҳнӣ ва қобилиятҳо ва нақши онҳо дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон дар раванди ягонаи таълим. Ин аз санъату маҳорати касбии омӯзгор, шароит ва воситаҳои таълим, ҳамчунин аз фарохӣ, амиқӣ, мустаҳкамии дониш, маҳорат, малакаҳои муҳассилин ва муносибати онҳо ба таълим вобаста аст.

Дар ҷамъбасти андешаҳои зикршуда пешниҳод менамоем, ки омӯзгор бояд:

1. Бо донишҳои фанни таълимӣ ва донишҳои педагогию психологӣ дар сатҳи зарурӣ худро мусаллаҳ созад.
2. Дар баробари таълими рушддиҳанда, принсипи нави дидактикии таълими мақсадноки касбиро бо риояи талабот ба роҳ монад.
3. Барои ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат, малака ва қобилиятҳои хонандагон дар раванди таълим нақшаи дарс ва иҷрои онро таҳия созад.
4. Барои ба мақсад расидану ба натиҷаи дилхоҳ дастёб шудан пайваста роҳу восита ва тарзҳои баамалбарории онҳоро ҷустуҷӯ намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1983. - С. 25 – 26.
2. Буйдаков, Х. Психологические основы обучения в целостном педагогическом процессе /Х. Буйдаков. - Душанбе: Маориф, 1998. - 428с.
3. Выготский, Л.С. Проблема обучения и умственного развития в школьном возрасте. Изб. Психологические исследования /Л.С.Выготский. -М., -1956. – 79 с.
4. Занков, Л.В. Дидактика и жизнь /Л.В. Занков. - Москва, 1990. -186 с.
5. Крутецкий, В.А. Основы педагогической психологии /В.А. Крутецкий. - М.: Просвещение, 1972. - 255с.
6. Лейтес, Н.С. Умственные способности и возраст. - М.: «Педагогика», 1971. - 278с.
7. Миралиев, А. Педагогика ва психология /А. Миралиев, М. Давлатов. – Душанбе: «Ирфон», 2007. – 344 с.
8. Носиров, С.Ш. Педагогика ва психология. Воситаи таълимӣ /С.Ш. Носиров. – Душанбе: «Промэкспо», 2020. - 288 с.
9. Пидкасистый, П.И. Педагогика: учебное пособие /П.И. Пидкасистый. -М.: Высшее образование, 2008. - 430 с.
10. Теплов, Б.М. Психология музыкальных способностей /Б.М. Теплов. – М.: Л., 1947. - 384 с.
11. Ушинский, К. Д. Сочинения. Т.10 /К.Д. Ушинский. - М.; Л.: Акад.пед.наук РСФСР, 1952. - 425 с.

# ЛИНГВОКУЛЬТУРНЫЙ АНАЛИЗ И СРАВНИТЕЛЬНАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА КОНЦЕПТА «ОДЕЖДА» В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

***НЕГМАТОВ Садуллоджон Эргашевич*** *- доктор педагогических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17,* ***E-mail:*** *snegmasi@rambler.ru,* ***тел.:*** *(+992) 918 50 63 18*

***ЗОХИДОВ Рахимджон -*** *магистр 2 курса Государственного института языков им. С.Улугзаде, г. Душанбе, ул. Сайф Рахимзоди Афарди, дом №12а,* ***E-mail:*** *rahimsohid @ mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 777 17 79 92*

В статье речь идет о сопоставительном лингвокудьтурном анализе концепта «Одежда» в русском и таджикском языках. Концепт «Одежда» является одной из важнейших ментальных, культурных, языковых констант в русской и таджикской концептосферах, а его лингвокультурологическое исследование и анализ роли в повседневной жизни представителей разных социумов чрезвычайно актуальны. Более того, у русского и таджикского народов с древнейших времён одежда была одним из средств презентации национальной культуры.

***Ключевые слова:*** *концепт, одежда, костюм, русский язык, таджикский язык, культура, слово, словосочетание, семантика, значение, эквивалент.*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ФАРҲАНГӢ – ЗАБОНИИ МАВЗӮИ «ЛИБОС» ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

***НЕГМАТОВ Садуллоҷон Эргашевич*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,* ***E-mail:*** *snegmasi@rambler.ru,* ***тел.:*** *(+992) 918 50 63 18.*

***ЗОҲИДОВ Рахимҷон*** *- магистри бахши 2-юми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улугзода, ш. Душанбе, кӯчаи Сайф Раҳимзоди Афардӣ, хонаи 12а,* ***E-mail:*** *rahimsohid @ mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 777 17 79 92*

Дар мақола сухан бобати таҳлили муқоисавии консепти (мавзӯи) «Либос» дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ меравад. Консепти «Либос» яке аз масъалаҳои мубрами доираи фарҳанги милии халқиятҳо буда, аз нигоҳи забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ мақоми хос пайдо мекунад. Мусаллам аст, ки дар фарҳанги тоҷикон ва халқи рус либос ва либосорӣ аз суннатҳои қадим дар доираи муаррифии фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *мафҳум, либос, костюм, русӣ, тоҷикӣ, фарҳанг, калима, ибора, семантика, маъно, муодил.*

# LINGUOCULTURAL ANALYSIS AND COMPARATIVE CHARACTERISTICS OF THE "CLOTHING" CONCEPT IN RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

***NEGMATOV Sadullojon Ergashevich*** *– Doctor of pedagogical sciences, professor of the Departament of General Linguistics and Compavative Typology, Tajik National University, Dushanbe, Rudaki avenue,17,* ***E-mail:*** *snegmasi @ rambler.ru,* ***mob.:*** *+(992) 918 50 63 18*

***ZOKHIDOV Rakhimdjon*** *- 2nd year master of the State Institute of Languages named after S. Ulugzade, Dushanbe, st. Saif Rahimzodi Afardi, house no. 12a,* ***E-mail:*** *rahimsohid @ mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 777 17 79 92,* ***mob.:*** *(+992) 777 17 79 92*

The article deals with a comparative linguistic and cultural analysis of the concept of "Clothing" in the Russian and Tajik languages. The concept of "Clothing" is one of the most important mental, cultural, and linguistic constants in the Russian and Tajik conceptual spheres, and its linguistic and cultural research and analysis of the role of representatives of different societies in everyday life are extremely relevant. Moreover, the Russian and Tajik people since ancient times, clothing has been one of the means of presenting national culture.

***Keywords:*** *concept, clothing, costume, Russian language, Tajik language, culture, word, phrase, semantics, meaning, equivalent.*

Концепт «Одежда» относится к одной из существенных лингвокультурных особенностей русского и таджикского культурного пространства. Тема одежды испокон веков представляла собой актуальную проблему в русской и национальной культуре таджикского народа, ибо еще с древнейших времён предметы одежды считались одним из средств презентации быта разных народов и народностей.

Сопоставление словарного состава показало, что концепт «одежда» в русском языке всегда является именем существительным, а «*либос, пӯшок*» в таджикском языке является более емким. Количество значений к слову «либос», найденных в словаре таджикского языка составляет в основном существительное, а его синоним «*пӯшок*» может быть и существительным, и прилагательным, и глаголом: **пӯшокӣ** харидам, чизи **пӯшокӣ** надорам; либос **пӯшидан** и пр.

Также концепт «либос, пушок» может входить в большое число словосочетаний, иметь синонимы (**анҷом, курта, камзӯл, ҷома** и т.п.) включать несколько десятков лексических единиц, дифференцирующихся по стилю, частоте употребления, номинативной плотности, актуальности для сознания носителей таджикского языка. Даже глагол **пӯшидан** в значении «одевать», образованный в таджикском языке путем конверсии, имеет, согласно словарным данным, в отличие от часто смешиваемых русских глаголов **«надевать» и «одевать»,** различных синонимов (ба бар кардан, ба тан гирифтан, ба китф партофтан, пӯшонидан и пр.).

Русскоязычное определение слова «одежда», приводимое в русском словаре, следующее:

ОДЕЖДА, -ы; ж. 1. совокупность предметов (из ткани, меха и т.п.), которыми покрывают, облекают тело. Летняя одежда. Шкаф для одежды. Совокупность предметов, которые надевают поверх белья, платье; На нем была опрятная и простая Верхняя одежда (одежда, надеваемая поверх платья: пальто, куртка, плащ, шуба и т.п.).

2. Специальное покрытие проезжей части дороги, улицы; облицовка зданий, сооружений. Разодрать/ раздирать [на себе] одежды [3, с. 443].

Таким образом, в словарной статье приводится как ядерное понятие, раскрываемое через его функциональность и уточняемое через прилагательные, так и терминологическое, малоизвестное рядовому носителю языка, то есть периферийное. В других словарных статьях этого же словарного источника указывается, что собирательным понятием является слово «платье» - «одежда, носимая поверх нательного белья», а устаревшим синонимом слова одежда является «одеяние». Это сходно с применением слова либос в русском языке.

Для носителей современного русского языка такое употребление является уже архаичным, но знакомым по произведениям русской литературы, а для носителей таджикского языка, вероятно, при чтении ими русских классических произведений, потребуется специальный комментарий.

Приведенные словарные дефиниции доказывают, на наш взгляд, что лексикографические источники отразили наличие разных когнитивных классификаторов - важной ментальной категории, порождаемой мышлением человека. Они по-разному организуют в таджикском и в русском языках их семантическое пространство, определенные поля.

Лингвистам известно, что многообразие когнитивных классификаторов зависит от уклада жизни людей, их практических потребностей [1, с. 38-39]. Так, в русской языковой картине концепт «Одежда», на наш взгляд, более этноспецифичен и отражает особые модели мировосприятия, поведенческих реакций, обусловленных исторически и географически, в том числе, климатическими условиями страны: суровая зима, сравнительно прохладное лето послужили причиной появления закрытых теплых одежд.

Эти модели также обусловлены видами деятельности представителей различных классов, традициями, религиозными канонами, издавна заложенными на Руси православными традициями в выборе одежды. Женщины особенно должны были заботиться об одежде – скрывать тело от подбородка до пят и не позволять видеть очертания фигуры. Лицо и шею «оберегал» толстый слой косметики. Кисти рук, через которые, как считалось, можно наслать порчу, поджимали либо прятали в широких длинных рукавах и на всякий случай покрывали слоем белил [6].

Фразеологические единицы, пословицы, поговорки, крылатые выражения являются важной и неотделимой частью народной культуры каждой страны. Показателен тот факт, что в русском языке существует большое количество фразеологизмов, включающих слово «одежда» или названия различных предметов гардероба. Их можно рассматривать как «ключевые единицы», поскольку они являются своеобразным ключом к пониманию важных особенностей русской культуры [8, с. 11] и логосферы.

Можно привести несколько примеров из словаря В.И.Даля. [2]: *По одёжке встречают, по уму провожают. По одёжке протягивай ножки. Голый об одежде думает.*

Или: *Чужая одежда - не надежда. Украшение девушки – благовоспитанность, а не золочёная одежда. Одет щёголем, и ходит гоголем. Одет просто, а на языке речей со сто. Оденешься в лохмотья – так на тебя и собака бросается.*

Как видно из этих примеров, в них преобладает «оценочный» компонент и они демонстрируют наличие связи между внешним обликом человека и его социальным статусом.

Таджикская фразеология также богата и разнообразна. Непосредственно к слову «либос» удалось найти не так много фразеологических единиц *(одаму либос – хонаю палос; одамро на аз либос, балки аз одобаш мешиносанд; либос дар зоҳир, ақл дар ботин)*, но их

достаточно много с разными названиями предметов одежды, ее деталей. Особенно это встречается в классической поэзии:

Тани одам шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин **либоси зебост** нишони одамият

Особенностью таджикской языковой картины мира является наличие в ней множества слов и фразеологизмов, описывающих через предметы одежды представителей разных групп и профессий. Например: **жандапӯш** – человек с порванной и дряхлой одеждой; **кӯхнадӯз** – человек, который шьёт порванные одежды; **бо либоси дарвешона** – человек со скромной одеждой и скромным материальным положением.

Подробное изучение и сопоставление фразеологического фонда русского и таджикского языков, связанного с концептом «Одежда», не входило в наши задачи, однако, несомненно, что его детальное исследование является очень важным для изучения языкового сознания носителей этих двух языков.

В настоящее время в мире существует большое многообразие стилей одежды, и редко кто-то носит традиционные костюмы своей страны в повседневной жизни. Однако сейчас очевидно, что одежда все чаще выступает как элемент манифестации национального самосознания. Один из ярких примеров – предпочтение национальной одежды лидерами некоторых стран, появление новых традиций, связанных с национальными костюмами,

Не случайно, Лидер Нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в последнее время так много внимания уделяет национальной одежде **атлас, адрас, чакан** и пр. Такое понятие, как модная одежда, приобрело сейчас усреднённый для всех стран характер. В Таджикистане сейчас можно увидеть множество самой традиционной национальной одежды без каких- либо «знаковых примет».

В современном мире одежде уделяют большое внимание как качественному признаку оценки человека и его положения в обществе. Через одежду можно выразить коммуникативное сознание и поведение разных народов, обозначить свою принадлежность к той или иной культуре или субкультуре.

Несомненно, что исследование концепта «Одежда» необходимо, особенно в сравнительном плане. Являясь одним из ключевых в национальной концептосфере, он позволяет изучить на его основе логику национальных языков, особенности концептуальной картины мира посредством языка. Особенно актуально это сейчас: вследствие процессов межкультурной коммуникации, в том числе через одежду и моду.

Сопоставление семантических пространств ключевых концептов русского и таджикского языков позволяет определить универсальное и выявить национально-специфическое в отражении различными этносами картины мира. В анализируемых нами русском и таджикском языках важной и интересной для изучения представляется так называемая национально-культурная семантика языка, то есть те языковые значения, которые отражают, фиксируют и передают от поколения к поколению особенности быта, обычаев и истории народа.

Нет сомнения, что одежда является важной частью концептосферы русского и таджикского языков, и наименования одежды в культурах этих двух народов имеют отличия, которые затрагивают глубинные слои сознания и отражают национальные, культурно обусловленные особенности восприятия мира и его материализацию в языке.

Костюм, заимствован в конце XVIII в. из франц. яз., где costume < итал. costumo «костюм» < «обычай, привычка», восходящего к лат. consuesco «привыкаю». Костюм буквально – «повседневная, привычная одежда».

Анализ вышеприведенных словарных дефиниций показывает, что в русском языке «костюм» употребляется в значениях «одежда человека», «комплект мужской или женской верхней одежды», «маскарадная, театральная одежда», реже в значении «комплект одежды определенного назначения».

По аналогии с анализом системы значений слова «костюм» в русском языке проведем анализ словарных толкований слова «либос» в таджикском языке. Так, в Русско-таджикском словаре слово «костюм» передается, прежде всего, как заимствованное слово своим первичным вариантом «костюм». Далее идут такие расшифровки и интерпретации, как **либос, пӯшок**. А в составе словосочетаний встречаем разные вариации презертации или передачи слово «костюм» в таджикском языке: Рабочий костюм – **корҷома;** спортивный костюм – **либоси варзишӣ**; в маскарадном и театральном понимании – **либоси театрӣ.** А в значении костюма Евы (о женщине) и Адама (о мужчине) встречаем такие вариации: **бараҳна, луб-луч** (голый, голая).

Словообразовательный потенциал таджикского языка в плане выражения концепта «костюм» также уникален. Например, слово «костюмер» в таджикском языке передается или выражается с помощью эквивалента **мудири либосхона** (буквально - заведующий одежной комнатой).

Слово «костюмерная» в таджикском языке означает театральное составляющее и выражается при помощи слова **либосхона** – комната для одежды. А костюмерша – это всего лишь форма множественного числа существительного, которая в таджикском языке передается конструкцией «заведующая одежной комнатой.

Анализ словарей таджикского языка показывает, что слово «либос» употребляется прежде всего в значениях «одежда, костюм, комплект одежды, сшитый из одного материала», «комплект одежды, предназначенной для конкретной цели, вида деятельности», «набор используемых вместе предметов, вещей».

Сопоставление словарных толкований русского слова «костюм» с таджикским вариантом «либос» показывает, что они совпадают в следующих значениях: «полный комплект верхней одежды, состоящий из пиджака и брюк (для мужчин); жакета и юбки или брюк (для женщин)», а также «одежда определенного назначения». Однако, в отличие от таджикского слова **«либос»,** русское «костюм» употребляется в таких значениях, как «одеяние, платье», «театральная, маскарадная одежда» и пр.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бабушкин, А.П. Типы концептов в лексико-фразеологической семантике языка. Воронеж: Изд-во ВГУ, 1996. – 343с.
2. Вежбицкая, А. Понимание культур через посредство ключевых слов [Текст] / А. Вежбицкая. – М., 2001. – 288 с.
3. Воркачев, С.Г. Концепт счастья в русском языковом сознании: опыт лингвокультурологического анализа. - Краснодар, 2002.
4. Ефремова, Т. Ф. Толковый словарь русского языка [Электронный ресурс] / Т.Ф. Ефремова. – Режим доступа: http://www.slovopedia.com/. 4.
5. Кузнецов, С.А. Современный толковый словарь русского языка [Текст] / С.А. Кузнецова. - М., 2011. – 556 с.
6. Ожегов, С. И. Большой Толковый словарь [Текст]. Том 2 – (Е-Л) / С. И. Ожегов, Н. Ю. Шведова. – М.: Азь, 1992. – 448 с.

## ГУЗАРИШ БА МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ

***САФАРЗОДА Гулистон Сафар** - Директори Муассисаи давлатии осорхонаи таърих у кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи "Авасто", унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126, **тел.:** +(992)00 444 04 64*

Дар мақола яке аз роҳҳои татбиқиислоҳоти соҳаи маориф аз ҷумла гузариш ба муносибати босалоҳият мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф ба он ақидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ба низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на танҳо ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба талабагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, аз ҷумла, барои худтакмилдиҳӣ, малакаи худомодасозӣ ба тарзи ҳаёти солим ва ниҳоят, ба ҳама гуна арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин намояд.

Маҳз дар ҳамон вақт, гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим, яъне бо ворид шудани муносибатҳои нав натиҷаҳои таълим, истифодаи донишҳои хонанда дар ҳаёт ба баланд гардидани сифати таҳсилот имконияти бештарро фароҳам меоварад. Муаллиф ба он хулоса аст, ки муносибати бо салоҳият ба таълим ҳосил кардани таҷрибаро дар иҷрои амалҳои маърифатӣ (таълим), ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоӣ ва дар амал татбиқ кардани донишҳои заминавиро дар назар дорад.

***Вожаҳои асосӣ:** салоҳиятнок, салоҳиятнокии калидӣ, салоҳиятнокии касбӣ, салоҳиятнокии таҳсилотӣ, таълим, сифати таҳсилот, рушди соҳаи маориф, ислоҳоти соҳаи маориф.*

## ПЕРЕХОД К ГРАМОТНОМУ ПОДХОДУ - ОДИН ИЗ СПОСОБОВ РЕАЛИЗАЦИИ РЕФОРМЫ ОБРАЗОВАНИЯ

***САФАРЗОДА Гулистон Сафар** – Директор Государственного учреждения истории и этнографии Хатлонской области имени «Авасто», соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126, **тел.:** +(992)00 444 04 64*

В статье анализируются один из способов реализации реформы образования, в том числе переход на грамотный подход. Автор считает, что в годы независимости Республики Таджикистан в новой системе образования, основанной на тенденциях современного мира, основанной не только на знаниях, но и на компетенциях, должна предоставить студентам возможность овладеть базовыми социальными компетенциями, в том числе ответственностью. Признание решений и планирование карьерного роста, обеспечить обучение на протяжении всей жизни, компетентность и профессиональную подготовку на

рынке труда, знания и навыки для самосовершенствования, навыки самосовершенствования для здорового образа жизни и, наконец, всех ценностей гражданского общества.

При этом переход к грамотному подходу, то есть с внедрением новых подходов к результатам обучения, использование знаний учащихся в жизни предоставит больше возможностей для повышения качества обучения. Автор приходит к выводу, что грамотный подход к обучению предполагает приобретение опыта выполнения познавательной (педагогической) деятельности, формирование социальных отношений (воспитание) и применение базовых знаний на практике.

***Ключевые слова:*** *компетенция, ключевая компетенция, профессиональная компетенция, образовательная компетенция, образование, качество образования, развитие образования, реформа образования.*

## TRANSITION TO A COMPETENT APPROACH IS ONE OF THE WAYS TO IMPLEMENT EDUCATION REFORM

***SAFARZODA Guliston Safar*** *- Director of the State Institution of History and Ethnography of Khatlon Region named after «Avasto», applicant of IOE named after A. Jami, Dushanbe, 126 Ayni Str.,* ***тел.:*** *+(992)00 444 04 64*

This article analyzes and studies one of the ways to implement education reform, including the transition to a competent approach. The author believes that in the years of independence, the Republic of Tajikistan in the new system of education, based on the trends of the modern world, based not only on knowledge but also on competence, should provide students with the opportunity to master basic social competencies, including responsibility. Recognition of decisions and planning for career advancement, to provide lifelong learning, competence and professional training in the labor market, knowledge and skills for self-improvement, self-preparation skills for a healthy lifestyle and, finally, for all the values of civil society.

At the same time, the transition to a competent approach, that is, with the introduction of new approaches to learning outcomes, the use of students' knowledge in life will provide more opportunities to improve the quality of education. The author concludes that a competent approach to teaching implies the acquisition of experience in the implementation of cognitive (teaching) activities, the formation of social relations (education) and the application of basic knowledge in practice.

***Keywords:*** *competence, key competence, professional competence, educational competence, education, quality of education, education development, education reform.*

Маориф дар ҳама давру замон нерӯи пешбарандаи ҷомеаи мутамаддин, маҳаки соҳибфарҳангӣ ва соҳибмаърифатии аҳли ҷомеа аст. Кушоиш ва раҳоиш дар тамоми ҷабҳаҳои кору зиндагӣ ба низому суботи он алоқаманд мегардад. Ҳамин аст, ки ҳамеша дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеа, муайян намудани самти ояндаи инкишоф ба души маориф бор аст. Дар замони имрӯза ягон ҷомеаи мутамаддинро ном бурдан мумкин нест, ки аз мушкилоти соҳаи маориф фориғ бошад. Аммо мутахассисон, муҳаққиқон, махсусан, омӯзгорони асил пайваста дар андешаи он мегарданд, ки чӣ гуна шогирдони мактабро ҳар қадар омодатар ба зиндагии мустақил равона созанд. Хонандаи мухтарам бо таърихи технологияи гуногуни педагогӣ ошно гашта, ба ин андеша комилан розӣ мешавад, ки аз давраи пайдоиши худ соҳаи маориф, ҳамчун низом, бобати масъалаи қонеъ кардани талаботи ҷомеа бо дониши мактабӣ мушкилоти ҳамешагӣ ва аввалиндараҷаи ин соҳа будааст.

Вале имрӯз низоми маорифи ҷумҳурӣ дар шароити мураккаби иҷтимоӣ дастовардҳои солҳои қаблиро нигоҳ дошта инчунин, қобилияти худро дар мувофиқа ба дигаргуниҳои замони муосир барои рушду инкишоф намоиш дода инстодааст. Чунончи, имрӯз Тоҷикистон дорои захираҳои таҳсилотие гардидааст, ки сатҳи инкишофи онҳо имконият медиҳад, то ки дар хусуси истифодаи мақсадноки он барои ҳалли вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии давлат масъалагузорӣ карда шавад.

Дар "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" то соли 2020 афзалиятҳои асосии ҳадафҳои рушди ҳазорсола, ҳадафу вазифаҳои «Таҳсилот барои ҳама» ва дигар санадҳои муҳими стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шудаанд. Ин ҳуҷҷат бояд ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта мусоидат намуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои манфиатдор ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар самтҳои афзалиятноки рушди маориф ва татбиқи ҳадафҳои дарозмуддати ислоҳоти соҳаи маориф таъмин намояд. Санади мазкур, ҳамчун асос, барои оқилона ҷудо намудани захираҳои давлатӣ ва ҷалби маблағҳои донорҳо ҷиҳати ҳалли мушкилот дар соҳаи маориф мебошад. Ба ифодаи дигар, стратегияи мазкур ё худ стратегияи миллӣ ба таҷдиди низоми маориф равона гардидааст, то ки он рисолати худро дар мавриди

истифодаи захираҳои асосӣ баҳри баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеа ва шаҳрвандон пурра ба ҷо оварда, ба талаботи иқтисодиёти кишвари рӯ ба инкишоф ҷавобгӯ шуда тавонад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 бо мақсади рушди пурсамари соҳаи маориф дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ва бо назардошти шароиту дурнамои рушди кишвар таҳия гардидааст. Аз ин лиҳоз, мақсади асосии стратегияи мазкур ё худ стратегияи миллӣ – фароҳам овардани шароит барои таъмини хизматрасонии амалию самарабахшӣ дар соҳаи маориф ва дастрас будани таҳсилоти дахлдори босифат барои ҳама ва, албатта, ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардидааст:

- таъмини некӯаҳволии шаҳрвандон ва суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа;
- бунёди заминаи кадрии рушди иқтисодӣ дар соҳаҳои афзалиятнок, рушди истеҳсолоти технологӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар.

Инчунин, бо назардошти ҳадафу вазифаҳои ба захираи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандони он ва табдил додани низоми маориф самтҳои асосии зерини Стратегияи миллӣ муайян шудаанд:

- навсозии мазмуни таҳсил;
- ворид намудани тағйирот ба сохтори соҳаи маориф;
- таъмини дастрасии таҳсилоти босифат.

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, чунин нуқта боиси таваҷҷуҳ аст: «Дар давоми 10 соли наздик дар низоми таҳсилоти умумӣ тағйироти куллӣ ба миён хоҳад омад.Ин ба гузариш ба таҳсилоти босалоҳият равона гардида бо мақсади баланд бардоштани қобилияти рақобати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст» [8. С- 12]. Дар воқеъ, мебояд эътироф намуд, ки дар ин росто вобаста ба тақозои замон дар ҳаёти фарҳангӣ, иҷтимоию иқтисодии кишварамон таҳаввулоти азиме ба вуқуъ омада истодааст, ки амри заруриву воқеист. Ва ин дигаргуниҳо табиист, ки соҳаи маорифи ҷумҳуриро низ фаро гирифтаанд.

Агар қарори қабул гардидани «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», воқеан ҳам, амалисозии сиёсати давлатии Ҳукумати Тоҷикистон бобати рушди маорифи Тоҷикистон дар аксари самтҳои маорифи ҷумҳуриамон нақши боризро доро гашта бошад, қабул гардидани охирин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2020, таҳти рақами 639 «Дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021- 2030» нақшаҳои дурнамои сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва албатта ниятҳои маорифпарваронаи Пешвои Миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бобати рушди оянда ва воқеии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифтааст.

Дар қарори мазкур, авалан, натиҷаҳои «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» ҷамъбаст гардида, баъзан, пешниҳодҳои илҳомбахш бобати рушди минбаъдии маорифи кишвар барасӣ гардидааст. Аз ҷумла дар қарори мазкур таъкид мегардад, ки маориф заминаи аввалиндараҷа ва бо эътимоди ташхискуни шахс ва ҷалоият маҳсуб ёфта, дар заминаи донишу малакаҳои фундаменталӣ (бунёдӣ) ва салоҳиятнокӣ рушд мекунад. Сифати маълумот дар мавриди бисёре сифати ҳаётро муаян намуда, барои рушд ва истифодаи қобилиятҳои ҳар як шахс метавонад имкониятҳои мусоидро фароҳам оварад [8.С- 8].

Воқеан ҳам, дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши аввалиндараҷаро соҳибанд, ё худ ба фикри мутахасисон нақши калидӣ мебозанд. Ин нуқта дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 зимни мулоқоташ бо зиёиёни мамлакат мушаххас баён гардидааст. Чунончи, «…калиди ҳама гуна дастоваду пешравиӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим - омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гардад» [8. С- 4].

Бояд таъкид намуд, ки яке аз масъалаҳое, ки имрӯзҳо дар мадди назари аҳли маорифи мамлакат қарор дорад, ин шарҳу тавзеҳи истилоҳи «салоҳиятнокӣ» ва мазмуну мундариҷаи он ба шумор меравад. Ин нуқта қобили таваҷҷух аст, зеро таҳсилоти муосир пур аз ғояҳои навини методу тарзҳои гуногуни таълим буда, татбиқи он рушду нумуи соҳаро, бегумон, таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, мутахассисони соҳа роҷеъ ба масъалаи мазкур фикру андешаҳои худро дар маҷаллаю рӯзномаҳои ҷумҳурӣ арзёбӣ кардаанд, ки зимни онҳо ҳама то андозае ба ҷанбаҳои принсипи салоҳиятнокӣ дар таҳсилот равшанӣ андохта бошанд.

Воқеан ҳам, ҳадафи муносибати босалоҳият ба таълим низ идомаи ҳамон иқдомоти садсолаҳо аст, ки соҳаи маорифи кишварро бетараф нагузошта, пайи ҷустуҷӯи навгониҳо ва ҳарчӣ бештар самардиҳанда ва ба талаботи ҷомеаи имрӯза ва оянда ҷавобгӯ будани соҳаи маориф талош меварзад. Ва гуфтан ҷоиз аст, ки муносибати босалоҳият ба таълим аслан масъалаи нав нест. Он ҳанӯз дар сароғози рушди бонизоми назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омада буд, дар давраҳои гуногуни инкишофи ин соҳа дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла, дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ҷомеаи имрӯзаи мо низ меросхӯри бевоситаи низоми илму таълими он аст, аз ҷониби педагогҳо–олимони ҷудогона истифода мешуд ва ё дар таълифоти ҷудогонаи онҳо таъкид мегардид [8. С- 5].

Мутахассисон ҳаққони таъкид сохтаанд, ки муносибати басалоҳият дар таълим омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усулҳои замонавии таълиму тарбия хонандагонро аз ҳар ҷиҳат ба ҳаёту зиндагӣ омода намояд. Чунки ҷомеаи имрӯза шогирдон – шахсони бо таҷрибаро, ки дорои қобилияти ҳалу бартарафсозии масъалаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро аз мактаби маориф интизор аст [8. С- 5].

Умуман, тибқи гуфтаҳои боэътимоди олимони соҳавӣ «Ҳадафҳои асосии тадбиқи муносибати бо салоҳият ба таълим ба ташакулли тадбиқи дониши назариявӣ дар амал, таъмини раванди ташакули шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароити нав, инкишофи худмуҳофизаткунӣ, худтарбиядиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, ва дигар хусусиятҳое нигаронида шудааст, ки ба рушди шахсияти комил…мусоидат менамояд» [8. С- 8]. Аз ин ҷиҳат, мо ба андешаи баъзе коршиносону олимони соҳа, аз он ки гӯё бо воридшавӣ ба муносибати босалоҳият дар таълим аз таълими анъанавӣ бояд тамоман даст кашид мегӯянд, рози шуда наметавонем [3. С- 14]. Зеро «Тадбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ҷанбаҳои мусбати таълими ананавиро бо муносибати босалоҳият дар таълим дар назар дорад. Маҳз дар ҳамон вақт бо ворид шудани муносибатҳои нав натиҷаҳои таълим, истифодаи донишҳои хонанда дар ҳаёт ба баланд гардидани сифати таҳсилот имконияти бештарро фароҳам меоварад” [7. С- 14].

Нуқтаи зерини коршиносони соҳа низ ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки бобати татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим пешгӯӣ намудаанд: «Рушди муносибати босалоҳият давраи дуру дарозро дар бар мегирад, бинобар ин, аз давраи хурди мактаби онро ташакул додан мувофиқи мактаб аст. Салоҳиятҳои таълимӣ на яку якбора, балки қадам ба қадам ташаккул ва такмил меёбан, дар муносибати босалоҳият раванди таълим хусусияти таҳқиқотӣ ё ба амалия нигаронидашударо гирифта, салоҳиятҳо ба обекти омӯзишӣ табдил меёбанд» [6. С- 17].

Инчунин мебояд, таъкид сохт, ки яке аз талаботҳои мушаххасу саҳеҳи таҳсилоти муосир андӯхтани маҷмуи донишҳо аз фанҳои мухталиф ва, муҳимтар аз он, татбиқи онҳо дар амал маҳсуб меёбад. Аз ҳамин хотир, стандартҳои нави таълимии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фанҳои гуногун таҳиягардидаю таҳияшаванда бо дазардошти принсипҳои салоҳиятнокӣ асос ёфта, ба масъулини соҳа ҷиҳати татбиқ пешкаш карда мешаванд. Бинобар ин, шарҳи ҳарчи ботафсилтари истилоҳи «салоҳиятнокӣ» ҷиҳати васеътар арзёбӣ намудани мазмуну моҳияти он барои омӯзгорон аҳамияти амалиро доро хоҳад буд. Аз ҷумла, дар адабиёти соҳавӣ, дар баробари истилоҳи «салоҳиятнокӣ» мафҳумҳо-калимаҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «салоҳиятнокии калидӣ», “салоҳиятнокии касбӣ», “салоҳиятнокии таҳсилотӣ», ва ғайраҳо ҳар чӣ бештар истифода мешаванду нақши муассир ва муайянро доро гардидаанд. Ва бояд ҳушдор намуд, ки бо назардошти тафсири мафҳумҳои дар боло зикрёфта ва аз дидгоҳи моҳияти низоми таҳсилоти байналмилалӣ (бахусус аврупоӣ) принсипи салоҳиятнокӣ ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- қобилияти ҳар гуна кореро ба таври хуб, мукаммал ва ё самаранок анҷом доданро:
- мувофиқат кардан ба талаботи пешниҳодгардида ҷиҳати фаъолият карданро:
- қобилияти иҷро намудани вазифаҳои меҳнатии махсусро, дар доираи салоҳиятнокӣ ва тавсифу баҳодиҳиро ба натиҷаи фаъолияти аз тарафи инсон иҷрошударо ва ғайра.

Ба ифодаи дигар, баррасии салоҳиятнокӣ дар таҳсилот ифодакунандаи таносуби матлуби (оптималии) байни донистан ва тавонистан, маҷмуи талаботҳо ба тайёрии таҳсилотии хонанда, ба донишандӯзӣ, малака, маҳорат ва таҷрибабардории ӯ пешниҳодшаванда маҳсуб меёбад.

Албатта барои дарки зарурати гузариш ба муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим муҳим аст, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башарӣ таҳлил карда шавад.Чункидар давраҳое, ки низоми синфӣ-дарсӣ ва шарҳӣ-аёнӣ ташаккул ёфта, ба қуллаҳои баланди худ расида буд, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ,

фарҳангиву маърифатии одамон, арзишҳову дастовардҳои илму техника дар сатҳи дигар қарор доштанд. Масалан, аксари фаъолиятҳои истеҳсолот ба таври дастӣ сурат мегирифт, нақлиёт ва алоқа кам рушд карда буд, сарчашмаҳои ахбор хеле маҳдуд буданд. Зиёда аз ин, шахсеро босавод мешумориданд, ки ахбори зиёдеро аз бар карда бошад.

Ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидан ба низоми ягонаи таҳсилот ва талаботҳои Системаи Балонӣ моро водор менамояд, ки сари ин масъала андеша ронем. Дар ин самт ақидаи олимон нисбат ба ворид намудани тағйирот ба таълими анъанавӣ вобаста ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мухталиф аст.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 феврали соли 1996 «Барномаи давлатии тарбия ва таълими экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2000 то 2010-ум ва то солҳои 2020» қарор қабул карда таҳия ва тасдиқ карда шуда буд, ки дар он оид ба таълиму тарбияи экологии хонандагон ва донишҷӯён боби махсус ҷудо карда шудааст.

Ин барнома имрӯз ҳам раҳнамои кори маорифчиён мебошад. Барои амалӣ гардонидани нишондодҳои барномаи давлатӣ дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ҳамаи имкониятҳои мавҷуда – дарсҳои иловагӣ, корҳои берун аз синфӣ ва берун аз мактабӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, радио ва симо, театру синамо истифода мешавд шавад.

Тарбияи экологӣ дар худ чунин донишҳоро мепарварад: далелҳо, маълумотҳо, хулосаҳо, натиҷабарорӣ, нисбати бо ҳам алоқамандӣ ва ивазшавӣ, ки дар тағйирёбии олами ҳайвонот ва наботот ба вуҷуд меояд фаро мегирад. Ҳиссиёт ва ӯҳдадории эстетикӣ ҳам ба экология тааллуқ дорад. Онҳо шахсро водор мекунанд, ки нисбат ба табиат эҳтиёткор бошанд, пешакӣ аз натиҷаҳои манфии об, замин, ҳаво, дигар унсурҳои табиӣ огоҳ бошанд, аз ифлосшавӣ, нобудгардӣ онҳоро нигоҳ доранд, зеро бидуни онҳо ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад.

Муаллимон бояд аз дастури методии «Тарбияи экологӣ ва иқтисодиёт», ки Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода сохта ба чоп расонидааст, ҳаматарафа истифода баранд. Дар ин дастур муҳим қайд шудааст, ки муаллимон дар бораи тарбияи экологии хонандагон мероси таърихии гаронбаҳо ва пурарзиши халқамонро васеътар истифода баранд.

Гузаштагони халқи тоҷик насиҳат кардаанд, ки бо чор унсури барои ҳаёт зарур – об, ҳаво, хок ва оташ эҳтиёткорона муносибат намоем. Бе онҳо зиндагӣ имконнопазир аст. Роҳи ягонаи муносибати дурустро бо муҳити зист ва ҳодисаҳои табиат таълим ва тарбияи экологӣ нишон дода метавонад. Аз ин лиҳоз чорабиниҳое гузаронидан лозим аст, ки ба баланд гардидани маданияти экологии хонандагон ва мардум оварда расонад [ 2, с. 66].

Тарбияи экологӣ кори душвору мураккаб буда, он аз рӯзе, ки кӯдак ба табиат қадам мегузорад, оғоз меёбад, чунки вай дар тӯли ҳаёт аз он баҳраманд мешавад. Мақсади тарбияи экологӣ дар насли наврас тарбия намудани меёрҳои муайяни муносибатҳои оқилона ба табиат, парваридани ҳисси масъулият нисбати ба он ва сарфакорона истифода бурдани он мебошад. Вале мазмуни таълими экологияи мактабӣ дар як фанни алоҳида инъикос намегардад. Онро дар алоқамандӣ бо фанҳои дигар физика, химия, география ва ғайра ба амал овардан лозим аст.

Бояд гуфт, ки дар шароити пешрафтаи илму техника дахолати инсон ба табиат хело зиёд мебошад. Ва тарбия намудани хонандагон дар руҳияи табиатдӯстӣ, тоза нигоҳ доштани муҳит яке аз талабҳои муҳими тарбияи экологии мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ мебошад.

Кӯдаконро аз овони хурдсолӣ нисбат ба табиат муносибати оқилона намуданро тарбия кардан лозим. Дар мактаб бошад хонандагон бояд дар тули ёздаҳ соли таҳсил, дар рафти дарс ва дар корҳои берун аз синфӣ дар бораи проблемаҳои ҳозираи экологӣ ва муҳофизати табиат тасаввуроти ҳамаҷониба пайдо намоянд. Хусусан дар дарсҳои табиатшиносӣ ба муҳофизати набототу ҳайвонот ва афзун гардонидани онҳо диққати калон додан лозим аст. Шиносоии хонандагонро бо табиати мамлакатамон аз омӯзиши атрофи мактаб ва ҳудуде, ки мактаб дар он ҷо воқеъ гардидааст, оғоз бояд намоем. Бо мақсади омӯзиши тарбияи экологӣ дар вақти гузаронидани экскурсия хонандагон бояд муайян кунанд, ки мактаби онҳо бо кадом шаклҳои

муҳити табиӣ иҳота шудааст. Бо ин мақсад муаллим метавонад бисёртар аз маводҳои маҳал истифода барад. Масалан захираҳои бойи обҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои охир бо ташаббуси Президенти Ҷумҳуриамон диққати тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст, ё ки сарватҳои зеризаминии кишварамон, ки бисёри онҳо то ҳол таҳқиқ нашудаанд ва ғайраҳо мисол шуда метавонад. Ин фаҳмиши хонандагонро дар бораи гуногунии сарватҳои табиӣ кишварамон васеъ намуда, имконият медиҳад, ки роҳҳои омӯзиши онҳоро инкишоф диҳанд [1, с. 87].

Омӯзиши иқлими Тоҷикистон ва сарватҳои табиии он ба хонандагон на фақат маълумотҳоии экологӣ медиҳад, балки дар оянда барои интихоби касб ҳам ёрӣ расонида метавонад. Ба хонандагон инчунин оид ба аҳамияти иқтисодӣ доштани сарватҳои табиӣ маълумот дода шарҳ додан лозим аст, ки захираҳои табиӣ беҳудуд нестанд. Сарватҳои табииро ба гурӯҳҳои барқароршаванда, барқарорнашаванда ва тамомнашаванда ҷудо мекунанд. Барои дуруст истифода бурдани сарватҳои табии барқарорнашаванда аз нуқтаи назари иқтисодӣ донистани онҳо барои хонандагон зарур аст. Чунин тарзи баҳодиҳӣ на фақат мавқеи ҷойгиршавии сарватҳои табииро инчунин таҳлили захираи умумӣ, сифат, шароити геологию нархи аслии истеҳсолӣ, омилҳои кашондани он, дараҷаи аз худ шудани ҳудудро низ дар бар мегирад. Ҳамаи ин нишондодҳои иқтисодӣ то кадом дараҷа фоиданок будани истифодаи ин ё он манбаи ашёи хомро мефаҳмонанд. Инчунин хонандагон оиди аҳамияти иқтисодии сарватҳои табии Тоҷикистон, оқилона истифода бурдани онҳо, оиди муҳофизат ва барқароркунии онҳо маълумоти мушахас гирифта метавонанд. Нисбати масъалаҳои муҳофизати табиат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар замони муосир диққати ҷиддӣ дода мешавад. Мо муллимон дар дарсҳо, машғулиятҳои факултативӣ ва корҳои берун аз синфӣ хонандагонро бояд ба масъалаҳои муҳофизати табиат ошно намойем.

Ба хонандагон оид ба сарфакорона истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва боигариҳои он маълумот додан ҳатмист. Муҳофизати табиат на фақат кори муаллимони фанҳои биология, химия, география, балки кори ҳамаи омӯзгорони мактабҳои маълумоти умумӣ мебошад. Масъалаҳои муҳофизати табиат дар раванди таълими ҳамаи фанҳо ҳалли худро ёфта метавонанд. Бинобар ин ҳар як муаллим дар донишандӯзӣ оиди муҳофизати табиат иштирок намуда, хонандагонро барои меҳру муҳаббат доштан нисбат ба табиат тарбия намоянд.

Ҳисси вазифа ва масъулият аз шавқи зебоии олами воқеӣ сарчашма мегирад, ки ин фаъолияти талабагонро нисбати муҳофизат намудани табиат зиёд мекунад. Донистани табиати кишвари азизамон ба онҳо ҳисси ватандӯстиро мебахшад. Хонандагон дар корҳои сохтмони муассисаҳо, истифодаи замин, ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш ширкат варзида ва ҳамаи ин огоҳ гардида, мувофиқи қонуни муҳофизати табиат сурат мегирад. Донистани хусусиятҳои тарбияи экологӣ талабагонро ба назар гирифта барои мубориза баҳри сулҳ, баҳри зиндагии осоиштаи одамон, зидди ҷангҳои қатли инсоният, ки ба харобии тамоми мамлакат ва табиати кишварамон ҷалб мекунад [3, с. 45].

Ҳар як фард бояд донад, ки дар маркази диққати омӯзиши муҳити зист ин табиати зинда меистад. Омӯзиши муҳити зист метавонад одамонро бо захираҳои ғизоӣ таъмин кунад, шароити ҳаётиро дар биосфера ба вуҷуд биёрад. Биёед як лаҳза андеша кунем, ки дар натиҷаи муносибати нодуруст ва таъсири техникаи ҳозиразамон табиати зинда тамоман хароб мегардад. Ҷомеаро чӣ мушкилӣ пеш меояд ва дар оянда оё мо зиндагиамонро идома дода метавонем ё не ?

Баъд аз омӯзиши асосҳои тарбияи экологӣ ҳар як фарди ҷомеа шавқу мақомашро дар табиат муайян карда, қисми ҷудонашавандаи табиат будани хешро эҳсос менамояд. Бояд гуем, ки, экология калиди назариявии оқилона истифода бурдани сарватҳои табиат буда, омӯзиши мукаммалу муфассали он вазифаи ҳар фарди солимақли ҷомеа аст. Омӯзиши муҳити зист нишон медиҳад, ки одам чун як ҷузъи таркибии олами органикӣ нафақат онро ҳаматарафа истифода барад, балки вазифадор низ аст, ки қонуниятхои табиатро омӯзад ва онро оқилона идора намояд. Маълум гардид, ки ҳар як намуди наботот ва ҳайвонот дар табиат хусусиятҳои хоси худро дорад ва дар муҳити гуногун инкишоф меёбад.

Дар минтақаҳои гуногуни географӣ дар таркиби олами зинда дигаргуниҳои зиёде ба чашм мерасанд ва онро дар давоми сайри кӯтоҳ бо мақсади шиносоӣ бо муҳити зист (ҷангалҳо, дарёҳо, кӯлҳо) ҳис кардан мумкин аст. Табиат сирру асрори зиёде дорад, ки омӯхтани ҳаматарафаи онҳо ба мо бо осонӣ муяссар намегардад. Қонунҳои муҳити зист аз мо талаб мекунанд, ки муносибати худамонро нисбат ба онҳо ба куллӣ тағйир диҳем. Маҳз табиат инсониятро дар ҳолати мувозинавӣ нигоҳ медорад. Мо як қисми таркибии табиат ҳастем ва аз он ба пуррагӣ вобастагӣ дорем. Барои ҳамин омили асосии инкишофи инсоният на аз ҳукумронӣ ва поймол кардани он, балки аз муносибати оқилонаю беғаразона, ҳифзи тамоми ҷузъҳои олами органикӣ ва ғайриорганикӣ дар рӯи замин иборат мебошад. Одами табиатдӯст ба муҳити атроф дилсӯз аст. Вай на танҳо об, ҳаво хоку заминро эҳтиёт карда, тоза нигоҳ медорад, балки барои табиат кор карда, гулу ниҳолҳои мевадиҳанда ва сояафкан месабзонад, паррандаву ҳайвоноти касалро нигоҳубин намуда, дарахтонро аз сӯхтору нобудшавӣ эмин медорад [5, с. 106].

Бояд гуфт, ки одам аз ҳавои табиат нафас мекашад, кӯдак барои инкишофи худ об, нури офтоб, маҳсулоти хӯрокаро аз табиат мегирад. Дараҷаи саломатии одамон ба муҳити зист вобастагӣ дорад. Табиати мусаффо одамро солиму бардам месозад. Ҳавои чангу ғуборнок бемориҳо меорад. Воситаҳои нақлиёт, корхонаҳои саноатӣ ҳавоеро, ки одамон нафас мекашанд, ғуборолуд мекунанд. Мӯъҷизакории табиат дар он аст, ки ҳаворо тоза карда медиҳад. Дарахтон ва сабзазорҳои табиат ҳамин корро иҷро менамояд. Аз ҳамин ҷост, ки мардум бисёр ба кабудизоркунӣ ва ниҳолшинонӣ машғул мешавад ва онро кори савоб мегӯяд. Табиати зебо аз одам хастагиро дур мекунад, вай барои халос хӯрдани одамон аз бемориҳо гиёҳҳои гуногун, меваҳо офаридааст, ки онро бояд оқилона истифода бурд.

Барои баланд бардоштани савияи тарбияи экологӣ аҳолӣ дар ҳар як муассиса ҷорӣ намудани омӯзиши экология ҳатмист. Дар тарғибу ташвиқи маърифати экологии шаҳрвандон фаъолияти «Ҷамъияти муҳофизати табиат», «Ихтиёриёни муҳофизони табиат» ва садою симоро баланд бардоштан лозим аст. Ҳамин тариқ проблемаҳои тарбияи экологиро дар ҷумҳуриамон дар он вақт амалан ҳал кардан мумкин аст, ки агар он аз рӯи барномаҳои махсус дар ҳамаи муассисаҳо, ташкилотҳо ва мактабҳои миёнаю олӣ омухта шуда, диққати аҳли ҷомеъаи имрӯза ба он ҷалб карда шавад.

Дар байни мардум панде вуҷуд дорад, ки он нобуд кардани ҷонваронро ба одамон раво намебинад, зеро ҳамаи онҳо дар табиат лозиманд, ҳар кадом вазифае доранд, ки ба табиат фоидаоваранд. Як гурӯҳ шоирон ва адибон низ бахшида ба наботот, ҳайвоноту парандагон асарҳо эҷод кардаанд. Хусусан дар адабиёти классикиамон дар ҳикоятҳои тамсилӣ образҳое офарида шудаанд, ки хусусиятҳои одамонро дар симои ҳайвоноту парандаҳо муҷассам гардонидаанд [4, с. 29].

Хуллоса, тарбияи экологӣ муносибати дурусти байни хонандагон ва ҷамъияту табиатро ба роҳ монда, ҳифзи муҳити зистро, ки гузаштагонамон кори савоб мегуфтанд, одат мекунонад. Дар баробари ин тарбияи экологӣ аз несту нобуд кардани наботот, ҳайвоноту парандагон, ифлос кардани обу замин дар табиат, ки ин гуноҳ ҳисоб мешавад, худдорӣ намуданро ба хонандагон ёд медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллозода, Ҳ. Экология.- Душанбе: - ДДЗТ,. 2017. - 131 с.
2. Барномаи давлатӣ комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 – 2020 / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.04. 2015. - № 178 /.- 25 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Душанбе: «Ирфон», 2012. - 40 с.
4. Забиров, Р.Ғ. Экология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2013.- 480 с.
5. Давлатов, А. Асосҳои экология. - Душанбе: «Эр-граф», 2005.- 392 с.
6. Сафаров, Х., Файзалиев, М. -Асосҳои экология ва ҳифзи муҳити зист.- Душанбе: «Ирфон», 2001. – 416 с.
7. Қаландаров, А.С. Экологияи умумӣ (маҷмӯаи таълимӣ). – Душанбе: «Ирфон», 2013.- 150 с.
8. Эргашов, А. Экологияи умумӣ (дастури таълимӣ). - Душанбе: «Ирфон», 2011. - 200 с.
9. Юнусов, Ю. Педагогикаи умумӣ. – Душанбе: 2000.- 200 с.


**УДК: 378: 796 (575, 3)**

## МЕТОДОЛОГИЯ ВА ВИЖАГИҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМ ДОДАНИ СОТСИОЛОГИЯИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

***САФАРОВ Шодӣ Асомуродович*** *– ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, ш. Душанбе, кӯчаи Луҷоб, 45,* ***тел:.*** *+(992)918421063*

***ДАВЛЯТБОЕВА Сарвиноз Абдумаликовна*** *– муаллими калони кафедраи менеҷмент ва сайёҳии Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов, унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126,* ***E-mail:*** *sarvinoztj@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)918860731.*

Муаллиф дар мақола ҳолати бухронии варзишро дар Тоҷикистони кунунӣ иброз намуда, дар миёни аломатҳои асосии он дуршавӣ аз принсипҳои инсонгароиро таъкид мекунад, вақте ки саломатии инсон ҳамчун арзиши асосии машғул шудан ба варзиш бо талоши ба ҳар қимате ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ иваз мешавад. Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш омилҳоеро таҳқиқ менамояд, ки бояд ба андозаи пурра ҷанбаи оммавии ҳаракати варзишию тарбияи ҷисмониро таъмин намоянд. Дар мақола муаллиф методҳои дар илми сотсиология коркардшуда, аз қабили мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳо, пурсишҳои шафоҳӣ ё хаттӣ истифода кардааст.

Барномаҳои педагогии муосирро таҳлил намуда, муаллиф метавонад самтгирии возеҳи онҳоро барои дар насли ҷавон ташаккул додани шахсияти тарбияи ҷисмонӣ қайд намуда ва ба ҳамин тартиб, афзалияти усули фалсафию фарҳангшиносиро нисбат ба раванди ташаккули фаъолияти маърифатӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тасдиқ намояд.

Шароити педагогие, ки муаллиф дар таҳқиқот пешниҳод намудааст, ба сифати ҷузъи калидии низоми педагогӣ, инъикоси умумитарин талаботи ба ташкили раванди таҳсилот пешниҳодшаванда дар соҳаи сотсиологияи варзиш ва ташаккули фаъолияти маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, солимӣ, арзишҳои ҳаёт, шароитҳои офарандагӣ, тарбияи ҷисми солим, рақобати варзишӣ, омилҳои ҷисми солим, сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.*

## МЕТОДОЛОГИЯ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ОБУЧЕНИЯ СОЦИОЛОГИИ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ И СПОРТА

***САФАРОВ Шоди Асомуродович*** *– ректор Института физической культуры Таджикистана им. С. Рахимова, г. Душанбе, ул. Лучоб, 45,* ***тел:.*** *+(992)918421063*

***ДАВЛЯТБОЕВА Сарвиноз Абдумаликовна*** *– старший преподаватель кафедры менеджмента и туризма Института физической культуры Таджикистана им. С. Рахимова, соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,* ***E-mail:*** *sarvinoztj@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992)918860731.*

В статье автор описывает кризис спорта в современном Таджикистане, выделяя среди его основных черт отклонение от принципов гуманности, когда здоровье человека заменяется основной ценностью занятия спортом в стремлении достичь желаемого результата. Социология физической культуры и спорта изучает факторы, которые должны в полной мере обеспечивать массовое движение спорта и физического воспитания.

В статье автор использует методы, разработанные в социологии, такие как наблюдение, анализ документов, устные или письменные вопросы. Анализируя современные педагогические программы, автор может выделить их четкую направленность на формирование физического воспитания подрастающего поколения и тем самым подтвердить преимущества философско-культурных методов над процессом формирования познавательной активности в физическом воспитании и спорте.

Педагогические условия, представленные автором в исследовании, являются ключевым компонентом педагогической системы, отражая наиболее общие требования к организации образовательного процесса в области социологии спорта и формированию познавательной активности в социологии физического воспитания и спорта.

***Ключевые слова:*** *физическое воспитание, спорт, здоровье, ценности жизни, творческие условия, здоровая физическая культура, спортивные соревнования, факторы здорового тела, социология физического воспитания и спорта.*

## METHODOLOGY AND PEDAGOGICAL FEATURES OF TRAINING SOCIOLOGY OF PHYSICAL EDUCATION AND SPORT

***SAFAROV Shodi Asomurodovich*** *– rector of the Institute of physical culture of Tajikistan named after S. Rakhimov, Dushanbe, 45 Luchob Str.,* ***Phone:*** *+(992)918421063*

***DAVLYATBAEVA Sarvinoz Abdumalikovna*** *– senion lecturer of the Department of management and tourism of the Institute of physical culture of Tajikistan named after S. Rakhimov, Applicant of the IDO named after A. Jami, Dushanbe, 126 Ayni Str.,* ***E-mail:*** *sarvinoztj@mail.ru,* ***Phone:*** *+(992)918860731.*

In the article, the author describes the crisis of sports in modern Tajikistan, highlighting among its main features a deviation from the principles of humanity, when human health is replaced by the main value of playing sports in an effort to achieve the desired result. Sociology of physical culture and sports studies the factors that should fully provide the mass movement of sports and physical education.

Analyzing modern pedagogical programs, the author can highlight their clear focus on the formation of physical education of the younger generation and thereby confirm the advantages of philosophical and cultural methods over the process of formation of cognitive activity in physical education and sports.

The pedagogical conditions presented by the author in the study are a key component of the pedagogical system, reflecting the most general requirements for the organization of the educational

process in the field of sports sociology and the formation of cognitive activity in the sociology of physical education and sports.

**Keywords:** *physical education, sports, health, life values, creative conditions, healthy physical culture, sports competitions, factors of a healthy body, sociology of physical education and sports.*

Таҷрибаи рушди маърифати илмӣ оид ба пайвастагии узвии ҷанбаҳои ашёию муҳтавоӣ бо ҷанбаи методологӣ дар доираи ҳар гуна консепсияи илмӣ шаҳодат медиҳад. Аммо ин, албатта маънои аз миён рафтани ҳудуди миёни методология ва назарияро надорад, зеро агар методология масъалаҳои оид ба худи раванди ба даст овардани донишҳоро баррасӣ намояд, он гоҳ назария - дар бораи донишҳо оид ба худи воқеият мебошад.

Дар шароити кунунӣ мубрам будани методология ҳамчун абзоре, ки мулоҳизаи амиқи соҳаи тарбияи ҷисмониро имконпазир месозад, фавқулода афзудааст. Аз солҳои 70-уми асри гузашта мутахассисон болои масъалаҳои оид ба эҷод намудани таҳқурсии назариявии тарбияи ҷисмонӣ, ки ҳам аз нуқтаи назари амалӣ ва ҳам аз дидгоҳи методологӣ барои муосиркунонии соҳаи таҳсилоти тарбияи ҷисмонӣ фавқулода муҳим аст, ба таври муассир мулоҳизаронӣ мекунанд. Дар ҳамин ҳол, сухан дар бораи ба даст омадани ин ё он дастоварде намеравад. Аммо дар замони ҳозира мулоҳиза дар бораи вобастагии бевоситаи донишҳои назариявии онҳо қобили ҳеҷ гуна шакку шубҳа нест [1; 200],[2; 48-51].

Ба баёни дигар, чунин робитаи наздики байниҳамдигарии миёни мафҳумҳои «методология» ва «назария»-ро қайд намуда, бояд масъалаи аввал будани методологияро нисбат ба назария дар хотир дошт.

Дар ин робита, ҳангоми баррасии таҳқиқоти мазкур муҳимтарин нақши дониши методологиро, ки муҳаққиқ онро «вазифаи танзимӣ ва ҷанбаи стратегии он дар арзёбии самаранокӣ ва ташкилии ҷиҳатҳои фаъолияти илмию маърифатӣ ё илмию дигаргунсозанда» тавсиф менамояд, наметавон нодида гирифт. Чунки маҳз ба туфайли он мо ҳангоми дарёфти донишҳои нави таҷрибавӣ ва назариявӣ дар бораи объектҳои педагогӣ, ки муайян кардани самти стратегии таҳқиқоти илмиро дар ҷараёни коркарди муҳтавои назарияҳои мушаххаси педагогӣ имконпазир месозад, самтгирӣ карда метавонем.

Дар робита бо ин дар пайвандгоҳи ҳазорсолаи гузашта ва имрӯза ба рушди асосҳои методологии илмҳо такя карда шуд, зеро маҳз дониши методология сабки тафаккури илмиро ба вуҷуд оварда, рушди минбаъдаро ба тарафи сатҳи болотари инкишофи донишҳои назариявӣ имконпазир менамояд, то ки аз тавсифоти сирфан таҷрибавии объект ё падида ба дидгоҳи назариявӣ ва асосноккунии онҳо гузашта шавад [3; 51-54].

Ҳамин тавр, тасодуфӣ нест, ки дар охири асри гузашта таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои назариявию методологии тасаввури соҳаи тарбияи ҷисмонӣ тақвият ёфт. Дар ин бобат диссертатсияи доктории Лубишева Л.И [5; 58]. қобили қайд аст, ки дар он масъалаҳои асосҳои ташкилӣ ва назариявию методии ташаккули донишҷӯёни тарбияи ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, Матвеев А.П. [6;73] таҳқиқоти худро ба баррасии асосҳои методологӣ ва назариявии фанни «тарбияи ҷисмонӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшидааст, пажӯҳишҳои ба ҳамин мавзуъ бахшидашудаи Наталов Г.Г. [7;2-9] ва Николаев Ю.М. [8;2-9] тасдиқи боэътимоди тақвияи таваҷҷуҳ ба масъалаҳои мантиқ ва назарияи тарбияи ҷисмонӣ, ба мушкилотҳои ҳамгироии донишҳои бисёрҷанбаи назариявӣ дар бораи фанни мазкур мебошад.

Сеяки аввали садаи гузашта бо рушди басо заифи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавсиф мешуд. Ҳаракати тарбияи ҷисмонию варзиш ба қадри созмонёфтагии ночизи худ, бо миқдори на чандон зиёди иштироккунандагон ва мусобиқаҳои варзишӣ, соддагии нисбии ташкилӣ ва идоракунӣ фарқ мекард. Олимони асосии ҳаракати тарбияи ҷисмонию варзиш ба ҷалб кардани сотсиологҳо барои омӯзиши амиқи мушкилотҳои соҳаи мазкур ҳавасманд набуданд. Ҷанбаҳои алоҳидаи иҷтимоӣ дар чорчӯбаи педагогика, психологияи иҷтимоӣ ва назарияи тарбияи ҷисмонӣ баррасӣ мешуданд.

Зимнан, аллакай дар солҳои 30-юми асри гузашта рушди ҳаракати оммавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш оғоз мегардад, ки бо бунёди пойгоҳи моддӣ ва коркарди асосҳои меъёрию барномавӣ ҳамроҳ буд.

Сотсиологияи шӯравии тарбияи ҷисмонӣ дар ҷараёни рушди худ ба ақидаи сотсиологи маъруф О.А. Милштейн се марҳиларо сипарӣ намудааст [9;18-19].

1) Марҳилаи нахустин аз замони табаддулоти болшевикӣ то оғози солҳои 60-ум идома дошта, бо ҷамъбасткунии назариявӣ ва мулоҳизаи нақши иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ тавсиф мешавад. Аз солҳои 30-юм баргузории таҳқиқоти сотсиологӣ дар чорчӯбаи таърихи тарбияи ҷисмонӣ, баъди солҳои 60-ум бошад, - назарияи тарбияи ҷисмонӣ амалӣ мегардад.

2) Марҳилаи дувум аз ибтидои солҳои 60-ум то оғози солҳои 70-ум идома дошта, бо рушди назарраси ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти одамони шӯравӣ тавсиф мегардад.

3) Дар марҳилаи сеюм (аз ибтидои солҳои 70-ум то миёнаи солҳои 80-ум) фаъолияти муассир оид ба ҷамъбасти назариявии таҳқиқоти мушаххаси сотсиологии тарбияи ҷисмонӣ идома дошт, ки ба тарбияи ҷисмонӣ, муайянкунии қонуниятҳо ва тамоюлоти рушди он бахшида шуда буд. Дар миёни муҳимтарин лаҳзаҳои марҳилаи мазкур муайянкунии моҳияти

худи мавзӯи сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ, ҳудуди он ва робитаҳои он бо илмҳои варзишию педагогӣ, табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ ба шумор меравад.

Дар марҳилаи кунунии ҷоруми рушди сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ афзоиши қобили мулоҳизаи шумораи сотсиологҳои дар соҳаи мазкур машғулбуда ба мушоҳида мерасад.

Солҳои 80-уми қарни XX замони рушди фаъоли мавзӯи олимпӣ гардид, ки бисёр муҳаққиқон бо он шаклдигаркунии сотсиологияи варзиширо ба фанни мустақили илмӣ алоқаманд менамоянд. Кумитаи созмондодашуда минбаъд воҳиди сохтории таҳқиқотии расмӣ дар ҳайати Ассосиатсияи байналмилалии сотсиологӣ гардид ва дар айни замон донишмандони беш аз 40 кишвари ҷаҳон аъзои он мебошанд.

Нахустин маҷаллаи созмон соли 1996 ҳамчун гузориши солона, ва аллакай аз соли 1973 нашрия ҳар семоҳа ба нашр мерасид.

Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҳоли ҳозир бештар ба баргузории пажӯҳишҳои сершуморе, ки ба омӯзиши амалкард ва рушди соҳаи мавриди баррасии мо, таъсири варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули фард, муайянкунии меъёрҳои сатҳи рушд дар инсони машғул ба тарбияи ҷисмонӣ бахшида шудаанд, таваҷҷуҳ менамояд. Нақши ин кор дар бадастоварии маълумоти сотсиологӣ хеле пураҳаммият аст. Дар ин қабил таҳқиқот методҳои аз тарафи илми сотсиология таҳиягардида, аз қабили мушоҳида, таҳлили ҳуҷҷатҳо, пурсишҳои шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мешаванд.

Мафҳуми «ҷалбшавӣ» бештар аз ҳама ҳамчун намудҳои гуногуни рафтори афрод, хоҳиши маърифат, вокунишҳои ҷанбаи отифидошта шарҳу тафсир мегардад. Ҷалбшавӣ метавонад отифавӣ, маърифатӣ ва рафторӣ бошад. Ба ин намудҳои анъанавӣ метавон фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмониро ҳамчун намуди муайянкунандаи «дараҷаи ҷалбшавӣ» илова намуд. Бо мақсади тавсифи он метавон меъёри муассирӣ, бардавомӣ ё басомади фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмониро корбаст намуд [10; 47-49].

Ба туфайли таҳлили сотсиологии шомилшавӣ ё «ҷалбшавӣ»-и аҳолӣ мо имкони ба даст овардани иттилоотро дорем:

- дар бораи навъи ҷалбшавӣ ба фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ ва шаклҳои зуҳуроти онҳо;
- дар бораи он ки кадом гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ба кадом дараҷа ба фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ ҷалб шудаанд;
- дар бораи пешравии фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонии ҳам гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҳам шахсони алоҳида;
- дар бораи таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ба равандҳои ҷалбшавӣ ба фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ.

Бо мақсади ҷудо кардани объектҳои таҳқиқот, барои аз дигарон ҷудокунии онҳо дар илм тасвияи мафҳумҳои дахлдор маъмул мебошад. Барои ҷудокунии объекти мушаххаси таҳқиқот бо мафҳумҳои асосии истифодашаванда зарур аст. Чунончи, одамро илмҳое аз қабили психология, анатомия, педагогика, биология, физиология ва ғайра меомӯзанд.

Бисёриҳо чунин мешуморанд, ки объектҳои маърифати илмии сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ аз худи номи «варзиш» ва «тарбияи ҷисмонӣ» ошкору яқин мебошанд.

Дар ин ҳол, баъзан варзиш ҳамчун унсури тарбияи ҷисмонӣ баррасӣ мегардад, ки дар натиҷа соҳаи фанҳои баррасикунандаи мо танҳо ба тарбияи ҷисмонӣ маҳдуд мегардад. Баъзе шахсон сотсиологияи ТҶВ-ро ҳамчун илми баррасикунандаи ё фаъолияти ҷисмонӣ ё ки танҳо варзиш идрок мекунанд. Гоҳе барқароршавии ҷисмонӣ, машқҳои ҷисмонӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра объектҳои таҳқиқи фанни мазкур дониста мешаванд ва мутобиқи он низоми калидии сотсиологияи ТҶВ-ро шарҳу тафсир мекунанд.

Донишмандони ватанӣ аксаран номи «сотсиологияи варзиш ё ин ки тарбияи ҷисмонӣ» -ро ба кор мебаранд. Дар баъзе интишороти хориҷӣ ҳам ба чунин тасвия метавон дучор омад. Аммо, чун қоида, дар он дар бораи «сотсиологияи варзиш» сухан меравад. Зимнан метавон ба гунаҳое аз қабили «сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ», «сотсиологияи машқҳои ҷисмонӣ» низ дучор омад. Ҳамчун номҳои бахшҳои алоҳидаи илми мазкур тасвияҳое аз қабили «сотсиологияи мураббиён ва омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ», «сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ», «сотсиологияи созмонҳои варзишӣ», «сотсиологияи ҳаракати олимпӣ», «сотсиологияи бадан» ва ғайра ба кор бурда мешаванд [11; 176].

Дар маркази таваҷҷуҳи сотсиологияи ТҶВ тавре ки аз номи он бармеояд, на ду, балки се объект қарор доранд, ки онҳо нисбатан мустақил ва дар айни замон бо ҳам алоқаманд мебошанд:

- намуди вижаи мусобиқаҳо, ки онҳоро «варзишӣ» меноманд, раванди тайёрӣ ба онҳо, инчунин падидаҳои дигари ба онҳо иртиботдошта;
- шакли фаъолияти ҳаракатӣ, ки онро, аксаран, «тарбияи ҷисмонӣ» ё «фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ» меноманд;
- бадани инсон, ки ба «мутобиқшавӣ» ҷалб гардидааст ва раванди иҷтимоишавии ба ҳамин тартиб баромадкунандаро дар нақши падидаи фарҳангӣ ва зуҳуроти иҷтимоӣ (дар қаринаи мазкур ҷисмияти инсонро «тарбияи баданӣ» ё бештар бо истилоҳи маъмули «тарбияи ҷисмонӣ» ) меноманд.

Сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҳам, ба мисли ҳама гуна фанни илмӣ ба ҳаллу фасли мушкилотҳои вижаи худ машғул гардида, объекти он аз дигар илмҳои самти иҷтимоидошта тафовут дорад. Мавриди таҳқиқи он варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун падидаҳои ҷанбаи иҷтимоидошта мебошанд. Робитаи байниҳамдигарии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа ба доираи манфиатҳои сотсиологияи варзиш шомил мегарданд. Ба таҳсилот ва тарбияи насли ҷавон таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Илми мазкур ҳамчунин масъалаҳои муносибатҳои истеъмолию арзишии одамонро ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ баррасӣ менамояд [12; 226].

Агар мавзӯъро дар назар бигирем, сухан дар бораи яке аз самтҳои амалии сотсиологияи умумӣ меравад. Сотсиологияи ТҶВ ҳам аз назари сифати фанни таълимӣ ва ҳам аз лиҳози фанни илмӣ ба равшан намудани ҷанба ва механизми муносибатҳои иҷтимоӣ дар соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ва баррасии нақши онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсон машғул мебошад. Ба ғайр аз ин, тибқи таърифи пешниҳоднамудаи В.И. Столяров сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ фанни илмиест, ки ҷойгоҳ ва нақши варзиш ва тарбияи ҷисмониро дар ҷомеа, робитаҳои онҳоро бо дигар падидаҳои ҷомеа меомӯзад [13; 39-44]. Ҳадафи фанни илмии «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» дар омӯзиши падидаҳои мазкур ҳамчун падидаҳои иҷтимоӣ, дар истифодаи натиҷаҳо барои пешгӯйии рушди онҳо ва қабули қарорҳои идоракунии дахлдори ба такмили ҳамин соҳа нигаронидашуда ва ҳамгироии фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҳар як инсон мебошад.

Сотсиология ҳамчун фанни таълимӣ, ки унсури таркибии таҳсилоти тарбияи ҷисмонӣ мебошад, бояд ақидаҳои ҷаҳоншиносиро ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ташаккул диҳад. Вазифаҳои асосии фанни таълимиеро, ки мо баррасӣ менамоем, метавон ба ду қисмати асосӣ гурӯҳбандӣ намуд: ҳаллу фасли мушкилотҳои иҷтимоии фаъолияти варзишӣ ва ҷанбаи оммавӣ додан ба ҳаракати варзишию тарбияи ҷисмонӣ.

Дар миёни вазифаҳои афзалиятноки сотсиологияи ТҶВ бояд он омилҳоеро номбар намуд, ки имкон медиҳанд, ҳадди аксари оммавияти ҳаракати варзишию тарбияи ҷисмонӣ самаранок таъмин гардад. Ҷанбаи субъективию объективии омилҳои мазкур имкон медиҳад, ки онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намоем.

Дар гурӯҳи якум омилҳои ҷанбаи субъективидошта муттаҳид мешаванд, ки ба оммавӣ будани фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ таъсир мерасонанд:

- ташаккули самтгириҳои арзишӣ, ангезаҳои устувор нисбат ба фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ;
- ташаккули шуури инфиродӣ ва афкори умум нисбат ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ;
- дар одамон тарбия намудани зарурат ба фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ, баланд бардоштани мубрамии масъалаҳои вобаста ба дараҷаи тайёрии ҷисмонӣ, аҳаммияти тарзи ҳаёти солим, тарбияи ҷисмонӣ ба инсон ҷомеа.

Ба гурӯҳи дувум омилҳои объективӣ мансубанд:

- дараҷаи тайёрии кадрҳо ва миқдори онҳо;
- рушди пойгоҳи моддию техникии варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ.

Барои сотсиологияи ТҶВ масъалаҳои ниёздошта ба посуххои илман асоснокшудаи марбут ба ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ ҳам на камтар аз аҳамият бархӯрдоранд, ки дар миёни онҳо метавон номбар намуд [14;102]:

- фаъолияти варзишӣ ва варзиш чист?
- фаъолияти варзишӣ ва дигар падидаҳои иҷтимоӣ миёни худ чӣ нисбат доранд?
- фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ дар сохтори вақти фароғат ва умуман тарзи ҳаёт чи гуна амалӣ мегардад?
- варзиш дар нақши падидаи мустақили иҷтимоию фарҳангӣ чӣ гуна рушд мекунад?
- барои машғулият ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ кадом омилҳо нақши ҳавасмандкунанда доранд ва кадоми онҳо, баракс, барои ин кор монеа мебошанд?

Ба туфайли таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ (ТМС) мо метавонем ба саволҳои гузоштащуда ҷавоб ба даст оварем.

Марҳилаи якуми ҳар гуна ТМС коркарди барнома мебошад. Санади мазкур фарогири асосноккунии назариявии усулҳои техникӣ, методика ва методология нисбат ба объекти омӯзиш мебошад.

Азбаски низомҳои иҷтимоӣ бо шаклдигаркунии муттасил тавсиф мешаванд, бинобар ин метавон тасдиқ намуд, ки мавзӯи таҳлили мо танҳо дар чорчӯбаи давраи замонии дақиқан муайяншуда омӯхта мешавад.

Ба туфайли ҷудокунии соҳаи мавзуъ ва объекти таҳлил сотсиолог имкон пайдо мекунад, ки бо такя ба амсилаи ормонишудаи таҳиягардида, тавсифи раванд ё падидаи омӯхташавандаро фароҳам намояд. Агар мо мушкилотҳои ҷанбаи иҷтимоидоштаеро баррасӣ намоем, ки ҳомилони онҳо одамон мебошанд, он гоҳ ҳамчунин умумиятҳоеро тавсиф менамоем, ки ба сохтори низоми омӯхташавандаи мо шомил мебошанд.

Ба туфайли тартиб додани амсилаи назариявии вазъияти мушкилотие, ки мавриди омӯзиш қарор дорад, пажӯҳишгар метавонад имкони гузаштан ба марҳилаи минбаъдаи барнома - муайянкунии вазифаҳо ва ҳадафҳои таҳқиқотро ба даст оварад.

Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҳоли ҳозир ба баргузор намудани таҳқиқоти сершуморе, ки ба омӯзиши амалкард ва рушди соҳаи мавриди баррасии мо, таъсири варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули фард, муайянкунии меъёрҳои дараҷаи рушди инсони машғул ба тарбияи ҷисмонӣ бахшида мешаванд, таваҷҷуҳи зиёд медиҳад. Нақши кори мазкур дар бадастоварии маълумоти сотсиологӣ хеле аҳамиятнок мебошад. Дар пажӯҳишҳои мазкур методҳои тавассути илми сотсиология коркардгардида, аз қабили мушоҳида, таҳлили санадҳо, пурсишҳои шафоҳӣ ва хаттӣ истифода мешаванд [15; 96].

Вазифаи таҳқиқотро мо ҳамчун маҷмӯи мушкилотҳое, баррасӣ менамоем, ки аз тарафи мо бо мақсади ёфтани посух ба масъалаи асосии ҳадафманд ва мушаххаси таҳқиқот, таҳлил мешаванд. Ба баёни дигар, вазифаҳои таҳқиқот иборат аз ҳалқаҳои вижае мебошанд, ки дар як ҷо ҷамъ оварда шудани ҳамаи равандҳо ва падидаҳои омӯхташавандаро имконпазир месозанд.

Ҳадафи таҳқиқот натиҷаи ниҳоие мебошад, ки мо баъди хотима ёфтани пажӯҳиш ба он саъю кӯшиш дорем. Чунин натиҷа метавонад ҳам амалӣ ва ҳам назариявию маърифатӣ бошад ва метавонад ҳамзамон ҳам ин бошаду ҳам он. Аксаран, ҳадафи таҳқиқот ҳамроҳ бо мавзӯи он дар маҷмуъ аз тарафи фармоишгар муайян карда мешавад ва дар матни шартнома сабт карда мешавад.

Нахустин марҳилаи коркарди фарзия  вазифаҳои маърифатии таҳқиқот аст, ки дар шакли пешниҳодҳои инъикоскунандаи вобастагии миёни ҷузъиёти ҷудогонаи амсилаи консептуалӣ сабт карда мешаванд. Муҳим аст, таваҷҷуҳро ба он ҷузъҳои таркибие мутамарказ намоем, ки барои мушкилоти таҳқиқшаванда аҳамияти бештаринро доро мебошанд. Чунин вобастагиҳо асосро барои тавсияи фарзияҳо ташкил медиҳанд. Чунончи, ҳангоми баррасии робитаи байниҳамдигарии миёни тайёрии тарбияи чисмонии донишҷӯён ва таҳсилоти тарбияи ҷисмонии онҳо мо метавонем чунин саволҳоро матраҳ намоем:

1. Оё вобастагии бевосита дар миёни фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ ва дараҷаи донишҳои тарбияи ҷисмонӣ вуҷуд дорад?

2. Оё донишҷӯён аз донишҳои назариявӣ дар ҷараёни машғулиятҳои варзишию тарбияи ҷисмонӣ истифода мекунанд ва дараҷаи чунин донишҳо чи гуна аст?

Бешубҳа, барои омӯзиши ҳаматарафаи мушкилот ин феҳристи саволҳо метавонад хеле васеътар бошад. Сотсиолог дар ҳар ҳолати мушаххас метавонад ба баррасии як силсилаи томи муносибатҳо ва робитаҳое рағбат дошта бошад, ки баъзан метавонанд аз чорчӯби амсилаи консептуалии объекти таҳлил фаротар рафта бошанд.

Вазифаҳои маърифатии хусусии таҳқиқотро тасвия намуда, зарур аст, ки ба марҳилаи тавсифи худи фарзияҳо иқдом намуд. Фарзияро ҳамчун пешниҳоди илман асоснокшуда дар бораи сабабҳои бевосита мушоҳидашаванда, муносибатҳо ва робитаҳои дар асоси ин ё он падидаҳо қарордошта баррасӣ менамоянд.

Аҳамияти фарзия барои таҳқиқоти сотсиологӣ ва барои соҳаҳои илмҳои дигар ҳам хеле калон аст. Фарзияҳо бо чи ин қадар арзишманд мебошанд? Дар навбати аввал дар фарзия ба ин ё он дараҷа таҷрибаи илм мутамарказ шудааст; вай воқеияти ҷориро инъикос мекунад; дар фарзия таҷриба ва дониши муаллиф ё муҳаққиқи он инъикос меёбад; дар чорчӯби таҳқиқоти сотсиологӣ фарзия вазифаи марҳилаи гузариш аз ақидаҳои назариявӣ ба бунёди абзорҳои маърифати сотсиологиро иҷро мекунад.

Навъи таҳқиқоти сотсиологӣ умқи коркарди фарзияро муайян мекунад.

Вобаста ба мавқеи вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда фарзияҳо асосӣ ва иловагӣ мешаванд, ки ба вазифаҳои таҳқиқоти асосӣ ва хусусӣ мансуб мебошанд. Коркарди фарзия аз ду марҳила иборат аст: дар ҷараёни омодасозии барномаи таҳқиқоти оянда ва баъди хотимаёбии марҳилаи озмоишӣ, ки дар натиҷаи он фарзияҳо тасҳеҳ ва тадқиқ мегарданд.

Вобаста ба муҳтавои пешгӯиҳои назариявӣ дар бораи объекти омӯхташаванда фарзияҳо ба пешгӯикунанда, тавзеҳкунанда ва тавсифкунанда тақсим мешаванд.

Ҳар як ҳодиса ва падидаи барои сотсиолог аҳамияти таҳқиқотидошта аз ҳалқаҳо ва силсилаи ҳодисаҳо иборат мебошад, ки дар чорчӯбаҳои низоми саросарӣ ҷараён хоҳад дошт, бинобар ин онҳо метавонанд дар шакли қонуниятҳо ё тамоюлҳо зоҳир шаванд, ки зарурати коркарди фарзияҳои пешгӯикунандаи инъикосгари маърифати дараҷаҳои баландтари воқеияти иҷтимоиро вобаста менамояд.

Фарзияҳои ҷанбаи тавзеҳидоштаро ба дараҷаи таҳлил мансуб медонанд ва онҳо тахминҳо оид ба вуҷуд доштани ин ё он робитаҳи сабабию натиҷавии дохилиобъекти омӯхташаванда мебошад. Фарзияҳои тавзеҳӣ имкони ошкорсозии тамоюлҳо, равандҳо ва падидаҳоеро, ки дар натиҷаи тасдиқ гардидани фарзияҳои ҷанбаи тавсифидошта муқаррар шудаанд, фароҳам месозанд.

Фарзияҳои тавсифӣ ҳолати тахминии объект ва сохтор, вазифаи мушаххаси онро тавсиф менамоянд, зеро дар ин ҳолат иттилооти ҷанбаи таҷрибавӣ ва оморидоштае, ки дар навбати аввал, ба далелҳои натиҷаҳои таҷриба робита доранд, мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Масалан, ҳангоми таҳқиқ намудани робитаи байниҳамдигарӣ миёни мавҷудияти объектҳои муосири варзишӣ ва фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонии ҷавонон, бо такя ба иттилооти мавҷудаи оморӣ метавон муайян кард, ки барои кадом қисмат аз ҷумлаи миқдори умумии шахсони таҳқиқшаванда ин вобастагӣ бевосита ва барои кадом бахши он бавосита

мебошад. Ба туфайли пешниҳоди ин гуна фарзияҳо пажӯҳишгар натиҷаҳои ифодагардида бо рақамҳои мутлақ, радифҳои динамикӣ, бузургиҳои миёнаи арифметикӣ ё фоизҳоро ба даст меоварад.

***Асосҳои методологии таҳлили сотсиологӣ***

Барои ҳар гуна таҳқиқоти илмӣ мафҳуми «методология» калидӣ мебошад. Вай фарогири на танҳо методҳо, шаклҳо ва принсипҳои ташаккули маърифати илмӣ, балки инчунин дигаргуншавии воқеияти ҷорӣ низ мебошад. Дар ин стратегияи умумии ҷустуҷӯи илмӣ ҳама чиз фаро гирифта шудааст - аз матраҳ намудани мушкилоти илмӣ, таърифи мавзуъ ва объект ва коркарди фарзия то асосноккунии вазифаҳо ва мақсадҳо ва интихоби методи таҳқиқот [16;184].

Чун анъана методология ба умумӣ ва хусусӣ тақсим мешавад. Дар ҳолати якум вай барои ҳар гуна фанни илмӣ баробар қобили истифода мебошад, дар ҳолати дувум бошад, вижагиҳои маърифати илми мушаххас, дар ҳолати мо бошад, сотсиологияро инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, сотсиологро зарур аст, ҳангоми амалисозии тарҳи барномаҳои таҳқиқотӣ идрок намояд, ки чӣ мавриди мушоҳида, интихоб ва дигаргуншавӣ бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии иттилооти дарёфтшаванда қарор дода шавад ва дар мавриди зарурат бошад, аз тасҳеҳ кардани худи назария ҳам ҳарос надошта бошад.

Барои идроки чигунагии таносуби миёни назария ва методология, кофӣ аст, ки ду мафҳуми одиро дар хотир дошт, ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд: назария - чиро бояд таҳқиқ намуд, методология бошад - чи гуна бояд таҳқиқ намуд. Методолигияро бояд ҳамчун маҷмӯи равандҳое баррасӣ намуд, ки ба муҳаққиқ имкони коркарди тавзеҳи вазъият ё тимсоли таҷридии онро фароҳам менамояд. Дар асоси ин муайян кардани он, ки дар муҳити иҷтимоӣ чи мушаххасан ба мушкилоти баррасишаванда мансуб аст ва чи гуна ҷанбаҳои мазкур ба коркарди назария ё тавзеҳи илмӣ таъсир мерасонанд.

Мафҳуми «таҳқиқоти сотсиологӣ» -ро чун анъана фақат ба психологияи амалӣ алоқаманд медонистанд, ки ба таври қобили мулоҳиза захираи билқувваи маърифати сотсиологиро маҳдуд намуда, ба самти ҷанбаи назариявию методологидошта таваҷҷуҳ намекунад, умуман имконоти сотсиологияро ҳамчун фанни илмӣ маҳдуд месозад, инчунин яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои маърифати эмпирикӣ - ҷойгоҳ дар таҳқиқоти амалии консепсияҳои назариявиро нодида мегирад. Ҳарчанд ки омили охирин ҳам сифати таҳлили сотсиологӣ ва ҳам натиҷагириҳои ҷамъбастии умуман таҳқиқоти сотсиологиро вобаста месозад. Ҳамин тавр, тахти мафҳуми таҳқиқоти сотсиологӣ мо равандеро идрок менамоем, ки дар чорчӯбаи он дараҷаҳои маърифати эмпирикӣ ва назариявию методологӣ дар ягонагии худ муаррифӣ шудаанд, ба баёни дигар, мо дар бораи раванди ҷанбаи диалектикидоштае сухан меронем, ки дар он ҷо методҳои индуктивӣ ва дедуктивӣ ҳамроҳ мебошанд ва ба туфайли он ба тамомияти маърифат ва чун натиҷа расидан ба тасаввурот дар бораи воқеияти муҳит муяссар мегардад. Маҳз ба ҳамин ду методи таҳлил (ки барои чи таҳқиқоти амалӣ ва чи таҳқиқоти назариявию методологӣ яксон хос мебошанд) марҳилаҳои индуктивӣ ва дедуктивии таҳқиқот асос ёфтаанд [17; 94-100].

Зинаи аввали марҳилаи методҳои дедуктивӣ коркарди консепсия мебошад, зеро маҳз дар он мафҳумҳои барои консептуаликунонии мавзуъ ва объекти таҳқиқоти сотсиологӣ корбастшаванда гузошта шудаанд.

Ҳамин тавр, сотсиолог, ки интихоби мавзуъро муайян кардааст, бо ҳамин фазои ҷустуҷӯи илмиро бо истисно намудани дигар гунаҳои имконпазир «танг мекунад».

Ҳангоми интихоби консепсия пажӯҳишгар чунин омилҳоро ба роҳбарӣ мегирад:
- ақидаҳои этикии худӣ;
- таҷрибаи илмӣ ва дараҷаи донишҳои худӣ;
- вазифаҳо ва ҳадафҳои аз тарафи пажӯҳишгар матраҳгардида;
- дараҷаи коркард шудани самтҳое, ки сотсиолог онҳоро таҳқиқ мекунад.

Вазифаи афзалиятноки зинаи якуми таҳқиқоти сотсиологӣ коркарди тасаввуроти методологӣ ва назариявии пажӯҳишгар дар бораи мавзуъ ва объекти таҳлил мебошад. Дар ин ҳол донишманд тавсифи кадом як объекти маърифати том ё ормонигардидаро дар ҳамаи робитаҳои байниҳамдигарии дохилии низом (масалан, шахс дар ҷомеа) тавсиф менамояд.

Зарурати тавсифи объект дар чорчӯбаи низоми ҳамкориҳо ва робитаҳо дар он аст, ки ба муҳаққиқ имкон дода нашавад, то омилҳои калидии ҳам муайянкунанда ва ҳам иловагии гоҳе ба объект таъсири назаррасдоштаро аз доираи таваҷҷуҳи худ берун гузорад. Сотсиолог амсилаи объекти таҳқиқоти ояндаро танзим карда, бо ҳамин барои худ тасаввури дақиқро дар бораи робитаҳоии иҷтимоӣ ва сохтори он тартиб медиҳад, ки барои ҳама гуна таҳқиқот (чи амалӣ ва чи назариявӣ) шарти ҳатмӣ хоҳад буд. Ҳарчанд ки сотсиолог бо роҳбарӣ гирифтани вижагиҳои мавзӯи таҳлил микдори ченакҳои онро, ки вобаста ба вазифаҳо ва ҳадафҳо мебошанд, маҳдуд месозад, ӯ набояд ҷанбаи том доштани объекти таҳқиқшавандаро ҳангоми тасаввури дақиқ дар бораи консепсияи назариявии интихобнамудаи худ фаромӯш намояд [18; 96-106].

Коркарди мафҳумҳои сотсиологӣ, яке аз вазифаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ мебошад, дар он аст, ки робитаи байниҳамдигарии миёни воқеияти иҷтимоӣ ва мафҳумҳоро ошкор

намояд, агар онҳо дар намуди назарияи тасвияшуда пешниҳод гардида бошанд ва набудани чунин робитаҳоро нишон диҳад ё агар чунин робитаҳо муқаррар шуда натавонанд.

Дар зинаи ниҳоии марҳилаи методи дедуктивӣ коркарди абзорҳои сотсиологии зарурбуда барои маводи таҷрибавӣ дар ҷараёни таҳлили сотсиологӣ амалӣ карда мешавад.

Марҳилаи таҳлили методи дедуктивӣ ҳамчун методи таҷзияи том, аммо методи индуктивӣ бошад - ҳамчун муттаҳидкунӣ ва истифодаи минбаъдаи иттилооти эмпирикӣ бо мақсади танзими амсилаи нави назариявӣ баррасӣ мегардад. Марҳилаи индуктивии таҳқиқотро танзими назарияи сотсиологӣ тавассути ҷамъбасткунии маълумоти эмпирикӣ меноманд [19; 16-23].

Фақат ягонагии методҳои дедуктивию индуктивӣ ҳамон шарти таҳқиқоти сотсиологӣ мебошад, ки ба вазифаҳо ва ҳадафҳои сотсиология ҳамчун фанни илмӣ мутобиқат мекунад.

Методи таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ (ТМС) бо чунин аломатҳои умумӣ тавсиф мешавад: мушоҳида, пурсиш, таҷрибаи сотсиологӣ, таҳлили ҳуҷҷатӣ.

Маълумоти аввалияи эмпирикиро ба се категорияи аслӣ тақсим мекунанд: пурсишҳо, мушоҳида ва таҳлили ҳуҷҷатҳо.

Дар сотсиология мушоҳидаро идроки нақшавӣ, ҳадафманд, ба таври мушаххас сабтшавандаи объекти таҳқиқот меноманд. Мушоҳида ҳамчун методи ҷамъоварии иттилоот ҳамеша иборат аз сабткунӣ ва идроки падидаҳоидар ҷомеа нақши муайяндошта мебошад. Бо ёрии методи мушоҳида бомуваффақият таҳқиқ намудани рафтори гурӯҳҳо ва афрод дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва меҳнат, фароғат ва дигар шаклҳои муошират байни одамон имконпазир мегардад. Мушоҳида ҳамчун методи ҷамъоварии маълумоти сотсиологӣ имкон медиҳад, ки итилооти муқаддамотии зарурӣ барои тадқиқи самтҳои асосии пажӯҳиши оянда ба даст оварда шавад. Бо ёрии он пажӯҳишгар дидгоҳи худро оид ба объекти таҳқиқшаванда густариш медиҳад, нуктаҳои муҳимро барои таҳлили вазъият ҷудо мекунад. Мушоҳида, инчунин барои ба даст овардани маълумоти тасвирӣ, ки эҳё ва тақвияи аёнияти таҳлили омории хушкро имконпазир месозад, абзори муассир хоҳад гардид. Яке аз бартариҳои калидии методи мушоҳида дар қобилияти бевосита мушоҳида кардани рафтори одамон дар вақти воқеӣ ва дар шароити мушаххас мебошад. Омодагии ҷиддӣ ва ҳаматарафаи мушоҳидаҳо имкон медиҳад, ки ҳамаи унсурҳои то ҳадде муҳимбударо барои вазъият сабт намуда, бо ҳамин шароитро барои баррасии объективӣ фароҳам намояд [20;376].

Камбудиҳои методи мавриди баррасии мо объективӣ ва субъективӣ мешаванд (аввалии онҳо ба мушоҳидакунанда вобастагӣ надошта бошанд, дувумӣ ба дараҷаи касбӣ ва сифатҳои шахсии ӯ вобаста мебошанд).

Камбудиҳои объективии методи мушоҳида инҳо мебошанд:

- имконнопазир будан ё мураккабии фавқулодаи мушоҳидаҳои такрорӣ;
- ҷанбаи хусусӣ доштан, маҳдудияти принсипиалии ҳар як вазъияти таҳти мушоҳида қарордошта;
- дараҷаи баланди меҳнатталабии метод.

Камбудиҳои субъективии методи мушоҳида аз ин қарор аст:

- сифати иттилоот ба дастуроти мушоҳидакунандагон ва мушоҳидашавандагон вобаста аст, зеро агар инсон бидонад, ки объекти мушоҳида мебошад, хоҳ нохоҳ ҳолати табиии худро аз даст дода, дар ӯ хоҳиши мутобиқ шудан ба чашмдошти мушоҳидакунанда ба вуҷуд меояд;
- мақомҳои иҷтимоии гуногуни пажӯҳишгар ва мушоҳидашаванда, тафовути арзишҳои онҳо қолабҳои рафторӣ, манфиатҳо ва ғайра;
- вобастагии сифати мушоҳида аз вижагиҳои шахсии мушоҳидакунанда, қобилияти ӯ ба идроки томи вазъият, маҳорати мутамарказшавӣ ва ғайра.

Мушоҳида ҳамонанди ҳама гуна таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ тибқи барномаи қаблан таҳияшуда, ки дорои бандҳои ҳатмие аз қабили вазифаҳо ва ҳадафҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқот банақшагирӣ ва амалӣ мегардад, усули (намуд) мушоҳида тадқиқ гардида, варақаи мушоҳида омода карда мешавад, расмиёти сабт муайян гардида, иттилоот ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил карда мешавад [21;18].

Феҳристи тахминии унсурҳои муҳими барои ҳамаи ҳолатҳои методи мушоҳида хосбударо баррасӣ менамоем:

1. Вазъият. Бо мавкеияти вазъияти мавриди мушоҳида ва рафтори хоси иҷтимоии барои ҳамин маҳал хосбуда тавсиф мешавад.

2. Мушоҳидашавандагон. Сохтори гурӯҳ бо мақеи вижагиҳои иҷтимоию демографии он, миқдори одамони дар вазъият иштироккунанда, чи гуна нақшҳо дар миёни иштирокдорони ҳар як вазъияти мушаххас тақсим шудааст.

3. Рафтори иҷтимоӣ. Ҳавасмандиҳо ва вижагиҳои фаъолияти гурӯҳи таҳти мушоҳидабуда, фазои психологии дохили он, ба чӣ ва ба кӣ нигаронида шудани фаъолияти он.

4. Ҳадафи фаъолият. Қонунмандӣ ё тасодуфӣ будани вазъияти мушоҳидашаванда, оё ҳадафи иштирокдорон ягона аст, оё иштирокдорони гурӯҳ ҳадафҳои ғайрирасмӣ ва расмӣ доранд, ки боиси ташаккули гурӯҳ гардида бошад.

5. Давомдорӣ ва басомад. Беназир будани вазъияти таҳти мушоҳида, такроршавандагӣ ва давомдории он мебошад.

Гуногуншаклии мушоҳидаҳо. Дар сотсиология мушоҳидаҳо вобаста ба расмиёти шаклии онҳо, ба шароити ташкил, ба ҳолати мушоҳидакунанда ва мунтазамӣ тасниф мешаванд.

Ҳолати мушоҳидакунанда нишон медиҳад, ки кадом мушоҳида истифода мешавад - фарогир ё ғайрифарогир.

Дар таҳқиқоти сотсиологӣ методи пурсиш ҷойгоҳи махсус дорад, чунки он ба туфайли як силсила бартариҳои барои он хосбуда дар заминаи методҳои таҳлили ҳуҷҷатҳо ва мушоҳида шухрат ва обрӯи қобили мулоҳиза ба даст овард.

Пурсиш методи бевосита ё ғайримустақими ҷамъоварии иттилооти шафоҳӣ тавассути муносибати иҷтимоию психологии байниҳамдигарии сотсиолог ва пурсидашаванда мебошад. Вижагии метод дар он аст, ки ба сифати манбаи асосии иттилоот инсон баромад мекунад, ки ӯ иштироккунандаи бевоситаи падидаҳо ва равандҳои мавриди омӯзиш мебошад.

Бартарии асосии методи мавриди баррасӣ дар вусъати фарогирии бахшҳои амалияи иҷтимоӣ мебошад. Методи мазкур имкон медиҳад, ки маълумот дар бораи ҳамаи ҷиҳатҳои мушкилотии ҷомеаи муосир ба даст оварда шавад. Бояд захираи амалан беҳудуди маърифатии методи мазкурро хотирнишон намуд, инчунин оид ба натиҷабахшии пурсиши оммаҳои калони одамон, ки дар муҳлатҳои хеле кӯтоҳ баргузор мешаванд [90,С.18].

Пурсишҳоро бо ду методи асосӣ роҳандозӣ мекунанд: бо пурсишнома ва бо мусоҳиба. Дар ҳолати аввал пурсишнома истифода мешавад, дар ҳолати дувум муоширати бевоситаи пажӯҳишгар ва пурсидашаванда дар миён аст.

Пурсишномакуниро чунин тарзи дарёфти иттилооти сотсиологии ҷанбаи аввалиядошта ҳисоб мекунанд, ки посуххои пурсидашавандагонро ба саволҳои пурсишнома дар назар дорад. Дар сотсиологияи амалӣ методи мазкур маъмултарин мебошад. Тибқи баъзе аломатҳо намудҳои сершумори пусишномакунонӣ ҷуфт ҷуфт гурӯҳбандӣ мешаванд.

Миқдори пурсидашавандагон тақсими пурсишномакуниро ба интихобӣ ва саросарӣ муайян мекунад.

Пурсишномакунии интихобӣ пурсиши қисми муайяни маҷмӯи умумиро дар назар дорад ва маъмултарин навъи методи мазкур мебошад. Ҳангоми пурсишномакунии саросарӣ пурсиш тамоми маҷмӯи умумии шахсони мавриди таҳқиқро дар бар мегирад.

Тақсими пурсишномакунӣ ба шахсӣ ва ғоибона ба усули муоширати сотсиолог бо пурсидашаванда вобаста аст.

Ҳангоми пурсишномакунии шахсӣ пажӯҳишгар бевосита бо пурсидашаванда, ки пурсишномаро дар ҳузури сотсиолог пур мекунад, муоширатро амалӣ месозад. Пурсиши шахсӣ метавонад дастаҷамъӣ ва инфиродӣ бошад. Дар миёни бартариҳои ин намуди пурсиш кафолати пурра баргардонидани пурсишнома ва таъмини назорат аз болои дуруст пур кардани онҳоро метавон зикр намуд.

Ҳангоми пурсишномакунии ғоибона пур кардани пурсишнома аз тарафи пурсидашаванда дар набудани сотсиолог амалӣ мегардад.

Социализация несовершеннолетних правонарушителей – одна из важнейших социально-психологических проблем общества, и ее всестороннее изучение может выявить действенный механизм работы в этой сфере. В статье «Взаимодействие семьи и закрытого образовательного учреждения в формировании готовности подростков-правонарушителей к продуктивной социальной включенности», исследуются психологические и социальные аспекты проблемы, в том числе: особенности подросткового возраста, понятие и трудности социализации подростков-правонарушителей, требование Закона РТ «Об ответственности родителей в образовании и воспитании детей», характеристика работы с подростками в условиях

закрытого учреждения, а также важных условий формирования готовности к продуктивной социальной включенности подростков.

В рамках исследования «Взаимодействие семьи и закрытого образовательного учреждения в формировании готовности подростков-правонарушителей к продуктивной социальной включенности» определены конкретные цели и задачи, пути подготовки подростков к их социальной интеграции.

***Ключевые слова:*** *продуктивная социальная включенность, психологическая помощь, социальная поддержка, социализация, закрытое образовательное учреждение, Специальная республиканская школа г. Душанбе, Закон, подростки-правонарушители, семья, родители, подростковый возраст, образования, воспитание.*

## THE INTERACTION OF THE FAMILY AND A CLOSED EDUCATIONAL SCHOOL IN THE FORMATION OF THE READINESS OF ADOLESCENT OFFENDERS FOR PRODUCTIVE SOCIAL INCLUSION

***ZAYTMETOV Khuseyn Avaskhonovich*** - *candidate of Psychology, Associate Professor, Head of the Department of Social and Professional Psychology, Khujand State University named after Academician Bobodjon Gafurov. Khujand, Mavlonbekov passage 1.* ***E-mail:*** *husein20@inbox.ru;* ***mob:.*** *+(992) 92-991-11-03.*

The socialization of juvenile offenders is one of the most important social and psychological problems of society, and its comprehensive study can reveal an effective mechanism of work in this area. The article "The interaction of the family and a closed educational school in the formation of the readiness of adolescent offenders for productive social inclusion" examines the psychological and social aspects of the problem, including: the peculiarities of adolescence, the concept and difficulties of socialization of adolescent offenders, the requirement of the Law of the Republic of Tajikistan "On responsibility parents in the education and upbringing of children ", characteristics of work with adolescents in a closed school, as well as important conditions for the formation of readiness for productive social inclusion of adolescents. Within the framework of the study "The interaction of the family and a closed educational school in the formation of the readiness of adolescents-offenders for productive social inclusion", specific goals and objectives, ways of preparing adolescents for their social integration have been identified.

***Key words:*** *productive social inclusion, psychological assistance, social support, socialization, closed educational school, Special Republican School of Dushanbe, Law, juvenile delinquents, family, parents, adolescence, education, upbringing.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули омодагӣ ба воридшавии самараноки иҷтимоии наврасон яке аз принсипҳои асосии тараққиёт ба ҳисоб меравад. Принсипи мазкур аз умумияти манфиатҳои давлат ва халқ, аз ҳисси масъулияти ҳар як шахс ба кори таълиму тарбияи насли наврас, аз ғамхории доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба маориф бармеояд. Маҳз барои ҳамин роҳбарияти давлат оид ба масъалаи мустаҳкам намудани алоқаи муассисаҳои таҳсилотии пӯшида ва оила, ки ба фаъол намудани коллективҳои омӯзгорӣ мусоидат менамояд, диққати махсус медиҳанд.

Фаъолияти якҷояи ҳамаи сохторҳои давлатии тарбиявӣ ва ниҳодҳои иҷтимоӣ ба коркарди механизми фаъолгардонии хонавода ва воридшавии самараноки иҷтимоии шахсияти наврасон нигаронида шудааст.

Синни наврасӣ (11-16 солагӣ) – ин давраи гузариш, кунҷкобии ақл, кӯшиши донистан, синни пурҷӯшу хурӯш, инчунин фаъолии организм мебошад. Дар ин синну сол тафаккур бештар мустақилу фаъол ва соҳиби хусусияти эҷодӣ мешавад. Онҳо ҳаракат менамоянд, ки ҳарчи тезтар аз калонсолон мустақилиятро ба даст оранд.

Хусусияти фарққунандаи ин давра дар он аст, ки наврасон ҳоло на шахси баркамоланду на хурдсол (ноболиғ). Онҳо дар зинаи гузариш (аз синни кӯдакӣ ба колонсолӣ) буда, тағйироти куллии анатомию физиологӣ, психологӣ ва биологиро аз сар мегузаронанд. Аз ин рӯ, душвории давраи наврасӣ пеш аз ҳама дар тағирёбии имконияти маънавию иҷтимоӣ ва шакли нави муоширати онҳо бо ҳамсолон ва калонсолон низ зоҳир мегардад. Дар зери таъсири инкишофи суръатноки организм ва омилҳои дигар тадриҷан рафтори кӯдакон ба рафтори калонсол монанд мешавад. Вале, ҷараёни ин давраи гузариш аз хусусиятҳои фардии шахс низ вобастагӣ дорад.

Дар чунин шароит барои падару модарон зарур аст, ки муносибатро нисбат ба наврасон тағйир дода, бо назардошти вазъияти баамаломада рафтор намоянд. Он усулеро

мебоист истифода бурд, ки наврасон маҷбуран не, балки бо хоҳиши худ дар ин ё он машғулияти муфид иштирок намоянд.

Ҳамин тариқ, масъалаи синни наврасӣ ва хусусиятҳои психологии онро мавриди баррасӣ қарор дода, чунин мулоҳизаро баён кардан мумкин аст, ки синни наврасӣ ҳамчун давраи гузариш ниҳоят нозук ва мушкил буда, дарки хусусиятҳои он аз тарафи ҳамаи калонсолон муҳим мебошад. Дар бештари ҳолатҳо чунин ба мушоҳида мерасад, ки калонсолон, хусусан падару модарон нисбат ба кӯдакон ғамхорӣ зоҳир намекунанд, намепурсанд, ки фарзандонашонро кадом муаммоҳо ташвиш медиҳанд. Баръакс, аксарият калонсолон мехоҳанд, ки наврасонро ба манфиати худ, бештар дар ҳалли мушкилоти гуногуни шахсию оилавӣ истифода баранд. Шахсияти онҳоро эҳтиром накарда, барои хатои ночиз ҷазо медиҳанд, ки ин боиси рӯҳан дур шудани наврасон аз калонсолон мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар тӯли асрҳои зиёд хонавода дар инкишофи шахсияти кӯдак нақши муассир дошт, гарчанде, ки дар ҳар давраи бабалоғатрасии наврасон нақши оила ва муносибати атрофиён дигаргун мешавад. Хусусан бо оғози давраи наврасӣ (дар 10-11 солагӣ) масофаи эмотсионалии байни фарзандон ва падару модарон нисбатан афзоиш меёбад, ки ин барои мустақилии наврасон ва инкишофи ҳисси баробаршавии онҳо бо калонсолон мусоидат менамояд.

Заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориро миёни мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилотии пӯшида, пеш аз ҳама Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд» (аз 2 августи соли 2011, таҳти № 762) ташкил медиҳад. Қонуни мазкур муайян кардааст, ки «Таълиму тарбияи фарзанд вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа мебошад. Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад».

Бояд қайд намоем, ки қабули Қонуни мазкур, аз як тараф ҳамчун асоси ҳамкориҳо байни мактаб, оила ва ҷомеа масъулияти онҳоро дар таълиму тарбияи фарзанд пурзӯр намояд, ҳуқуқу манфиатҳои фарзандонро ҳифз кунад, аз тарафи дигар, бо сабаби паст будани маърифати ҳуқуқӣ, заифии баъзе падару модарон ва маорифчиён боиси ба амал омадани мушкилоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ гардида истодааст. Дар таъмини иҷрои дақиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд» [1] аз тарафи субъектони он сатҳи пасти омодагӣ ба мушоҳида мерасад. Яъне, на ҳамаи иштирокчиёни муносибат, ки Қонуни мазкур танзим менамояд ҳадафи аслии онро дуруст дарк кардаанд [9].

Дар ташкили босамари ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа оид ба тарбияи наврасони ҳуқуқвайронкарда вазифаи мудирияти раванди таълиму тарбия ба зиммаи муассисаҳои таълимӣ гузошта шудааст. Дар сатҳи муассисаи таҳсилотии пӯшида бошад, алоқаи доимӣ бо падару модарон ва намояндагони ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла кормадони ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва ғ., тавассути роҳбари синф ва мураббияҳои гурӯҳҳо ба амал бароварда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати дуруст иҷтимоишавии наврасони ҳуқуқвайронкарда, инчунин ташаккули омодагӣ ба воридшавии самараноки иҷтимоии онҳо муассисаи таълимии пӯшида марказест, ки раванди тарбияро на танҳо дар доираи фаъолияти худ, инчунин, дар ҳамкорӣ бо оила ва ҷомеа амалӣ месозад. Дар баробари ин, аз тамоми имкониятҳои тарбиявии ҷомеа истифода хоҳад кард.

Тарбия бо мавҳуми «иҷтимоишави (сотсиализатсия)-и шахс» ва «ресотсиализатсияи наврасони маҳкумшуда» робитаи зич дорад. Мафҳуми «сотсиализатсияи шахс» аз нигоҳи илми психологияи иҷтимои, педагогика, сотсиологияи ҳуқуқ ва ғ. ба таври васеъ баррасӣ шудааст [12], [13].

Иҷтимоишавӣ ва тарбия дар истифода ба маънои васеъ ҳаммаъноянд. Ҷараёни иҷтимоишавӣ ба муҳити солим ворид гаштани инсон аз ҷумла ашхосе, ки **мувақатан** дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигаҳ дошта мешаванд, тақозо менамояд.

Иҷтимоикунонӣ ин раванди пай дар пай ва қатнашавандаи мебошад, ки дар рафти иккишофи зиндагии инсон сурат мегирад. Дар ин раванд на танҳо инкишофу таҳаввулишахсият, балки тағйироту рушди чашмраси ҷомеа низ сурат мегирад.

Воситаҳои иҷтимоикунонӣ на танҳо аз хусусиятҳои синнусолии инсон, балки аз махсусиятҳои муҳити иҷтимоии ӯ аз қабили намудҳои таъсиррасонии мақсадноки

хонаводагӣ, хусусияти муносибатҳо бо ҳамсолон; шаклҳои кор дар гуруҳҳои таълимӣ ва ғ. вобастагӣ дорад.

Расонидани ёрии психологӣ ва дастгирии иҷтимоии наврасони ҳуқуқвайронкарда дар шароити муассисаҳои таълимию тарбиявӣ барои онҳо, хусусан ташкил намудани корҳои бонизоми психологию иҷтимоӣ дар Мактаби махсуси ҷуҳмуриявии ш. Душанбе қисман ба асосҳои назариявии корҳои олимон (Д.И. Фельдштейн, А.Х. Кучкаров, С. Қодиров) ва таҷрибаҳои бойи онҳо дар самти кор бо наврасони ҳуқуқвайронкарда асос меёбанд [9], [8], [12], [13].

Таҳлили адабиёт нишон дод, ки дар раванди корҳои психологӣ бо наврасони ҳуқуқвайронкарда ба ҷанбаҳои психологии масъала: мутобиқшавии субъект ба шароити тағирёбанда, вазъияти душвори ҳаётӣ ва ғайра, диққати ҷиддӣ додан зарур аст, ки мақсади асосии фаъолияти психолог дар ин раванд мутобиқшавии бо самарии наврасон ба муҳити оила ва шароити гуногуни тағирпазир мебошад.

Дар як қатор озмоишҳои муҳаққиқоне, ки бо иштироки наврасони ҳуқуқвайронкарда гузаронида шуд, тасдиқ гардид, ки муҳити хонавода ва наздикон, тарзи муошрати онҳо бо ҳамдигар барои инкишофи арзишҳои худмуайянкунанда дар наврасон нақши муҳим дорад. Ваҷҳои мустақилшавии онҳо, ҳаракатҳо дар самти ба даст овардани мустақилият бенатиҷа анҷом меёбад, ки он ба истифодаи воситаҳои ғалат барои аз таъсири калонсолон баромадан оварда мерасонад. Чунин ҳаракат барои таъмин кардани талаботи наврасон бобати ба даст овардани мустақилият, ба худсобиткунии онҳо метавонад халал расонад. Дар робита бо шароити воқеӣ ва объективии муошрат ин ваҷҳҳо (сабаби ҳарактер) маънои зидди иҷтимоиро пайдо мекунад [1], [4].

Корҳои тарбиявӣ ва ислоҳкунии психологӣ бо наврасон дар шароти муассисаҳои шакли пӯшида бо он фарқ мекунад, ки шакли пӯшида мебошад, наврасон аз хонавода дур зиндагӣ менамоянд. Яъне, дар чунин муассиса наврасоне тарбия мегиранд, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ (оиннома, низомномаи мактаб, қарорҳои мақомоти дахлдор ва ғ.) дар ин муассиса ҷой карда шудаанд. Онҳо аз хонавода (падару модар) дур ҳастаанд, ки чунин маҳдудии фаъолияти кӯдакон дар ҳудуди мактаб аз як тараф барои азнавтарбиякунӣ шароит фароҳам оварад, аз тарафи дигар бо сабаби канда шудани алоқаи эмотсионалии наврасон бо падару модарон метавонад садди роҳи инкишофи шахсияти онҳо гардад [2]..

Вазифаи асосии муассиса азнавтарбиякунӣ ва боз гардонидани наврасон ба ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дар мактаб ташкил кардани чорабиниҳои зиёди тарбиявӣ талаб карда мешавад. Инчунин чорабиниҳо ба воситаи корҳои ислоҳкунии психологӣ ва инкишофдиҳандаи психолог бо наврасони ҳуқуқвайронкунанда дар раванди фаъолияти озмоишӣ имконпазир мегардад. Дар ин раванд, инчунин машварати психологӣ, машғулиятҳои озмоишӣ ва маслиҳати психологӣ барои падару модарон низ ташкил карда мешаванд. Инчунин корҳои кӯтоҳмуддати якҷоя бо иштироки наврасон ва падару модарони онҳо доир ба инкишоф додани “образи падару модарон дар шуури наврасон” ва баракс, инкишоф додани “образи наврасон дар шуури падару модар” дар шароити будубоши кӯдакон дар мактаби махсус мебошад.

Дар робита бо душвориҳои давраи наврасӣ ва ноустувор будани муносибат дар байни наврасони ҳуқуқвайронкарда ва падару модарони онҳо дар шароити муссисаҳои шакли пӯшида баъзе нозукиҳои ба амалояндаи корро дар раванди муътадилгардонии муносибати байниҳамии падару модар ва наврасон мушоҳида кардан мукин аст.

Бо назардошти мураккабии кор дар шароити муассисаи таҳсилотии пӯшида чунин тартиби кори сезинагӣ пешниҳод мегардад, ки иҷрои он зина ба зина амали гардонида мешавад:

***Зинаи якуми кор:*** а) шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои зарурии маълумотдиҳанда доир ба наврасон ва гузаронидани суҳбат бо хонаводаи онҳо; б) гузаронидани ташхиси психологӣ.

**Мақсади** он муайян кардани шароитҳои психологии муътадилгардонии муносибати байниҳамии наврасону падару модар дар шароити буду боши наврасон дар мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ аст.

**Вазифаҳои зинаи якум**

***Бо наврасон:*** 1) омӯзиши хусусиятҳои психологии наврасон; 2) ошкор кардани сабабҳои иҷтимоию психологии рафтори зиддиҳуқуқии наврасон; 3) омӯзиши хусусиятҳои психологии муносибати байниҳамии наврасони ҳуқуқвайронкарда ва падару модарони онҳо.

***Бо падару модарон:*** 1) омӯзиши хусусиятҳои хонаводаи наврасон; 2) омӯзиши хусусиятҳои психологии муносибати падару модар нисбат ба наврасони ҳуқуқвайронкарда; 3) ошкор кардани душвориҳо дар тарбияи наврасон.

**Роҳҳои амалгардонии вазифаҳо дар раванди кор бо наврасон чунин аст:**

1. Ҷамоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи наврасон ба воситаи омӯзиши ҳуҷҷатҳои меъёрю ҳуқуқӣ (маълумотнома, хислатнома ва ғ.)  суҳбат бо роҳбарони синфҳо дар муассиса.

2. Корҳои ташхиси психологӣ бо наврасон дар муассиса: таҳлили ҳуҷҷатҳо, эксперимент, мушоҳида, суҳбат.

3. Барқарор кардани робита ва муносибат дар байни наврас падару модари онҳо.

**Роҳҳои амалигардонии вазифаҳо дар раванди кор бо падару модарон чунин аст:**

1. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот  дар бораи оилаи наврасон;

2. Суҳбат бо роҳбарони синфҳо дар мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ доир ба муносибати падару модарон нисбат ба фарзандонашон.

3. Гузаронидани суҳбат ва тест (саволнома) бо волидон.

**Зинаи дуюми корро** ҷалби  падару модар  дар корҳои тарбиявии муассиса, муътадилгардонии муносибат дар байни  наврасони ҳуқуқвайронкарда ва падару модарони онҳо ташкил медиҳад.

**Мақсади** зинаи дуюми кор аз омода кардани наврасон барои ҳамкорӣ бо падару модари худ, ташкили кор бо падару модар барои муътадилгардонии муносибати онҳо бо фарзандони  худ ва мусоидат кардан ба муътадилшавии муносибат дар байни онҳо аст.

**Вазифаҳои зинаи дуюм** аз инҳо иборатанд:

1) ташкил ва гузаронидани корҳои ислоҳкунии психологӣ ва машғулиятҳои омӯзишии психологӣ бо наврасони ҳуқуқвайронкарда;

2) суҳбат, машварати психологӣ (маслиҳатдиҳии психологӣ) ва ташкили мағулиятҳои омӯзишӣ барои падару модарон.

3) бо мақсади ҷалб кардани падару модар  ба корҳои тарбиявии муассиса ташкил ва гузаронидани рӯзҳои «Дарҳои кушод», ки марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- омодагии кормандони муассиса барои шинос кардани падару модар бо дастовардҳои тарбиявии кӯдакон;
- омода кардани наврас барои нишон додани дастовардҳои худ дар муассиса;
- даъват кардани  падару модарони тарбиягирандагон ба рӯзҳои «Дарҳои кушод»;
- ташкил ва гузаронидани чорабинӣ (рӯзҳои «Дарҳои кушод»);
- ҳаматарафа таҳлил кардани чорабинии гузаронидашуда ва баҳо додан ба фаъолияти ташкилотчиёну иштирокчиёни он;
- бо мақсади ҳавасманд ва қадрдани кардани ташкилотчиёну иштирокчиёни чорабинӣ;
- ислоҳ кардани камбудиҳои дар раванди чорабинӣ мушоҳидашуда.

4) ташкили машғулиятҳои омӯзишии кӯтоҳмуддати якҷоя, ки дар он дар як вақт ҳам наврасон ва ҳам падару модари онҳо иштирок менамоянд. Масъалаи асосии чунин машғулиятҳо муътадилгардонии  муносибати байни наврасон ва падару модарон мебошад.

Дар раванди он чунин масъалаҳо ҳалли худро хоҳад ёфт:

- барқарор намудани алоқаҳо ва муносибат дар байни навраси ҳуқуқвайронкарда ва падару модари онҳо;
- ба амал овардани созиш дар байни наврасони ҳуқуқвайронкарда ва падару модари онҳо.
-марҳилаи мӯътадилшавии муносибат дар байни навраси ҳуқуқвайронкарда ва падару модари онҳо.

**Зинаи сеюми кор иборат аст аз** баҳодиҳӣ ба самарабахш будани нақшаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ ва барномаи машғулиятҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат доир ба муътадилгардонии муносибат дар байни навраси  ҳуқуқвайронкарда ва падару модари онҳо

**Вазифаи зинаи сеюм**:

1) такроран гузаронидани тест-саволномаҳо бо наврасон;

2) такроран гузаронидани суҳбат, саволнома, ташкили мушоҳидаи мунтазам доир ба масъалаи муносибати байниҳамии наврас  ва падару модари онҳо.

Вазифаи асосии амалӣ намудани чунин фаъолияти иҷтимоӣ-психологӣ – васеъ намудани имкониятҳои иҷтимоию психологӣ ва педагогии шахсияти наврасону падару

модарони онҳо буда, барои мустақилона ҳал кардани масъалаҳои ҳаётии ба амал омада ва муътадил гардонидани муносибат дар байни наврасони ҳуқуқвайронкарда ва падару модари онҳо ба шумор меравад.

Шартҳои асосии амалигардонии фаъолият доир ба масъалаи муътадилгардонии муносибат дар байни навраси ҳуқуқвайронкарда ва падару модари онҳо чунин аст:

- кордонӣ ва такмили ихтисоси психолог;
- воло будан ва бартарӣ доштани манфиатҳои наврасу волидайн;
- характери ихтиёрӣ доштани иштирок дар машғулиятҳои омӯзишӣ ва гирифтани ёрии психологӣ;
- иштироки фаъолонаи наврас, падару модари онҳо дар барнома ва машғулиятҳои психологии он, инчунин инкишоф додани иқтидори шахсии иштирокчиёни барнома;
- махфӣ будани маълумот дар бораи иштирокчиёни барнома;
- бартарӣ доштани принсипи пайдарҳамӣ ва муттасилии раванди машғулиятҳо дар вақти иҷрои зинаҳои гуногуни кор ва расонидани ёрии психологӣ чи ба наврасон ва чи ба падару модари онҳо;
- ҳис кардани масъулият аз тарафи психолог барои амалиёте, ки бе восита аз тарафи ӯ гузаронида мешавад.

Кайҳо боз аз корҳои пурмазмуни муҳаққиқон маълум аст, ки инсонро аз ҳаёти оила ҷудо сохтан амали хилофи қоидаҳои табиат мебошад, зеро ҳаёти оилавӣ дар тақдири инсон ҷой дода шудааст. Маҳз бо назардошти ин талаботи инсондӯстона дар шароити ин муассиса бештар зарурияти ташкили кор ва гузаронидани чорабиниҳо бо падару модари тарбиягирандагон мавҷуд аст.

Шакли кор бо падару модар дар муассиса доир ба муътадилгардонии муносибати онҳо бо фарзандон метавонад чунин бошад: гузаронидани суҳбати инфиродӣ бо ҳар як падару модар; ташкили ҷамъомади умумимактабии падару модарон; ташкили машварат (маслиҳат)-и психологии гурӯҳӣ дар иштироки падару модарон; ташкилу гузарондани рӯзҳои «Дарҳои кушод», ташкилу гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ дар муассиса ва ғ.

Таҷрибаи мутахассисони соҳаи психологияи амалӣ нишон додаанд, ки дар раванди кор бо падару модарон истифодаи аксҳо ва видеонаворҳо аз ҳаёти наврасон дар шароити мактаб ва аз саёҳат ниҳоят манфиатбахш аст. Масалан, дар наворҳои видеоӣ наврасон дар васфи модар, падар, ватан ва ғ. шеърҳо қироат намуда, ячкҷоя сурудҳо мехонданд, ки ниҳоят мафтункунанда буд. Таҷрибаи корӣ бо падару модарони чунин наврасон нишон дод, ки аз таъсири аксҳо ва видеонаборҳои гирифта онҳо ба ҳаяҷон меомаданд, ҳатто дар чашмони модарон ашки шодӣ пайдо мешуд, ки фарзанди онҳо хислатҳои хубро низ дорост.

Дар доираи тартиби раванди таъсиррасонии мақсадноки психологӣ, баъди ба анҷом расидани кор аз рӯи барнома баҳодиҳӣ ба дараҷаи самарабахш будани он доир ба муътадилгардонии муносибат байни навраси ҳуқуқвайронкарда ва падару модари ӯ оғоз мегардад.

Баҳодиҳӣ ба воситаи методҳои суҳбат, тест-саволнома ба натиҷаҳои кор бо наврасон, такроран гузаронидани саволнома бо падару модари наврасоне, ки дар барнома иштирок мекунад, ташкили мушоҳидаи бевоситаю мунтазам сурат мегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи машғулиятҳои дар боло зикр гардида дар доираи барномаи махсус «Барномаи маҷмӯи машғулиятҳои омӯзишӣ оид ба иҷтимоишавии наврасон» сурат мегирад [2].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши масъалаи “ҳамкории оила ва муассисаи таҳсилотии пӯшида дар ташаккули омодагӣ ба воридшавии самараноки иҷтимоии наврасон-ҳуқуқвайронкардагон” маълум гардид, ки муассисаи таҳсилотии пӯшида дар иҷтимошавии наврасон нақши муҳим мебозад. Фаъолияти мақсадноки муассиса дар ҳамкорӣ бо оила барои ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат мекунад:

– барқарор кардани алоқаҳо ва муносибат дар байни наврасони ҳуқуқвайронкарда ва падару модари онҳо;

– ба амал овардани созиш дар байни наврасони ҳуқуқвайронкарда ва падару модарони онҳо, ки дар натиҷаи он муътадилшавии муносибати мутақобила ба амал меояд;

– ташаккул додани омодагӣ ба воридшавии самараноки иҷтимоии наврасон-ҳуқуқвайронкардагон, ки асоси иҷтимоишавии онҳоро ташкил менамояд.

**АДАБИЁТ**

1. Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей». от 2 августа 2011 года. № 762. [Текст] / – Душанбе, 2011. – 31 с.

2. Абдурашитов, Н.Ф. Опыт психолого-педагогического исследования в процессе работы с подростками-правонарушителями в условиях республиканской специальной школы г. Душанбе [Матн] / Абдурашитов, Н.Ф. // Вестник Института развития образования 2020, № 1 (29). С. 31-37 (1 ч.ч.).

3. Асосҳои педагогию психологии ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар пешгирии ҷиноятсодиркунии наврасону ҷавонон [Матн]. Мураттибон Давлатшоев, И. ва Давлатзода, Қ. Муҳаррири масъул: Давлатшоев, И. - Душанбе, 2016., 184 с.

4. Атаханов, Р. Таҳқиқи масъалаи муносибати байни падару модарон ва наврасон (хуқуқвайронкардагон) дар шароити зисти онҳо дар мактаби махсус [Матн] / Р. Атаханов, Н.Ф. Абдурашитов, Н.Р. Бобоев // Илм ва инноватсия. – Душанбе, 2013. № 3-4 (5-6). – С. 18-25.

5. Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. [Матн] / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 224 с.

6. Давлатшоев, И. Назария ва амалияи ҳамкориҳои педагогӣ миёни хонавода, мактаб ва ҷомеа дар пешгирии ҷиноятсодиркунии наврасону чавонон. [Матн] / Давлатшоев, И. Дастури монографӣ. Китоби 4. - Душанбе: 2018.224 с.

7. Давлатшоев, И. Асосҳои педагогии ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули салоҳияти мактабиён. Дастури раҳнамо. [Матн] / Давлатшоев, И. \\ Муҳаррир Амонӣ, С. - Душанбе : Сифат, 2019.- 97 с.

8. Кучкаров, А.Х. Особенности организации нравственного воспитания подростков-правонарушителей в условиях специальной школы: Автореф. дисс. канд. пед. наук. –Душанбе, 1971. – 21 с.

9. Қодиров, Қ.Б. Раҳнамо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»). [Матн] / Қодиров, Қ.Б., Абдурашитов, Н.Ф., Боймуродова, Ҳ.Қ. / Муҳар. масъ. Лутфуллозода, М. Душанбе: “Сифат” 2018. 112 с.

10. Психосоциальный подход в работе с детьми, находящимися в конфликте с законом., Под. ред. Юнусовой, Н.М. - Душанбе, 2009г.

11. Ҳамидов, У Т. Васоити ҳамкории субъектҳои тарбия дар чараёни таъмини тарбияи ҳуқуқии наврасон. Илм ва инноватсия (маҷаллаи илмию методӣ) № 1 (15) – Душанбе, 2016. – С. 58-63.

12. Фельдштейн, Д.И. Психология развития человека как личности. Избранные труды: В 2 т. [Текст] / Фельдштейн, Д.И. – М.: Издательство Московского психолого-социального института, 2005. Т. 1. – 568 с.

13. Фельдштейн, Д.И. Психология развития человека как личности. Избранные труды: В 2 т. [Текст] / Фельдштейн, Д.И. – М.: Издательство Московского психолого-социального институт. 2005. Т. 2. – 456 с.

ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ
ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ
TEACHING TECHNOLOGY

## МУБРАМСОЗИИ ШАХСИЯТИ ДОНИШҶӮЁН БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ФАЗОИ ФАРҲАНГ ВА МАОРИФ

***ҶИЁНЗОДА Зулфия*** *– омӯзгори кафедраи методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16,* ***тел.:*** *+(992)918285155*

Дар мақола масъалаҳои муҳимми мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар фазои фарҳанг ва маориф бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ таҳлилу арзёбӣ карда шуда, мазмун ва вазифаҳои мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар фазои фарҳанг ва маориф дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотии донишҷӯён муайян карда шудааст. Дар мақола натиҷаҳои таҳлили назариявӣ, самарабахшии маҷмӯи шароити педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар фазои фарҳанг ва маориф бо роҳи гузаронидани озмоиши педагогӣ муайян карда шудааст.

Ҳамзамон, дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ робитаи зичи фарҳанг ва маориф муқаррар карда шуда, оид ба таъсири онҳо ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ибрози ақида карда шудааст.

Таҳқиқи назариявии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар фазои фарҳанг ва маориф бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ имкон дод захираҳо ва имкониятҳои воқеии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки дар озмоиши педагогӣ иштирок мекунанд, муайян карда шаванд ва шароити педагогии амалӣ намудани самарабахши мубрамсозии шахсияти донишҷӯён дар фазои фарҳанг ва маориф бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ такмил дода шавад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *технологиҳои инноватсионӣ, фарҳанг, маориф, мубрамсозӣ, шахсияти донишҷӯён, таҳсилоти муосир, корҳои лоиҳавӣ.*

## АКТУАЛИЗАЦИЯ ЛИЧНОСТИ СТУДЕНТОВ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИННОВАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ В КУЛЬТУРНОМ И ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОСТРАНСТВЕ

***ДЖИЁНЗОДА Зулфия*** *– преподаватель кафедры методики преподавания биологии Кулябского государственного университета имени Абуабдулох Рудаки, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16,* ***тел.:*** *+(992)918285155*

В статье анализируются и оцениваются важнейшие вопросы актуализации личности студентов в культурном и образовательном пространстве, с использованием инновационных технологий и определяются содержание и задачи актуализации личности студентов в культурном и образовательном пространстве.

В статье выявлены результаты теоретического анализа и комплекса эффективных педагогических условий актуализации личности студентов в культурном и образовательном пространстве путём проведения педагогического эксперимента. Также в результате изучения теоретических источников определена тесная взаимосвязь культуры и образования и приведены свои точки зрения об их влиянии на актуализацию личности студентов.

Теоретический анализ актуализации личности студентов в культурном и образовательном пространстве с использованием инновационных технологий дал возможность определить резервы и потециальные возможности студентов высших учебных заведений, участвовавших в эксперименте и совершенствовать эфективные педагогические условия актуализации личности студентов в культурном и образовательном пространстве путём использования инновационных технологий.

***Ключевые слова:*** *инновационные технологии, культура, образование, актуализация, личности студентов, современное образование муосир, проектные работы.*

## STUDENT IDENTIFICATION USING INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE FIELD OF CULTURE AND EDUCATION

***JIYONZODA Zulfiya -*** *Lecturer at the Department of Methods of Teaching Biology at the named ofter Abuabdulokh Rudaki Kulob State University, Kulob city, S.Safarov street, 16,* ***Phone:*** *+(992) 918285155*

The article analyzes and evaluates the most inpovtent issues of identification of students in the cultural and educational space, using innovative technologies, and determines

the content and tasks of identification of students in the cultural and educational space, in a multi-cultural educational environment for students.

The article defines the results of a theoretical analysis and a complex of effective pedagogical conditions for identification of students in the cultural and educational space by conducting a pedagogical experiment. Also, as a result of studying theoretical sources, a close relationship between culture and education was determined and their points of view about their influence on the identification of students' personality were given.

Theoretical research on the identification of students in the fierd of culture and education wait the use of innovative technologies alloved to identify the real resources and opportinites of students of higher education institutions participating in the pedagogical experiment and the pedagogical conditions for elective identification of students in the cultural and education space with the use of innovative technologies.

***Keywords:*** *innovative technology, culture, education, actualization, students' personalities, modern education, design works.*

Дар мақола технологияҳои инноватсионии мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро ҳамчун падидаи фарҳангӣ баррасӣ карда, татбиқу алоқамандии онро бо натиҷаҳои бадастомада дар соҳаи маориф мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Бояд қайд кард, ки шаклҳо ва методҳои алоҳидаи таълим, ки ба таври анъанавӣ муаррифӣ шудаанд, айни замон ҷойи худро ба мафҳуми умумии «технология» ҳамчун маҷмӯи ҷудонашавандаи самтҳо дар ҳадафу вазифаҳо, мазмун ва методҳо додааст, ки эҷодиёти устод ва донишҷӯро дар дарк ва пешниҳоди натиҷаҳо пешбинӣ менамоянд.

Дар мавриди мафҳумҳои «метод», «методика», ки дар тӯли солҳои зиёд дар таҳсилот мавриди истифода қарор гирифтаанд, онҳо ба таври гуногун тафсир карда мешаванд. Ба маънои васеъи калима «метод» – ин усули ноил шудан ба ягон ҳадаф, ҳалли масъалаи мушаххас, маҷмӯи усулҳо ё амалиёти азхудкунии амалӣ ё назариявии воқеият мебошад [2, с. 800]. Ба маънои маҳдуди калима – ин маҷмӯи муайяни дастурамалҳое мебошанд, ки иҷрои дақиқро талаб карда, ҳифзкунӣ ва бозтавлидро дар мавриди омӯзиши донишҳо ва маҳоратҳо таъмин мекунанд. Методика дар таҳсилот тавсифи усулҳо, тарзҳо, техникаҳои фаъолияти педагогиро дар равандҳои ҷудогонаи таҳсилотӣ ҳангоми таълими фанни мушаххас пешбинӣ менамояд.

Ин барои таҳқиқоти имрӯза муҳим мебошад, зеро дар гузашта нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бомуваффақияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ муайян мешуданд. Сифати таҳсилоти муосири ватанӣ бо маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти таҳсилоти муассисаи таҳсилот муайян карда мешавад, ки барои иҷтимоишавии муваффақият ва айниятдиҳии шахсият ва касбомӯзии он шароит фароҳам меорад. Ба онҳо: мақсадгузорӣ, мазмуни таҳсилот, технологияҳо (шаклҳо ва методҳо), заминаи моддию техникӣ ва ҳайати кадрии муассиса, сатҳи тахассусии омӯзгорон мансубанд.

Технологияҳо, пеш аз ҳама, технологияҳои инноватсиониро, ки аз ҳама бештар аз имкониятҳои ноилшавӣ ба сатҳи сифатан нави раванди таҳсилотӣ ва натиҷаҳои ба даст овардашуда шаҳодат медиҳанд, дида мебароем. Дар ин зимн ба хулосаи худ такя менамоем, ки дар амалия тасдиқ шудааст, ки истифодаи муназзами технологияҳои инноватсионӣ (шаклҳо, методҳо ва усулҳо) воситаи рушди фарҳанги инноватсионии шахсияти донишҷӯён, мутахассисони оянда, соҳибкабони салоҳиятдор, ки нерӯи эҷодии худро татбиқ менамоянд, маҳсуб меёбад. Дар ин зимн дар бораи робита ва мукаммалсозии мутақобилаи мазмуни мафҳумҳои «фарҳанги инноватсионӣ» ва «технологияҳои инноватсионӣ», муфассалтар истода мегузарем.

Таъкид мекунем, ки мо фарҳанги инноватсиониро, аз як тараф, ҳамчун як намуди махсуси фарҳанг ва аз тарафи дигар, ҳамчун унсуре баррасӣ менамоем, ки дар ҳар як намуди фарҳанг ҳузур дорад. Ҳамин тавр, масалан, В.И. Долгова фарҳанги инноватсиониро маҳз ҳамчун як соҳаи ҳамҷояшавии намудҳои гуногуни фарҳангҳо (ташкилӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, касбӣ, шахсиятӣ ва ғайра) мешуморад ва муаррифӣ мекунад, ки рушди пешраванда, тамоюлоти пешрафта, хусусияти инноватсионии онҳоро инъикос менамояд [4, с. 65–71]. Фарҳанги инноватсионӣ тамоми фаъолияти ҳаётии ҷомеа ва инсонро муайян карда, дар айни замон баъзе анъанаҳоро низ ҳифз карда, инкишоф медиҳад.

Бояд қайд кард ки дар адабиёти илмии педагогӣ шарҳи ҳаммаънои мафҳумҳои истифодашаванда, аз ҷумла «технологияи таҳсилотӣ», ки баъзан ба маънои маҳдуд – ҳамчун технологияи раванди таълим фаҳмида мешавад, вуҷуд надорад. Дар мавриди мафҳуми «технологияи педагогӣ» бошад, пас он хеле васеътар буда, бо равандҳои таълиму тарбия дар шаклҳои гуногун (расмӣ, ғайрирасмӣ ва дохилирасмӣ) ва марҳилаҳои гуногуни таҳсилоти муттасил (томактабӣ, мактабӣ, донишгоҳӣ, пасаздонишгоҳӣ, оилавӣ, касбӣ, истеҳсолотӣ, махсус) алоқаманд аст.

Ба таҳқиқи муносибати технологӣ дар таҳсилоти муосир таҳқиқотҳои В.П. Беспалко, М.Е. Вернадский, В.И. Боголюбов, Т.А. Илина, З.А. Малкова, Н.Д. Никандров, В.Я. Пилиповский, А.Я. Савелев, Г.К. Селевко ва дигар олимон, инчунин

муаллифони хориҷӣ (Л. Андерсон, Ҷ. Блок, Б. Блум, Т. Гилберт, Мейҷер ва дигарон) бахшида шудаанд. Ба ақидаи олимони зикргардида муносибати технологӣ имкон медиҳад, ки равандҳои педагогӣ идора карда шаванд; таҷрибаи истифода дар амалия таҳлил ва низомбандӣ карда шавад; намудҳои ҳалли масъалаи бавуҷудоянда дарёфт карда шаванд; фазои беҳтарин барои рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ фароҳам оварда шавад. Ҳамзамон, таъкид шудааст, ки муносибати технологӣ ба равандҳои таҳсилотӣ ва педагогӣ ҳамаҷониба набуда, он муносибатҳои илмиро дар самтҳои педагогика, ҷомеашиносӣ, психология, сиёсатшиносӣ ва ғайра пурра мекунад [4, 6, 7, 9, 11].

Масъалаи гузошташударо кушода дода, такомули мафҳуми «технология»-ро дар педагогика, ки имкон медиҳад моҳият, мазмун ва таснифи технологияҳои педагогиро дар заминаи неръуи педагогии муассисаи таҳсилоти олӣ ҷиҳати татбиқи технологияҳои инноватсионии педагогӣ ошкор карда шаванд, муфассалтар баррасӣ мекунем. Такомул дар асарҳои М.В. Кларин «Технологияи педагогӣ» [10]; Г.К. Селевко «Энсиклопедияи технологияҳои таҳсилотӣ», (тамоми гуногунрангии технологияҳои педагогӣ аз қадимтарин то замонҳои муосир муаррифӣ гардидааст) [13]; Л.Г. Смишляева (технологияҳои педагогии фаъолсозии таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ) [14] аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

То миёнаи солҳои 50-уми асри XX технология дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама ба истифодаи воситаҳои техникии таълим нисбат дода шуда, як қадами минбаъда ба таълими барномарезишуда ҳисобида мешуд. Дар солҳои 60-уми асри XX муносибати технологӣ дар таълим аллакай маҷмӯи ҳадафҳо, таҳияи меъёрҳои ченкунӣ ва арзёбии онҳо, тавсифи муфассали шароити таълимро дар бар мегирад. Дар солҳои 70-уми асри XX самти умумии технологияи педагогӣ дақиқ карда мешавад, яъне ҳалли масъалаи дидактикӣ дар идоракунии раванди таҳсилотӣ бо ҳадафҳои мушаххас, ки ноилшавӣ ба онҳо бояд қобили тавсиф ва таърифи дақиқ бошад. Дар айни замон, технологияи педагогӣ ба сифати воситаи идоракунии низомҳои педагогӣ амал мекунад. Аз ин ҷо технологикунонии таҳсилот, таҳия ва истифодаи технологияҳои педагогӣ, ки ғояи идорашавандагии раванди таълимро инъикос мекунад, бармеояд.

Бояд зикр намуд, ки аз ҷониби олимон хусусиятҳои хоси технологияи таълим муайян карда шудаанд [9]:

– таҳияи ҳадафҳои аз ҷиҳати ташхисӣ гузошташудаи таълим;

– самтгирии қатъии тамоми расмиёти таълимӣ ба ноил шудан ба ҳадафҳои таълим;

– робитаи фаврии баръакс, арзёбии натиҷаҳои ҷорӣ ва ниҳоӣ,ислоҳсозии таълим;

Хусусияти асосии муносибати технологӣ дар раванди таҳсилотӣ бо тамаркузи пайдарпай дар ҳадафҳои дақиқ муайяншуда ва талаботи муосир (стандартҳои таҳсилотӣ, мазмуни салоҳиятҳо ва ғайра) алоқаманд аст.

Муҳаққиқон Л.В. Загрекова, В.В. Николина нишон медиҳанд, ки истилоҳи «технологияҳои педагогӣ» (технологияҳои таҳсилотӣ, технологияи таълим ва ғайра) зиёда аз 300 ифода дорад [8].

Тибқи мавқеи Г.К. Селевко [13] дар фаҳмиши илмӣ ва истифодаи истилоҳи «технологияи педагогӣ», ихтилофҳо мавҷуданд, ки дар байни онҳо ӯ чаҳор мавқеъро номбар мекунад. Азбаски ин бевосита ба салоҳиятнокии касбии педагог вобаста аст, батафсилтар истода мегузарем.

1. Мавқеи аввал – технологияҳои педагогӣ ҳамчун восита барои раванди таълим, яъне ҳамчун истеҳсол ва истифодаи асбобҳои методӣ, дастгоҳҳо, таҷҳизоти таълимӣ ва воситаҳои техникии таълим баррасӣ мешаванд (В. Бухвалов, В. Паламарчук, Б.Т. Лихачёв. С.А., Крилова, Р. де Киффер, М. Мейер).

2. Мавқеи дуввуми фаҳмиши илмии истилоҳи «технологияи педагогӣ» аз ҷониби В.П. Беспалко, И.А. Зязюн, М.А. Чошанов, В.А. Сластенин, В.М. Монахов, А.М. Кушнир, Б. Скиннер ва дигарон муаррифӣ гардидааст. Онҳо чунин ақида доранд, ки технологияи педагогӣ – ин раванди иртибот (усул, амсила, техикаи иҷрои супоришҳои таълимӣ) мебошад, ки дар алгоритм, барнома, низоми мушаххаси фаъолияти муштараки иштирокчиёни раванди педагогӣ асос ёфтааст. Ба ин мавқеъ баррасии технологияи педагогӣ ҳамчун санъати таълим, санъат ва тарбия надик мебошад.

3. Барои намояндагони мавқеи сеюм (П.И. Пидкасистий, В.В. Гузеев, Р. Кауфман, С. Ведемейер) технологияи педагогӣ – ин соҳаи васеъи дониш мебошад, ки ба маълумотҳои илмҳои иҷтимоӣ, идоракунӣ ва табиӣ асос ёфтааст.

4. Намояндагони мавқеи ҷорум пешниҳод мекунанд, ки технологияҳои педагогӣ (таҳсилотӣ) ҳамчун раванди бисёрҷанба баррасӣ карда шаванд (М.В. Кларин, В.В. Давидов, Г.К. Селевко, М. Силбер, Р. Томас).

Тафсирҳои мухталифи мафҳуми «технологияи педагогӣ» нишон медиҳанд, ки сухан дар бораи зинаҳои сифатан нав дар рушди дастгоҳи илмӣ ва амалии педагогика меравад.

Таснифи мукаммалтари технологияҳои педагогӣ дар таҳқиқоти Г.К. Селевко [13, с. 20 – 24] пешниҳод шудааст. Ба сифати асоси муттаҳид кардани технологияҳо ба синфҳо ҷанбаҳо ва аломатҳои муҳимтарин гирифта шудаанд. Масалан, сатҳи татбиқи ҷараёни ихтиёрии таъсирот ба технология, маҷмӯи тамоми ҷараёнҳои технологии лоиҳа дар бораи ба вуҷуд овардани ягон намуди маҳсулот бо хусусияту аломатҳои хос: заминаи фалсафӣ, дар маркази диққат мавҷуд будани инсон ва тасдиқи методи идрок ба сифати методи асосии дарки ҳақиқат, маҷмӯи соҳаҳои илм, ки ба омӯзиши инсон, пайдоишу инкишофи он машғул аст), муносибати методологӣ (башардӯстона, низомӣ, гурӯҳӣ, донишӣ, шахсият – меҳвар, вазъиятӣ, алгоритмӣ, иҷтимоӣ–фарҳангӣ, иттилоотӣ, маҷмӯӣ, фардикунонӣ, арзишӣ, ҷустуҷӯӣ, амалия – меҳвар, иртиботӣ, инфиродӣ, салоҳиятнокӣ, фаъолиятнокӣ, стратегӣ, эҷодӣ, худмубрамсозӣ, ташхисӣ) ва ғайра.

Барои педагогҳои ба кори амалӣ машғулбуда донистан муҳим аст, ки ҳангоми муайян кардани технологияи раванди мушаххаси педагогӣ нуктаҳои зеринро дар хотир дошт бошанд: анвои таснифот на ҳама вақт дар шакли алоҳида вуҷуд доранд, балки аксар вақт ҷамъбаст шуда, омезиш ёфта, ба ҳамдигар ворид мешаванд.

Инчунин, барои назария ва амалияи таҳқиқоти мо таснифоти дигари технологияҳои педагогӣ низ ҷолибанд. Ҳамин тавр, дар таҳқиқотҳои Н.В. Бортсовская, А.А. Реан «Педагогика» [2, с. 98] технологияҳои таҳсилотӣ (педагогӣ)-е пешниҳод шудаанд, ки хусусияти онҳо бо самтгирӣ ба намунаи таҳсилотӣ ё консепсияи дидактикӣ, хусусиятҳои касбӣ –шахсиятии омӯзгор, анъанаҳои фарҳангӣ – таҳсилотии кишвар ё минтақа муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, навъҳои зерини технологияҳои педагогӣ баррасӣ мешаванд:

Технологияҳои сохторӣ – мантиқии таълим. Онҳо аз ташкили давра ба давраи гузориши вазифаҳои дидактикӣ, интихоби усулҳои ҳалли онҳо, ташхис ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада иборат аст. Мантиқи сохторикунонии чунин вазифаҳо метавонанд гуногун: аз содда ба мураккаб, аз назариявӣ ба амалӣ ва баръакс бошанд.

Технологияҳои бозӣ. Ин технологияҳо аз шакли бозии фаъолияти муштараки субъектҳои раванди таҳсилот (омӯзгор ва хонанда) аз тариқи татбиқи сужаи муайян (бозиҳо, афсонаҳо, намоишҳо, муоширатҳои корӣ) иборат мебошанд. Дар раванди таълим намудҳои гуногуни бозиҳо: фароғатӣ, театрикунонидашуда, корӣ, нақшдор, компютер ва ғайра истифода мешаванд.

Технологияҳои компютерӣ. Онҳо дар доираи низоми «омӯзгор –компютер – донишҷӯ» бо кумаки барномаҳои таълимии намуди мухталиф (иттилоотӣ, тренингӣ, назоратӣ, рушддиҳанда ва ғайра) амалӣ карда мешаванд.

Технологияҳои муколамавӣ. Ин навъи технология бо эҷоди муҳити иртиботӣ, бо тавсеаи фазои ҳамкорӣ дар сатҳи «омӯзгор – донишҷӯ», «донишҷӯ – донишҷӯ», дар рафти гузориш ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ-маърифатӣ марбут аст.

Технологияҳои тренингӣ – ин як низоми фаъолият оид ба таҳияи алгоритмҳои муайяни амалҳои таълимӣ-маърифатӣ ва усулҳои ҳалли вазифаҳои маъмулӣ дар рафти таълим (тестҳо ва машқҳои амалӣ) мебошанд.

Ҳамзамон, таснифи номбаршуда дорои камбудӣ мебошад, ки аз муқобилияти сунъии байни технологияҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълим иборат аст: технологияҳои инноватсионии таълим дар умқи таҳсилоти анъанавӣ пайдо шудаанд ва маҳз дар заминаи дастовардҳои мусбати он инкишоф ёфтаанд.

Аз таҳлили таърифҳо ва таснифҳои гуногуни технологияҳои педагогӣ ва дидактикӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо бо заминаи мантиқӣ фарқ мекунанд, аз ин рӯ, онҳо хусусиятҳои худро доранд, ки бояд дар фаъолияти педагогии омӯзгори муосири муассисаи таҳсилоти олӣ ба назар гирифта шаванд, то ки аз истифодаи ғайрисалоҳиятноки таснифоти номбаршуда канорагирӣ карда шавад.

Масалан, типологияи технологияҳои педагогии ҷолиб ва хеле самаранок, аз рӯйи арзёбии мо, аз ҷониби Э.Ф. Зеер ва Е.Е. Симанюк [8, с. 22–28] дода шудааст. Муаллифон пешниҳод мекунанд, ки технологияҳои педагогиро бо гузориши меъёри психологӣ ба асос тасниф карда шаванд:

**Технологияҳои маърифатӣ**: методҳои муколамавии таълим, семинарҳо, мубоҳисаҳо, таълими проблемавӣ, тренингҳо ва ғайра.

Технологияҳои фаъолият – меҳвар: методҳои лоиҳаҳо ва матнҳои роҳнамо, таълими заминавӣ, бозиҳои ташкилӣ-фаъолиятӣ, харитаҳои технологӣ, вазифаҳои маҷмӯӣ, амсиласозии тақлидӣ-бозӣ, равандҳои технологӣ ва ғайра.

Технологияҳои шахсият – меҳвар: бозиҳои интерактивӣ ва тақлидӣ, тренингҳои рушд, рушди ташхиси психологӣ ва ғайра.

Умуман, дар айни замон зиёда аз 50 технологияҳои педагогиро номбар кардан мумкин аст, аз ҷумла технологияҳое, ки аз ҷониби омӯзгорони ба кори амалӣ машғулбуда эҷод шудаанд. Ҳамаи онҳоро ғояи истифодаи методҳои фаъоли таълим муттаҳид мекунад, аз ин рӯ онҳоро барҳақ технологияҳои интенсивӣ ва интерактивии таҳсилотӣ меноманд (аксарияти онҳо таҷрибаи инноватсионии педагогии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро инъикос мекунанд).

Мафҳум, моҳият, мазмуни технологияҳои педагогиро таҳлил намуда, таснифоти гуногуни технологияҳои педагогиро баррасӣ карда, мо арзишмандӣ ва муҳиммияти ин тасаввуротро барои педагогҳои муассисаи таҳсилоти олӣ ошкор кардем. Ҳар як педагог, ба ин асосҳои назариявӣ-методологӣ такя намуда, услуби касбии педагогии худ, услуби инфиродии худро, ки дар ин донишҳо дарку андарёфт ва тарҳрезӣ шудааст, ташаккул медиҳад. Мақсади таҳқиқоти мо расонидани кумак дар кушода додани нерӯи мавҷудаи педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асос барои татбиқи технологияҳои инноватсионии педагогӣ, ҷиҳати рушди шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ мебошад.

Таҳқиқоти бисёре аз муаллифон, аз ҷумла аз они мо, имкон медиҳанд тасдиқ карда шавад, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имконияти васеи технологияҳои инноватсиониро истифода мебарад, ки бевосита ба ташаккул ва рушди фарҳанги инноватсионии донишҷӯён ва омӯзгорон таъсир мерасонанд.

Барномаҳои кории фанҳои таълимии «Экологияи умумӣ», «Физиологияи одам»-ро мавриди таҳлил қарор дода, мо ошкор кардем, ки маводи таълимӣ ва худи раванди омӯзиши фанҳои мазкур дорои нерӯи зарурии педагогӣ мебошанд. Ҳамзамон, мо таъкид менамоем, ки раванди таҳсилотӣ имконоти ташаккули хислатҳои шахсиятро дар донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ дар бар мегирад. Ин ба мазмун ва методҳои омӯзиши он, технологияҳои педагогии истифодашаванда, инчунин хусусияти фаъолияти муштараки ҳамаи иштирокчиёни раванди таҳсилотӣ: донишҷӯ – омӯзгор, донишҷӯ – донишҷӯ, гурӯҳи таълимӣ – омӯзгор, дастаи гурӯҳ – донишҷӯи алоҳида дахл дорад.

Дар ин бора муфассалтар истода мегузарем. Таҳлили вазъият дар кӯшишҳои муштараки гурӯҳи хурди донишҷӯён (баъзан ба таври инфиродӣ), ки ба таҳияи ҳалли амалӣ ва муаррифии он нигаронида шудаанд, сурат мегирад. Намудҳои гуногуни вазъиятҳо истифода мешаванд: вазъият – масъала, ки ба ҷустуҷӯи сабабҳои бавуҷудоии ин ё он далел, ҳолате, ки таҳлил ва ифодаи зермасъалаҳо, вазифаҳои мушаххас ва ҳалли онҳо нигаронида шудааст. Вазъият – арзёбӣ, ки фаҳмиши қарорҳои қабулшуда ва арзёбии онҳоро мувофиқи меъёрҳои муайян талаб мекунад. Вазъият – тасвир, вақте, ки мисолҳои вазъият ва ҳалҳои пешниҳодшудаи масъалаҳои зиндагӣ оварда мешаванд. Вазъият – машқ, ки ҳалли масъаларо аз рӯйи қиёс дар бар мегирад.

Оид ба саҳме, ки технологияи мазкур барои ғанӣ гардонидани мазмун ва азхудкунии маҳоратҳо мегузорад, ба охириҳо мо инҳоро нисбат медиҳем:

– маҳоратҳои таҳлилӣ барои дарёфт кардани маълумоти умумӣ ва махсус, муайян кардани чизҳои муҳим, тасниф, ба даст овардани иттилооти нав, фикррониии возеҳ ва мантиқӣ;

– маҳоратҳои амалии истифодаи назария, принсипҳо, методҳо;

– маҳоратҳои эҷодии марбут бо тавлиди ғояҳо, ҷустуҷӯи ҳалҳои алтернативӣ, дархост ба муносибати муаллифӣ алоқаманд;

Маҳоратҳои иртиботӣ дар он чиз ифода меёбанд, ки бисёриҳо наметавонанд: гӯш кардани дигарон, бовар кунонидани рақибон, пайдо кардани ҳамфикрон, баровардани хулосаҳои санҷидашуда. Маҳоратҳои иҷтимоӣ бо арзёбии рафтори дигарон, назорати худ барои дарёфти созиш, ризоият алоқаманданд. Таҳлили таҷрибаи шахсӣ бо таҳлили розигӣ ва норозӣ будан бо дигарон, маҳорат парҳезгорӣ, боваркунонӣ, мавқеъгирии шахсӣ, истифодаи воситаҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ тақвият меёбад. Мо чунин мешуморем, ки дар бораи он ки чӣ тавр ҳамаи ин арзиш барои рушди шахсияти донишҷӯёне, ки технологияи инноватсиониро аз худ мекунанд, ҳарф задан шарт нест, зеро дар ин ҷо бисёр чиз муҳим аст: соҳаҳои шинохтӣ, эҳсосотӣ, иртиботӣ, фаъолиятнокӣ ва албатта ҷанбаҳои ба таҷрибаи шахсӣ асосёфтаи шахсият дар амали муштарак қарор дошта, ҳамдигарро ғанӣ мегардонанд. Ин пешзаминаҳоро ҷиҳати ба даст овардани вазъияти муваффақият дар таҳсил, рафтори боварибахш, ки дар таҷрибаи ҳаёти донишҷӯён зарур аст, эҷод мекунад.

Дар кори мазкур мо «методи лоиҳавӣ»-ро ҳамчун технологияи педагогӣ, ки моҳияти худрушддиҳиро дар назар дорад, баррасӣ хоҳем кард. Лоиҳа ҳамчун технологияи дидактикӣ хусусияти маҷмӯии фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни онро пешбинӣ мекунад, ки ба ноилшавӣ ба натиҷаҳо дар давоми муайяни вақт (аз як машғулият то якчанд моҳ) нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, лоиҳа бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад: арзиши амалӣ дошта бошад; гузаронидани таҳқиқотҳои мустақилонаро аз ҷониби донишҷӯён пешбинӣ намояд; ҳам дар раванди кор ва ҳам пас аз итмоми он пешгӯинашаванда бошанд; дар самти кор ва суръати иҷрои он чандир бошанд; имконияти ҳалли масъалаҳои мубрамро пешбинӣ намояд; ба донишҷӯ мутобиқи қобилиятҳояш имконият фароҳам меорад; мусоидат ба зуҳури қобилияти донишҷӯ дар ҳалли вазифаҳои доираи васеъ мусоидат намояд [5, с. 121].

Гуфтаҳои боло ба муайян кардани ҷанбаи худрушддиҳӣ дар татбиқи технологияи лоиҳавӣ мусоидат мекунанд. Мувофиқати худро бо мавқеи А.В. Хуторской таъкид менамоем, ки лоиҳаҳои ба донишҷӯён пешниҳодшаванда ба ҳалли масъалаи мушаххас нигаронида шуда, хусусияти амалӣ доранд [16, с. 338]. Фарзияро оид ба маҳсулнокии

истифодаи муносибатҳои салоҳиятнокӣ ва шахсият – рушддиҳанда ҳангоми истифодаи технологияи лоиҳавӣ дар таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баён мекунем.

Бо доштани таҷрибаи шахсӣ дар истифодаи технологияи лоиҳавӣ дар машғулиятҳо дар фанҳои «Экологияи умумӣ», «Физиологияи одам» мо онро пешниҳод мекунем. Дар машғулиятҳо ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки лоиҳаи «Муҳофизати муҳити зист»-ро омода созанд. Кор дар гурӯҳҳои хурд (4–5 нафар) сурат гирифта, мавқеъҳои зерин: фикр карда баромадани номи ташкилот; интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилот; таҳияи рисолат ташкилот; тавсифи маҳсули истеҳсолшаванда (маҳсули асосӣ ё хизматрасонии асосӣ); таҳияи сохтори ташкилии идоракунӣ; муаррифии ташкилот дар намуди низоми кушода (тавсифи макромуҳит, микромуҳит, амали муштараки онҳо)-ро дар бар мегирад

Натиҷаҳои таҳияи лоиҳаҳо аз ҷониби гурӯҳи таълимӣ пас аз муаррифии лоиҳа муҳокима карда шуда, ба муаллифон саволҳо дода мешаванд, ки баҳсро ба вуҷуд меоранд, хулосаҳои тасдиқ ё норозигӣ бо муаллифони лоиҳа изҳор карда мешаванд. Таҳлили лоиҳа аз ҷониби ҳакамони донишҷӯӣ (се нафар) гузаронида мешавад, ки кори гурӯҳҳои хурдро аз рӯйи меъёрҳои зерин: аҳамият, навгонии ғоя, асолат, пурмазмунӣ, технологӣ будан, пешгӯишавандагӣ арзёбӣ мекунанд.

Кор оид ба лоиҳаҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар гирифтани донишҳо аз манбаъҳои мухталифи иттилоот, ки аксар вақт ихтилофнок буда, ҳангоми истифодаи методҳои анъанавии таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ на ҳамеша ба даст оварда мешавад, ташаббускортар шаванд. Агар донишҷӯён дар интихоби масъала ва мавзӯи лоиҳа ташаббус зоҳир кунанд, он гоҳ паёмадҳои иҷро ва муаррифии он метавонанд пешгӯинашаванда шаванд, аз ин рӯ мо метавонем дар бораи ин вазъияти таълимӣ дар робита бо истилоҳҳои худруштдиҳӣ ҳарф занем, алахусус, мафҳуми тағйирёбии сифат – тақсимоти сифати кӯҳнаро ба маҷмӯи ниҳоии сифатҳои комилан муайяни эҳтимолии нав истифода барем. Гузариш аз як шакли ҷавоб ба дигарӣ ҳангоми таҳияи лоиҳа интихобро аз маҷмӯи шаклҳои имконпазири нав ва асоснок кардани он қарорро талаб мекунад.

Масалан, ҳангоми тарҳрезии лоиҳаи «Саҳми мо дар тоза нигоҳ доштани муҳити зист» оид ба фанни «Экологияи умумӣ» яке аз гурӯҳҳои донишҷӯён интихоби ғояҳо, назарияҳои барои тасдиқи он принсипҳо ва арзишҳоеро амалӣ сохт, ки барои фарҳанги гурӯҳи муайяни ташкилот асос махсуб меёбанд. Дар раванди муҳокима аз ҷониби донишҷӯён шаклҳои мухталиф: баррасии фарҳанги корпоративӣ; муносибати ғайри муқаррарӣ ба омӯзиши фарҳанги корпоративӣ; муносибати оқилона – таҷрибавӣ ва ғайра пешниҳод карда мешуданд. Пас аз мубоҳисаи гарм, муайян кардани ҳамаи ҷиҳатҳои мусбат ва манфии консепсияҳои пешниҳодшаванда гурӯҳи донишҷӯён интихоби охиринро барои лоиҳаи худ «Фарҳанги гурӯҳи муайяни ташкилот» ҷудо карда, изҳор доштанд, ки ин консепсия асоси фарҳанги корпоративии онҳо дар ташкилот хоҳад буд. Ҳамин тавр, занҷираи интихоби муносибатҳо ва назарияҳои имконпазир барои асоснок кардани муносибатҳои арзишии фарҳанги корпоративии ташкилот боиси ҳолати меъёрӣ, шакли афзалиятноктар гардид.

Аз нуқтаи назари низомӣ – сохторӣ, лоиҳаи тарҳрезишаванда метавонад ҳамчун низоми тағйирёбандагӣ баррасӣ шавад, ки дорои сохтори бисёрҷузъӣ (мавзӯи лоиҳа, шиор, рамз, мазмуни лоиҳа, ҳадафҳо ва вазифаҳои лоиҳа, консепсия (рисолати ташкилот), чорабиниҳои пешниҳодшаванда, шароити татбиқ) мебошад. Ном, миқдор, пайдарпайӣ, мазмун ва услуби унсурҳои сохтории лоиҳа метавонанд гуногун бошанд, зеро онҳо дар асоси ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас ифода меёбанд.

Технологияи лоиҳавӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки оид ба масъалаи интихобшуда мустақилона тадқиқот гузаронанд, аз ин рӯ натиҷаҳо ҳам дар раванди кор оид ба лоиҳа, ҳам ҳангоми анҷом ёфтани он метавонанд пешгӯинашаванда бошанд. Чизи нав дар натиҷаи ширкат варзидан дар корҳои лиҳавӣ имкон медиҳад, ки проблемаҳои пешгӯинашаванда ошкор гардида, ҳамзамон чизи нав дар шакли образи роҳҳои имконпазири рушд «барномарезӣ» гардад. Технологияи лоиҳавӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки қобилиятҳои худро нишон диҳад, ва ба татбиқи эҷодкорӣ мусоидат мекунад.

Дар ин ҷо рушди ҳавасмандии маърифатии донишҷӯёнро қайд кардан бамаврид аст. Тавре ки таҷрибаи мо итминон медиҳад, самаранокии кори гурӯҳӣ маҳсуб меёбад, зеро он барои муколамаи пурмазмуни дар гурӯҳи хурд, сипас дар гурӯҳи калон шароити мусоид, фароҳам меорад. Ин бо мавҷудияти воқеии нуқтаҳои гуногуни назар, аксар вақт далелҳо ва раддияҳои гуногун вобаста аст.

Таҷрибаи кор бо донишҷӯён аҳамияти тарбиявии кори гурӯҳиро дар истифодаи методҳои интерактивии таълим, ки ба инкишофи хислатҳои боварибахшии донишҷӯён мусоидат мекунанд, нишон медиҳад. Гуногунии мавзӯӣ ва технологии кори гурӯҳӣ ба ин мусоидат мекунад. Дар таҷрибаи мо ин дар гурӯҳҳо ба таври равшан зоҳир шуд, ки дар он донишҷӯён, дар машғулиятҳо методи интерактивии таълимро, ки аз ҷониби мо пешниҳод шуда буд, мавриди истифода қарор гирифт. Кор дар гурӯҳҳои хурд (5–6 нафар) гузаронида шуд, ки дар онҳо сарвар интихоб карда шуд. Гурӯҳи хурд аз омӯзгор

як бастаи иттилоотӣ бо буклетҳо, албомҳо ва ёддоштҳо гирифт. Ҳайати ҳакамони донишҷӯӣ (3 нафар) интихоб карда шуд, ки кори иштирокчиёнро аз рӯйи меъёрҳои зерин: мазмун, санъати баён, маҳорати муътақидсозӣ баҳогузорӣ кард. Баъдан, омӯзгор эълон кард, ки кор бо 12 хол (миқдори ҳадди аксари холҳо) баҳогузорӣ карда мешавад, кори ҳакамон бо 6 хол, саволи иловагӣ ҳангоми муҳокима – бо 2 хол баҳогузорӣ карда мешавад. Сипас омӯзгор шарҳ дод, ки кадом вазифаҳо дар назди ҳар як гурӯҳи хурд истодаанд:

– хондани супориш, тақсими вазифаҳо дар дохили гурӯҳи хурд;

– омӯзиши бодиққати иттилоот, ки дар буклетҳо ва албомҳо пешниҳод шудааст;

– даста бояд ширкатро дар давоми 10 – 15 дақиқа муаррифӣ кунад.

Супориш мавқеъҳои зеринро дар бар мегирифт: номи ташкилот; муайян кардани шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот; номбар кардани рисолати ташкилот; тасвири маҳсули истеҳсолшаванда (хизматрасонии асосӣ ё маҳсули асосӣ); шарҳу тавзеҳи сохтори идоракунӣ; муаррифии ташкилот ҳамчун низоми кушода (тавсифи микромуҳит, фаъолияти муштараки онҳо).

Мақсади истифодаи шакли баррасишудаи кор ташаккули завқи донишҷӯён ба маводи назариявӣ, аввалан, тавассути иртибот дар гурӯҳи хурд; дуюм, ҳавасманд кардани донишҷӯён ба худташкилкунӣ, худмуайянкунӣ дар раванди муҳокима. Ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ карда мешуд:

– татбиқи муносибати инфиродӣ – фарқгузоришуда дар раванди кори гурӯҳӣ дар асоси ҷавобҳои онҳо;

– мусоидат ба маҳорати фикррониии мустақилона, ибрози озодонаи ақидаҳои худ, додани ҷавобҳои далелнок дар раванди кори гурӯҳӣ;

– омӯзонидани қабули таҳамулпазиронаи нуқтаҳои назари мухолиф, эҳтироми андешаи дигар, ки аз нуқтаи назари худ фарқ мекунад.

Пас аз муаррифии лоиҳа натиҷаҳо аз ҷониби гурӯҳи таълимӣ муҳокима карда шуданд: ба баромадкунандагон саволҳо дода шуданд, фикру андешаҳо оид ба тасдиқ ё норозигӣ бо баромадкунандагон изҳор карда шуданд.

Таҷрибаи мо имкон медиҳад тасдиқ намоем, ки истифодаи технологияҳои инноватсионии дидактикӣ (муколама, мубоҳисаҳо, баҳсҳо, иншо, технологияи лоиҳавӣ, кейс – технология, бозии корӣ, супоришҳои пешакӣ дар таҳсилоти олӣ ба тағйирёбии хислатҳои шахсияти донишҷӯён ва омӯзгорон ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ тавассути азхудкунии салоҳиятҳои умумифарҳангӣ ва касбӣ таъсир расонида, дар маҷмӯъ сифати таълимро беҳтар мекунанд.

**АДАБИЁТ**

1. Беспалько, В. П. Стандартизация образования: основные идеи и понятия // Педагогика. – 1993. – № 5. – С. 16-25.

2. Большой энциклопедический словарь. - М.: Советская энциклопедия. СПб.: Фонд «Ленинградская галерея», 1993. – 1628 с.

3. Борцовская, Н.В., Реан А.А. Педагогика. – СПб.: Питер, 2000. – 304 с.

4. Долгова, В. И. Акмеологическая сущность инновационной культуры кадров государственной службы // Вестник Челябинского университета. Сер. 5: Педагогика. Психология.1999. - №1. - С. 65 – 71.

5. Жак, Д. Организация и контроль работы с проектами // Университетское образование: от эффективного преподавания к эффективному учению: сб. реф. по дидактике высшей школы / БГУ. Центр проблем развития образования. – Минск, 2001. – С. 121– 140.

6. Загоруля, Т.Б. Вопросы теории и практики использования инновационных педагогических технологий в высшем образовании. – Екатеринбург. Изд-во УТ- ГУ, – 2015. – 164 с.

7. Зеер, Э.Ф., Шахматова О.Н. Личности ориентированные технологии профессионального развития специалиста. – Екатеринбург: Изд-во УГППУ, 1999. – 244 с.

8. Зеер, Э.Ф., Сыманюк, Э.Э. Компетентностный подход к модернизации профессионального образования // Высшее образование в России. – 2005.- № 4. – С. 22-28.

9. Загрекова, Л. В., Николина, В.В. Теория и технология обучения. – М.: Высшая школа, 2004. – 157 с.

10. Комарова, Л.В. Технологии делового общения в управленческой деятельности. – М.: Издательство РАГС, 2010. – 147 с.

11. Кларин, М.В. Педагогическая технология. – М.: Педагогика, 1989. – 132 с.

12. Самсонова, М.В., Ефимов В. В. Технология и методы коллективного решения проблем. – Ульяновск: УлГТУ, 2003. – 152 с.

13. Селевко, Г.К. Энциклопедия образовательных технологий: В 2 т. Т. 1. - М.: НИИ школьных технологий, 2(Х)6. – 816 с.

14. Смышляева, Л.Г., Сивицкая, Л.А. Педагог ческие технолоти активизации

обучегшя в высшей школе. – Томск: Изд-во Томского политехническою университета. 2008. – 190 с.

15. Сластенин, В.А., Подымова, Л.С. Готовность педагога к инновационной деятельнос ти // Педагогическое образование и наука. -2006. — № 1. – С. 32-37.

16. Хуторской, А.В. Метапредметное содержание образования с позиций человекосообразности // Вестник Института образования человека. 02.03.2012 г. http://eidos-institute.ru/joumal/2012/0302.htm (Дата обращения: 17.03.2015 г.).

17. Шейн, Э. Организационная культура и лидерство. СПб: Питер, 2002. – 630 с.

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХ

***ШОЕВ Ғайратшо Аталигшоевич*** - *номзади илмҳои таърих, корманди илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 126,*

Дар таълими муосир истифодаи технологияи инноватсонӣ яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Маҳз тавассути истфодаи техналогияи инноватсионӣ малакаву маҳорати хонандагону донишҷӯён бедор гардида, дар онҳо завқи азхудкунии донишҳои наву замонавӣ пайдо мегардад. Фанни таърих яке аз фанҳои муҳими таълимӣ буда, истифода гардидани воситаҳои нави таълимӣ зимни тадриси он амри воқеӣ мебошад. Тавассути техналогияи инноватсионӣ ба роҳ додани таълими фанни таърих дар муассисаҳои таълимӣ боиси мукаммал ва ба таври васеъ аз худ кардани донишҳои таърихӣ аз ҷониби хонандагон мегардад. Дар ҳолати истифодаи воситаҳои муосири таълим дар дарси таърих дар хотироти хонанда воқеаҳои таърихӣ ба таври фаромӯшнашаванда сабт мегарданд.

***Вожаҳои асосӣ:*** *таълим, муосир дарс, хонандагон, донишҷӯён, технологияи инноватсионӣ, омӯзгор, дидактика.*

## РОЛЬ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРЕПОДАВАНИИ ИСТОРИИ

***ШОЕВ Гайратшо Аталигшоевич*** - *кандидат исторических наук, научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,*

Использование инновационных технологий в современном образовании -один из способов повышения качества обучения в образовательных учреждениях. Именно благодаря использованию инновационных технологий у студентов пробуждаются навыки и они проявляют интерес к изучению новых и современных знаний. История - одна из важнейших учебных дисциплин, и использование новых учебных пособий в ее преподавании - реальность. Благодаря использованию инновационных технологий преподавание истории в образовательных учреждениях приводит к полному и всестороннему приобретению студентами исторических знаний. Когда на уроке истории используются современные учебные пособия, исторические события сохраняются в памяти ученика незабываемым образом.

***Ключевые слова:*** *образование, современные уроки, школьники, студенты, инновационные технологии, учитель, дидактика.*

## ROLE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN TEACHING HISTORY

***SHOEV Gairatsho Atalighchoevich*** - *candidate of Historical Sciences, Researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126, Ayni str.,*

The use of innovative technologies in modern education is one of the ways to improve the quality of education in educational institutions. It is thanks to the use of innovative technologies that skills awaken in students and they show interest in learning new and modern knowledge. History is one of the most important academic disciplines, and the use of new teaching aids in its teaching is a reality. Through the use of innovative technologies, teaching history in educational institutions leads to a complete and comprehensive acquisition of historical knowledge by students. When modern teaching aids are used in history class, historical events are preserved in the student's memory in an unforgettable way.

***Keywords:*** *education, modern lessons, schoolchildren, students, innovative technologies, teacher, didactics.*

Ислоҳоти соҳаи маориф, ки ба фаъолияти инноватсионии таълим яъне татбиқи технологияи муосири таълим ҳамчун навовариҳои гуногуни педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ нигаронида шудааст, аз иқдомҳои

арзишманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақвият бахшидан ба сифати таҳсилот арзёбӣ мегардад.

Технологияи нниноватсионӣ, пеш аз ҳама, ҷустуҷӯ ва дарёфти шаклу усулҳои муосири таълим, роҳҳои муосири ташкили раванди таълим, ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба мундариҷаи таълим, арзёбии самарабахши натиҷаҳои таълим ба ҳисоб меравад.[1]

Мундариҷа ва раванди таҳсилоти инноватсионӣ дар шароити кунунӣ бояд ба талаботи замон, ниёзу эҳтиёҷи хонанда ва ҷомеа, афзудани иттилоот, рушди босуръати бозори меҳнат ва тағйирот дар робита ба падидаҳои муосири иҷтимоӣ нигаронида шаванд. Маҳз истифодаи технологияи инноватсионии таълим ба омода сохтани инсон ба ҳаёти оянда тавассути роҳандозии раванди таҳсилоти босифат дар муассисаҳои таълимии кишвар заминаи мусоид гузошта метавонанд. [2]

Бояд зикр кард,ки ҷавонони асри XX1, шаҳрвандони асри иттилоотӣ маҳсуб ёфта, дар ҷараёни кор ва таълим онҳоро бояд ба фаъолияти самарабахш маърифатӣ, истифодаи оқилонаи унсурҳои таҳлилӣ- сабабӣ, сохторӣю функсионалӣ, муайян кардани хусусиятҳои муҳими маводи таҳқиқотӣ, мустақилона интихоб кардани меъёрҳои муқоисвӣ ҷалб намуд, то ки дар оянда мутахассисони хуб омода шаванд. Барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо омӯзгори имрӯзаи мактаб таваҷҷӯҳи худро бояд ба истифодаи технологияи инноватсионии таълим, аз ҷумла технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияи муосири педагогӣ, технологияи рушди тафаккури мантиқию интиқодӣ, технологияи тарроҳӣ, технологияи ҳифзи беҳдошти саломатӣ ва ғайра равона созад. [3]

Ҳамзамон, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ имконият баҳри ташаккул додани малакаю маҳорати кори мустақилона, корҳои таҳқиқотӣ, эҷодӣ, лоиҳавӣ фароҳам оварда, дар пешрафти таълим ва рушди камолоти маънавии хонандагон саҳми арзанда гузошта метавонад. Хонандагон дар раванди таълими инноватсионӣ ба натиҷаҳои назаррас комёб мегарданд. Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим шавқу завқи донишомӯзӣ, аз ҷумла, тавассути худомӯзию худташаккулдиҳии хонандагонро баланд бардошта, дар ташаккули салоҳиятҳои таълимии онҳо низ саҳми арзишманд гузошта метавонад.

Ба андешаи мо, истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла технологияи иттилоотӣ ба рушди қобилиятҳои зеҳнию тафаккури хонандагон, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, истифодаи иттилооти иловагӣ дар раванди таълим ва берун аз он низ таъсир гузошта, фаъолияти маърифатӣ ва илмии онҳоро бештар самарабахш ва мақсаднок мегардонад.

Қобили қайд аст, ки технологияҳои интерактивии таълим яке аз роҳу усулҳои фаъоли азхудкунии дониш, ташаккули малака ва маҳорат арзёбӣ гардида, дар раванди он муносибату ҳамкории омӯзгору хонанда ҳамчун субъектҳои фаъолияти таълимӣ мақсаднок баррасӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ карда мешаванд. Фаъолияти интерактивӣ гуногунпаҳлӯ буда, ташкил ва рушди муколамаро низ дарбар мегирад ва чунин тарзи таълим боиси ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, кӯмакрасонии тарафайн, ҳалли дастаҷамъонаи вазифаҳои умумӣ барои ҳар як хонанда мегардад. Бо шарофати омӯзишу истифодаи усулҳои интерактивии таълим тақрибан ҳамаи хонандагон ва донишҷӯён ба раванди таълими фаъол фаро гирифта мешаванд. Онҳо қобилияти зеҳнию тафаккури худро ташаккул медиҳанд ва мундариҷаи маводи пешниҳодшударо ҳамаҷониба омӯхта, моҳият ва муҳтавои онро дарк мекунанд ва дар бораи он фикрашонро баён мекунанд ва дар ҳаёти худ онро истифода мебаранд. Албатта, ҳама дар ҷараёни омӯзиши маводи таълимӣ ва мубодилаи афкор оид ба мундариҷаи он дониш, ғоя, тарзи амал саҳми махсуси инфиродии худро мегузоранд. Гузашта аз ин, ҳифзи маводи пешниҳодшуда дар фазои ҳусни тафоҳум дастгирии тарафайн амалӣ мегардад, ки ин раванд натанҳо ба гирифтани донишҳои нав хонандагонро ҳидоят мекунад, балки он фаъолияти маърифатиро рушд мебахшадва онро ба шаклҳои олии ҳамкорӣ мубаддал месозад.

Яке аз муҳимтарин технологияи муосири таълим, пеш аз ҳама, технологияи рушди тафаккури интиқодӣ, яъне тафаккуре мебошад, ки ғояҳое мебошад, ки ба таҷрибаи худ такя карда, ғояҳои тозаро пешкаш месозад. Технологияи мазкур ба ҳалли мушкилот асос ёфтааст (хонандагон моҳияти маводро дарк мекунанд, барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба маводи нав рӯ меоранд), ҳалли мушкилот (хонандагон маълумоти нав мегиранд, онро бо кӯҳна муқоиса мекунанд) ва инъикоси он (хонандагон дониши навро мустаҳкам мекунанд, ғояҳои ибтидоии худро дар бораи маводи омӯхташаванда иваз мекунанд, ғояҳои худро аз сари нав баррасӣ мекунанд, нақшаи фаъолияти худро таҳрезӣ мекунанд).[4]

Дар натиҷаи истифодаи технологияи рушди тафаккури интиқодӣ, метавон ҳавасмандии баланди хонандагон ба омӯзиш; ташаккул додани тафаккур; фаъолият бо консепсияҳои мустақилона сохташуда; тасдиқ ё рад намудани нуқтаи назари шахси дигар; таҳлили маълумоти асосноки гирифташуда.

Яке аз технологияи арзишманди ба рушди тафаккури хонандаи мушаххас нигаронидашуда усули лоиҳа, ҳамчун роҳи рушди эҷодкорӣ, дараҷаи маърифатӣ ва мустақилият мебошад. Фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотии хонандагонро барои ба даст овардани дониши амалӣ дар раванди иҷтимоӣ умедбахш ҳисобида мешавад. Ҳангоми амалисозии лоиҳа, хонандагон ва донишҷӯён дар ҷараёни ҷустуҷӯ донишҳоро синтез карда, иттилоотро аз фанҳои марбута ба ҳам мепайвандад, роҳҳои самарабахши ҳалли масъалаҳои

лоиҳавиро меҷӯянд ва бо ҳам муошират мекунанд. Фаъолияти муштарак, воқеан, имкониятҳои васеи ҳамкориро таъмин месозад, ки дар ҷараёни он хонандагон дар назди худ ҳадафҳо мегузоранд, воситаҳои самаранокии ба даст овардани онҳоро муайян мекунанд, масъулиятҳоро тақсим мекунанд, салоҳияти шахсро пурра намоиш медиҳанд (қобилияти кор кардан дар гурӯҳ, худро ҳамчун аъзои гурӯҳ ҳис кардан, ҳисси масъулият ҳангоми интихоби ҳалли масъала, масъулият бо дигарон, натиҷаҳои фаъолиятро таҳлил мекунанд ва ғ.)

Ба назари мо, дар муддати муайян хонандагон вазифаҳои маърифатӣ, таҳқиқотӣ ё дигар вазифаҳоро ҳам ҳал мекунанд. Ҳангоми ташкили фаъолияти лоиҳавӣ хонандагон аз технологияи кор дар гурӯҳҳо васеъ истифода мекунанд.

Барои рушди фаъолияти эҷодии хонандагон зимни омӯзиши таърих, инчунин ташаккули малакаи кор дар гурӯҳ, омӯзгор омӯзишро дар гурӯҳҳо бо пешниҳоди маводи гуногуни таълимӣ истифода бурда, пас аз он муаррифӣ ва муҳокима оғоз меёбад. Дар доираи ҳар як гурӯҳ, фаъолиятҳо дар байни иштирокчиёни лоиҳа мувофиқи қобилият ва майлҳои ҳар як нафар тақсим карда мешаванд. Чунин дарсҳоро ҳангоми омӯзиши маводи якхелаи таърихӣ, масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои "Халқи тоҷик дарасрҳои Х1-Х11", "Тоҷикистон дар солҳои ҶБВ (1941-1945)"гузаронидан мумкин аст.[5]

Ҳангоми омӯзиш амалӣ намудани муносибати дифференсиалӣ ба ҳар як хонанда ва донишҷӯ ба нақша гирифта мешавад ва омӯзгор ба рушди шахсияти хонанда бо назардошти қобилияти ӯ мусоидат намояд. Ин имкон медиҳад, ки тамоюли инфиродии таълимии хонандагон тартиб дода мешавад ва имконияти фардии хонанда пурра дар дарс истифода бурда шавад.

Ба таъмини беҳдошти саломатии хонанда ва донишҷӯ низ диққати махсус дода мешавад . Азбаски омӯзиши таърих бо азхудкунии миқдори зиёди иттилоот алоқаманд аст, он шиддати доимии диққат ва хотираро тақозо дорад ва чунин тарзи фаъолият метавонад ба серкорӣ, хастагӣ ва паст шудани самаранокии дарс оварда расонад. Барои кам кардани ин лаҳзаҳои нохоҳам тағйир додани намудҳои фаъолияти хонандагон ва донишҷӯён дар дарс лозим аст (нақшаи ҷавобро менависад, хондани ҳуҷҷати зарурӣ, кор бо харита, кор аз рӯйи расм, анҷом додани вазифаи эҷодӣ аз гурӯҳи корӣ ва ғайра). [6]

Бояд зикр кард, ки истифодаи ин технология имкон медиҳад, ки ҳифз ва таҳкими беҳдошти саломатии хонандагон ва ташаккул додани малакаҳои тарзи ҳаёти солим беҳтар роҳандозӣ гарданд ва ҳифз ва таҳкими саломатии ҳар як хонанда ва донишҷӯ дар раванди таълиму тарбия комил гардад.

Бо назардошти мураккабии маводи омӯхташуда, баъзан унсурҳои технологияи модулиро истифода мебаранд, ки он дар ҳар як дарс бояд ҳам барои азхудкунии иттилооти нав, ташаккули малака ва маҳоратҳо оид ба коркарди ин маълумот мусоидат кунад. Лексияҳо (дарси омӯзиши маводи нав), семинарҳо, корҳои илмӣ, амалӣ, санҷишҳо (дарсҳои баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии дониш ва малака) ташкил карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, иттилооти дар боло овардашударо ҷамъбаст ва хулосабарорӣ намуда, қайд менамоем, ки истифодаи технологияи инноватсионӣ имкон медиҳад, ки ҳавасмандии хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши таърих дар раванди он афзун гардида, майлу рағбат ва ҳавасмандии хонандагону донишҷӯён ба таълим зимни истифодаи шаклу усулҳои таълими босифат дар синф ба маротиб фароҳам гардад.

Гузашта аз ин, фаъолияти мунтазаму мақсаднок дар истифодаи технологияҳои муосири таълим ва унсурҳои он боиси баланд гардидани нишондиҳандаҳои таълимӣ аз фанни таърих дар гурӯҳҳо мегардад, хонандагону донишҷӯён бошанд дар ҳафтаҳои фаннӣ, олимпиада, конфронсҳои илмӣ ва амалӣ бештар фаъолона иштирок мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Анисимов, П.Ф. Инновации в системе среднего профессионального образования / П.Ф. Анисимов // Федеральное агентство по образованию. - М., 2004. - С. 6-47.
2. Коротаева, Е.В. Обучающие технологии в познавательной деятельности школьников / Е.В. Коротаева. - М., 2003. - 176 с.
3. Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии / Г.К. Селевко. - М., 1998. -С. 14.
4. Набиева Р. А. Зикриёев Ф. Б., Зикриёева М. Ф. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Сарпараст, 2008.- С.55-58.
5. Юрина, М.В. Применение инновационных технологий на уроках истории и их роль в процессе обучения // Международный журнал социальных и гуманитарных наук, - М., 2016. Т. 7. -№ 1. - С. 69-72.
6. Шоев, Ғ. А., Ибодуллозода, А. Истифодаи воситаҳои аёният дар таълим бо назардошти муносибати босалоҳият/ /Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2019,- №4.- С. 169-172.

# ШАКЛҲОИ АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА ДАР МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ФАННИ МАТЕМАТИКАИ МТМУ

***ҚУРБОНОВ Сулаймон Раҷабович*** *– омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ риёзии МДДЧТИБКСМ, ш. Ваҳдат, хиёбони А.Рӯдакӣ, 57,*[а] *ҳуҷраи 6,* ***E-mail:*** *kurbonsulajmon@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 933 32 40 40*

Дар мақолаи мазкур доир ба арзёбии ташаккулдиҳанда дар муносибати босалоҳият ба таълими фанни математикаи МТМУ, инчунин дар бобати усул, восита ва шакли таълим ва омӯзиши математика сухан меравад. Ба нақшагирии раванди арзёбии ташаккулдиҳанда ҳангоми омӯзиши фанни математика дар Тоҷикистон нишон дода шудааст. Аз ҷумла, таҳқиқи роҳу усул ва методҳои пешравии таълим барои бунёди фазои мусоид ва тарзи рафтори хонандагон аз масъалаҳои асосии раванди тадрис маҳсуб меёбад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *муносибати босалоҳият, арзёбии ташаккулдиҳанда, роҳнамои омӯзгор, дониш, малака, маҳорат, усул, восита ва шакл.*

# ФОРМЫ ФОРМИРУЮЩЕГО ОЦЕНИВАНИЯ В КОМПЕТЕНТНОМ ПОДХОДЕ ПРИ ИЗУЧЕНИЕ ПРЕДМЕТА МАТЕМАТИКИ В СОШ

***КУРБОНОВ Сулаймон Раджабович*** *– старший преподаватель кафедры методики преподавания естественно- математических дисциплин ГУРИПКПРСО, г.Вахдат, проспект А.Рудаки, 57,*[а] *кв. 6,* ***E-mail:*** *kurbonsulajmon@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 933 32 40 40*

В статье автор рассматривает формирующее оценивание в компетентном подходе при изучении предмета математики в СОШ, а также методы, средства и формы преподавания и изучения математики. Показывает о планировании процесса формирующего оценивания при изучении математики в Таджикистане. В частности, изучение способов и средств продвижения обучения для создания благоприятной среды и поведения учащихся является ключевым вопросом в процессе обучения.

***Ключевые слова:*** компетентное отношение, формирующая оценка, руководство учителя, знания, навыки, способности, метод, инструмент и форма.

# FORMS OF FORMATIVE ASSESSMENT IN A COMPETENT APPROACH IN THE STUDY OF THE SUBJECT OF MATHEMATICS IN SECONDARY SCHOOLS

***KURBONOV Sulaimon Rajabovich*** *- Senior Lecturer of the Department of Methods of Teaching Natural Science and Mathematics GURIPKPRSO, Vahdat, A. Rudaki avenue, 57a apartment 6,* ***E-mail:*** *kurbonsulajmon@mail.ru,* ***mob.:*** *+(992) 933 32 40 40*

In the article, the author examines formative assessment in a competent approach when studying the subject of mathematics in secondary schools, as well as the methods, means and forms of teaching and learning mathematics. Explains the planning of the formative assessment process in the study of mathematics in Tajikistan. In particular, exploring ways and means of promoting learning to create a supportive environment and student behavior is a key issue in the learning process.

***Key words:*** *competent attitude, formative assessment, teacher guidance, knowledge, skills, abilities, method, tool and form.*

Тайи якчанд соли охир аст, ки муносибати босалоҳият ба таълим дар таълими фанни математикаи МТМУ татбиқ карда шуда истодааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани ёрии амалӣ стандарт ва барномаи фанни математика барои синфҳои 5-11 –и МТМУ, роҳнамои омӯзгор барои фанҳои математика, алгебра, геометрияро таҳия намуда, дар ин самт китобҳои дарсиро низ тадриҷан таҷдиди назар карда истодааст. Қайд кардан лози аст, омӯзгорони фанни математика дар омӯзишҳо оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим иштирок карда, дар раванди кор аз ҷониби кормандони раёсат ва шуъбаҳои маориф ёрии методӣ мегиранд.

Татбиқи муносибати босалоҳият раванди басо мураккаб буда, таҷдид ё мутобиқсозии ҷанбаҳои гуногуни раванди таълиму тарбияро тақозо мекунад. Дар доираи тадбирҳои андешидаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ҷанбаҳо, аз ҷумла, салоҳиятҳои калидӣ ва фаннии хонандагон, методологияи татбиқи муносибати босалоҳият, роҳу воситаҳои расонидани ёрии методӣ ва дастрасӣ ба маҷмӯи маводи таълимиву методӣ коркард шудаанд.

Яке аз паҳлуҳои муҳим ва ҳамгирои раванди таълим арзёбӣ мебошад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра омӯхта нашудааст. Маълумаст, ки бисёр омӯзгорони математика барои худ чунин саволҳоро медиҳанд, аз ҷумла: *“Чӣ тавр мо сатҳи*

*салоҳиятнокии хонандагонро арзёбӣ мекунем? Оё мо салоҳиятнокии хонандагонро ҳар рӯз ё марҳила ба марҳила арзёбӣ мекунем? Натиҷаи арзёбиро дар куҷо ва чӣ тавр ба қайд мегирем? Дар кадом шакл ҳисобот месупорем ва ба кӣ? Оё мо метавонем меёърҳои пешинаи арзёбиро дар муносибати босалоҳият ба таълим истифода барем?" ва амсоли ин. (1,с12)*

Мутобиқсозии усул, восита ва шаклҳои арзёбӣ як мушкилотест дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, аз ин лиҳоз зарур аст, ки оид ба арзёбӣ маҷмӯи маводи таълимиву методӣ аз фанни математика  таҳия карда шавад. Маҷмӯи маводи таълимиву методӣ аз фанни математика, ба мақсадҳои зерин таҳия мешавад:

- баррасии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии омӯзиш;
- фароҳам овардани маводи тақсимотӣ дар раванди омӯзиш;
- роҳнамои омӯзгор ҳангоми татбиқи амалии стратегия ва усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии омӯзиш;
- ташаккули дониш, малака, маҳорати омӯзгорон ва мутахасисон дар самти истифодаи стратегия ва усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда, арзёбии омӯзиш.

Қисми муҳим ва таркибии таълиму тарбия арзёбии ташаккулдиҳанда мебошад. Омӯзгор истифода аз стратегия, метод ва усулҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи  мутобиқ намудаи раванди таълим ва тарбия, барои ниёзи фардии хонандагон маълумоти мушаххас ҷамъ оварда метавонад.

Маҳаки асосии банақшагирии таълиму тарбияи хонандагон аз фанни математика ниёзи таълимии онҳо мебошад.  Барои мавқеи хонандаро дар раванди таълим математика муайян кардан аз  арзёбии ташаккулдиҳанда (дарёфти далелҳо/маълумот) пурсамар истифода кардан мумкин аст ва интихоби воситаҳои мутобиқро барои ниёзи таълим бо усулҳои омӯзиш арзёбии ташаккулдиҳанда ёрӣ медиҳад.

Ҳангоми ба нақшагирии стратегия, метод ва усулҳои таълиму омӯзиш стратегия, метод ва усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда низ якҷоя ба нақша гирифта мешаванд.

Хусусиятҳои фарққунандаи  арзёбии ташаккулдиҳанда аз дигар навъҳои арзёбӣ дар ин аст:

арзёбии ташаккулдиҳанда дар ҳар дарс сурат гирифта, ба омӯзгору хонанда барои мутобиқ намудани амалҳои худ ба вазъияти таълимӣ имкон медиҳад;

- арзёбии ташаккулдиҳанда таҳлили давомнок, расмӣ ва пайвастаи доимҳаракаткунанда мебошад (агар амал дар асоси арзёбии пешгирифташуда таъсирбахш бошад, пас маълум мешавад, ки хонанда дар дарки мафҳумҳо пешравӣ дорад, он гоҳ боздиди мафҳумҳо ба роҳ монда мешавад ва чораҳо ҷиҳати дастгирии пешрафти омӯзиш андешида мешаванд);

- арзёбии ташаккулдиҳанда манбаи бойи маълумот оид ба раванди омӯзиши хонандагон аст. Агар арзёбӣ на ба тарзи доимӣ, балки давравӣ ва ё тасодуфӣ ба роҳ монда шавад, маълумоти бадастомада наметавонад дар ташаккулдиҳии раванди таълиму омӯзиш ба кор равад. Хонандагон аз омӯзиш безнамеистанд, яъне беист меомӯзанд. Барои ҳамин раванди арзёбӣ низ бояд доимӣ бошаду омӯзишро дастгирӣ кунад;

- арзёбии ташаккулдиҳанда санҷиш/тест набуда, як равандест, ки тавассути он доир ба дарку фаҳми хонандагон маълумоти сифатӣ ҷамъ оварда мешавад;

- арзёбии ташаккулдиҳанда танҳо аз муайянкунии фарқияти байни фикррониии хонанда ва тарзи дурусти дарки мафҳум иборат нест;

- арзёбии ташаккулдиҳанда ҳадафҳои омӯзишиеро ошкор месозад, ки омӯзгор аслан дар вақти банақшагирии дарс, мавзӯъ ва ё боб дар назар надошт;

- арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ҳамчун машғул шудан бо ақидаҳо фаҳмида шавад ва посух додан ба ин ақидаҳо, истифодабарии онҳоро дар қадамҳои минбаъдаро низ дар бар мегирад;

- арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамгироии супориш, восита ва равандро дар бар мегирад. (2,с.23)

Омӯзгорони математикае, ки аз арзёбии ташаккулдиҳанда истифода мебаранд, муносибати худро ба раванди таълим дигаргун кардаанд. Ин омӯзгор мақсадҳои таълимро барои  марҳилаи алоҳидаи таълимии дарс муайян мекунад. Тарҳрезии мақсад марҳилаи аввалин ва муҳими ҷараёни таълиму тарбия мебошад ва онро ба хонандагон пешниҳод карда, онро якҷоя таҳлил ва муҳокима карда лозим аст. Мақсадҳои таълимии дарси математика бояд мушаххас,   иҷрошаванда, ченшаванда ва ба хонанда нигаронида шуда бошанд.

Мисол:

Мавзӯъҳои барномаи таълим.

Дарси 5-6. Муқоисаи ададҳои натуралӣ – 2 соат.

Соати 1-ум дарси маводҳои нав.

Барнома. Муқоисаи ададҳои натуралӣ.

Салоҳиятҳо:

-5.1.1. Ададҳои натуралиро мехонад, менавистад ва бо онҳо амалҳои арифметикиро иҷро карда метавонад;

-5.5.1. Маълумот ва ададҳоро аз рӯи ягон аломаташон ҷамъ ва гӯруҳбандӣ карда метавонад.

Мақсадҳои таълим: хонандагон бояд то охири дарс:

- ададҳои бисёррақамаро хонда ва навишта тавонанд;
- ададҳои бисёррақамаро ба разрядҳо ҷудо карда тавонанд;
- аломати «хурд» «<», «калон» «>» хонда ва навишта тавонанд;
- ададҳои $N$-ро муқоиса карда тавонанд.

Истилоҳот.

Аломати «хурд» «<», «калон» «>».(1,с.9)

Омӯзгорон ҳамчунин раванди омӯзишро тавассути баёни мақсадҳои омӯзиш, пайгирии пешрафти хонанда ва дар вақти зарурат ҷиҳати беҳтар қонеъ кардани ниёзҳои хонанда мақсадҳоро мутобиқ намуда, бештар дақиқ мекунанд. Омӯзгорон аксари вақт чунин меҳисобанд, ки шарҳу эзоҳ нисбат ба баҳоҳо барои ба даст овардани дараҷаи баландтари стандартҳо мусоидат намуда, инчунин барои беҳтар намудани раванди азхудкунии хонандагон роҳи муассиртар аст. Бо вуҷуди ин, қатъ намудан ё кам кардани баҳо ба тарзи бал гузоштан на ҳамеша осон аст. Баъзан хонандагон ва волидайни онҳо баҳоҳоро афзал медонанд, зеро онҳо ба таври анъанавӣ ба он одат кардаанд. Аз ин рӯ, ҳассосият ва возеҳӣ дар раванди иваз намудани баҳо тавсия (шарҳу эзоҳ) зарур аст. Навиштани тавсия ба кори хонандагон як навъ раҳнамунсозии онҳо мебошад. Ҳангоми тавсиядиҳӣ сараввал се нуктаи хуби корро муайян кардан лозим аст. Онро метавонед бо қаламни сабз ишора кунед. Пешакӣ ба хонандагон фаҳмонед, ки ин се қисм (ё зиёдтар) рукнҳои беҳтарини кори онҳост. Сипас ҷойҳои такмилталабро муайян намуда, бо тирча нишон диҳед. Дар ҳошия ва ё поварақ тавсияи худро нависед.

Се навъи навиштани тавсияҳои ёрирасон маъмул аст:

1. **Хотиррасонӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ барои хонандагони аълохон мувофиқтар аст. Масалан, дар ҳалли мисоли «$(2a+3в)(2a-3в)2a=\ldots$» метавонем, бо чунин тавсия ба хонанда муроҷиат кунем: «Дар бораи усулҳои ҳалли гуногуни ин мисол бештар маълумот диҳед».

2. **Кӯмаки зинавӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ ба хонандагоне, ки бештар аз рӯйи дастур кор карданро меписанданд, мувофиқтар аст. Он бо якчанд восита ба роҳ монда мешавад. Масалан:

***а) тавассути саволҳо:*** Оё мисоли «$(2a+3в)(2a-3в)2a=\ldots$» бо формулаи зарби бисьёрӯзва ба бисьёрӯзва ҳал карда мешавад?

***б) тасвир:*** ягон формулаеро тасвир кунед, ки ба Шумо дар ҳалли мисоли «$(2a+3в)(2a-3в)2a=\ldots$» ёрӣ диҳад.

***в) ҷумлаҳои нотамом:*** Ҳалли мисоли «$(2a+3в)(2a-3в)2a=\ldots$» ёбед.

3. **Пешниҳоди намуна**. Ин восита махсусан барои хонандагони миёна кӯмаки зиёд мерасонад. Масалан, аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки яке аз пешниҳоди мазкурро интихоб намоянд ва ё дар асоси он худашон мисоли одитарро интихоб намоянд:

$(a+в)(a-в)=a^2-в^2$. (2,с17)

Омӯзгороне, ки бо хонандагони дар муддати тулонӣ кор мекунанд, барои дарки масоили таълимӣ талош мекунанд. Онҳо ба таври инфиродӣ ё бо гурӯҳҳои хурди хонандагон зуд-зуд робитаи мутақобила мекунанд ва хонандагонро дар раванди арзёбӣ ҷалб менамоянд, ба онҳо барои арзёбии сифати кори шахсиашон воситаҳо пешниҳод мекунанд.

Барои қонеъ намудани ниёзҳои омӯзишии хонандагон, омӯзгорон методҳои гуногуни таълимиро истифода мекунанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки дарсҳо тарзи муносибатҳои гуногунро барои шарҳи мафҳумҳои нав дар бар гиранд, вариантҳоро барои кори мустақилона ва инчунин хонандагонеро ташвиқ ё омода мекунанд, ки ҳамсолонашон бо кумаки онҳо мафҳуми навро ба хубӣ дарк намоянд.

Омӯзгорон аз як қатор тарзи муносибатҳо барои арзёбии фаҳмиши хонандагон дар бораи мавзӯи омӯхташуда истифода мекунанд. Ҳангоми робитаи мутақобила дар синф, омӯзгорон муколама ва маҳоратҳои назарсанҷиро ташвиқ мекунанд. Ба таври мисол, саволҳо дар бораи сабаб ё тавассути саволҳо аксари вақтҳо фаҳмиши нодурусти хонандаро ошкор мекунанд.

Мисол.

Хонандагон ду касри додашударо ба махраҷи умумӣ меоваранд.

Нишондиҳандаҳои муваффақият:

- махраҷи касри якумро муайян кардан;
- махраҷи касри дуюмро муайян кардан;
- каратии умумии махраҷҳоро ёфтан;
- ба ҳар як махраҷ зарбшавандаи иловагиро муайян кардан;

- сурату махраҷи ҳар як касрра ба зарбшавандаи иловагиаш зарб кардан.

Муаллим барои муарифии нишондиҳандаҳо якчанд мисолро иҷро карда, аз хонандагон раванди онро мепурсад:

$\frac{8}{9}$ **ва** $\frac{7}{16}$; $\frac{11}{14}$ **ва** $\frac{4}{7}$; $\frac{15}{27}$ **ва** $\frac{5}{6}$;

$9\cdot 16=144$; $ХКУ(14;7)=14$; **15=3**$\cdot 5$ $15=3\cdot 5$;

$\frac{8}{9}=\frac{8\cdot 16}{9\cdot 16}=\frac{128}{144}$; $14:14=1$; $КТУ(15;27)=3$;

$\frac{7}{16}=\frac{7\cdot 9}{16\cdot 9}=\frac{63}{144}$; $14:7=2$; $\frac{15}{27}=\frac{3\cdot 5}{3\cdot 3\cdot 3}=\frac{5}{3\cdot 3}=\frac{5}{9}$;

$\frac{128}{144}$ **ва** $\frac{63}{144}$; $\frac{11}{14}=\frac{11\cdot 1}{14\cdot 1}=\frac{11}{14}$; $\frac{5}{9}$ **ва** $\frac{5}{6}$; $ХКУ(9;6)=18$;

$\frac{4}{7}=\frac{4\cdot 2}{7\cdot 2}=\frac{8}{14}$; $18:9=2$ $18:6=3$; $\frac{11}{14}$ **ва** $\frac{8}{14}$; $\frac{5}{9}=\frac{5\cdot 2}{9\cdot 2}=\frac{10}{18}$;

$\frac{5}{6}=\frac{5\cdot 3}{6\cdot 3}=\frac{15}{18}$; $\frac{10}{18}$ **ва** $\frac{15}{18}$.(2, с.24)

Омӯзгорон метавонанд дар бораи кори хонанда бардошти ҷавобии шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод намоянд. Омӯзгорон ва муҳаққиқон муайян намудаанд, ки робитаи мутақобила муассиртарин бардошти ҷавоби бамавқеъ, мушаххас ва дорои меъёрҳои возеҳ аст. Муҳимтар аз ҳама, омӯзгорон бояд банақшагирӣ ва стратегияҳои таълимии худро барои қонеъ намудани ниёзҳои омӯзишӣ мутобиқ созанд, ки онҳо тавассути арзёбӣ муайян карда шудаанд.



Арзёбии ташаккулдиҳанда ин масъаларо ба таври дигар пешниҳод менамояд. Пеш аз ҳама, арзёбии ташаккулдиҳанда дар баробари баланд намудани сифати азхудкунии омӯзиши хонандагон барои балгузорӣ ҳамчун асос хизмат намекунад. Азбаски арзёбӣ як ҷузъи раванди таълим аст, вай аз хонандагон бештар фаъол буданро талаб мекунад. Бо назардошти ширкати фаъоли хонандагон ба ин раванд, малакаҳои худбаҳодиҳӣ ва омӯзиши амиқи мавод аз ҷониби хонандагон ба назар мерасад. Ғайр аз ин, ҳавасмандӣ ба омӯзиш бештар мегардад, зеро мақсадҳои таълим бо хонандагон муҳокима мешаванду онҳо мебинанд, ки омӯзгор барои беҳтар омӯхтани онҳо кӯшиш мекунад ва барои муваффақ шудан дар таълим ба онҳо ҳамаҷониба ёрӣ медиҳад.

Омӯзгор низ ба масъалаи таълим ва арзёбӣ бештар таваҷҷуҳ менамояд, зеро пайваста ба худ чунин саволҳо медиҳад: “Кадом дониш, малака ва маҳоратҳоро ман ба хонандагон пешниҳод карда метавонам?”; “Ман чӣ гуна барои беҳтар таҳсил кардани онҳо кумак карда метавонам?”; “Ман чӣ гуна фаҳмида метавонам, ки онҳо инро ёд гирфтаанд ё не?” ва монанди ин. Агар омӯзгор дар якҷоягӣ бо хонандагон ба ин саволҳо ҷавоб ёбад, вай маҳорати педагогии худро сайқал дода, дар фаъолияти худ фаҳмиши навро касб менамояд. (3,с.28)

Арзёбии ташаккулдиҳанда - равандест, ки тавассути он омӯзгору хонандагон раванди таълимро таҳлил карда хулосаи зарурӣ мебароранд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро назорат карда, тавассути маслиҳату роҳбаладӣ онро ба самти муайян барои расидан ба мақсаҳои таълим равона созанд. Ин навъи арзёбӣ ба хонандагон имконияти муайян намудани сатҳи худ инкишофро дода, ахборро оид ба сатҳи дигари инкишоф ва тарзи ба он расиданро фароҳам меорад. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҷараёни доимоамалкунанда буда, муколамаи байни омӯзгор ва хонандагонро пайваста таъмин менамояд ва раванди омӯзишро самараноктар мегардонад. Ин раванд ба омӯзгор имкон медиҳад, ки чигунагии омӯзиши хонандагонро пайваста муайян карда, тавассути робитаи мутақобила ҳамгироии арзёбиро бо раванди таълиму

омӯзиш таъмин намояд ва онро ба фаъолияти таълимии доимӣ табдил диҳад. Чунин механизми мутақобила ва ҳамгиро ҳамкории хонанда ва омӯзгорро таҳким намуда, бештар самараноктар ва дар амал татбиқшаванда мегардонад. Онро дар нақшаи зерин ба таври мушаххас дидан мумкин аст:

Дар ин самт таҳқиқоти зиёде гузаронида шудааст, ки хулосаҳои онҳоро метавон ба таври зерин баррасӣ кард:

- арзёбии ташаккулдиҳандаи дуруст ба роҳ мондашуда натиҷаҳои имтиҳонҳои ҷамъбастиро баланд бардошта, хонандагонро барои мунтазам дониш андӯхтан омода месозад;
- дар раванди арзёбии ташаккулдиҳанда омӯзгор на ҳамчун нозир, балки ҳамчун ҳамоҳангсоз (роҳбалад) фаъолият мекунад;
- дар арзёбии ташаккулдиҳанда омӯзгор ҳамчун муҳаққиқ фаъолият мекунад;
- арзёбии ташаккулдиҳанда раванди таълимро пеш бурда, онро фаррох мегардонад;
- чен ва муқоиса кардани дониши хонандагон (байни ҳамдигар), аз ҷумла тестҳо, саволҳои ҷавоби «*ҳа*» ва ё «*не*» талабкунанда, ба меъёрҳои ченшаванда мувофиқат кардан, масалан, кори хаттӣ бояд аз 5 ё 6 мисол кам набошад, 4 мисол ва 1 масъала ҳал кардан ва амсоли он арзёбии ташаккулдиҳанда шуда наметавонанд. (4,с.33)

## АДАБИЁТ

1. Қурбонов, С.Р. ва д. Роҳнамои фанни математика синфи 5- ум ВМИҶТ. – Душанбе: Маориф, 2017. - 143 с.
2. Қурбонов, С.Р. ва д. Арзёбии ташаккулдиҳанда / Дастури методӣ барои муаллимони математика. – Душанбе, 2010. – 62 с.
3. Қурбонов, С.Р. ва д. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт» (Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни математика ). ВМИҶТ, USAID, АТТ. – Душанбе, 2012. - 76 с.
4. Қурбонов, С.Р. ва д. Баъзе масъалаҳои методикаи таълими математика, Маводи ёрирасон ва барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни математика. ВМЧТ(QLP) – Душанбе, 2010. – 55 с.

**УДК 378.147, 004.021+004.432.2**

## ОИД БА ТАТБИҚИ ЯК УСУЛИ САМАРАНОКИ ОМӮЗИШ ДАР ТАЪЛИМИ АСОСҲОИ БАРНОМАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ

***НАЗАРЗОДА Рустам Саидмурод*** *– сардори раёсати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 192,* ***E-mail:*** *Rustam_N@hotmail.com* ***тел.:*** *+(992-37) 224-53-62.*

Мақола ба яке аз усулҳои самараноки омӯзиши барномасозии компютерӣ – усули ҷузъиётбандии қадам ба қадам бахшида шуда, татбиқи амалии он дар мисоли таҳия намудани алгоритм ва барномаи компютерии ҳалли як масъала дар забони барномасозии C++ нишон дода шудааст. Муаллиф сабабҳои асосии ба сифати забони барномасозии муносиб дар омӯзиши асосҳои барномасозӣ интихоб гардидани C++ ва нақши онро дар раванди таълим асоснок кардааст.

***Вожаҳои асосӣ***: *алгоритм, барномасозӣ, барномасозии сохторӣ, блок-схема, забони барномасозии C++, замимаи консолӣ, зербарнома, технологияи барномасозӣ, усули ҷузъиётбандии қадам ба қадам, функсияҳои корбар.*

## О ПРИМЕНЕНИИ ОДНОГО ЭФФЕКТИВНОГО МЕТОДА ОБУЧЕНИЯ В ИЗУЧЕНИИ ОСНОВ КОМПЬЮТЕРНОГО ПРОГРАММИРОВАНИЯ

***НАЗАРЗОДА Рустам Саидмурод*** *– начальник управления информационно-коммуникационных технологий Национального центра тестирования при Президенте Республики Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 192,* ***E-mail:*** *Rustam_N@hotmail.com,* ***тел.:*** *+(992-37) 224-53-62.*

Статья посвящена одному из эффективных методов обучения компьютерного программирования – методу пошаговой детализации, практическое применения которого показано на примере разработки алгоритма и компьютерной программы решения одной задачи на языке программирования C++. Автором обоснованы основные причины выбора C++ как подходящего языка программирования в изучении основ программирования и его роль в учебном процессе.

***Ключевые слова***: *алгоритм, блок-схема, консольное приложение, метод пошаговой детализации, подпрограмма, пользовательские функции, программирование, структурное программирование, технология программирования, язык программирования С++.*

## ABOUT IMPLEMENTATION OF ONE EFFECTIVE TEACHING METHOD IN LEARNING THE COMPUTER PROGRAMMING FUNDAMENTALS

***NAZARZODA Rustam Saidmurod*** *– head of the Department of Information and Communication Technologies at the National Testing Center under the President of the Republic of Tajikistan, 192, Rudaki avenue, Dushanbe,* ***E-mail:*** *Rustam_N@hotmail.com,* ***Phone:.*** *+(992-37) 224-53-62.*

The article is devoted to one of the effective teaching methods of learning computer programming – the stepwise refinement method, the practical implementation of which is shown on the example of developing an algorithm and a computer program in C++ programming language for solving one task. The author substantiates the main reasons for choosing C++ as a suitable programming language in learning the computer programming fundamentals and its role in the educational process.

***Keywords***: *algorithm, console application, flow-chart, programming, programming language C++, programming technology, stepwise refinement method, structured programming, subprogram, user-defined functions.*

Ҷомеаи имрӯзаи башарият рӯз аз рӯз аз низомҳои компютерӣ ва таъминоти барномавӣ ҳарчи бештар вобаста шуда истодааст, ки онҳо ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ба таври устувор ворид гардида истодаанд. Аз ин рӯ, нисбат ба сифат, бехатарӣ ва эътимоднокию самаранокии таъминоти барномавӣ низ талаботи қатъӣ ба миён меояд. Танҳо таъминоти барномавии ҷавобгӯ ба ин гуна талабот метавонад дар бозори ҷаҳонии таъминоти барномавӣ рақобатпазир бошад. Гузоштани талаботи қатъӣ дар назди таъминоти барномавӣ, дар навбати худ талаботи хосаро нисбат ба салоҳиятҳои касбии мутахассисон – таҳиягарони таъминоти барномавӣ муайян месозад.

Барномасози касбӣ дар фаъолияти худ бо доираи масъалаҳои гуногуне рӯбарӯ мешавад, ки барои ҳалли онҳо бояд барномаҳои компютерии мувофиқро таҳия намояд. Ӯ бояд забон ва муҳити барномасозии дахлдорро вобаста аз вижагиҳои таъминоти барномавии таҳияшаванда ва меъёрҳои нисбат ба он муқарраргардида тавре интихоб намояд, ки истифодаи онҳо ба ваҷҳи беҳтарин дар ҳалли масъалаи гузошташуда мутобиқат намоянд. Агар дар баъзе ҳолатҳомеъёри асосии интихоб зудкорӣ бошад, дар ҳолатҳои дигар метавонад истифодаи ҳаҷми камтарини хотира ё мавҷуд будани имкониятҳои кори мустақим дар сатҳи таҷҳизот тавассути тамосҳои системавӣ бошад.

Ҳамасола, аз ҳисоби пайдо шудани забонҳои барномасозии нав шумораи умумии забонҳои барномасозӣ рӯ ба афзоиш аст. Мувофиқи арзёбии сарчашмаҳои гуногун, дар ҷаҳони муосир, шумораи забонҳои барномасозӣ беш аз дуюним ҳазорро ташкил медиҳад [6]. Аз ин миён, ба рӯйхати забонҳои аз ҳама бештар маъмул, одатан аз 10 то 20 забони барномасозӣ ворид мешаванд. Ширкатҳои алоҳида барои муайян кардани мақоми забонҳои барномасозӣ аз рӯйи омилҳои мухталиф таҳлилҳоеро ба таври мунтазам мегузаронанд, ки дар натиҷаи онҳо рӯйхати забонҳои барномасозии маъмултарин таҳия карда мешаванд. Масалан, яке аз чунин ширкатҳо ширкати TIOBE Software мебошад, ки яке аз самтҳои фаъолияти он бамунтазамона (ҳармоҳа) муайян кардани нишондиҳандаи машҳурияти забонҳои барномавӣ (*англ.* an indicator of the popularity of programming languages) равона гардидааст. Тибқи таҳлилҳои ширкати мазкур, дар ҳолати 4-уми октябри соли 2020 даҳгонаи аввалро дар рӯйхати забонҳои барномасозии маъмултарин забонҳои барномасозии С, Java, Python, С++, С#, Visual Basic, JavaScript, PHP, R ва SQL (аз рӯйи тартиби камшавии мақомашон) ташкил медиҳанд [2]. Таъкид месозем, ки тайи солҳои зиёд ин рӯйхати даҳгона амалан бетағйир буда, дар он танҳо мавқеи ин забонҳо нисбат ба якдигар тағйир меёбанду халос.

Барномасозии компютерӣ раванди мураккаб, аммо шавқовар буда, омӯзиши он дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли тадриси фанҳои гуногун, аз қабили «Информатика ва асосҳои барномасозӣ», «Технологияҳои иттилоотӣ», «Асосҳои алгоритмсозӣ ва барномарезӣ», «Амалияи барномасозӣ», «Технологияи барномасозӣ» ва ғайраба роҳ монда мешавад. Интихоби забон ва муҳити барномасозӣ ҳангоми таълими фанҳои ба барномасозии компютерӣдалдор, одатан дар асоси иқтидори зеҳнӣ – донишҳои касбӣ ва малакаю маҳорати ҳайати омӯзгории кафедраҳои марбута сурат мегирад. Ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки ҳангоми таълими ҳамон як фан дар гурӯҳҳои академии гуногун омӯзгорони алоҳида аз забон ва муҳитҳои мухталиф истифода мебаранд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои хос, мавқеи ишғолнамуда дар миёни забонҳои барномасозии мавҷудбуда ва омилҳои дигари марбут ба роҳандозии босамари раванди таълими барномасозии компютерӣ, ки баёни баъзеяшон дар мақола оварда шудааст, интихоби мо дар кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳанӯз аз соли 2000-ум дар забони барномасозии C++ ҳамчун забони муносиб барои оғоз кардани омӯзиши барномасозии компютерӣ қарор гирифта, то ба ҳол он побарҷост. Дар кафедраи мазкур, ҳангоми таълими фанҳои ба барномасозии компютерӣ алоқаманд, инчунин забонҳои барномасозии дигар низ: C#, Java, Visual Basic, JavaScript, PHP ва ғайра мавриди омӯзиш ва истифода қарор ёфтаанд.

Забони барномасозии C++ ба синфи забонҳои барномасозии универсалӣ шомил аст, ки аз он метавон ҳангоми ҳалли барномавии доираи васеи масъалаҳо истифода намуд. Забони барномасозии C++ ҳам аз имкониятҳои барномасозии сохторӣ ва ҳам аз имкониятҳои барномасозии ба объектҳо нигаронидашуда бархӯрдор аст. Синтаксиси он ба синтаксиси забонҳои барномасозии дигар монандиҳои зиёд дорад, зеро аксари забонҳои барномасозӣ, ки баъдан пайдо шудаанд, то ба ҳадде аз забони барномасозии C++ асос гирифтаанд, масалан, забонҳои барномасозии C#, Java, JavaScript, Objective-C, Perl, Python ва ғайра. Тавре аз таҳлилҳои ширкати TIOBE Software [2] бармеояд, аз соли 1990 то ба имрӯз, забони барномасозии C++ ба рӯйхати чоргонаи забонҳои барномасозии маъмул шомил аст: солҳои 1990 ва 2000 – мавқеи 2-юм; соли 1995 – мавқеи 1-ум; солҳои 2005, 2010 ва 2015 – мавқеи 3-юм ва соли 2020 (дар ҳолати 4-уми октябр) – мавқеи 4-умро ишғол намудааст. Соли 2003 бошад, забони барномасозии C++ ҳамчун «Забони барномасозии сол» эътироф гардидааст.

Одатан, дар вақти таҳияи таъминоти барномавӣ аз технологияҳои гуногуни барномасозӣ истифода бурда мешавад, ки аз миёни онҳо технологияи барномасозии сохторӣ ва технологияи барномасозии ба объектҳо нигаронидашуда бештар паҳнгардида ба ҳисоб меравенд. **Технологияи барномасозӣ** *гуфта, маҷмӯи усул ва воситаҳои дар раванди таҳияи таъминоти барномавӣ истифодашавандаро мефаҳманд* [5]. Ҳадафи асосии технологияи дилхоҳро ташкил кардани раванди босамари таҳияи барнома, пешниҳод намудани механизмҳои бартарафсозии мураккабии мушкилот, таъмин кардани осонию возеҳии барнома барои лоиҳакашу таҳиягар, кам кардани харочот ва кӯтоҳ намудани муҳлатҳои коркарди барнома ва монанди инҳо ташкил медиҳанд.

Дар миёни технологияҳои мавҷудбуда, то ба ҳол технологияи барномасозии сохторӣ ҳамчун технологияи бештар маъмул ва серистеъмол ҳисобида мешавад. **Барномасозии сохторӣ** *методология ва технологияи таҳияи таъминоти барномавӣ буда, дар худ усулҳои таҳияи сохтори барномаро муттаҳид месозад, ки барои хондану фаҳмиданаз тарафи одам, назорат аз болои мантиқи кор, ворид кардани тағйироту иловаҳо муносиб аст* [3]. Дар робита ба барномасозии сохторӣ Н. Вирт [4] таъкид месозад, ки «*сохторбандӣ абзори асосӣ буда, дар вақти таҳлилу ташхиси системаноки барномаҳои мураккаб ба барномасоз бо нигаҳдории тасвири комил дар бораи онҳо кӯмак мерасонад*».

Татбиқи принсип ва усулҳои барномасозии сохторӣ ҳангоми таҳияи таъминоти барномавӣ имкони баланд бардоштани эътимоднокию самаранокии барномаҳоро фароҳам оварда, вақт ва харочоти барои таҳия заруриро кам ва хонданбобии онро беҳтар мекунад. Технологияи барномасозии сохторӣ принсипҳои асосиизеринро дар бар мегирад, ки татбиқи онҳо имкони ба тартиб овардани кори барномасозро барои ба даст овардани алгоритм ва барномаҳои сохторие фароҳам меорад, ки хондану санҷидан ва истифодаи онҳо дар амал осон ва қулай аст:

(а) раванди таҳияи алгоритми ҳалли масъалаи гузошташуда бояд аз рӯйи тартиби «аз боло ба поён» қадам ба қадам роҳандозӣ гардад, ки аз схемаи нисбатан калони бадастмеомадаоғоз гардида, бо ҷузъиётбандии муфассали он ба анҷом мерасад;

(б) тақсимбандии масъалаи мураккаб ба зермасъалаҳо (қисматҳои нисбатан соддаи функсионалӣ) бояд ба роҳ монда шавад, ки таҳияи барнома аз рӯйи модулҳои алоҳидаи бадастомада (қисматҳои мустақил барои ҳалли зермасъалаҳои гуногун) сурат мегирад;

(в) мантиқи алгоритм ва барнома бояд аз истифодаи шумораи камтарини сохторҳои заминавии алгоритмӣ (пайдарпай, шоханок ва даврӣ) асос гирад;

(г) қисматҳои такроршавандаи алгоритм бояд дар намуди бахшҳои ёрирасони барномавӣ (протседураҳо) – зербарнома ё функсияҳо таҳия карда шаванд.

Бартариҳои технологияи барномасозии сохторӣ дар робита ба раванди таълим дар фароҳам овардани имкони ташаккул ва рушди сабки фикррониии алгоритмии донишҷӯён таҷассум меёбад.

Ҳангоми аз рӯйи принсипҳои технологияи барномасозии сохторӣ таҳия кардани алгоритмҳо, одатан, аз **усули ҷузъиётбандии қадам ба қадам** истифода бурда мешавад, ки мувофиқи он алгоритми ҳалли масъалаи гузоштшуда вобаста аз дараҷаи мураккабии он дар як ё якчанд қадам таҳия карда мешавад. Дар ***қадами якум***, раванди ҳалли масъала ба амалҳои нисбатан калон тақсим карда мешавад, киҳар яки ондар намуди дастурамали возеҳ

навишта шуда, ***чӣ кардан*** (на ***чигуна кардан***)-ро ифода мекунанд. Дар ***қадами дуюм*** ва ***қадамҳои минбаъда*** амалҳои нисбатан калон саҳеҳтар гардида, ҷузъиётбандӣ мешаванд. Барои ҳар амал пайдарпайии дахлдори иборат аз амалҳои нисбатан хурд муайян карда мешавад, ки ***чигуна бояд иҷро шудан***и амалро мефаҳмонад. Ҷузъиётбандӣ дар қадаме ба охир мерасад, ки пас аз он алгоритм барои таҳия намудани барномаомода мегардад:имкони ифода кардани ҳар як сохтори ҷузъиётбандишудатавассути як оператори забони барномасозӣ ба даст оварда мешавад.

Инак, татбиқи амалии усули ҷузъиётбандии қадам ба қадамро дар мисоли таҳия намудани алгоритми сохтораш хаттӣ барои ҳалли як масъала ва навиштани барномаи компютерии он дар забони барномасозии С++ дида мебароем.

**<u>Гузориши масъала</u>**. Периметр ва масоҳати секунҷаеро ҳисоб кунед, ки он тавассути координатаҳои қуллаҳояш дода шудааст.

**<u>Модели ҳалли масъала</u>**. Бигузор секунҷаи $ABC$ бо тарафҳои$a$, $b$ ва $c$аз рӯйи координатаҳои қуллаҳояш:$A(x_A, y_A)$, $B(x_B, y_B)$ ва $C(x_C, y_C)$ дода шуда бошад (ниг. ба расми 1).

Тавре маълум аст [1], агар дар ҳамворӣ ду нуқтаи $A$ ва $B$ тавассути координатаҳояшон: $(x_A, y_A)$ ва $(x_B, y_B)$ дода шуда бошад (ниг. ба расми 2), пас дар такя ба теоремаи Пифагор масофаи байни онҳо ($d$) аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$d = |AB| = \sqrt{(x_B - x_A)^2 + (y_B - y_A)^2} \qquad (1)$$




**Расми 1**. *Секунҷа дар системаи координатаҳои росткунҷаи декартӣ*




**Расми 2**. *Масофаи байни ду нуқта дар ҳамворӣ*

Аз рӯйи расми 2 дарозии ҳарсе тарафи секунҷаро алоҳида-алоҳида бо ёрии формулаи (1) ҳисоб мекунем:

$$a = |BC| = \sqrt{(x_C - x_B)^2 + (y_C - y_B)^2},$$
$$b = |AC| = \sqrt{(x_C - x_A)^2 + (y_C - y_A)^2}, \qquad (2)$$
$$c = |AB| = \sqrt{(x_B - x_A)^2 + (y_B - y_A)^2}.$$

Дарозии периметри секунҷаро ҳамчун суммаи се тарафи он аз рӯйи формулаи (3) ва масоҳати секунҷаро мувофиқи теоремаи Герон аз рӯйи формулаи (4) ҳисоб мекунем:

$$P = a + b + c \qquad (3)$$
$$S = \sqrt{p \cdot (p - a) \cdot (p - b) \cdot (p - c)} \qquad (4)$$

ки дар инҷо $p$ – нимпериметри секунҷа мебошад:

$$p = \frac{P}{2} = \frac{a + b + c}{2}$$

**<u>Алгоритми ҳалли масъала</u>**. Алгоритми ҳалли масъаларо дар асоси модели таҳиягардида дар намуди блок-схема тартиб медиҳем (ниг. ба расми 3).




**Расми 3**. *Алгоритми умумии ҳисоб кардани периметр ва масоҳати секунҷа*

Тавре аз блок-схема дида мешавад, ин роҳи ҳалли масъала истифодаи сезербарнома-функсияи алоҳидаро барои иҷрои амалҳои гуногун дар бар мегирад.

Функсияи **side()** дар такя ба формулаи (1) барои ҳисоб кардани дарозии тарафи секунҷа ҳамчун масофаи байну ду қуллаи мувофиқи секунҷа пешбинӣ гардидааст, ки алгоритми он дар намуди блок-схема дар расми 4 оварда шудааст. Алгоритми умумии ҳалли масъала дар рафти иҷрои худ ба ин функсия се маротиба муроҷиат мекунад, ки дар ҳар муроҷиат дарозии тарафи мувофиқи секунҷа муайян карда мешавад.




**Расми 4**. *Алгоритми функсияи ҳисоб кардани дарозии тарафи секунҷа*

Функсияи **perimeter()** аз рӯйи формулаи (3) дарозии периметри секунҷаро ҳамчун ҳосили ҷамъи дарозиҳои се тарафи он ҳисоб мекунад, ки дар расми 5 алгоритми он дар намуди блок-схема инъикос гардидааст. Алгоритми умумии ҳалли масъала ба функсияи мазкур танҳо як маротиба ҳангоми ҳисоб кардани периметри секунҷа муроҷиат мекунад.




**Расми 5**. *Алгоритми функсияи ҳисоб кардани дарозии периметрт секунҷа*

Функсияи **square()** мувофиқи теоремаи Герон масоҳати секунҷаро аз рӯйи формулаи (4) ҳисоб мекунад, ки алгоритми кори он дар расми 6 дар намуди блок-схема оварда шудааст. Муроҷиат ба ин функсияаз ҷониби алгоритми умумии ҳалли масъала танҳо як маротиба барои ҳисоб кардани масоҳати секунҷа сурат мегирад.




**Расми 6**. *Алгоритми функсияи ҳисоб кардани масоҳати секунҷа*

<u>**Барномаи ҳалли масъала**</u>. Барномаи компютерии ҳалли масъаларо дар асоси блок-схемаҳои барои алгоритмҳои умумии ҳалли масъала ва зербарнома-функсияҳои ёрирасон таҳиягардидаҳамчун замимаи консолӣ (англ. console application) дар забони барномасозии C++ тартиб медиҳем.

Одатан, барномаҳои дар забони барномасозии C++ таҳияшаванда аз маҷмӯи функсияҳои корбар (*англ.* user-defined functions) иборат ҳастанд.Таъкид месозем, ки дилхоҳ барномаи дар забони барномасозии C++ таҳияшаванда ҳадди ақал як функсияро дарбар мегирад, ки он ***функсияи асосӣ*** – функсияи **main()**аст. Агар барнома беш аз як функсияи корбарро дарбар гирад, якеи ҳатман функсияи main() аст. Зеро, иҷрои кори барнома маҳз аз ҳамин функсия оғоз гардида, мурочиат ба функсияҳои дигараз дохили он сурат мегирад.

Агарчи дар раванди таҳияи барномаҳо, маъмулан функсияҳои корбарро дар файлҳои алоҳида ҷой медиҳанд, аммо бо дарназардошти ҳаҷми наонқадар калони лоиҳаи марбут ба ҳалли масъалаи пешниҳодгардида ба ҷойгир кардани функсияҳои таҳиямекардаамон дар ҳамон як файли асосӣ (main.cpp) иктифо мекунем.

Коди барномаи ҳалли масъалаи гузошташуда қисм ба қисм дар расми 7 (а – б) оварда шудааст, ки дурустии кори он дар муҳити барномасозии Code::Blocks 20.03 санҷида шудааст. Ҳамчун намуна, барои додаҳои аввалияи *A*(2.5, 1), *B*(5.5, 1), ва *C*(2.5, 5) натиҷаи кори барнома (P = 12 ва S = 6)дар расми 8 оварда шудааст.

```
#include <iostream>
#include <cmath>

using namespace std;

// Тимсол (прототип)-хои функсияхои корбар
double side(double, double, double, double);      // Тарафи секунча
double perimeter(double, double, double);          // Периметри секунча
double square(double, double, double);             // Масохати секунча
int main()
{
    // Эълони бузургихо
    double  xA, yA, xB, yB, xC, yC;     // Координатахои куллахои секунча
    double  a, b, c;                    // Тарафхои секунча
    double  P, S;                       // Периметр ва масощати секунча

    // Дохилкунии кимати координатахои куллахои секунча
    cout << "xA = "; cin >> xA;
    cout << "yA = "; cin >> yA;
    cout << "xB = "; cin >> xB;
    cout << "yB = "; cin >> yB;
    cout << "xC = "; cin >> xC;
    cout << "yC = "; cin >> yC;

    // Хисоб кардани дарозии тарафхои секунча
    a = side(xC, yC, xB, yB);
    b = side(xC, yC, xA, yA);
    c = side(xB, yB, xA, yA);

    // Хисоб кардани дарозии периметри секунча
    P = perimeter(a, b, c);

    // Хисоб кардани масохати секунча
    S = square(a, b, c);

    // Хоричкунии натичахо
    cout << "P = " << P << endl;
    cout << "S = " << S << endl;

    // Анчоми кори барнома
    return 0;
}
// функсияи хисоб кардани дарозии тарафи секунча
double side(double x1, double y1, double x2, double y2)
{
    // Эълони бузургихои махаллй
    double d;                        // Масофаи байни ду кулла

    // Хисоб кардани масофаи байни ду кулла
    d = sqrt(pow(x2 - x1, 2) + pow(y2 - y1, 2));

    // Баргардонидани кимати функсия - дарозии тарафи секунча
    return d;
}
```

**Расми 7(а)**. *Барномаи ҳисоб кардани периметр ва масоҳати секунҷа дар забони барномасозии C++ (қисми аввал).*

```
// Функсияи ҳисоб кардани дарозии периметри секунча
double perimeter(double side1, double side2, double side3)
{
    // Эълони бузургиҳои маҳаллӣ
    double p;                          // Периметри секунча

    // Хисоб кардани дарозии периметри секунча
    p = side1 + side2 + side3;

    // Баргардонидани қимати функсия - дарозии периметри секунча
    return p;
}

// Функсияи ҳисоб кардани масоҳати секунча
double square(double side1, double side2, double side3)
{
    // Эълони бузургиҳои маҳаллӣ
    double sp, s;                      // Нимпериметр ва масоҳати секунча

    // Хисоб кардани нимпериметри секунча
    sp = perimeter(side1, side2, side3) / 2;

    // Хисоб кардани масоҳати секунча
    s = sqrt(sp * (sp - side1) * (sp - side2) * (sp - side3));

    // Баргардонидани қимати функсия - масоҳати секунча
    return s;
}
```

**Расми 7 (б)**. *Барномаи ҳисоб кардани периметр ва масоҳати секунҷа дар забони барномасозии C++ (қисми охир)*.

```
"E:\CPP Programs\PS_TriAngle\bin\Debug\PS_TriAngle.exe"
xA  = 2.5
yA  = 1
xB  = 5.5
yB  = 1
xC  = 2.5
yC  = 5
P  = 12
S  = 6

Process returned 0 (0x0)   execution time : 12.489 s
Press any key to continue.
```

**Расми 8**. *Натиҷаи кори барнома барои яке аз ҳолатҳои додаҳои аввалия*

Ҳамчун хулоса, таъкид месозем, ки тибқи усули ҷузъиётбандии қадам ба қадам ҳанӯз аз дарсҳои аввал ба рох мондани омӯзиши фанҳои таълимии ба барномасозии компютерӣалоқаманд ба донишҷӯён медиҳад, ки бо ҳал кардани масъалаҳои нисбатан соддааз рӯйи сабки барномасозии сохторӣ усулҳои таҳияи алгоритмҳои мураккаби ҳалли масъалаҳои мушкилтарро аз худ намоянд. Зеро, аз ибтидои омӯзиш донишҷӯён малакаю маҳорати тақсимкунии барномаҳоро ба зербарномаҳо – ҷузъҳои функсионалии хурд ба даст меоранд.

Тақсимбандии барнома ба зербарнома-функсияҳо дорои бартариҳои зиёд аст. Аз ҷумла, он:

- имкони дурӣ ҷустанро аз барзиёднависии матни барнома (код) тавассути истифодаи такрории чандинкаратаи ҳамон як қисми матни барномавӣ фароҳам меорад;
- беҳтар кардани сохтори барномаро таъмин намуда, дарк кардани барномаҳои калонро осон мекунад;
- раванди дарёфт ва рафъи комбудиҳои ҷойдошта – дурустсозии барномаро (англ. debugging) содатар мегардонад.

Ҳамзамон, таъкид месозем, ки пас аз омӯзиши асосҳои барномасозӣ, масалан, дар забони барномасозии C++ ва ба даст овардани малакаю маҳорати амалӣ дар самти роҳандозии сохторҳои заминавии алгоритмӣ дар намуди барнома-замимаҳои консолӣ, усули мавриди баррасӣ қарорёфта, инчунин гузариш ба таълими воситаҳои таҷассумгар (визуализатсионӣ)-рониз тавассути лоиҳа ва қолабҳои Windows тақозо менамояд.

## АДАБИЁТ


1. OnlineMSchool : Изчуение математики онлайн [электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.onlinemschool.com (дата обращения: 14.10.2020).

2. TIOBE Index for October 2020 [electronic resource]. – Access mode: https://www.tiobe.com/tiobe-index (usage date: 13.10.2020).

3. Алгоритмизация и программирование [электронный ресурс]. – Режим доступа: https://dl.sumdu.edu.ua/textbooks/109150/351289/index.html (дата обращения: 14.10.2020).

4. Вирт, Н. Систематическое программирование. Введение / Пер. с англ. В. С. Штаркмана; под ред. Ю. М. Баяковского. – М.: «Мир», 1977. – 184 с.

5. Иванова, Г. С. Технология программирования: учебник для ВУЗов / Г. С. Иванова. – М.: Изд-во МГТУ им. Н. Э. Баумана, 2002. – 320 с.

6. Энциклопедия языков программирования [электронный ресурс]. – Режим доступа: http://progopedia.ru (дата обращения: 12.10.2020).

## САМАРАНОКИИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ФАННИ ФИЗИКА

***УМАРОВ Умар Сулаймонович*** *– декани факултети физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-121,* ***тел.:*** *+(992)93- 594- 93- 28*

***УБАЙДОВ Азмиддин Айнуддинович*** *- унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126,* ***E-mail:*** *ubaidov2017@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 111-149-849*

Муаллиф зимни ақидаронихояш барои он ки хонанда ба зиндагии мустақилона тайёр шавад, дар давраи таҳсил дар мактаб ӯ бояд соҳиби дониш, маҳорат ва малакаи муайян бошад. Барои ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаи муайян яке аз роҳҳои муфид ин ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим мебошад. Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим имкон фароҳам меоварад, ки сифати таҳсилот баланд бардошта шавад. Муаллиф дар асоси озмоишоти анҷомдода хулосаҳои худро пешкаш намудааст.

***Вожаҳои асосӣ**: салоҳият, муносибати босалоҳият, салоҳиятҳои асосӣ салоҳиятҳои фаннӣ, натиҷаи озмоишот.*

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА К ОБУЧЕНИЮ ФИЗИКЕ

***УМАРОВ Умар Сулаймонович*** *– декан факултета физики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121,* ***тел.:*** *+(992) 93- 594- 93- 28*

***УБАЙДОВ Азмиддин Айнуддинович*** *- соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126,* ***E-mail:*** *ubaidov2017@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 111-149-849*

Автор в статье отмечает важность получения необходимых знаний, навыков и умений учащимися в общеобразовательных учреждениях для их полноценной подготовки к самостоятельной жизни. В формировании знаний, навыков и умений особую роль играет внедрение компетентностного подхода к обучению. Внедрение компетентностного подхода к обучению создает необходимые условия для повышения качества образования. На основе проведенных экспериментальных работ автор предложил свои выводы.

***Ключевые слова:*** *компетентность, компетентностный подход, ключевые компетенции, предметные компетенции, результат экспериментов.*

## THE EFFECTIVENESS OF THE IMPLEMENTATION OF THE COMPETENCE-BASED APPROACH TO TEACHING PHUSICS

***UMAROV Umar Sulaimonovich - *** *Dean of the Faculty of Physics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Dushanbe, pr. Rudaci,121,* ***mob.:*** *+(992) 93- 594- 93- 28*

***UBAIDOV Azmiddin Aynuddinovich*** *– Applicant of the IDE named after A. Jami, Dushanbe, 126 Ayni Str.,* ***E-mail:*** *ubaidov2017@mail.ru,* ***mob.:*** *(+992) 111-149-849*

Author marked in this article the importance of getting the necessary knowledge, skills and abilities by pupils in the secondary educational institutions for their high-grade preparation for independent life. The special role in formation of knowledge, skills and abilities is played the introduction of the competence-based approach to training. Introduction of the competence-based approach to training creates necessary conditions for improvement of education quality. Author on the basis of the experimental proposed his conclusions.

***Keywords:*** *competence, competence-based approach, key competencies, subject competences, result of experiments*

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонида, барои ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид намудани таҳсилоти миллӣ тадбирҳо андешанд. Чунон чӣ дар боло зикр кардем, соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020"-ро [8] ба тасвиб расонид. Муносибати босалоҳият ба таълим ҳар ду вазифаи таҳсилотро вобаста ба натиҷаи он муайян менамояд ва салоҳиятҳои асосии таълимии хонандаро дар баробари дониш, маҳорат ва малака ба сифати яке аз натиҷаҳои таҳсилот баррасӣ менамояд.

Гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим амри саривақтӣ ва зарурӣ буда, татбиқи он аз ҳамаи ширкаткунандагони ҷараёни таълиму масъулияти баланди коршиносӣ ва шавқу ҳаваси беандозаро дар роҳи таълиму тарбияи кӯдакон тақозо мекунад.

Табиист, ки ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият дар таълим ҷараёни дарозмуддат буда, он таҷдиди назарро ба барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, аз як тараф ва баланд бардоштани сатҳи омодагии омӯзгоронро, аз тарфи дигар, дар назар дорад [7].

Ба андешаи И.Я. Зимняя ва А.В. Хуторский ҳадафи асосии муносибати босалоҳият дар таълим ташаккул ва рушди малакаву маҳоратҳои истифодаи донишҳои азхудшуда дар фаъолияти зиндагӣ аст [4, 10].

М.А. Бочарникова доир ба аҳамияти муносибати босалоҳият андешаронӣ намуда чунин қайд мекунад: "Аҳамияти муносибати босалоҳият ба таълим дар он аст, ки мақсади таълим имконияти қобилияти амал карданро дар хонандагон рушд диҳад" [2, с. 86-92.]. Ба ақидаи М.С. Евстюхина татбиқи муносибати босалоҳият нофаҳмиҳоро миёни раванди анъанавии таълим ва талаботи ҷомеаи имрӯза бартараф менамояд [3]. Ҷои таъкид аст, ки муносибати босалоҳият дар таълим ба муносибати эҷодкорона такя мекунад.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи босалоҳиятии хонандагон аз ҷониби мо дар ду давра озмоиш байни хонандагон гузаронида шуд. Бо мақсади анҷоми санҷиш мо МТМУ №1, 3, 11, 17, литсейи №2-и ноҳияи Мастчоҳ ва МТМУ №6 - и шаҳри Истиқлолро интихоб намудем. Дар корҳои санҷишӣ 310 нафар хонандагони синфҳои 7-9-ум ҷалб карда шуда, ба 2 гурӯҳ: гурӯҳи назоратӣ иборат аз 150 нафар ва гурӯҳи озмоишӣ 160 нафар тақсим карда шуда буданд. Дар оғози таҷриба ва дар интиҳои он пурсиши назоратӣ гузаронида шудааст, ки бо ёрии он сатҳи дониш ва тавоноӣ нисбати гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишии хонандагон аз фанни физика ва дараҷаи босалоҳиятии хонандагон муқаррар карда шуд.

Дар таҳқиқот барои гузаронидани озмоиш мо комплекси методҳои таҳқиқотро интихоб намудем, ки санҷиши исботкунанда ва илмӣ-объективии асоснокии фарзияи аз ҷониби мо пешниҳодшударо таъмин мекунанд. Ҳадафи озмоиш – тасдиқи самаранокии муносибати босалоҳият дар инкишоф додани фаъолияти эҷодкории хонандагони синфҳои 7-9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар дарсҳои физика ва омӯзиши қонунмандиҳои хоси раванди педагогӣ, ки бо татбиқи муносибати босалоҳият ҷиҳати такмили таҳсилоти хонандагон алоқаманд мебошад анҷом додем.

Бо ин мақсад мо як қатор методҳоеро истифода кардем, ки дар онҳо ҳамон як вазифа гузошта шуда буд ва ба озмоишгарони дигар низ пешниҳод гардида буд.

Методҳои гуногуни истифодашуда дар озмоиши педагогӣ имкон медиҳанд, ки савияи ташаккулёбии сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагонро зимни таҳқиқоти гузаронидашуда асоснок кунем. Ба сифати меъёри самаранокии методҳои озмоишии истифодакардаи мо баҳри ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагон мушаххасоти зерин қайд карда шуд:

– шарҳ додани мафҳумҳо ва бузургиҳои физикӣ;

– татбиқ кардани мафҳумҳои физикии азхудкардашуда барои шарҳи ҳодисаҳо, равандҳо, формулаҳо ва қонунҳои физикӣ;

– татбиқ намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои азхудкарадшудаи хонандагон ҳангоми ҳал кардани навъҳои гуногуни масъалаҳои физикии сатҳи душвориашон гуногун;

– маълумот додан дар бораи сохти асбобҳои физикӣ ва истифодаи баъзеи онҳо;

- гузаронидани навъҳои гуногуни озмоишҳои физикӣ ва таҳлили натиҷаҳои онҳо;

Дар синфҳои озмоишӣ зарурати тағйир додани маводи пешниҳодшуда, шакл ва методи таълим баҳри ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагон ба миён омад, бо баробари ин дар синфҳои назоратӣ, раванди анъанавии таълим ба роҳ монда шуд. Дар доираи озмоиш дар марҳилаи ибтидоии кор (аввали соли таҳсили 2019-2020), бо гурӯҳи озмоишӣ, ки иборат аз 160 нафар хонандагони МТМУ №6 – и шаҳри Истиқлол, ва МТМУ №11, литсейи №2 - и ноҳияи Мастчоҳ иборат буданд, санҷиш оид ба дараҷаи салоҳиятҳои умумифанниии хонандагон гузаронидем, ки саволномаи таҳияшуда имкон медод то маълум намоем, ки хонандагон дар кадом сатҳ дорои салоҳиятҳои фанниаанд.

Барои ҳосил кардани маълумоти саҳеҳу боэътимод усули омории $P_N$ - яъне аз рӯи ҳисоби миёнаи арифметикӣ [6, с. 138] истифода бурда шуд:

$$P_N = \frac{n}{N} \cdot 100\,\% \quad (1)$$

$P_N$ – нишондиҳандаи фаъолнокии хонандагон вобаста ба дараҷаи босалоҳиятӣ.

N- шумораи умумии иштироккунандагон.

n- шумораи хонандагон вобаста ба дараҷаи босалоҳиятӣ (сатҳи олӣ, миёна, бунёдӣ ва поёнӣ).

Тасвири комёбиҳои хонандагонро мувофиқи андешаи Д. Имомназаров [5, с. 45] ба таври зайл нишон дода метавонем (нигаред ба ҷадвали 2)

**Ҷадвали №2.**

**Тасвири комёбиҳои таълимии хонандагон аз фанни физика**

| **Баҳогузорӣ ба сатҳи комёбиҳои (салоҳиятҳои)таълимӣ** | **Тасвири комёбиҳои таълимии хонанда** |
|---|---|
| Поёнӣ | Комёбиҳои маҳдуди ҳамаи натиҷаҳои пешбинишуда оид ба мавзӯъ. Иҷрои амалҳо оид ба зоҳир намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои муайян; изҳор кардани шавқи лаҳзавӣ ба омӯзиш ва фанҳои таълимӣ.<br>Шаклҳои фаъолияти таҳқиқотию иртиботӣ ва иттилоотии сатҳи нокифояи ташаккул. |
| Бунёдӣ | Комёбиҳои қисмати асосии натиҷаҳои пешбинишуда оид ба мавзӯъ. Иҷрои амалиётҳои тасдиққунандаи фаҳмиши донишу маҳоратҳои зоҳиршавии онҳо тибқи дархост. Амалиёт тибқи тартиби муайяншудаи амалҳои маълум дар сурати зарурат тавассути кумаку дастгирии омӯзгор алгоритми маъмул дар сурати зарурат тавассути кӯмаки омӯзгор, нишон додани нерӯи зеҳнӣ ва шавқмандӣ ба таълим. |
| Миёна | Комёбиҳои натиҷаи пешбинишуда дар таълим оид ба мавзӯъ дар сатҳи умумӣ; Ба таври кифоя азхуд намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо дар сатҳи талабот ва истифодаи самарабахши онҳо дар ҳолатҳои маълум. Амалиётҳои мустақилона ё бо кумаки андаки омӯзгор, нишон додани ҳавасмандӣ дар раванди таълим ва доро гардидан ба натиҷаҳо. Ошкор намудани сатҳи ташаккули маҳорати фикрӣ, таҳқиқотӣ, иртиботӣ ва иттилоотӣ дар сатҳи кофӣ. |
| Баланд (олӣ) | Комёбиҳои пурра ва зиёда аз меъёр пешбинишуда ва ба нақшагирифташуда оид ба мавзӯъ. Озодона истифода бурда тавонистани дониш, маҳорат ва малакаҳои лозима, қобилияти баланди мустақилона ва самарабахш на танҳо дар ҳолатҳои маълум, балки дар ҳолатҳои нав дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаётӣ. Нишон додани тамоюл ба эҷодкорӣ. Ташаккули комили маҳоратҳои фикрӣ, таҳқиқотӣ, иртиботию иттилоотӣ дар сатҳи лозима ва салоҳияти баланду ташаккулёфтаи хатмкунанда |

Ин методи қолабсозии математикию омориро барои асоснок ва тасдиқ кардани фарзияи пешниҳодкардаи худ дар бораи дараҷаи босалоҳиятии хонандагон аз фанни физика истифода бурда сатҳи дониш, малака ва маҳорати онҳоро муайян намудем.

Натиҷаҳои озмоиши марҳилаи якум, ки дар ҷадвалҳои 3 (синфҳои озмоишӣ) ва 4 (синфҳои назоратӣ) оварда шудааст дар шакли ҷамъбастӣ онро дар ҷадвали 5 меоварем:

**Ҷадвали 3.**

Савияи омодагии хонандагон дар марҳилаи якуми озмоиш

| **Савияи омодагӣ** | **Шумораи хонандагон (310 нафар)** | | **Фоизи ҷавобдодагон** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Синфи назоратӣ** | **Синфи озмоишӣ** | **Синфи назоратӣ** | **Синфи озмоишӣ** |
| Сатҳи олӣ | 6 | 10 | 4,0% | 6,5% |
| Сатҳи миёна | 18 | 26 | 12,3% | 16,0% |
| Сатҳи бунёдӣ | 47 | 53 | 31,5% | 33,0% |
| Сатҳи поёнӣ | 79 | 71 | 52,2% | 44,5% |
| Ҳамагӣ | M=150 | N=160 | 100% | 100% |

Натиҷаҳои арзёбии ибтидоӣ, ки дар аввали соли таҳсили 2019-2020 гузаронида шуда собит намуд, ки қиматҳои сатҳи поёнӣ ба талаботи мо чандон мувофиқ нестанд, чунки дар раванди иҷро кардани супоришҳо аз ҷониби хонандагон ба хатоҳои зиёд роҳ дода шудаанд.

Дар ҷамъбасти кори санҷишӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ (марҳилаи аввал) ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

- хонандагон асосан қоидаву қонунҳои физикиро азёд мекунанд, аммо онҳоро шарҳ дода наметавонанд;
- асосан аз рӯи алоритми маълум масъалаҳоро ҳал мекунанд, аммо маҳорати ками дар вазъиятҳои нав ҳал кардани масъалаҳоро соҳибанд;
- дар вақти ҳалли масъала дараҷаи мустақилияти хонандагон кам эҳсос мешавад;
- онҳо номи асбоби физикӣ ва соҳаи истифодаи онро донанд ҳам доир ба сохт ва тарзи кори он маълумоти кофиро соҳиб нестанд;
- малакаи тартиби дурусту бехатари анҷоми таҷрибаи физикиро соҳиб намебошанд.

Бо мақсади донистани самаранокии натиҷаи саволномаҳои таҳияшуда ва тартиби гирифтани санҷиш бо назардошти ҳамаи панҷ салоҳиятҳо аз фанни физика мо дар охири соли таҳсили 2019-2020 такроран дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ санҷиш доир намудем, ки натиҷаҳои он дар поён оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.**

Савияи омодагии хонандагон дар марҳилаи дуюми озмоиш

| **Савияи омодагӣ** | **Шумораи хонандагон (310 нафар)** | | **Фоизи ҷавобдодагон** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Синфи назоратӣ** | **Синфи озмоишӣ** | **Синфи назоратӣ** | **Синфи озмоишӣ** |
| Сатҳи баланд | 13 | 28 | 8,7% | 17,5% |
| Сатҳи миёна | 36 | 61 | 24,0% | 38,4% |
| Сатҳи паст | 70 | 56 | 46,9% | 34,8% |
| Сатҳи поёнӣ | 31 | 15 | 20,4% | 9,3% |
| Ҳамагӣ | M=150 | N=160 | 100% | 100% |

Ҳамин тариқ, аз маълумоти ташхисҳо бармеояд, ки сатҳи ташаккули босалоҳиятии хонандагони гурӯҳи озмоишӣ назар ба хонандагони гуруҳи назоратӣ баландтар аст.

Натиҷаҳои таҳлилу баррасии ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагон дар ҷадвали 5 ва гистограммаҳои 1 ва 2 пешниҳод карда шудааст.

**Ҷадвали 5.**

Натиҷаҳои ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагон:

| Савияи омодагӣ | То озмоиш | | Баъди озмоиш | |
|---|---|---|---|---|
| | **Синфҳои назоратӣ** | **Синфҳои озмоишӣ** | **Синфҳои назоратӣ** | **Синфҳои озмоишӣ** |
| Сатҳи олӣ | 4,0% | 6,5% | 8,7% | 17,5% |
| Сатҳи миёна | 12,3% | 16,0% | 24,0% | 38,4% |
| Сатҳи бунёдӣ | 31,5% | 33,0% | 46,9% | 34,8% |
| Сатҳи поёнӣ | 52,2% | 44,5% | 20,4% | 9,3% |

Аз ҷадвал аён мегардад, ки натиҷаҳои ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагон чӣ дар гуруҳҳои озмоишӣ (ГО) ва чӣ дар гуруҳҳои назоратӣ (ГН) фарққунанда аст.

Теъдоди хонандагони сатҳи тайёриашон поёнӣ дар гуруҳҳои озмоишӣ аз 44,5% то 9,9% кам шудааст (дар синфҳои назоратӣ аз 52,3% то 20,4%). Мувофиқан дар синфи озмоишӣ теъдоди хонандагони сатҳи тайёриашон бунёдӣ – 1,8%; миёна - 22,4% ва олӣ - 11,0% афзудааст.




Гистограммаи 1. Натиҷаҳои ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагон зимни озмоиши марҳилаи якум




Гистограммаи 2. Натиҷаҳои ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагон зимни озмоиши марҳилаи дуюм

Ҳамин тавр, натиҷаҳои озмоиши педагогӣ барои ҳамаи синфҳои таҳқиқшаванда нишон медиҳанд, ки методикаи пешниҳодкардаи мо доир ба ташаккул додани салоҳиятҳои таълимӣ аз физика дар синфҳои 7-9 самаранок буда, бахри баланд гардидани савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагон аҳамияти калон дорад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдулакимова, Ҷ.А. Методикаи истифодаи маводи таърихӣ дар ҷараёни таълими математика дар донишгоҳҳои тамоюли омӯзгорӣ (дар мисоли ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) / Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ. – Бохтар, 2019. - 156 с.

2. Бочарникова, М.А. Компетентностный подход: история, содержание, проблемы реализации [Текст] / М.А. Бочарникова // Начальная школа, 2009. - № 3. – С. 86-92.

3. Евстюхина, М.С. Реализация компетентностного подхода в образовании // Nauka-rastudent.ru. – 2015. – No. 05 (17) / [Электронный ресурс] – Режим доступа. – URL: http://nauka-rastudent.ru/17/2649/

4. Зимняя, И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата образования // Высшее образование сегодня, 2003. - № 5. - С. 34–42.

5. Имомназаров, Д. Низом ва меъёрҳои баҳогузории 10, 12 ...,100- балла ба дониши хонандагон. зарурат ва мушкилот // Илм ва инноватсия (Маҷаллаи илмӣ, таълимию методӣ) Пажӯҳишоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2013. - С. 39-48.

6. Мирзобоев, З.З. Нақши таълими санъати тасвирӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд) / Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ. – Хуҷанд, 2019.- 245 с.

7. Стандарт ва барномаи фанни физика барои синфи 11 / Мураттиб: Умаров У.С.- Душанбе, 2018. - 66 с.

8. Стратегияи миллии рушди маориф барои то соли 2020. – Душанбе, 2012. - 93 с.
9. Трифонов, М. М. Компетентностно — ориентированные задания как средство формирования информационной компетенции учащихся при изучении физики // Региональная научно-практическая интернет конференция «Формирование предметных компетенций учащихся учреждений общего среднего образования».-Магилев, 2015. - С.30-32.
10. Ҷонмаҳмадов, И.Т. Методикаи ташаккул додани мафҳумҳои механика дар синфи 7 - и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ. – Бохтар, 2019. - 22 с.

**УДК 371.134:004**

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ИТТИЛОТӢ-КОММУНИКАТСИОНИИ ОМӮЗГОРОН ДАР ШАРОИТИ ТАҲСИЛОТИ МУТТАСИЛ

***АРИПОВА Машҳура Раҳимовна** - саромӯзгори кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, **E-mail:** mashhura_1983@mail.ru, **тел.:** (+992) 92 703 99 98*

Мақола ба масоили ташаккули салоҳияти муаллимон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар заминаи таҳсилоти муттасили педагогӣ бахшида шудааст.
Муаллиф таъкид месозад, ки дар шароити муосир иттилоотонии таҳсилот аҳамияти хоса касб кардааст ва он ҳамчун раванди мақсадноки ташкили таъмини таҳсилот бо методология, технология, амалияи эҷод ва истифодаи муносиби коркардҳои илмӣ-педагогӣ, таълимӣ-методӣ, ки ба татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ нигаронида шудааст, баррасӣ карда мешавад.

***Вожаҳои асосӣ:** технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, салоҳияти ТИК, таҳсилоти давомдори омӯзгорӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧИТЕЛЯ В ОБЛАСТИ ИНФОРМАЦИОННЫХ И КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УСЛОВИЯХ НЕПРЕРЫВНОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ

***АРИПОВА Машхура Рахимовна** - заведующая кафедрой методики преподавания математики и информационных технологий ХГУ им. академика Б. Гафурова, **E-mail:** mashhura_1983@mail.ru, **тел.:** (+992) 92 703 99 98*

Статья посвящена вопросам формирования компетентности учителя в области информационных и коммуникационных технологий в условиях непрерывного педагогического образования.
Автор утверждает, что в современных условиях особую значимость приобретает информатизация образования и она рассматривается как целенаправленно организованный процесс обеспечения сферы образования методологией, технологией и практикой создания и оптимального использования научно-педагогических, учебно-методических разработок, ориентированных на реализацию возможностей информационных и коммуникационных технологий.

***Ключевые слова:** информационные и коммуникационные технологии, ИКТ-компетентность, непрерывное педагогическое образование.*

## FORMATION OF TEACHER COMPETENCE IN THE FIELD OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE CONDITIONS OF CONTINUOUS PEDAGOGICAL EDUCATION

***ARIPOVA Mashhura Rahimovna** - Head of the Department of Methods of Teaching Mathematics and Information Technology, HSU named after Ak. B. Gafurov, **E-mail:** mashhura_1983@mail.ru, **тел.:** (+992) 92 703 99 98*

The article is devoted to the issue of formation of competence of the teacher in the field of information and communication technology in the context of continuous pedagogical education.
The author claims that in modern conditions the informatization of education is of particular importance and it is considered as a purposefully organized process of providing the education sector with methodology, technology and practice of creating and optimal use of scientific and pedagogical, educational and methodological developments focused on the implementation of the possibilities of information and communication technologies.

***Keywords:*** *information and communication technology, ICT-competence, continuous pedagogical education.*

Тамоюлҳои ҷаҳонии ҷомеаи муосир бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), ки дар аксар соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла, дар соҳаи педагогика мавриди истифода қарор доранд, тавсиф мешаванд. Дар шароити имрӯза иттилоотонии таҳсилот аҳамияти махсус касб кардааст ва он ҳамчун раванди ташкили мақсадноки таъмини соҳаи таҳсилот бо методология, технололгия ва амалияи фароҳамсозиву истифодаи муносиби коркардҳои илмӣ-педагогӣ ва таълимӣ-методӣ арзёбӣ шуда, асосан ба татбиқи имконоти технологияҳои иттилоотӣ ва коммунактсионӣ нигаронида шудааст [3], [4].

Раванди иттилоотонии таълим ғояи таҳсилоти муттасилро, ки консепсияи он ҳанӯз соли 1965 дар анҷумани ЮНЕСКО пешниҳод шуда буд, муҳим арзёбӣ ва эълон кардаааст, ки бар асоси он ғояи асосии таҳсилоти муттасил бояд ба самти гуманистӣ нигаронида шуда, барои рушди қобилиятҳои инсон дар тамоми тӯли ҳаёт шароитҳои зарурӣ муҳаё сохта шавад [8].

Таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоишие, ки роҷеъ ба масоили истифодаи ТИК дар раванди таълим аз ҷониби олимони рус Я. А. Ваграменко, А. А. Кузнецов, М. П. Лапчик, И. В. Роберт ва дигарон гузаронида шудаанд, аз он далолат мекунанд, ки ҳалли масъалаҳои такмили таълим ва иттилоотонии муассисаҳои таълимӣ на танҳо дар самти васеъсозии имконоти техникии технологияи муосир, балки дар самти коркарди принсипҳои дидактикӣ ва методии истифодаи онҳо дар кулли самтҳои раванди таълим вобастагӣ дорад.

Истифодаи ТИК дар раванди таълим тақозо дорад, ки омӯзгорон бояд салоҳиятҳо дар самти ТИК-ро доро бошанд. Мақсади асосии ташаккули салоҳиятҳои ТИК-и омӯзгори оянда ин омодагии ӯ ба истифодаи аз назари методӣ босаводонаи ТИК дар раванди таълим мебошад, махсусан, корбурди ТИК барои ҳавасмандсозии завқи маърифатии хонандагон ва ҳавасмандӣ ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ тавассути ТИК; дарк карда шудани мақсад ва вазифаҳои истифодаи васоити иттилоотонии таҳсилот дар раванди таълим ва тарбия аз ҷониби омӯзгор; ошкорсозии мазмуни фан бо дарназардошти мақсадҳои омӯзиш, шавқу завқи хонандагон, ки пешниҳоди онҳо тавассути ТИК ба мақсад мувофиқ аст; азхудкунии метод ва усулҳои омӯзиш бо истифодаи ТИК; амалисозии назорат ва худназорати фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ бо ёрии ТИК; худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳӣ, аз он ҷумла, гузаронидани ташхис дар заминаи ТИК. Раванди ташаккули салоҳиятҳои ТИК хусусияти муттасилро дорост.

Марҳилаҳои асосии ин раванд давраҳои омодасозии омӯзгорон дар самти ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва баъд аз он маҳсуб меёбад. Низоми ташаккули муттасили салоҳиятҳои ТИК-ро ҳамчун маҷмӯи ҷузъҳои бо ҳам алоқаманд ва ҳамроҳ амалкунанда муайян мекунем, ки як бутунӣ ва яногонагии муайянро фаро мегиранд: мақсад, мазмун, восита, шакл ва методҳои таълим, тарбия ва рушди донишҷӯён ва омӯзгорон дар давраҳои таҳсили касбии педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ва баъд аз он, аз он ҷумла, худтакмилдиҳӣ. Ба андешаи мо, дар ин ҷода татбиқи низоми ташаккули муттасили салоҳиятҳои ТИК-ро бояд давра ба давра баррасӣ кунем [7].

Давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ омӯзиши мақсадноки донишҷӯёнро дар самти истифодаи ТИК дар ҳамаи марҳилаҳои таҳсил - омодасозии назариявӣ ва амалӣ, таҷрибаомӯзии педагогӣ, иҷрои лоиҳаҳои корҳои курсӣ ва дипломӣ тақозо мекунад, ки барои рушди минбаъдаи омӯзгорон заминаҳои заруриро дар самти мавриди таҳқиқ қароргирифта фароҳам месозад.

Давраи баъди муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун марҳилаи рушди нерӯи кадрии мактаб дар самти такмили давра ба давраи тахассуси омӯзгор ва ҳам дар омодасозии ӯ дар шароитҳои мушаххаси муҳити иттилоотӣ-коммуникатсионии мактаб (омодасозии дохилимактабӣ) тавсиф мешавад [1].

Омодасозии дохилимактабии кадрҳои омӯзгорӣ дар самти ТИК ин раванди бо ташаббуси маъмурияти мактаб (аз ҷумла, аз ҷониби мушовир-ташкилотчии иттилоотонии мактаб) ташкилшуда мебошад, ки дар шароити муҳити иттилоотонӣ-коммуникатсионии муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад ва ба такмили маҳорати касбии омӯзгорони мактаб дар амри татбиқи самтҳои асосии иттилоотонии таҳсилот бо мақсади истифодаи муносиби воситаҳои муосири ТИК дар муассисаи таълимӣ равона карда шудааст [2].

Барои татбиқи амалии дохилимактабӣ дар самти ТИК, ки ба ҳамаи кормандони мактаб дахл дорад, аз он ҷумла, ҳамкории методӣ ва ташкилӣ миёни омӯзгорон, иттиҳодияҳои методии мактаб, маъмурият ва ғ. коркарди дастурҳои методӣ оид ба омодасозии ташкилотчиёни иттилоотонии таҳсилотро дар ин ҷода тақозо дорад. Ҳамин тариқа, ташаккули салоҳиятҳои ТИК-и омӯзгор дар ҷараёни омодасозии муттасили ӯ дар самти иттилоотонии таҳсилот сурат мегирад. Таҳлили таҳқиқот дар самти муносибати босалоҳият (В. И. Байденко, Л. Л. Босова, Ю. А. Варданян, И. А. Зимняя, А. А. Кузнецов, О. Г. Смолянинова и др.) имкон фароҳам месозад, ки салоҳиятҳои ТИК-и омӯзгор ҳамчун

тавсифномаи интерактивии шахс, ки тағйирпазирӣ ва тайёрии омӯзгорро ҷиҳати мутобиқшавӣ ба тағйирот дар фаъолияти омӯзгорӣ дар шароити иттиоотонии таҳсилот, аз як шакли фаъолият ба шакли дигар гузаштан ва ба эҷодкорӣ дар шароити истифодаи ТИК майл кардан таъмин хоҳад сохт, муайян карда шавад, махсусан:

– дарки қонуниятҳо ва хусусиятҳои ҷорисозии равандҳои иттилоотӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ, ки ба рушди неруи зеҳнии таълимгирандагон, ташаккули маҳоратҳои мустақилона ба даст овардани дониш ва амали сохтани фаъолиятҳои иттилоотӣ-таълимӣ, озмоишӣ-таҳқиқотӣ, идоракунии низоми таҳсилот дар асоси автоматикунонии равандҳои таъминоти иттилоотӣ-методии ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ ва идораи муташаккилони муассисаи таълимӣ нигаронида шудааст;

– донистани вижагиҳо ва тавсифномаҳои иттилооти муҳими касбӣ, навъҳои асосии ТИК, ки дар таҳсилот истифода бурда мешаванд;

– маҳорат ва малакаҳои истифодаи ТИК барои ҷамъоварӣ, коркарди иттилооти муҳими касбӣ, интихоби захираҳои электронии таълим ва азхудкунии малакаҳои кор бо онҳо;

– талаботи ташаккулёфта ба истифодаи ТИК ҳангоми ҳалли вазифаҳои касбӣ, ки замина ба азхудкунии бошууронаи технологияҳои иттилоотӣ ва малакаҳои ҳамкории иттилоотии таъиноти таълимӣ дар шароитҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, омодагӣ ба азхудкунии имконоти нави ТИК барои такмили низоми идоракунии соҳаи маорифро дар асоси ТИК дорад.

Мувофиқи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ салоҳият ҳамчун натиҷаи таҳсилот муайян шудааст [5], [6].

Ба салоҳиятҳои самти ТИК талаботи зерин дохил мешаванд:

– омода будан ба истифодаи методҳои асосӣ, роҳу усул ва воситаҳои ба даст овардан, ҳифз ва коркард кардани иттилоот, омода будан ба кор бо компютер ҳамчун воситаи коркарди иттилоот;

– қобилияти кор бо иттилоот дар шабакаҳои глобалии компютерӣ;

– қобилияти дарки моҳият ва аҳамияти иттилоот дар рушди ҷомеаи муосири иттилоотӣ, дарки хатар ва таҳдидҳои дар ин раванд бамалоянда, риояи талаботи асосии амнияти иттилоотӣ, аз он ҷумла ҳифзи сирри давлатӣ;

– омода будан барои истифодаи методика ва технологияи муосир, методҳои ташхиси дастовардҳои хонандагон ҷиҳати таъмини сифати ҷараёни таълиму тарбия;

– қобилияти истифодаи имконоти муҳити таълимӣ барои ташаккули навъҳои универсалии фаъолияти таълимӣ ва таъмини сифати раванди таълим ва тарбия.

Хулоса, рушди бомароми шахсияти омӯзгор дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар тӯли таҳсили донишҷӯ дар муассисаи таҳсилоти олии равияи омӯзгорӣ ва ҳам дар тамоми давраи кор дар муассисаи таълимӣ ба вуқӯъ меояд. Ин тадбир вобаста ба рушди пайваста ва босуръати воситаҳои ТИК ва методикаи истифодаи онҳо бениҳоят муҳим арзёбӣ мешавад. Талабот ба салоҳиятҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии омӯзгори муосир вобаста ба рушди ТИК ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи иттилоотонии ҷомеа, аз он ҷумла, иттилоотонии таҳсилот то рафт бештар мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Гук, О. Б. Методологические и методические условия и пути оптимизации образовательного процесса с использованием информационных и телекоммуникационных технологий. (http: // www. mhpi.ru / tutor / departments / natural / works / learningoptimization.htm.).
2. Лавина, Т. А. Омодагии дохилимактабии омӯзгорон дар самти иттилоотонии таҳсилот / Т. А. Лавина // Информатика и образование. – 2005. – № 5. – С. 104.
3. Роберт, И. В. Луғати тафсирии истилоҳоти иттилоотикунонии таҳсилот / И. В. Роберт, Т. А. Лавина. – М. : ИИО РАО, 2009. – 96 с.
4. Роберт, И. В. Самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар самти иттилоотикунонии таҳсилот / И. В. Роберт, В. А.Поляков. - М.: Образование и информатика, 2004. – 68 с.
5. Стандартҳои давлатии таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти омодасозии “Таҳсилоти педагогӣ” - Душанбе, 2012. – 127 с.
6. Стратегияи давлатии «Технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174. – 19 с.
7. Шарипов, Ф. Ф. От информатики к информационной культуре. - Душанбе: Ирфон, 2009.-187 с.
8. Lengrand, P. An introduction to lifelong education / P. Lengrand. – Paris : Unesco, 1970.

УДК:510.6(072)

# МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ПРИМЕНЕНИЯ ЗАКОНОВ ТАВТОЛОГИЧЕСКИХ ФОРМУЛ В ЕСТЕСТВЕННЫХ, МАТЕМАТИЧЕСКИХ, ЮРИДИЧЕСКИХ И ГУМАНИТАРНЫХ НАУКАХ

***СОБИРОВ Абдусабур Шукурович*** – *доцент кафедры алгебры и теории чисел механико-математического факультета Таджикского национального университета, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17,* ***E-mail:*** *abdusabur-sobi@mail.ru, тел:. +(992) 907 38 80 38*

***СОБИРОВА Гулжахон Абдусабуровна*** - *ассистент кафедры общей математики Таджикского аграрного университета им.Ш. Шотемура, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146,* ***E-mail:*** *teacher125@mail.ru,* ***тел:.*** *+(992) 907 38 80 38*

В статье излагаются шестьтавтологических формул и они доказываются посредством таблиц истинности, методом преобразования логических равносильных формул, методом доказательства от противоположного и для каждой формулы составленаэлектрическая цепь, а также взяты примеры из алгебры и теории чисел, геометрии, биологии, языкознания и юридической науки.Все изученные тавтологии и способы изложения имеют буквенную форму и им дали разнообразные разъяснения и практические приложения. А это ещё раз доказывает значимость математической логики и её применение наряду с другими науками. Таким образом, упрощение электрических цепей с помощью логических законов и формул, является большим успехом естественных наук, которые усиливают друг друга и можно их использовать в производстве,а также социальной экономике. Кроме того, приведены подходящие примеры для взаимно –однозначного соответствия между множеством логических формул и релейно – контактных схем, а также, по возможности, упрощение сложных электрических и релейно – контактных схем и некоторых практических импликаций.

***Ключевые слова:*** *тавтологические, тождественно ложные формулы, выполнимые формулы, проблема разрешимости, релейно–контактные схемы,закон контрапозиции, закон расширенной контрапозиции, практические импликации.*

# МЕТОДИ ТАЪЛИМ ВАТАТБИҚИ ҚОНУНҲОИ ФОРМУЛАҲОИ ТАВТОЛОГӢ ДАР ИЛМҲОИ ТАБИӢ, РИЁЗӢ, ҲУҚУҚ ВА ГУМАНИТАРӢ

***СОБИРОВ Абдусабур Шукурович*** – *дотсенти кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои факултети Механика ва математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,* ***E-mail:*** *abdusabur-sobi@mail.ru,* ***тел:.*** *+(992) 907 38 80 38*

